## Футувватномаи Султонӣ, Ахлоқи Мӯҳсинӣ, Рисолаи ҳотамия.

## Назаре ба «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи мӯҳсинӣ» ва рисолаи «Ҳотамия».

Футувват яке аз ҷараёнҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ахлоқию фалсафии гузаштагонамон буда, ҳанӯз аз давраҳои пеш аз ислом ҳамчун зодаи ҷомеаи табақоти авҷу нумӯъ ёфтааст ва асоси ба табақаи аҳли меҳнати шаҳр – ҳунармандону косибон таалуқ дошта, вобаста ба пешравии ҳаёти шаҳри асримиёнагӣ дар рушду камол будааст. Футувват истилоҳи қадимаи он ҷавонмардӣ ки решаи паҳлавӣ дошта дар замони Сосониён ва дар китоби «Авесто» чун истилоҳи ахлоқи иҷтимоӣ дар қолаби вожаҳои некманиш, некгуфтор, неккирдор ва фазилатҳои чоргонаи маънавию рӯҳӣ: фарзона, додвар, парҳезгор ва далер рехта шудааст, аз бисьёр унсуру падидаҳои оинҳои тоисломӣ аз қабили зардуштиву монавӣ, маздопарастиву маздакӣ ғизои маънавӣ гирифтааст…

Сайри таърихи ин ҷараён бисьёр рангоранг буда, аз замонҳои пеш аз ислом то асри Х1Х ва аввали асри ХХ, яъне то айёми ҷавони Айнӣ, ному истилоҳҳои гуногунро ба худ қабул карда будааст.

Аз замонҳои пеш аз омадани арабҳо дар Суғду Бохтар, дар ҳама шаҳрҳо монанди Самарқанду Бухоро, Марву Нишопур, Истаравшану Хуҷанд ва Шошу Сиистон, дар байни табақаи аҳли касаба пешавару санъатгар одоб ва мақомоти хосе вуҷуд дошт. Онҳо меҳмонавозӣ ва ёрирасонӣ ба бани одамро асоси зиндагии худ медонистанд. Дар «Авесто» ин маънӣ хеле хуб акс ёфтааст: Шаҳриёрӣ аз он касест, ки ба бародарони нотавони худ кӯмак. Падидаи дигари футувват – ҷавонмардиро дар ҷунбишҳои иҷтимои Маздак мушоҳида менамоем. Бояд гуфт, ҳаракати Маздак низ ба рушди шаҳрҳо ва камолоти ҳунармандӣ вобастагии қавӣ дорад.

Маздакиён мегуфтанд: «Ҳеҷ чизро набояд аз меҳмон дареғ дошт, аз ҳар тоифа ва миллате ки бошад, ҳатто нисбат ба душманон ҳам боистӣ бо меҳрубонӣ ва утуфат рафтор кард». Ба назари Маздакиён нобаробари дар байни одамон ва умуман дар ҷамъият аз решаи кину рашк ва хашму ҷанг аст. Ҳамоно ин сабабест, ки зиндагии башарро тира сохтааст. Агар нобаробарӣ дар истифода аз неъматҳои моддӣ аз миён бардошта шавад, пояи иҷтимоии он низ ва аз миён хоҳад рафт.

Бояд гуфт, ки бахшандагиву саховат ва инсофу мардумӣ дар оини Маздак писанди ҳамагон шуда, дар равиши ҷараёни ҷавонмардӣ низ бе таъсир намондааст: «Мол бахшидаест миёни мардумон, ки ҳама бандагони худои таолоанд ва фарзандони одаманд ва ба чӣ ҳоҷатманд кардан бояд? Бигузор аз моли якдигар харҷ кунанд, ҳеч касро беборагӣ набошад».

Баъд аз ғалабаи ислом дар Мовароунаҳру Хуросон ҷавонмардӣ аз байн нарафт, балки ба замми хусусиятҳои ахлоқи ҷиҳати иҷтимоияш боз ҳам камол ёфта, пайравони он дар гирди раисони худ дар шаҳрҳои бузург ҳар чӣ бештар муттаҳид мегардиданд. Футувватдорони ҷавонмард дар афкорашон чизи аз ҳама муҳим ва муқаддас озодӣ ва ободии ватанро медонистанд. Ин буд, ки дар шаҳри Марв Абӯмуслим ба хуруҷи зидди уммавиҳо сар

бардошта, тамоми ҷавонмардони ин сарзаминро дар атрофии худ ҷамъ намуд. Абӯмуслим, ки ба табақаи поёнии ҷамъият мансуб буду азобҳои ногувори бегонагонро чашида куштори ҳазорон мардуми меҳнатиро аз тарафи арабҳо бо чашмони худ дида буд, ба ҷараёни бостони ҷавонмардӣ сахт гаравида, ба шуҷоату саховат обрӯ пайдо кард.

Насри Сайёр – амири уммавӣ дар Хуросон дар мактуби худ ба Марвон, ки охирин халифаи уммавиҳост, дар бораи хурӯҷи Абӯмуслим менависад: «Марди дигаре берун омадааст аз писарони сарроҷон, ки ӯро на асл асту на дин ва гурӯҳе бар вай гирд омадаанд аз фосиқони Хуросон». Аз навиштаи Насри Сайёр маълум мегардад, ки ҷавонмардӣ қабл аз омадани арабҳо ба Мовароунаҳру Хуросон аз ҷиҳати идеологӣ ташаккул ёфта, аз гурӯҳҳои алоҳида ба ташкилоти зидифеодалӣ сурат гирифта будааст. Дар «Равзат-ус-сафо» оид ба кордории ҷавонмардонаи Абӯмуслим чунин нуктае зикр шудааст: Рӯзе Абулаббос (халифаи аввалини аббосиён – В. К.) аз Абӯмуслим дар ҷавоб гуфт:

Сабрро шиори худ кардам ва рози худро ба кассе нагуфтам. Падидаҳои дигари ин ҷараёнро мо дар рафтори Мазайра ҳокими Табаристон мебинем. Шӯрише, ки бо сардории ӯ, ба муқобили хилофати аббосиҳо сар шуда буд, дар муддати кутоҳ тамоми ҳудуди Табаристонро фаро гирифт. Ӯ ба тамоми тарафдорони худ фармон дода буд, ки замин ва чизу чораи феодалҳои тарафдори аббосиҳоро ғорат кунанд. Инчунин ӯ ба тарафдорони худ фармуда буд, ки бар муқобили аристократияи маҳаллӣ ва ҳокимон, ки ба Аббосиён тақлид карда, ҷомаҳои сиёҳ мепӯшиданд, либосҳои сурх пӯшанд.

Бояд гуфт, чизи аз ҳама муҳим ва асосии шӯриши Мазайра боз ҳамон ҷиҳати иҷтимоии ҷавонмардӣ буда, масдаи сурхномаро низ ба ин ҳаракати мардона таалӯқ дорад, ки баъдтар дар тамоми рафти воқеаву ҳодисаҳои инъикосгардидаи романи «Самаки айёр»-ро мебинем.

Дар аввалҳои асри V111 мо дар сарзамини Мовароунаҳр давомдиҳандаи кори Абӯмуслим – Муқанаъро мебинем, ки низ барои пешбарии ақидаи сиёсии худ ба ҷавонмардони шаҳрҳои Кешу Самарқанд, Марву Бухоро ва дигар ҷойҳо такья намуда, бо номи расмии «Сафедҷомагон» ба исьёни зидди феодалӣ бархост.

Устод Айни мегӯяд: «Натиҷаи аввалини исьёни Муқаннаъ ҳамин шуд, ки тухми умеди истиқлоли миллиро дар дили оммаи мардуми Хуросон ва Мовароунаҳр кошт ва онҳоро ба ҳамин андӯхт, ки ҳар вақт, ки фурсати муносиб ёбанд ва баҳонае ба даст дароваранд, ба муқобили арабҳо истилогар хуруҷ намоянд ва дар роҳи ба даст даровардани истиқлоли миллӣ ҷангу ҷидол кунанд».

Чунин қиёмҳои пай дар пай кӯшиши халқҳои маҳаллӣ, ки дар байни онҳо пайравони ҷараёни ҷавонмардӣ ҳамчун маҳаки мустаҳками пешбарандаи афкори сиёсию иҷтимоӣ буданд, барои ба вуҷуд овардани ҳукуматҳом мустақили миллӣ дар сарзамини Мовароунаҳру Хуросон шароити нисбатан мусоиде фароҳам меовард.

Яъқуб бештар ба айёрон – ҷавонмардон такья намуда, афкори сиёсии худро ба амал мепайваст. Яъқуб ҳеҷ чизро аз иттифоқчиёни худ дареғ

намедошт. Ҳамин камоли саховат ва нияти некбинонаи ҷавонмардӣ варзиданаш буд, ки дар муддати кӯтоҳ обрӯи беназирро соҳиб гардад.

Бояд гуфт, ки дар асри Х ҳаёти сиёсию иҷтимоии Мовароунаҳру Хуросон давраи нисбатан осудагии мардуми ин сарзамин аст. Ибни Ҳавқал – донишманд ва сайёҳи араб дар бораи ободии шаҳрҳо ва ҷавонмардиву карими мардуми ин сарзамин ҳуҷҷатҳои ҷолиби мулоҳизаеро боқӣ гузоштааст. Ӯ менависад: «ҷавонмардии мардуми Мовароунаҳр ба андозаест, ки гӯё ҳама дар як хонавода зиндагӣ мекунанд. Касе, ки ба хонаи дигаре меояд, гӯё ба хонаи худ медарояд. Бисьёр меҳмонавозанд ва аз меҳмоне, ки шабона омада бошад, нохушнуд нестанд, бе он ки вайро шиносанд ё интизори подош бошанд, ба вай пазирой мекунанд».

Аз нимаи асри Х1 ва аввалҳои асри Х11 сар карда, дар рабту низоми ҷавонмардӣ дар Мовароунаҳру Хуросон ва Осиёи Хурду мамлакатҳои араб дигаргунии ҷиддӣ сар мешавад. Тасаввуф, ки дар ин айём таъсири мустаҳками худро дар афкору ахлоқи мардумони ин сарзаминҳо густариш медод, ҷараёни қадимаи омиёнаи ҷавонмардиро низ ба зери таъсири худ медаровард. Адабиётшиноси маъруфи Эрон – Саид Нафисӣ бисьёр возеҳ қайд кардааст: «Коре гар мекунам, он барои ном мекунам, на барои нон» ва «коре, ки мекунам, аз барои он мекунам, ки маро номе бошад» гуфтани Самак (аз романи «Самаки айёр») Айни ҳамин муддаост.

Ин таълимот моҳияти прогрессивӣ ва ҷиҳатҳои демократӣ дошта, мутобиқи талаботи он одамон ба ҳамдигар баробаранд, онҳо бояд дар асосии покии ақлу ният рафтор намоянд. Хирад ва шарафи мардумӣ мизони ҳамешагии назорат аз болои рафтор, гуфтор ва кирдори инсон қарор мегирад.

Адибони классики тоҷик (Аз Рӯдакӣ то Айни) мавзӯю мароми футувват ва образи ҷавонмардонро ҳамчун воситае барои парваридани ҷиҳатҳои башардӯстӣ ва демократию ахлоқи неки инсонӣ истифода карда, тамоми тарафҳои иҷтимои ахлоқии онро ба таври бадеӣ дар осрашон истифода бурдаанд. Аз ин рӯ, футувват – ҷавонмардӣ яке аз омилҳои падидоии афкори гуманистӣ ва демократии адибони пешқадами халқамон гардида, худ шохаи мустаҳками он қарор мегирад ва барои нерӯи Эҳъёи Аҷам заминаи мусоиде фароҳам меоварад.

***

Номи Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар радифи машҳуртарин номҳои илму адаби гузаштагонамон чун Абдураҳмони Ҷомиву Алишери Навоӣ русух доштааст. Мақоми ӯ махсусан дар воизиву тарғибгари ахлоқи ҳамидаи инсонӣ шоистаи таваҷҷуҳ ва ангуштнамои барозандаи ҳамагон гардидааст. Аз ин хотир миёни Ҷомиву Навоӣ ва Ҳусайн Воиз риштаи ногусастании дӯстиву рафоқат ва меҳрубониву отифати ҳамкорӣ мавҷуд будааст. Бинобар ин Ҳусайн Воиз ду тафсири худ «Мавоҳиби Алия» ё «Тафсири Ҳусайни» ва «Ҷавоҳир-ут-тафсир-ал-туҳфат-ул-амир», ки онро «Тафсири заҳровин» низ баршуморидаанд ва нияту хотири дӯсти ба номи Алишери Навоӣ таълиф намудааст, ин асар нотамом мондааст. Навоӣ бошад дар баробари чунин подош дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» дар хусуси воизи воломақоми

замон, ки кайҳо миёни ҳиротиён ва дигар мардумони марзу буми Хуросон шӯҳрати ангуштнамо касб кардабуд, чунин нигошта: «Мавлоно Ҳусайн Воиз «Кошифӣ» тахаллус мекунад мекунад ва аз вилояти Сабзавор аст. Муддати бист сол аст, ки дар шаҳри Ҳирот сокин аст. Мавлоно бағоят зуфунун ва пуркор воқеъ шуда ва кам фанне бошад, ки ӯро дар он дахле набошад. Ҳусайн ваъз ва иншо ва нуҷум, ки ҳаққи ӯст ва дар ҳар яке аз ин корҳое машҳур ва мутаайин вуқуфи тамоме дорад ва аз мусаннифоташ яке «Ҷавоҳир-ут-тафсир» аст, ки ба сад ҷузъ надик аст. «Хондамир дар «Ҳабиб-ус-сияр» (ҷ. 111 ҷузъи 3, с.341) ба гуфтаи Навоӣ афзуда овардааст: «Воиз дар илми нуҷум ва иншо бе мисоли замони худ буд ва дар соири улум низ амсолу акрон даъвобарорӣ менамуд. Ба овози хушу савти дилкаш ба амри вазъу насиҳат мепардохт… ва чун муқтазои аҷали мавъуд даррасид, фирсанаи ашара ва тисъамоти (910 ҳиҷрӣ) муҳри сукут бар лаб зад ва олами охиратро манзил сохт».

Мероси адабиву алоқии Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ доманаи фаррох ва паҳнои бепоён дорад. Андар миёни ин осори боарзиш фанҳои мухталиф: ахлоқ таърих, тасаввуф, нуҷум, риёзиёт, фиқҳ ва дигарро , ки ададу номгӯи онҳоро Маликушуарро Баҳор дар асари хеш «Сабкшиносӣ» зиёда аз чиҳил асари ҷудогона баршумурдааст, фаро мегиранд. Машҳуратарини асарҳои Ҳусайн Воиз, ки то ба мо расидаанд аз «Тафсири Ҳусайнӣ», «Футувватномаи султонӣ», «Тафсири заҳровин», «Рисолаи Ҳотамия», «Бадоеъ-ул-афкор фил саноеъ-ул-ашъор», «Луби лубоби маснавӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ», «Анвори Суҳайлӣ», «Мавоҳиб-ул-зуҳал», «Лавомеъ-ул-қамар», «Махзан-ул-иншо» ва дигарон мебошанд. Бисёр бо таасуф тазакур бояд дод, ки то кунун ин суханвари соҳибсалиқаву хушзеҳни фозил дар миёни ҳамзабононаш – мо тоҷикон тадқиқу татбиқи ҳамаҷонибаи илмиву адабии худро дар илми адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ба тавре, ки бояду шояд дарьёфт накардааст.

***

«Футувватномаи султонӣ» боарзиштарин осори панду ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ буда, дар заминаи футувватномаҳои қаблӣ мисли: рисолаи Қушайрӣ, «Китоб-ал-футувват» –и Абдукарими Бағдодӣ, «Китоб-ал-футувват»-и Абдураҳмони Суламии Нишопурӣ; «Кашв-ул-махҷӯб»-и Хаҷварӣ, «Футувватнома»-и Хоҷа Камолиддини Абдураззоқи Кошифӣ, «Туҳфат-ул-ихвон»-и Абдулло ибни Ҳусайн ал-Кошӣ ва дигарҳо ба вуҷуд омадааст. Инчунин дар таълифи ин асар муалиф аз «Кимиёи саодат»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, «Асрор-ут-тавҳид»-и Абӯсаиди Абулхайр, «Кобуснома»-и Кайковус ва ашъори дилпазири шоирони классики форсу тоҷик ва араб истифода бурдааст.

«Футувватномаи султонӣ» аз ҷиҳати дар бар гирифтани асосҳои футувват ва роҳу равиши ҷавонмардон комилтарин асари тарғиботи дар таърихӣ адабиётамон ба ҳисоб меравад, зеро Ҳусайн Воиз дар тадқиқи ин масъала ба тамоми майдаю чуйдаҳо аҳамият медиҳад. Асар аз муқаддимаву дувоздаҳ боб иборат будааст. Аммо на ҳамаи бобҳо то ба мо расидаанд.

Масалан, асар бо боби ҳафтум хотима ёфтааст ва панҷ боби дигар вуҷуд надорад. Боби ҳафтум китоб низ ноқис аст. Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷӯб – олими эронӣ нусхаи музеи Британияро ба нусхаи дар Теҳрон буда, ки ҳар ду дорои ҳафт боб мебошанд, муқоиса намуда дар асоси нусхаи Британияи «Футувватномаи султонӣ»-ро соли 1971 чоп намудааст. Муқаддима дорои се фас ласт. Боби якум боби дуюм чор фасл, боби сеюм аз даҳ фасл, боби чорум аз ёздаҳ фасл, боби панҷум аз шонздаҳ фасл, боби шашум аз се фаслу чаҳордаҳ қисмат ва боби ҳафтум аз ҳафт фасо иборат мебошад.

Ҷавонмардӣ ва ташкилоти он то рӯзгори Ҳусайн Воиз ҳамчун ҷараёни ичтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсию фалсафӣ вуҷуд дошта, муҳимтарин рукнаш ҳимоя намудани манфиати мазлумону ҳунармандон аз ҷабру ситами ситамгарон будааст. Ҳусайн Воиз ҳамчун муҳақиқи нуктасанҷ маому ғояи аҳли футувватро нек дарк намуда, «ақсоми ҷавонмардӣ мухтасар дар ду қисм аст: яке нафъ ба дӯстон расонидан ва он ба саховат ҳосил шавад. Дуюм, зарари душман аз эшон боз доштан, ки он ба шуҷоат вуҷуд гирад» гуфта будааст.

Муаллиф дар муқаддима оид ба шарафи илми футуввати чунин овардааст:

Дидаи дил аз футувват равшан аст,
Равзаи ҷон аз футувват гулшан аст.
Гар бувад илми футувват бар сарат,
Ҳар замон бахшад сафои дигарат.

Дар воқеъ, дар дақиқаи зиндагии футувватдорони ҷавонмард пур аз комьёбиву саодатҳо ва нерӯмандиву кушодадастиҳост. Зеро мавзӯи илми футувват нафси (ҷони) инсонро дар бар гирифта, одамро аз костагиву нобудӣ ва ночизиву беаслӣ ба сӯи феъли ҷамилаву сифоти ҳамида ва сафову саодатӣ абадӣ раҳнамун месозад.

«Футувватномаи султонӣ» ҳамчун дастури ҷавонмардӣ барои муайян гардидани ахлоқи ҳамидаи пайравони оини ҷавонмардӣ 72 тарафро номбар кардааст, ки чунин андешаро мо дар романи «Самаки айёр» ҳангоми саволу ҷавоби Шағоли Пилзӯр ва Хуршедшоҳ низ нек дарёфт менамоем:

«Ё паҳлавон, ҷавонмардӣ чанд хел дорад?

Шағол гуфт: - ҳадди ҷавонмардӣ аз ҳад фузун аст, аммо он чӣ фузунтар аст, ҳафтоду ду тараф дорад ва аз ондуро ихтиёр карданд. Яке нон додан ва дуюм роз пӯшидан».

Ҷавоби сарҳанги ҷавонмардон – Шағоли Пилзӯр, ки асосан нон додан ва роз пӯшиданро тарғиб кардааст, аз ташкилоти опозиционии аввали асрҳои миёна будани пайравони ҷавонмардӣ хабар медиҳад, зеро онҳо тайёранд барои паноҳандагон амон бидиҳанд ва рози ӯро ба қимати ҷон нигоҳ доранд. Ба мусофирону ғарибон ва паноҳандагон нон доданашон гувоҳи он аст, ки аз ҷиҳати моддӣ паноҳанда озору осебе набинад. Албатта чунин рафтори ҷавонмардон пеш аз ҳама ба вазъияти бисьёр мураккаби табақотии асрҳои миёна мансуб будааст.

Ҷавонмардон асосан мардони амалӣ ҳама аҳли ҳунари шаҳр мебошанд. Онҳо пайваста дар набардҳои табақоти ба муқобили аҳли ситам дар

муборизаанд. Бинобар ин чунин қавмро аз даҳ хистат чора нест: онҳо ҳамеша кори халқро пайраванд, ба халқ аз рӯи инсоф муомила доранд, нафси худро ҳар лаҳза сарзанишу таҳқир доранд, ба бузургон хидмат менамоянд, хурдонро аз рӯи шафқату навозиш эҳтиром доранд, дӯстонро бо насиҳат, уламро бо тавозӯъ, ҳукаморо бо нармиву ҳалимӣ, душманонро ба саховат ва ҷоҳилонро ба хомӯши пешвоз мегиранд.

Дар назди футувватдорони ҷавонмард омӯхтани илм, махсусан ваҳдати илму амал муҳимтарин рукни ахлоқиву фалсафии ин ҷараён мебошад. Аз ин рӯ, муаллиф ҳангоми муайян намудани рукнҳои асили тариқат аввалу дуюми онро ба омӯхтани илм чорасозӣ менамояд: «Агар пурсанд, ки аркони тариқат чанд аст. Бигӯй, шаш: омӯхтани илму он чи бар ӯ фарз бошад, дуюм илмро ба амал расонидан, ки илми бе амал дарахтест бемева ва чароғест беравған».

Ҷавонмардон дар роҳи интихобкардаи худ зери назари устоди комил илми футувватро аз бар менамоянд. Вале дар ин роҳи бисьёр мушкил на ҳар кас метавонад устод бошад.

Ҷавонмардон ҳамон шахсеро устоди худ мешумориданд, ки назари хиёнат ба ҳеҷ кас накунад, мушфиқу меҳрубон бошад. Шабзиндадорӣ, омӯхтани илм, бо бадон нанишастан, эминӣ аз ғайбату дурӯғ ва хушнудии халқро хоҳону ҷӯён бошад.

Ҳусайн Воиз оини ҷавонмардиро, ки аз шуҷоату саховат ва дигар хислатҳои писандидаи умумиинсонӣ иборат аст, обуранги тасаввуфӣ дода, ҳатто илми ҷавонмардӣ – футувватро яке аз шуъбаҳои илми тасаввуф қаламдод менамояд. Чунин маҳдудияти ғоявӣ, пеш аз ҳама, бо муҳити зиндагӣ ва идеологияи ҳукукмрони замони адиб муносибати ногусастанӣ дорад.

Дар «Футувватномаи султонӣ» беҳтарин ва баргузидатарин хислату хусусияти ахлоқи инсонӣ тараннум мегардад, аз ин рӯ ин асари ахлоқӣ дар тарғиби ахлоқи неку ҳамида мақоми шоистаро дорост.

«Футувватномаи султонӣ» бо фароҳам гирифтани мавзӯоти гуногун, ки бо тамоми тарафҳои ҷараёни ҷавонмардӣ бахшида шудааст, аҳамияти бузурги ахлоқиву илмӣ, адабиву маданӣ ва услубиву фольклориро доро мебошад. Муаллиф яке аз қисматҳои асарро «Дар баёни қиссахонон ва афсонагӯён» унвон додаст, ки доир ба қиссахонӣ, афсонагӯӣ ва умуман, эҷодиёти шифоҳии халқ маълумоти фаровон медиҳад. Дар ҳамин боб Ҳусайн Воиз ба тоифаҳои гуногуни бозигарон, аз қабили гуштигирон, санггирон, новакашон, саллакашон, муғиргирон, расанбозон, тосбозон, луъбатбозон ва ҳуққабозон қисматҳои алоҳида бахшида, хусусиятҳои ҳар кадоми онҳоро муфасал шарҳу маънидод менамояд. Ин ҷиҳат барои таҳқиқи таърихи илми варзиши бадан, ки то имрӯз чандон омӯхта нашудааст, қиммати илмиву амалиро молик аст.

Дар «Футувватномаи султонӣ» порчаҳои назмии фаровоне аз эҷодиёти бузургтарини шоирони классикиамон (Низомӣ, Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ, Саъдию Ҳофиз ва Хусравӣ Деҳлавӣ) оварда шудааст. Аз ин рӯ он ҳамчун сарчашмаи бадеӣ низ хидмат хоҳад кард.

Қисмати аз ҳама муҳими ин асар ба тасаввуф бахшида шудааст. Ҳусайн Воиз тасаввуфро хеле муфассал баён кардааст, ки на барои таҳқиқи яке аз тарафҳои камомўхташудаи таърихи адабиётамон ёрии калон мерасонад.

«Футувватномаи султонӣ» забону услули хосро дорост. Баёни муаллиф бисьёр равону содда буда, асар аз ибтидо то интиҳо ба тариқи саволу ҷавоб баён мегардад. Саволҳо низ хеле кўтоҳу мўъҷиза буда, ҷавобҳояш соддаву ошкоро мебошад. Дар охир бояд гуфт, ки мутолиаи ин асар бисьёр ҷиҳатҳои ахлоқи неки гузаштагонамонро ёдрас менамояд ва дар тарбияи инсони имрўза нақше шоистае дорад.

Дар таҳияи «Футувватномаи султонӣ» чопи Муҳаммад Ҷаъфарӣ Маҳҷўб, ки то кунун саҳеҳтарин нашр ба шумор меравад, асос қарор гирифт. Ҳангоми таҳия баъзе ҷойҳои матн кўтоҳ ва ба сабаби барои хонандаи имрўза зарурат надоштанашон сарфи назар шуда, он ҷойҳо бо (…) ишора шудаанд.

***

«Ахлоқи Мўҳсинӣ»-и Ҳусайн Воиз дар миён осори андарзиву ахлоқии мардуми Аҷам аз машҳуртарин ва дилангезтарин асари халлоқонаи андарзиву ахлоқи мебошад. Суханвари нозукадои тавоно ин шоҳкории шоистаи хешро соли 1945 эҷод намуда ба Абдулмўҳсин Мирзо – писари Ҳусайн Бойқаро бахшидааст. Ин асари дитактикӣ-ахлоқӣ ба хотири тарғиби суннатҳои волоғу чашмгири ниёгон ва ба камол расонидани инсони ҳамаҷонибаи рушду нумукарда ҷомаи амал пўшидааст, ки имрўз ҳам мақоми тарбиявии хешро аз даст надодааст.

«Ахлоқи Мўҳсинӣ» - и дорои чиҳил боб буда, масъалаҳои гуногуни ахлоқро аз қабили: шукр, таввакал, ҳаё, афт, адаб, олиҳимматӣ, азм, ҷидду ҷаҳд, субот ва истиқомат, адолат, авф, ҳилм, хулқу рафқ, шавқат ва марҳамат, хайрот ва мубаррадот саховату эҳсон, тавозуъ ва эҳтиром, амонату диёнат, вафо ба аҳд, сидқ, анҷоҳи ҳоҷат, таанни ва тааммул, машварат ва тадбир, ҳазму дурандешӣ, шуҷоат, ғайрат, сиёсат, таяқуз ва хибрат, фаросат, катмани асрор, иғтиноми фаросат ва талаби некномӣ, риояти ҳуқуқ, сўҳбати ахьёр, дафъи ашрор, тарбияти хадаму ҳашам ва дигарро фаро мегирад.

Ҳусайн Воиз дар фароҳам овардану ҷо ба ҷо гузоштани бобҳои асари хеш аз осори ахлоқии мутафаккирони пешин ба маврид истифода кунад. Дар «Ахлоқи Мўҳсинӣ» нақши тобдори «Бўстон» ва «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ, «Кимиёи саодат»-и имом Муҳаммад Ғаззолӣ, «Кашф-ул-маҳҷўб»-и Абулҳасани Алӣ бинни Усмон Ҷуллобии Ғазнавӣ, «Асрор-ут-тавҳид фи мақомот»-и Шайх Абўсаиди Абулхайр, «Кобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус, маснавиҳои Саноиву Фаридаддини Аттор ва Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, ҳамчунин бисьёр абьёти ҷудогонаи шоирони классики пеш аз Ҳусайн Воизро пайдо намоем. Аз ин рў «Ахлоқи Мўҳсини»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дастагуле андар миёни гулистони ахлоқи неки инсонист, ки дар он дастони ҳунарманди боғбони хушсалиқа беҳтарину ҷолибтарин гулҳои атрину рангини адабро гирдоварӣ намуда, чанбаргули

ҷовидонаи ахлоқи ҳамидаро мукаммалтару бо ҷилотар пешкаши ҳаводорони фарҳангу тамаддуни мардуми Аҷам намудааст.

Барои далели фикр ба боби бисту якум, ки «Дар саховату эҳсон» унвон гирифтааст, назар меафканем. Ҳусайн Воиз оид ба саховат фикру андешаи худро чунин иброз медорад: «Саховат сабаби некномӣ ва эҳсон мӯъҷиби дӯсткомиву хуҷистафарҷомӣ аст. Ва ҳеҷ сифате одамиёнро ва хусусан ашрофу бузургони эшонро беҳ аз ҷиду сахо нест:

Шарафи мард ба ҷуз асту каромат ба суҷуд
Ҳар ки ин ҳарду надорад, адамаш беҳ зи вуҷуд…

Аз ҳакиме пурсиданд: Уқбо, ки маҷмӯи ҳунарҳо бад-ӯ махфӣ монад, чист? Ҷавоб дод, ки бухл. Боз савол карданд. Ҳунаре, ки ҳама айбҳоро бипӯшонад, кадом аст?  Гуфт: сахо…

Искандар аз Арасту пурсид, ки саодати дуньё дар чӣ чиз аст? Гуфт: дар ҷуду карам…

Ва фазилати ҷуд яке он аст, ки дилҳои халоиқ ҷавонмардонро дӯст дорад. Ҳар чанд ки аз эҳсон баҳрае бад – эшон нарасида бошад.

Масалан, агар мардуми Хуросон бишнаванд, ки дар Ироқ марде кариму ҷавонмард аст, ҳама ӯро дӯст хоҳанд дошт ва бар ӯ офарин хоҳанд гуфт. Балки агар каримеро,  ки дар қайди ҳаёт набошад, ёд кунанд, ҳама кас санои ӯ гӯянд. Чунончи Ҳотами Тойро, ки дар таърихи таълифи ин рисола, ки нуҳсаду ҳафт сол аст аз вафоти ӯ, ҳанӯз баҳори зикраш ба раёҳини офарин ороста аст ва чамани некномиаш ба перояи санову таҳсин пероста:

Намонад Ҳотами Той, валек то ба абад,
Бимонд номи баландаш ба некӯӣ машҳур.

Чун овозаи ҷавонмардии Ҳотам ҷазираҳои арабро то дорулмулки Яман фурӯ  гирифт,  васияти саховати ӯ ба вилояти Шом ва мамлакати Рум расид. Волии Шому ҳокими Яман ва подшоҳи Рум ба адовати ӯ бархостанд. Чи ҳар як аз эшон даъвои саховат  кардандӣ ва лофи ҷавонмардӣ задандӣ  ва зикри Ҳотам бар забони аҳли замон бештар ҷорӣ будӣ.

Волии Шом хост, ки ӯро биёзмояд. Кас фиристода ва аз вай сад шутури сурхмӯи сиёҳчашми баландкӯҳҳон талабид ва мисли он шутур дар водии араб нодир бошад ва агар ёфта шавад, бисьёр гаронбаҳо бувад. Дарвокеъ чунин шутур дар рамаи Ҳотам набуд. Чун каси подшоҳи Шом  ба Ҳотам расид ва пайғоми шоҳи худро  ба ӯ гуфт. Ҳотам қабул кард. Дар қабоили араб мунодӣ доданд:  «Ҳар  ки ба ин сифат шутур орад, баҳои арзанда мегирад». Хулоса, он сад  шутурро Ҳотам таҳия карда ба шоҳи Шом фиристод. Шоҳи Шом аз чунин ҷавонмардии Ҳотам ангушти тааҷҷуб газида, он сад шутурро аз матоъи Мисру Шом бор карда ба Ҳотам гардонид. Ҳотам фармуд, ки, касе ки шутур дода бошад, онро ба бораш бигирад, ва худчизе аз он шутуру матоъҳо нагирифт.

Овозаи саховату эҳсони Ҳотамӣ,
Охир дар ин ҷаҳон ба абас бар наёмадаст.

Дар боби дуюми «Бӯстон»-и Саъди, ки «Дар бораи эҳсон» аст, ҳикоёте оид ба Ҳотами Той омадааст:

Шунидам дар айёми Ҳотами, ки буд,
Ба ҳайл андараш бодпое чу дуд.
Сабосуръате раъдбонг адҳаме.
Ки ба барқ пешӣ гирифтӣ ҳаме…
Зи авсофи Ҳотам ба ҳар марзу бум,
Бигуфтанд бархе ба султони Рум.
Ки ҳамтои ӯ дар ҷаҳон мард нест!
Чу аспаш ба ҷавлону новард нест!...
Ман аз Ҳотам он аспи тозинажод
Бихоҳам гар ӯ макрамат карду дод,
Бидонам, ки дар вай шукӯҳи меҳист!
Ва гар рад кунад, бонги табли тиҳист!
Расуле хирадманду олам ба Тай,
Равон карду даҳ мард ҳамроҳи вай.

Онҳо ба манзилгоҳи Ҳотам расиданд. Бевақтии шаб аз ҳаво бисьёр борону сел меовард. Ҳотам он аспи номиро барои меҳмон кушт. Субҳ, вақте, ки сабаби омадани меҳмонро фаҳмид, таасуфомез гуфт:

Маро ном бояд дар иқлим фош!
Дигар маркаби номвар гӯ мабош!...
Хабар шуд ба Рум аз ҷавонмарди Тай
Ҳазор офарин кард бар табъи вай.

Ҳусайн Воиз айнан ҳамин ҳикоятро бо иловае чанд бисьёр фасеҳу равон нақл мекунад: «Қайсар вазири худро гуфт, ки хабари саховати Ҳотам дар Арабу Аҷам фош шуда, васияти ҷавонмардӣ ва муруваташ аз Қоф то Қоф фурӯ гирифта ва ман шунидаам, ки бад-ин сифат аспе дорад. Мехоҳам, ки нақди ӯро бар маҳаки эътибор ва сурати даъвии ӯро дар маҳкамаи маънӣ интиҳоям намоям…»

Ҳикояи дигар дар боби зикргардидаи «Бӯстон» низ чунин омадааст:

Бихандад барно, ки Ҳотам манам,
Сар инак, ҷудо кун, ба теғ аз танам…

Ҷосус аслиҳаро ба як сӯ партофта, дасту пои Ҳотамро бӯсид ва ба назди фиристодаи худ баргашта гуфт:

Ки «Дарёфтам Ҳотами номҷӯй,
Ҳунарманду хушманзару хубрӯй.

Накӯрою соҳибхирад дидамаш,
Ба мардонагӣ фавқи худ дидамаш.
Маро бори лутфаш дуто кард пушт,
Ба шамшери эҳсону лутфам бикушт».

Ҳусайн Воиз ҳамчун ин ҳикояти дар «Бӯстон» овардаи Саъдиро низ бо иловаҳо нақл мекунад:… «Малики Яман биранҷид ва ирқи ҳасадаш дар ҳаракт омада ба худ андеша кард, ки ҳеҷ гуна забони аҳли замон аз зикри Ҳотам хомӯш нест ва сифати накӯкориву меҳмондории ӯ бар дили мардумон фаромӯш не. Пас, ҳамон беҳтар, ки ба дастёрии малоҳии фикр киштии умри ӯро дар ғарқоби фано афканам ва ба мададгории устоди андеша рақами номи ӯро аз лавҳи зиндаонӣ маҳв кунам». Ва айнан ин байти Саъдиро далели фикр меорад:

Ки то ҳаст Ҳотам дар айёми ман,
Ба некӣ нахоҳад шудан номи ман.

Аз муқоисаи иҷмолии ин ҳикоёт чунон ба чашм мехӯрад, ки Ҳусайн Воиз дар таҳрезиву фароҳам сохтани «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» асосан афкори ахлоқии худро ба пояи далелу асноди боэътимоди машҳургардидаи пешиён корбандӣ менамояд ва албатта аз чанд натиҷаи ҷавонмардона барканор намемонад: Аввал, саховати Ҳотам саховати як инсони дорову ғанӣ нисбат ба ҳамхелон на ба хотири шӯҳрат ва воломақомӣ будааст.

Дуюм, саховати Ҳотам насибии фитрии ӯст, зеро агар табиатан чунин сиришти нек дар замираш набудӣ худро гаравгони дархости аввал (ҳикояи дархости шутурон) намегузоштӣ.

Сеюм, дар назари марди саховатпешае чун Ҳотам азизитарину шарифтарин молу мулк пасттар аз арзишу қиммати инсон қарор мегирад, вагарна он асби ба ҷон баробари худро қурбони (дар ҳикояи дуюм) меҳмони нохонда намекардӣ!

Чаҳорум, саховати Ҳотам берун аз ғаразу макру риёсат он чунон саховатест мисли офтоб ҳамагонӣ нурпошон мисли боронест ҳамагонӣ резон, мисли бодест ҳамагонӣ вазон, мисли обест ҳамагонӣ равон, мисли кӯҳест побарҷову ноҷӯнбон, мисли рӯҳест ҳамеша ҷовидон, мисли ашкест ба мижгони ятимон овезон, мисли ишқест насиби ошиқон, мисли нурест равону тобон ва мисли адлест насиби ҷавонмардон, ки берун аз ин маром қадам нагузоштӣ!

Охир саховати Ҳотам адли бебозгашт, адли орӣ аз ғаразу иддао, адли орӣ аз макру фиреб, адли орӣ аз тахту ҷоҳ, адли орӣ аз мақсадҳои паси парда, адли орӣ аз андешаҳои нолоиқ, адли орӣ аз нарзҳову ниёзҳост. Он адлест ба хотири бузургдошти ҳамхелон, адлест ба нияти посдории арзиши ниёгон, адлест андар сипоси гавҳари тобон, адлест барои нигаҳдошти паймон, адлест раҳоварди номи неки ҷовидон, ки яксону ҳамагон аёну баёну равону вазон аст!

Муҳимтарин хусусияти «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» дар он аст, ки муаллиф чун воизу ровии забардаст яке аз бобҳои ин асари гаронбаҳоро ба илми фаросат бахшидааст. Воқеан он чизе, ки дар замони мо зарурияти аввалиндараҷаи мардум аст илми фаросат мебошад. Ҳарчанд, ки илму техника дар рӯзгори мо ба тариқи гӯшношунид камолоти ҳамаҷонибаи худро дарьёфтааст, вале ҷои таасуф аст, ки илми фаросат бо ҳама паҳнову амиқиҳои гузаштаи хеш, ки миёни мардум доман паҳн карда буд, чун зоҳидони чилланишин рӯ ба гӯшаи торикиву узлат ниҳода. Аз ин нигоҳ мутолиаи боби фаросати китоби зикршуда моро бори дигар ба рангинхаёлӣ ва равоншиносӣ забардаст будани муалиф эътиқодманд мегардонад. Ҳусайн Воиз дар фароҳам овардани ин қисмати асари худ ба «Захираи Хоразмшоҳӣ» - китоби номии тиббӣ, ки он мухтасари намунаи форси китоби Ибни Сино будааст, такья мекунад. Мароқангезӣ ва ҳаллокияти боби мазкур дар он аст, ки чеҳраи инсон авроқи бозгардидаи китоби хонои замиру ботинаш аст. Дар чунин маврид таввасути илми фаросат кас метавонад ба ин ё он ҷиҳати мушаххасоти мусоҳибаш нигариста, аз розу ниёзи олами ботину ҳаракоти ниҳонхонаи ӯ воқиф гардад. Ба ин ваҷҳ Ҳусайн Воиз мегӯяд: «Ва он шарти куллӣ бошад дар ҳукумат ва бар аҳли ихтиёр воҷиб аст ва ба айни басират дар савобиқу лавоҳақи ҳар ҳодиса, ки воқеъ шавад, назар кунанд. Агар он воқеа бағоят равшану ҳувайдо бошад, бар он чӣ муқтазои шаръу адл аст, бад-он ҳукм фармоянд. Ва агар сирри он нек зоҳир нест, ба нури фаросат дарки он бояд кард. Ва эътиқод бар қавли ноқилон набояд намуд».

Бузургон гуфтаанд: «зеби ҳукумат ба зевари фаросат аст».

Ҳамчун зумрае аз мушаххасоти ин илмро ба зевари табъ бармекашад: «Бидон, ки ҳукамо дар мақомоти худ гуфтаанд: «Ранги сафеди муфрад бо кабудӣ ва сабзии чашм нишони сахтрӯӣ ва бешармӣ ва хиёнату фисқ ва заъфи ақлу ракокати рой аст». Тезии назар, паҳнпешонӣ ва бар сар мӯи бисьёрдор аз мори афъи бадтар аст». «Мӯи нарм нишони баддилӣ ва тарсандагӣ бошад». «Бисёрии мӯй бар китфҳо нишони чуръату ҳамоқати табъ ва кундфаҳмӣ ва майл ба ҷавр аст». «Зардии мӯй нишони ҳамоқати табъ ва кундфаҳмӣ ва майл ба ҷавр аст». «Зардии мӯй нишони ҳамоқат ва зудхашмист». «Пешонии фарох, ки бар вай хутут, яъне чину шиканҷ набошад нишони хусумат ва маломат ва лофу ғазоф бувад». «Гӯши бузург нишони борик нишонӣ фӯрӯмоягӣ ва оҷизӣ бувад». «Гуши бузург нишони ҷаҳл аст валекин соҳиби онро қуввати ҳифз бошад ва тундхӯӣ бувад, гӯши хурд нишони аҳмақӣ ва duздӣ бувад». «Абрӯи бузурги бисьёрмӯй нишони дурuштӣ бувад дар сухан. Абрӯй кашида то наздики гӯш нишони нишони лофу таккабур ва дурӯғгӯӣ бувад»…

Ҳамин тавр, ҳар узви инсон мушахассоту хусусияти хосаеро доро будааст, ки онро пардапӯш намудан муҳол мегардад. Албатта аз рӯи чунин нишонаҳо ҳукми қатъи баровардан низ ҷоиз нест, вале мушаххасоти мазкур тақозо менамояд, ки инсон комилан аз аломатҳои мутаззакира вораста ҳам набудааст. Ба назари мо омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи чунин ангезаҳои илми фаросат ба тамоми мардум, махсусан ба ононе, ки соҳиби тахту ҷоҳ, роҳбарони корхонаву созмонҳои ҳизбӣ ва амниятиву давлатӣ мебошанд,

зарур аст, чунки афроди гандумнамоёни ҷавфурӯш андаруни ҷомеаи поки мо низ кам нестанд. Ин зумраи корчалону назарфиреб ҳамеша бар он мекӯшанд, ки зоҳирнамоӣ ва авомфиребӣ карда, обро лой намуда бе шаст моҳии зарин ба даст оранд. Бе заҳмат соҳиби сарвату давлат ва ҷоҳу мансаб гардида маромномаи мусаффову беғаши бонизоми ҷомеаро хатчадор ва бенизом созанд.

Ҳусайн Воиз аз зарбулмасалу андарзҳои мардумӣ мисли: «Бубин тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо», «Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд», «Аввал андеша ва баъд гуфтор», «Дев чун берун равад, фаришта дарояд», «Дидаи дӯст айбпуш бувад», «Дурӯғ бе фурӯғ аст», «Душман саркуфта беҳ», «Ёри беайб маҷӯ то ту намонӣ бе ёр» ва дигаронро ҷо андар ҷову ба маврид истифода мебарад.

Хусусияти муҳими ин асар дар тарзи баёни он воқеъ гардида аст. Ин асар намунаи барҷастаи насрест, ки миёни насри соддаи асри X ва насри такалуфии асрҳои баъдина қарор дорад. Албатта, дар он калимаву ибора ва таъбирҳои арабӣ фузун истифода шудаанд, вале мавриде, ки Ҳусайн Воиз ба сифати дастури ахлоқ баёнияеро пешниҳод месозад, ҷумлаҳояш ҳамоно равону фасеҳ ва нишонрасанд. Аз ин рӯ, ҳақ ба ҷониби муҳақиқи «Нафоҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ Маҳди тавҳидпур аст, ки гутааст: «Дар насри сабки махсуси давраи муғул, ки пояи он бар муғлақнависӣ ва касрати истеъмоли калимот ва луғоти араб буд, дар он давра масруку матрук монд. Ва ба ҷои он сабки дигаре ба вуҷуд омад, ки асоси он бар истироoту киноёт фаровон қарор дошт ва аз такаллуф дар луғоти раб орӣ буд» (Теҳрон, 1958,с151).

Масалан «Ҳар ки дар тирборони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар хаданги умедаш ба ҳадафи мурод бирасад» «Ҳаё хислати Шариф ва сифати мақбул аст», «Ҳақиқати адаб он аст, ки дар ҷамии аҳвол роҳи рост дошта бошӣ», «Ҳарчанд ҳиммат олитар бувад, ҷидду ҷаҳд дар талаби мақсуд бештар воқеъ мешавад». «Адл он аст, ки доди мазлумон диҳанд ва эҳсон он, ки марҳами роҳате бар ҷароҳати маҷрӯҳон ниҳанд», «Ростиву росткорӣ сабаби эминӣ ва растагорист».

Хусусияти барҷастаи «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» ҳамчунин дар фаро гирифтани мавзӯоти он аст. Дар ин асар оид ба риояти ҳуқуқ ва «тарбияи хадаму ҳашам» боби ҷудогонаеро муаллиф овардааст, ки оид ба таърихи илми ҳуқуқшиносӣ сарчашмаи боэътимодро пайдо менамоем. Аз ин нигоҳ «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» масъалаи давлату давлатдориро ба таври фасеҳу ошкоро ба миён гузошта, аҳкоми давлатро ба адолату ростӣ ва инсонпарварию хайрхоҳӣ даъват менамояд.

Дигар ин ки ҳангоми тайёр намудани матн калимоти мушкил ва баъзан истилоҳоти арабиро дар қавсайн шарҳ додаем. Гоҳо он қисматҳое, ки ба хонанда зарурат надоранд ва ё мавҷудияти онҳо фаҳмиши матнро мушкил мегардонад, аз онҳо сарфи назар карда шуда дар қавсайн (…) гузошта шудааст.

***

Рисолаи «Ҳотамия» чуноне ки дида мешавад, аслан ба тасвири аркони ҷавонмардӣ: саховат ва шуҷоат нигаронида шудааст. Ҳусайн Воиз агарчи дар «Футувватномаи султонӣ» маромномаи ойини ҷавонмардиро ҳамаҷонибаву мукаммал ба тадқиқ дода бошад ҳам, дар асари ахлоқиву андарзии хеш «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» ҷиҳатҳои умдаи ин ойинро аз назар дур наандохта, зимни ин ё он боб ба он таваҷҷӯҳи амиқу фасеҳ меафканад. Махсусан дар боби ҳаё, адаб, олиҳиматӣ, адолат, саховату эҳсон, амонат, вафо бо аҳд, щуҷоат фаросат ва талаби некномӣ тарафҳои то андозае дар торикӣ мондаи ин ҷараёнро ифшо мегардонад.

Дар рисолаи «Ҳотамия» бошад ба такрор сари муҳимтарин аркони ойини ҷавонмардӣ саховат ва шуҷоат таваққуф дорад, ки мегӯяд: «Ҷавонмардӣ дарахтест аз чамани ҷаннат раста ва саховат ниҳолест аз ҷӯйбори Кавсар нашъунамо ёфта… ҳарки табиъати ӯ ба ҷуду сахо моил бувад, даст дар шохе аз шоххҳои он дарахтзада бошад ва он шох ӯро бо ҷазби иноят аз хазизи диноят (пастиву сифлагӣ) ба зирваи (мақоми баланд) қабулу иззат кашад ва ба хуррамтарин буқъа (манзил) ва назҳаттарин равза аз раёзи биҳишт фуруд орад».

Ҳусайн Воиз ҳамчун тарғибгари комили замони хеш гаштаву баргашта маҳаки андешарониҳову тарғибгариҳои худро дар болои муҳимтарин аркони ойини ҷавонмардӣ – саховат ва шуҷоат корбандӣ мекунад, ки ин мароми адиби забардаст бе сабаб нест.

Ҳусайн Воиз ин рисолаи ҷавонмарди хешро ба садову симои чеҳраи абадзиндаи таърихи адабиёти арабу аҷам ба Ҳотами Той, ки саховаташ мисли вазиши насими субҳгоҳон, мисли резиши борони баҳорон, мисли ситорагони роҳи Каҳкашон, мисли обҳои шӯху нукратоби чашмасорон, мисли амвоҷи кокулони гулдухтарон, мисли чаҳ-чаҳи булбулон, мисли хандаҳои нозукадойи маъшуқагон ва мисли садои азизон аст, мебахшад. Агарчи дар қисмати «Саховат»-и «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» муаллиф дар боби саховати Ҳотам ба «Бустон»-и Саъдӣ такья намуда ҳикоятеро оварда бошад ҳам, дар ин рисола ба баёни фишурда иқтифо намекунад, балки чуноне ки худи Ҳусайн Воиз дар муқадиимаи рисолаи мазкур иқрор аст, ӯ ҳар он чи дар бораи Ҳотами Той… «дар китобе дида ё аз азизе шунида бошад, ба иборати форсӣ дар қайди китобат орад, то бар камоҳии аҳвол вуқуфе том ва иттилоъе тамом ҳосил ояд» мегӯяд.

Ҳусайн Воиз дар ин ин рисола ба гузаштагони қаҳрамони марказии асараш аҳамият медиҳад, гузашта аз он таърихи валодату вафоти Ҳотамро зикр карда, ба як бародар, ду писару як духтар доштани ӯ, ки ҳар кадоме нақше дар зиндагӣ доранд, мароқи хосае зоҳир менамояд. Дар ин рисола, махсусан, нақши модари Ҳотам хеле ҷолибу андарзбахш аст. Ин ҳолатро дар ҳикояе, ки баъд аз вафоти Ҳотам аҳли қабилаи Той хостанд бародари ӯро ба ҷойи Ҳотам бигуморанд, дида метавонем. Модар бо ҷиддият ва қатъият номзадии писари хурдиашро ба ҷониши Ҳотам рад мекунад. Нақши модаре, ки дар ин ҳикоя баён мегардад, нақши танҳо модари оддӣ нест, балки модарест, ки дар баробари модари мушфиқ будану дӯст доштани фарзанд дар роҳи пешкардаи ӯ ҳаммаром аст. Аз ин рӯ, ҳарчанд ки фарзанди дигарашро

аҳли қабила ба ҷойи Ҳотам нишонда бошад ҳам, ў рад мекунаду далел меоварад: «Андешае, ки дар боби бародари Ҳотам кардаед бигзоред, ки аз ў таввақуи ҳотамият натавон кард, зеро ки Ҳотам баъд аз валодат шир аз пистони ман нагирифт, то вақте ки кўдаки бегонаро шир додам ва ин бародар як пистон дар даҳон дошту дигаре дар даст гирифта буд, то кўдакони дигар набинанду аз он шир нахўранд. Аз чунин каси ҳотамӣ чун ояд?! Ин писарро ба сурат бо Ҳотам мушобиҳате тамом аст ва ба маънӣ бо ў мухолифате локалом». Дар ин гуфтори модар ҷиҳати фардӣ ва фитрӣ нануҳуфта бошанд, ў дар ин ҷода мукаммалу мушаххас намегардад. Аз ин рў бародари ҳамхуну ҳамшири Ҳотам, ки мехост ҳотамвор саховат кунад, чун дар ҷавҳари улвияш ин хосияти барозандаи ахлоқи ҳамида мавҷуд нест, натавонист, ки аз санҷиши модари хеш берун ояд.

Рисолаи «Ҳотамия» воқеан рисолаи ростии тарғиботи ойини ҷавонмардист. Ҳусайн Воиз зимни ибрози кору амалиёти Ҳотами Той нақши ўро пайваста дар шоҳроҳи камолоти маънавӣ инъикос мегардонад. Ҷавонмардии Ҳотам амали хайр аст. Амалест фақат амал на ҳарф. Ҳар амале, ки аз тарафи Ҳотам ба вуқуъ мепайвандад маҳз ба тарғиби афкору омоли хайратафзои ойини ҷавонмардӣ сурат мегирад.

Боре дар роҳе мазлуме аз Ҳотам озодии хешро таманно мекунад: … «оқибат банд аз дасту пойи ў бардошт ва дар дасту пой худ ниҳод ва шарти ишфоқ (меҳрубонӣ) ба ҷой оварда, рақами итлоқ (озодӣ) бар ҷаридаи ҳоли вай кашид ва худро муқайяд сохта, ўро озод гардонид. «Инъикоси чунин рафтори Ҳотам албатта, дар адабиёти бостониамон нав нест, балки ҳамин гуна ҳаракати башурдўстонаи мо дар рафтори падари ошиқони олам Маҷнун дида метавонем. Низомии Ганҷавӣ ин саҳнаро дар қисмати «Раҳонидани Маҷнун оҳувонро», «Озод кардани Маҷнун гавазнонро» ва «Бурдани пиразан Маҷнунро ба дари хиргоҳи Лайлӣ».

Маҷнун зи сари шикастаболӣ,
Дар пойи зан уфтод ҳолӣ,
К-ин силсилаву танобу занҷир
Бар ман неҳ, аз ин рафиқ баргир!
К-ошуфтаю мустаманд моем,
Ў нест сазои банд, моем.

Устодона ба қалам медиҳад.

Абдураҳмони Ҷомӣ низ дар достони «Лайли ва Маҷнун» дар қисмати «Бозраҳонидани Маҷнун ғизолеро аз сайёд ва озод кардани вай бар ёди Лайлӣ» ба ин масъала таввачўҳ намуда, менигарад:

Мискин чу расан ба дасти ў дод,
Сад бўса ба чашми масти ў дод.
Пашмин расан аз сараш бадар кард,
В-аз соиди хеш тавқи зар кард.

Чуноне ки мебинем аз тарафи Маҷнун раҳонидани мазлуму ҳайвон аз дасти сайёд дар ҳарду достони ошиқонаи Низомиву Ҷомӣ ба хотири маъшуқаи хеш карда бошад дар ҳаракоти ҷаззобонаи Ҳотам ин амри қотеъ ба хотири дўстдории ҳамхелон ва бидуни андешаи подоши амал рух додаст.

Саховату карами Ҳотам ҳадду марз надорад. Ў дар ин роҳ то андозае иртифои амал меварзад, ки тайёр аст баҳри амалӣ гардидани андешаву омоли шахси ношиносе ба азизтарин дороии хеш-ҷон падруд гўяд. «Ман марди парешонрўзгор ва ошўфтаҳолам ва маишати ман аз айёрӣ ва дуздӣ мегузарад ва дар ин вило султони Яман маро талабида ба ваъдаи молу матоъи фаровон карда ба шарти он, ки Ҳотамро пайдо карда ба қатл орам ва сари ўро ба тўҳфа назди малик барам ва ман ба зарурати ваҷҳи маош ин суратро қабул карда бад-ин вилоят омадам, на Ҳотам мешиносам ва на роҳ, ба манзили ў мебарам:

Бихандиду гуфто, ки Ҳотам манам,
Сар, инак, ҷудо кун ба теғ аз танам.

Чунин кордории самимонаву каримонаи Ҳотам падидаи тоза ва нақши нотакрори ҷовидонаи ўро дар авроқи рангину нақшини адабиёти ҷавонмардии арабу аҷам ҷилодор намудааст. Ба ин ваҷҳ Ҳотам, ки худ симои абадзиндаи мардумнавозиву хайрандешии тоисломии мардуми араб мебошад, дар адабиёти ҷавонмардии асримиёнагии форсу тоҷик низ ба ҳама салобату ҳашамати накўкоронаи хеш ворид мегардад. Аз ин лиҳоз чеҳраи Ҳотам худ чеҳраи тобону дурахшони адабиёти ҷавонмардии моро таъмин намуда, як навъ пули азиме миёни ду соҳил: соҳили пеш аз исломӣ ва баъди исломи мардуми арабу аҷамро фаро мегирад.

Рисолаи «Ҳотамия»-ро мо дар асоси чопи Саид Муҳаммади Ҷалолӣ, ки ў дар асоси ду нусхаи хаттӣ: китобхона «Маҷлиси шўрои миллӣ» ва нашри Шарл Шефер соли 1941 дар Теҳрон ба табъ расондааст, таҳия намуда, луғатҳои мушкилдаркашро шарҳ додаем.

Гуфтан ҷоиз аст, ки «Ахлоқи Мўҳсинӣ», «Футувватномаи султонӣ» ва рисолаи «Ҳотамия» се асари комилан ҷудогонаи як муаллиф махсуб мешаванд. Ин асарҳо ҳар кадом бо фарогирии мавзўоти худ тарафҳои гуногуни ахлоқи одамиро фаро гирифта, ба амиқии назар ва фарохии андеша заррахои ноаёну нодиди маромномаи афкори ойини ҷавонмардиро андаруни ҷомеаи куруни вусто баркаш менамоянд.

«Футавватномаи султонӣ» ва рисолаи «Ҳотамия» яке ба тариқи пурсишу посух ва дигаре зимни ҳикоёту маснавиҳо роҳи ба камоли маънавӣ расиданро дар чавкоти ойини ҷавонмардӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд маромномаи «Ахлоқи Мўҳсинӣ» низ аз чунин қарор дур намемонад. Балки ин асари шоиста барои аркони давлат як навъ дастури мардумшиносӣ будааст.

Дар охир аз шодравон Мулло Нурмуҳаммади Дарғӣ барои дар солҳои пўрошўб ҷони худро зери хатар гузошта, садҳо ҷилд дастнавис, баёзу

девонҳои камёбро маҳфӯз доштан ва дар ихтиёри банда гузоштани дастнависи «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» самимона сипосгузорем.

**Қурбони Восеъ**

Устоди Донишгоҳи Тоҷикистон

**Футувватномаи Султонӣ**

Он рисолаест дар баёни тариқи аҳли футувват ва қавонину одоби шадду байъат ва пӯшидани тоҷу хирқа ва шарҳи адабу сирати ҳар фирқа ва шароити шайху мурид ва шогирду устод ва лавозими такмилу таълим ва талқину иршод, ки фақири ҳақиру кассир ат-тақсир Ҳусайн ал-Кошифӣ аз китоби мӯътабара ва расоили машҳура истинбот (натиҷа) намуда ва дар силки таъмир кашида, онро «Футувватномаи султонӣ» ном ниҳод. Асоси ин рисола бар муқаддима ва дувоздаҳ боб ба хотима лоиқ афтод. Муқаддима дар шарафи илми футувват аст ва мавзӯи ин илм ва баёни маъни футувват ба ҳасби луғат ва истилоҳ дар се фасл.

**Фасли аввал**

Дар шарафи ин илм

Бидон, ки илми футувват илми Шариф аст ва шуъбаест аз илми тасаввуф ва тавҳид. Ва акобири олам дар ин илм рисолаҳо сохтаанд ва дар сифату тавҷияи (тафсир) камоли ӯ нусхаҳо пардохта… дар китоби «Қавоид-ал-футувват» ин байтро ба шайх Фаридаддини Аттор иснод кардаанд:

Дидаи дил аз футувват равшан аст,
Равзаи ҷон аз футувват гулшан аст.
Гар бувад илми футувват бар сарат,
Ҳар замон бахшад сафои дигарат.

Ва дигар рисолаи «Одоб-ул-футувват», «Футувватнома»-и Шайхи Кабир. «Ориф-ул-масриф», «Мирсод-ул-аъбод», «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат», «Рисолаи сайр»-и Ҷомӣ, «Зод-ул-ахира»-и Зариаи Исфаҳонӣ, «Тазкират-ул-авлиё» зикри ин илми Шариф – футувват ва таърифи касе ки мазҳари ин сифат бошад, мастур (пинҳон) аст.

**Фасли дуюм**

Дар мавзӯи ин илм

Бидон, ки ҳар илмеро мавзӯе ҳаст, ки дар он илм баҳс аз аворизи зотии он мавзӯъ мекунад. Чунончи дар илми тиб бадани инсон мавзӯъ аст аз ҳайсияти сиҳату мариз. Чун ин муқаддима дониста шуд, бибояд донист ки

мавзӯи илми футувват нафси инсонӣ бошад, аз он ҷиҳат, ки мубоширу муртакиби афъоли ҷамила ва сифоти ҳамида гардад….

Ва шарҳи нафси инсонӣ ва баёни маротиби ахлоқ, лоиқи ин мухтасар нест ва боз ҳар илмеро масоиле ҳаст, ки дар он илм баҳс аз он кунанд ва худ тамомати илм бар он  мақсур бошад. Ва масоили ин илм он аст, ки дар ин рисола аксар бар тариқи саволу ҷавоб баён гардад.

## Фасли сеюм

Дар баёни маънии футувват ва ҳасби луғат

Бидон, ки футувват аз рӯи луғат ҷавонӣ бошад ва фатӣ марди ҷавонро гӯянд ва баъзе дар шаҳри ин луғат бар онанд, ки футувват ҷавонмардӣ бошад. Аз рӯи истилоҳ футувват дар урфи ом  иборат аст аз итсоф (машҳур будан) ба сифати ҳамида ва ахлоқи писандида, бар ваҷҳе, ки ба он аз абнои ҷинси хеш мумтоз гардад. Ва ба таърифи хос иборат аст аз зуҳури нури фитрати инсонӣ бар зулмати сифотинафсонӣ…

Пас, футувват чист? Футувват он аст, ки ҳеҷ коре накунӣдар ниҳонӣ ки он ошкор нагардад ва бо ҳама кас ба хулқи некӯ зиндагонӣ кунӣ, ки дӯстии халқро ба хулқу некӯ ҳосил тавонӣ кард ва чунонки гуфтаанд:

Ба ҳама халқи ҷаҳон хулқи писандида намой,  
Ки сӯи хулди барин роҳ бар он аст, эй дил!

Ҳамчунин, футувват ба аҳд вафо кардан аст… ва вафо кардан кори ҷавонмардон аст ва нуқси аҳду шикастани паймон нишонаи нуқсони виҷдон аст:

Дасти вафо дар камари аҳд кун,  
То нашавӣ аҳдшикан, ҷаҳд кун.

Футувват он аст, ки ҳама касро аз худ беҳтар донӣ ва худро бар ҳеҷ кас тафзил (бартари) нанихӣ;

Ҳар киро заррае вуҷуд бувад,  
Пеши ҳар зарра дар суҷуд бувад.

…Футувват тарки такаллуф кардан аст ва он чӣ дар хона бошад, барои меҳмон ҳозир овардан:

Он чӣ бошад пеши мо ҳозир кунед,  
Гар ҳама нони ҷавину сирка аст.

Шак нест, ки аз такаллуф бӯи анонийат (худписанди) меояд ва мадори футувват бар шикасти нафс ва тарки худпарастӣ бошад:

Ҳар кӣ ӯ нест гашт, ҳасташ дон,
Ҳар кӣ хӯ дид, будпарасташ дон.
Бехабар з-ин ҷаҳону маст, якест
Хештанбину будпараст якест.

Футувватро се маротиба аст: аввал сахо, ки ҳар чӣ дорад аз ҳеҷ кас дареғ надорад. Дуюм Сафо, ки синаро аз кибру кина покиза созад ва мартабаи охир вафост, ки бо халқ нигаҳ дорад.

Салмони форсӣ низ дар хусуси футувват фармудааст: «Футувват инсоф додан аст ва инсоф наситондан, яъне ҳар айбе ва нуқсе ки бошад, ки онро ба худ нисбат бояд кард ва ҳар чизе, ки дар вуҷуд ояд худро дар миён набояд дид» Ва ғайр аз ин дар ин дар боби футуват суханон гуфтаанд ва мо ба ин қадар ихтисор кардем.

## БОБИ АВВАЛ

## **Дар баёни манбаъ ва мазҳари футувват ва маъни тариқат ва тасаввуфу фақру одоб ва аркони он.**

Ин боб муштамил бар ҷаҳон фасл аст.

### **Фасли аввал**
### **Дар баёни мазҳари футувват ва одоби он.**

Бидон, ки ҳар кӣ аз мазҳари сифати футувват бошад ӯро фатӣ гӯянд ва фатӣ дар асл луғати ҷавониро гӯянд ва ин лавз мавзӯъ аз барои марди ҷавон аст. Пас, итлоқи (ба ҷо овардан) фатӣ бар ҷавон ҳақиқат бошад ва бар ғайри он маҷоз: Он маҷозро аз рӯи маъни итлоқ кунад бар касе, ки ба камоли фазоили инсонӣ расида бошад ва ваҷҳи маҷози он аст, ки солик, модом, ки дар қайди ҳавои нафс ва орзӯи табъ бошад ба масобаи кӯдаке бошад, нотарсида ва чун аз мартабаи нафс тараққи намуда ба мақоми дил расад, ба манзалаи ҷавон бошад, расида ва чунончи ҷавонро қувватҳои сурӣ ва камолоти баданӣ ҳосил аст, ҷавонмардро низ камолоти инсонӣ ва қувватҳои маънавӣ ҳосил бувад ва дар ин мартаба ӯро фатӣ гӯянд…

Ҳафт ҷавонмарде дирам сад ҳазор,
Кор чу бо ҷон фитан, он ҷост кор.

Ҳақиқат он аст, ки ақсоми ҷавонмардӣ мунҳасир (ғунҷондашуда) дар ду сифат аст: яке нафъ ба дӯстон расонидан ва он ба саховат ҳосил шавад ва дуюм зарари душман аз эшон боздоштан ва он ба шуҷоат вуҷуд гардад…

Мори хандон боғро хандон кунад,
Сӯҳбати мардон – т аз мардон кунад.
Санг агар хорову гар мармар бувад,
Чун ба соҳибдил расад гавҳар шавад.

Агар пурсанд, ки аркони футувват чан даст бигӯй, дувоздаҳ: шаш рукни зоҳир ва шаш рукни ботин. Аммо аркони зоҳири футувват аввал, банди забон аст аз ғайбат ва бӯҳтони кизб (дурӯғ) ва сухани беҳуда. Ва аҳли футувват аз касе дуруст аст, ки аз забони ӯ мардум ба саломат бошанд:

Агар мардӣ, забони худ нигаҳ дор,
Зи кизбу ғайбату бӯҳтону озор.

Дуюм, банди самоъ аст аз ношуниданиҳо, чунончи… шунавандаи ғайбат аз ҷамъи ғайбаткунандагон аст:

Дигар бибанд гӯш зи ҳар ношуниданӣ,
К-аз гуфтугӯи ҳазл шавад ақл торумор.

Сеюм, банди басират аз нодиданиҳо, чунончи:

Чашм бипӯшону мадеҳ, дил зи даст,
К-аз назари туст балое, ки ҳаст.

Чоҳорум, банди даст аст аз гирифтани ҳаром ва озурдани халқ:

Дасти худро бибанд аз озор,
Лек бикшо ба додани динор.

Панҷум, банди қадам аст аз ҷое, ки набояд рафт ва ба ҳам ғамзу кина ва озори халқ қадам ниҳодан:

Пой бибанд аз раҳи норафтанӣ,
То ки дар ин роҳ ба ҷое расӣ.

Шашум, банди шикаму фарҷ аст, аз хӯрдани ҳаром ва кардани зино, ки албатта аҳди футувват аз зино дуруст набошад ва укди футувват ва ҳаромхор рост наояд:

Иффати фарҷу батн мебояд,
То дилат аз футувват орояд.

Аммо он шаш рукни ботин аввал саховат аст, ки бе суол ато кунад ба маҳал ва мулоҳизаи истеҳқоқ намояд:

Саховат кун, ки ҳар кас к-ӯ сахӣ буд,
Равон набвад, ки гӯянд дӯзахӣ буд.

Дуюм, тавозӯъ аст, ки касро беҳ аз худ донад ва бо ӯ фурӯтанӣ кунад:

Такаббур кунад пояи мард паст,
Тавозӯъ туро беҳтар аз ҳад чӣ ҳаст…

Сеюм, қаноат аст… ҳар меҳнатеву шиддате, ки ба халқ мерасад бештар аст ҳирси бешталабӣ аст, чунончи дар «Маснавӣ» Мавлавӣ мефармояд:

Косаи чашми ҳарисон пур нашуд,
То садаф қонеъ нашуд пур дур нашуд.

Чаҳорум, авфу марҳамат аст. Яъне бар халқ шафқат кардан ва аз сари гуноҳи эшон дар гузаштан ва ба он микдор, ки макдур (мувофиқи қудрат ва имкон) бошад, бо эшон некӯӣ  варзидан ва меҳрубонӣ намудан:

Меҳрубонӣ кун, ки марди меҳрубон,
Дорад аз асли ҷавонмардӣ нишон.

Панҷум, нафи (инкори) уҷбу наҳфат (ғурур) аст, яъне ҳарчанд аз вай аъмоли шоистаи дар вуҷуд ояд, бояд ки бад-ӯ мағрур нашавад ва муаҷҷаб нагардад, ки иблис ба воситаи наҳват маълуну мардуди абад гашт:

Шайтон зи аҷаб ноқису маълуну тар аст,
Ҳар кас, ки аҷаб карду зи иблис батар аст.

Шашум, таваҷӯҳи тамом ба мақоми ғурбу васлат аст, яъне хонаи дилро ба ҷорӯби риёзат аз хасу хошок пок созад, то тахтгоҳи тоҷи султони ишқ гардад… ва модом ки дил аз ғавғои тааллуқ пок нашавад, назаргоҳи муҳаббати дӯст нахоҳад шуд.

То дил аз занги таалуқ нашавад софии хол,
Аз паси пардаи ғайбат намояд ҷамол.

Агар пурсанд, ки шароити футувват чанд аст, бигӯй  ҳафтоду як чилуҳашт вуҷудӣ ва бисту се азалӣ. Аммо он чи вуҷудӣ аст, аввал ислом; дуюм; сеюм, ақл; чорум, илм; панҷум, ҳилм; шашум, зӯҳд; ҳафтум, вараъ; ҳаштум, сидқ; нуҳӯм, карам; даҳум, мурувват; ёздаҳум, шафқат; дувоздаҳум, эҳсон; сездаҳум, вафо; чордаҳум, ҳаё; понздаҳум, таваккал; шонздаҳум, шуҷоат; ҳабдаҳум, ғайрат; ҳаждаҳум, сабр; нӯздаҳум, истиқомат; бистум, насиҳат; бисту якум, таҳорати нафс; бисту дуюм, аълоҳиммати; бисту сеюм, пӯшидани асрият; бисту шашум, амри маъруф:… бисту ҳаштум, ҳурмати волидайн; бисту нӯҳум, хидмати устод; сиюм, ҳаққи ҳамсоя; сиву якум,

нутқи босавоб; сиву дувум, хомӯши аз рӯи дониш; сиву сеюм, талаби ҳалво; сиву чорум, ифшони салом; сиву панҷум, сӯҳбат бо некон ва покон; сиву шашум, сӯҳбат бо оқилон; сиву ҳафтум, шукргузорӣ; сиву ҳаштум, дастгирии мазлумон; сиву нуҳӯм, пурсиши бекасон; чилум, фикрат ва ибрат; чилу якум, амал ба ихлос; чилу дуюм, амонатгузорӣ; чилу сеюм, мухолифати нафсу ҳаво; чилу чорум, инсоф додан; чилу панҷум, ризо; чилу шашум, иёдати (аёдат) мариз; чилу ҳафтум, дурӣ аз ноҷинс; чилу ҳаштум, мудовимат бар зикр.

Ва аммо он чӣ аз он эҳтироз бояд кардан: Аввал, мухолифат аст; дуюм, каломи қабеҳ гуфтан; сеюм, ғайбати некон кардан; чорум, мазохи бисьёр кардан; панҷум,суханчинӣ кардан; шашум, бсиьёр хандидан; ҳафтум, хилофи ваъда кардан; ҳаштум, ба ҳиллаву макр бо мардум маош намудан; нӯҳум, ҳасад бурдан; даҳум, ситам кардан; ёздаҳум, ғаммозӣ кардан; дувоздаҳум, сарватҷӯӣ варзидан; сездаҳум, ҳарис будан; чордаҳум, амали дароз пеш гирифтан; понздаҳум, айби мардум ҷустану гуфтан; шонздаҳум, савганд бар дурӯғ гуфтан; ҳабдаҳум, тамаъ дар моли мардум кардан; ҳаждаҳум, хиёнат варзидан; нӯздаҳум, бӯҳтон задан ва аз нодида хабар додан; бистум, хамр хӯрдан; бисту якум, рибо хӯрдан; бисту дуюм, зино кардан; бисту сеюм, бо мардуми бадмазҳаб мусоҳибат намудан. Ҳар кӣ ин ҳафтоду як шарт хабар надорад бӯи футувват (ҷавонмардӣ) ба ӯ нарасидааст…

Агар пурсанд, хислатҳои аҳли футувват чанд аст, бигӯй, ки аҳли футувватро аз даҳ хислат чора нест: аввал, бо кори ҳақ ба сидқ; дуюм, инсоф ба халқ; сеюм қаҳр ба нафси худ; чорум, бо бузургон ба хидмат; панҷум, бо хурдон ба шафқат; шашум, бо дӯстон ба насиҳат; ҳафтум, бо уламо ба тавозуъ; даҳум, бо ҷоҳилон ба хомӯшӣ…

Агар пурсанд, ки футувватро бо чӣ чиз ташбеҳ кардаанд, бигӯй бо дарахти ток… Агар пурсанд, ки ваҷҳи мушобиҳатва муносибат миёни дарахту футувват чист, бигӯй, чуноне ки дарахтро бех, пӯст, шох, соқу барг ва шукуфаю мевае мебошад, ҳамчунин футувватро шохеву барге, соқеву пӯсте ва меваеву бехе ҳаст.

Агар пурсанд, ки ҳар асли он аст ва бе он дарахт нашъунамо надорад ва баргу мева наёварад, муҳаббати пок аст… соқи вай тавозӯъ, шохи вай бурдборӣ, барги вай парҳезкорӣ аст ва пӯсти вай адабу шарм аст ва шукуфаи вай хулқу лутф аст ва меваи вай саховату карам аст.

Агар пурсанд, ки мурувват чист, бигӯй, мурувват ҷузъест аз футувват, чунонки футувват ҷузъест аз тариқат…

## Фасли дуюм

Дар маънии тариқат ва он чӣ бад-он мутаалиқ аст.

Агар пурсанд, ки тариқат чӣ маънӣ дорад, бигӯй, тариқат дар луғат роҳи ростро гӯянд. Дар истилоҳ сиратеро гӯянд, ки мақтае (анҷом) бувад бар сулук аз қатъи манозил ва тараққӣ дар он мақомот.

Агар пурсанд, ки асли тариқат чанд чиз аст, бигӯй, се чиз: дам, қадам ва карам.

Агар пурсанд, ки ҳар яке чӣ маънӣ дорад, бигӯй, дам, яъне дам даркашидан аз ногуфтаниҳо. Қадам, яъне қадам наниҳодан дар нокарданиҳо ва карам, яъне кор кун ва даркор кун. Ҳар кӣ аз ин се асл яке надорад ва якеро надонад, аз тариқат бебаҳра аст…

Агар пурсанд, ки мақомоти тариқат чанд аст, бигӯй, чор саду чилу чор. Аммо маҷмӯи он дар чаҳор мақом ҷамъ аст. Аввал тавба, ки ду навъ аст, яке тавбаи зоҳирӣ аз гуноҳ; тавбаи ботин аз худбинӣ:

Омро тавба зи кори бад бувад,
Хосро тавба зи диди худ бувад…

Дуюм, хуфт:

Ҳар кӣ дар ҳуф аст эминаш кунем,
Ҳар ки ӯ банд аст озодаш кунем.

Сеюм, ҷиҳод, яъне ҷанг кардан аст бо нафс:

Эй, шаҳон, куштем мо хасми бурун,
Монд аз он хасми бадтар аз дарун.
Куштани он кори ақлу ҳуш нест,
Шерри ботин сухраи харгӯш нест.

Чаҳорум, сабр:

Калиди дари ганҷи мақсуд сабр аст,
Дари баста он кас бикшуд, ки сабур аст.

Агар пурсанд, ки аҳкоми тариқат чан даст, бигӯӣ, шаш: Аввал, маърифат: дуюм, саховат; сеюм, таввакал; чорум, тафаккур; панҷум, сидқ; шашум, яқин.

Агар пурсанд, ки аркони тариқат чанд аст, бигӯй, шаш: Аввал омӯхтани илм, он чӣ бар ӯ фарз бошад. Дуюм, илмро ба амал расонидан, ки илми бе амал дарахтест бе мева ва чароғест бе равған. Чуноне ки Саъдӣ фармудааст:

Бори дарахти илм надонам гар амал ба илм,
Бо илм агар амал накунӣ, шохи бебарӣ.

Сеюм, бо халқ хулқи  неку варзидан:

Хӯи нек ар додат эзид ҳеҷ дигаргӯ мабош,
Хӯи нек, эй одамӣ, аз ҳар чӣ дорӣ беҳтар аст.

Чорум, риёзаткашидан, то оинаи дил ба сайқали муҷоҳидат равшан гардад:

То дил аз сайқали таҷрид мусаффо нашавад,
Чеҳраи дӯст дар он оина пайдо нашавад.

Панҷум, пайваста дар зикри дӯст будан. Шашум шавқи тамом ба лиқои дӯст доштан.

Агар пурсанд, ки суннати тариқат чан даст, бигӯй, шаш: Аввал, вақт бо ҷамоат гузаронидан; дуюм, авқоти субҳу шомро ҷамъ доштан; сеюм, пайваста пок будан; чорум, дил нигоҳ доштан; панҷум, зикри таъзим гуфтан; шашум, пирону падаронро бо некӣ ёд кардан.

Агар пурсанд, ки мустаҳиби тариқат чанд аст, бигӯй, шаш: Аввал бо мардон рӯй кушода доштан; дуюм, таом танҳо нахӯрдан; сеюм, ҳарчанд заҳмат пеш ояд, рӯй туруш накардан; чорум, ба ҳама кас эҳсон варзидан; панҷум, дар ҳама ҷо ҳифзи ҳурмат варзидан; шашум, номуси худро ва пирону устодонро нигоҳ доштан…

Агар пурсанд, ки наҳйи тариқат чанд аст, бигӯй, шаш: Аввал, тарки ҳавои нафс; дуюм, тарки сарват; сеюм, тарки дурӯғ; чорум, тарки зино; панҷум, тарки хамр; шашум, тарки хиёнат.

Агар пурсанд, ки абҷади тариқат чан даст, бигӯй, абҷади сағир мехоҳи ё абҷади кабир. Агар пурсанд, ки абҷади сағир кадом аст, бигӯй абҷади сағир чордаҳ калима аст: Аввал, худро бо тавозӯъ замин сохтан; дуюм, ба бели муҷоҳидат шӯронидан; сеюм, тухми муҳаббат дар вай пошидан; чорум, ба оби маърифат парваридан; панҷум, ба доси риёзат даравидан; шашум, ба таноби таваккал ба хирмангоҳи қаноат кашонидан; ҳафтум, ба қуввати бозуи тақво хирманро кӯфтан; ҳаштум, ба мадади сабр дона аз коҳ ҷудо сохтан; нӯҳум, ба килаи (мубоҳиса) муҳаббат паймудан; даҳум, ба осиёи ризо орд сохтан; ёздаҳум, ба оби караму мурувват хамир сохтан; дувоздаҳум, дар танӯри ишқ ба оташи шавқ пухтан; сездаҳум, ба табақи ихлос ниҳодан ва чордаҳум, ба мардум расонидан:

То наафтад бар ту мардеро назар,
Аз вуҷуди хеш кай ёбӣ хабар.

Агар пурсанд, ки абҷади кабир кадом аст, бигӯй, ки он 29 калима аст: «а» (алиф) – Оростагии зоҳиру ботин; «б» - бурдборӣ намудан; «т» - тақво варзидан; «с» - савоби куллӣ ба хайр ҳосил кардан; «ҷ» - ҷамъияти хотир ҷустан; «ҳ» - ҳалолу ҳаромро фарқ кардан; «х» - хуфу риҷоро (умедро) шиори худ кардан; «д» - далел будан ва ҳар толиброба мақсуд расонидан; «з» - залил будан дар чашми худ ва аз худ ҳисоб гирифтан; «р» - риёзату фақр кашидан; «з» - зиёрати дилҳо кардан; «с» - сирри аҳли фақр нигоҳ доштан; «ш» - шукргузории халқ кардан; «с» - сидқу сафо варзидан; «з» - зоеъ накардани вақт; «ф» - фурсат ғанимат шуморидан; «т» - тамаъро ба куллӣ аз хотир дур кардан; «з» - зулму ситам бар ҳеҷ кас раво надоштан; «айн» - илмро дӯст доштан ва бо уламо нишастан; «ғайн» - ғайбати халқ накардан ва

ба худ машғул будан; «қ» - қаноатро перояи ҳолу сармояи кори худ сохтан; «к» - камоли маърифат ба қадри тоқати башария ҳосил кардан; «л» - ливои дилнавозӣ ва хотирҷӯӣ барафрӯхтан; «м» -  маломат кардан; «н» - ниёзмандӣ ба ҳама кас намудан; «в» - вафодорӣ дар аҳд; «ҳ» - ҳамроҳӣ кардан бо ҳама кас дар тариқи ростӣ ва дар каҷҷӣ мададгор набудан; «л» - лол будан аз сухани фаҳш ва дурӯғу зиёнро ба ростӣ ҷорӣ кардан; «й» - ёд кардан.

Агар пурсанд, ки имони тариқат чист, бигӯй, истодани нафс, яъне ба амри пиру устод истодагӣ кардан.

Агар пурсанд, ки тариқат ба чанд чиз тамом мешавад, бигӯй, ба даҳ чиз: Аввал зикр; дуюм, шукр; сеюм, хидмат; чорум, тоат; панҷум, мурувват; шашум, қаноат; ҳафтум, муҳаббат; ҳаштум, таслим; нуҳӯм, таваккал ва даҳум, таҳвил.

Агар пурсанд, ки такбири тариқат чист,бигӯй, дурусту рост гуфтан.

Агар пурсанд, ки рукни тариқат чист, бигӯй, сухани хос бо хос гуфтан.

Агар пурсанд, ки суҷуди тариқат чист, бигӯй, сухани тамом гуфтан ва бо айёрмардон (ҷавонмардон) рост овардан.

Агар пурсанд, ки миёни шариат ва тариқат ва ҳақиқат чӣ фарқ аст, бигӯй эшон ҳарсе бозбастаанд.

Шариат – онро донӣ, (ки) равшан аст, нишон аст, ҳурмат аст.

Тариқат – ӯро ҷӯй, (ки) биниш аст, аён аст, ҳиммат аст.

Агар пурсанд, ки самараи ҳар як чист, бигӯй, самараи шариат – вафост ва аҳд, самараи тариқат – фаност, яъне аз худ гузаштан аст, самараи ҳақиқат – бақост, яъне аз ботил буридан ва ба кори ҳақ  пайвастан аст.

Агар пурсанд, ки обрӯи тариқат чист, бигӯй, ду: Аввал, он ки дасти тиҳӣ назди дарвешон наравад. Дуюм он ки пайваста бо таҳорат (пок) бошад.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи шариат, тариқат ва ҳақиқат ишорат ба чӣ чиз аст, бигӯй шариат панҷ ҳарф аст: «Ш» - шарти ибодат ба ҷой овардан, «Р» - раво аз нораво донистан; «й» - якдил будан, «Ъ» - илм… омӯхтан ва «Т» - талаб…кардан аст.

Тариқат низ  панҷ ҳарф аст: «Т» талаб кардан, «Р» - розӣ будан, «й» - яқин (фикри ягона) ҳосил кардан, «қ» - қурб (наздикӣ) ҷустан, «Т» - таваҷҷӯҳи тамом фармудан.

Ҳақиқат низ панҷ ҳарф аст: «ҳ» - хузури дил, «қ» - қадам ба бодияи таҷрид ниҳодан, «й» - дар мартабаи тафрид якҷиҳат шудан, «қ» - қайди ҳастии маҷозӣ ва қадами таин бардоштан, то назар ба ҳакоиқи ашъё кушода шавад ва «Т» - тавҳид. Ин понздаҳ сифат дар ҳар як фард мавҷуд бошад, марди комилу мукаммал бошад ва иршоди тариқатро шояд ва ӯро расад, ки қадам бар сари саҷоддаи шайхӣ ниҳад.

## Фалси сеюм
## Дар баёни маънии тасаввуф ва одобу аркони он

Бидон, ки тасаввуф яке аз мақомоти тариқат аст. Ва ихтилоф кардаанд, ки ин исм ҷадид аст ё қадим. Баъзе бар онанд, ки ин исм баъд аз замони зуҳури ислом пайдо шуд… Вале маълум мешавад, ки номи тасаввуф дар

замони пеш аз исломӣ низ буда ва дар китоби «Унс—ал-суфия» нақл мекунад, ки аввалин касе ки ӯро сӯфӣ гуфтаанд Шиш – яке аз фарзандони Одам будааст… Либосҳои ӯ аз суфи сабз будааст ва ин исм аз рӯзгори Шиш дар ҳаққи пашминапӯшон машҳур шуд. Ҳар кӣ ташбеҳ бад-ин тоифа мекунад, ӯро аҳли тасаввуф ном мекунанд. Пас, ҷамоате, ки ба ҷидду ҷаҳд толиби аҳволи сӯфиёни соҳибкамоланд, эшонро мутасуфия мегӯянд.

Агар пурсанд, ки тасаввуф чист, бигӯй, инро ҷавоб бисьёр гуфтаанд: Аввал, гуфтаанд, таҳлия (тасаввур кардан) аст ва ба ахлоқи ҳамида ва васфи писандида… Дуюм, тасаввуф тасфияи (покиза кардан) рӯҳ аст аз ағьёр. Сеюм, тасаввуф тасфияи хузӯъ (шикастанафасӣ) ва хушӯъи (фурутанӣ) аркон аст дар тариқи марифат. Чаҳорум… тасаввуф тарки даъво кардан аст ва маъниро аз мардум пӯшидан, яъне то мард аз даъво нагузарад ба маънӣ нарасад ва то маънии худро пинҳон надорад аз тасаввуф насибе наёбад. Панҷум, тасаввуф хор доштани нафс аст ва азиз доштани амр. Ҳафтум, тасаввуф ҳама адаб аст ва ҳар кӣ ба яке аз одоби фақр таҳовун (мусолиҳакорӣ) кунад аз тасаввуф ҷуз номе намедонад.

Агар пурсанд, ки ин тоифа, ки номи тасаввуф бар худ ниҳодаанд, чанд гурӯҳанд, бигӯй, се гурӯҳ: Аввал, мустасуф ва ӯ касест, ки барои мол, ки поймоли ҳар кас ба ҷиҳати ҷоҳ, дастфарсуди ҳар кас аст, ташбеҳ ба дарвешон карда бошад ва аз ҳеҷ мартаба бохабар набувад ва дар ҳаққи чунин кас гуфтаанд:

Норафта раҳи сидқу сафо гоме чанд,
Бадномкунандаи накӯноме чанд.

Дуюм, мутассуф ва ӯ он аст, ки ба сарманзили мақсуд расад. Сеюм, сӯфӣ ва ӯ он аст, ки аз худ фоннӣ ва ба ҳақ боқист… Гуфтаанд, ки сӯфиён се қисманд: Муоширон, мутарасмон ва муҳаккиқон. Муоширон муҳиббону дӯстдорони ин тоифаанд ва эшонро умедвории тамом аст… Аммо мутарасмон онҳоанд, ки ба расму сурати дарвешон бароянд ва ба зоҳиран тақлиди аҳвол ва аҳволи эшон кунанд ва ба ботин толиби вақту ҳоли эшон бошанд ва доим ба забони ҳол мегӯянд:

Гар нек оем моро зи эшон шуморанд,
В-ар бад бошем, моро бад-эшон бахшанд.

Ин гурӯҳ низ дур нест, ки дар файзи муассири эшон насибе ёбанд. Аммо, муҳақиқон – эшон ҷамоатеанд, ки суф пӯшанд ба сафо ва бичашонанд нафсро таоми ҷафо ва дуньёро биандозанд аз қафо ва сулук кунанд бар тариқи нек…

Агар пурсанд, ки суфӣ чӣ маънӣ дорад, бигӯӣ, дар маънии суфӣ сухани бисьёр гуфтаанд ва мо аз он ҷумла панҷ ваҷҳ эрод кунем: Аввал, суфӣ он аст, ки ба зоҳир банда бошад ва ба маънӣ озод. Яъне зоҳири худро бар тоату ибодат ва хидмат вақф карда бошад, ботини худро аз тамоми алоқаҳо чун озодмардон пок сохта бошад.

Дуюм, сӯфӣ он аст, ки ҳеҷ чиз дар банди вай наёяд ва вай дар банди ҳеҷ чиз набошад. Ин ду калима ишорат ба мартаба аст: яке ихлос, ки банда мутлақан аз сифати башария фонӣ шуда бошад ва яке ҳуррият (озодӣ). Он ишорат аст бад-он ки солиқ аз фақри зотии худ бозраста бувад ва ба ғинои зотии худ пайваста. Сеюм, сӯфӣ он ки, сирри ӯ софӣ бошад ва ақли ӯ кофӣ бошад ва дили ӯ ба аҳди муҳаббат вофӣ бошад. Чаҳорум, сӯфӣ он аст, ки зоҳираш аз кудурати алоқаҳобар канор аст ва ботинаш ба таффакур моил аст ва дар дидаи ҳимматаш зарру хок яксон аст. Панҷум сӯфӣ он аст, ки он чӣ ба дам дарёфта бошад, ба қадам он ҷо шитофта бошад, яъне аз рутбаи илмал-яқин ба пояи айнал-яқин тараққӣ намояд.

Агар пурсанд, ки ин тоифаро чаро сӯфӣ гӯянд, бигӯй, инро низ панҷ ҷавоб гуфтаанд: Аввал, он ки эшон дар сафи авваланд, яъне аз ҷумлаи солиқон пеш афтодаанд. Дуюм, эшон тавалло ба асҳоби суффа кардаанд ва асҳоби суффа гурӯҳе будаанд аз аъмоли дуньё эътироз карда ва ба аҳволи охир иқбол намуда. Ба эътироз карда ва ба аҳволи охир иқбол намуда. Ба рӯйҳои зард, дамҳои сард, субҳу шом дар зикр мувозимат мекунанд. Пас, сӯфӣ онро гӯянд, ки чун асҳоби суффа аз ҳама алоқаву дилбастагиҳо эътироз намуда бошад ва аз рӯи ҳузури ҳозир ба тоату ибодат таваҷҷӯҳ фармуда ва ин ду ваҷҳ, агарчи ба қонуни арабият рост нест. Сеюм, гуфтаанд иштиқоқи (баромадан) ин исм аз сафост ва чун бар дилҳои эшон сафо ғолиб аст, эшонро сӯфӣ гуфтаанд. Чаҳорум, гуфтаанд иштиқоқи ин ном аз суфуҳ аст ва суфуҳ хулосаи чизеро гӯянд… Пас, ин ҷамоатро ба воситаи он сӯфӣ гуфтаанд, ки хулосаи халқ эшонанд.

Мӯътакифони ҳарами кибриё,
Шуста зи дил сурати кибру риё.
Шоҳнишинони бисоти қадам,
Роҳнишинони работи Адам.

Панҷум, эшонро барои он сӯфӣ мегӯянд, ки сӯфӣ дар луғат пашмро гӯянд ва чун эшон дар аксар вақт ҷомаи пашмина пӯшанд, эшонро сӯфӣ гӯянд ва ин сухан ба ҳасби арабия саҳеҳ аст, чи нисбат ба суф сӯфӣ ояд.

Агар пурсанд, ки бинои тасаввуф бар чанд чиз аст, бигӯй, ба даҳ чиз: Аввал, илм; дуюм, ҳилм; сеюм, тақво; чаҳорум, сахо; панҷум, шукр; шашум, сидқ; ҳафтум, вафо; ҳаштум, ризо; нӯҳум, сафо; даҳум ишқ.

Агар пурсанд, ки аркони тасаввуф чанд аст, бигӯй, чаҳор: Аввал, ҳол; дуюм, сирр; сеюм, хотир; чаҳорум, ишорат.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи тасаввуф чӣ маънӣ дорад, бигӯй, «Т» - таҷрид аст, яъне ба зоҳир тарки таалуқ гирад, «С» - сидқу сафост, яъне ботинро равшан созад, «В» - вафо, яъне ба аҳду муҳаббат вафо кардан, «Ф» - ишорат ба фаност, яъне худро дар баҳри мушоҳидаи анвори ҷамол мустағриқ созад.

Агар пурсанд, ки тасаввуф ба чанд чиз тамом шавад, бигӯй, се чиз; Аввал, таҷрид. Дуюм, тафрид ва сеюм, тавҳид…

Агар пурсанд, ки ҳуруфи сӯфӣ ишорат ба чист, бигӯй, ҳар як ишора ба сифатест, ки сӯфиро аз он чора нест: Аввал «С» - нигоҳ доштани хилватхонаи дил, аз он ки ғайри дӯст касе огоҳ нагардад. Дуюм, «У» - (вов) ишорат ба

ваќояти сирр, яъне сирри худро чунон нигоҳ дорад, ки дасти ғорати шайтон ба он нарасад ва мурод аз ин мартаба ихлос аст.

Ҳар ки ба ихлос қадам мезанад.
Исии вақт аст, ки дам мезанад.

Сеюм, «Ф» - ишорат аст ба файз гирифтан ва файз расонидан, яъне аз болотари худ фоида гирад ва ба фурӯтар аз худ фоида расонад, чуноне ки гуфтаанд:

Аз бузургон мустафидам бо фурӯдастон муфид,
Олами таҳсилро ҳам содирам ҳам воридам.

Ниҳоят «ӣ» яқин аст…

Пой ба рафтори яқин сар шавад,
Санг ба пиндори яқин зар шавад,
Роҳи яқин ҷӯй ба ҳар манзиле,
Нест муборактар аз ин ҳосиле…

**Фасли чаҳорум**
**Дар баёни фақр ва одобу аркони он**

Бидон, фақр ҷавҳарест аз кони вилоят берун омада ва ахтарест ба осмони ҳидоят тобон шуда ва дар сифати фақр ҳамин нукта бас аст, ки пири маънавӣ – Мавлоно Ҷалолиддин дар дафтари аввали «Маснавӣ» мефармояд:

Кори дарвеши вароъи фаҳми туст,
Сӯи дарвешон бимангар суст-суст.
Ҳаст дарвешӣ чу болоин табақ,
Аз ҳама бурданд дарвешон сабақ.

Агар пурсанд, ки аломати фақр чанд аст, бигӯй, се: Аввал, шафқате чун офтоб, ки бар ҳама кас метобад ва ҳеҷ чизро дар партавӣ ҷамоли худ бебаҳра намегузорад. Дуюм, тавозуъ чун замин, ки ҳар кӣ бар он  пой мениҳад, аз неку бад таҳаммул мекунад ва аз мақоми худ намеравад. Сеюм, саховате чун абр, ки бар хушку тар меборад ва гӯристону гулистон фарқ намекунад…

Агар пурсанд, ки мақомоти фақр чанд аст, бигӯй, фақрро чаҳорсад мақом аст ва онро ба чиҳил бозоовардаанд ва он чиҳилро ба чаҳор дарҷ сохтаанд: Аввал, хидмат; дуюм, иззат; сеюм, тарки ҳавои нафс ва чоҳорум таслим.

Агар пурсанд, ки зоди тариқи фақр чанд аст, бигӯй, даҳ: Аввал, ҳилм; дуюм, ҳаё; сеюм, адл; чаҳорум, покии зоҳир; панҷум, покии ботин; шашум, ҷавонмардӣ; ҳафтум, сирпӯшӣ; ҳаштум, таваккал; нуҳум, мададгорӣ; даҳум, ихтиёр.

Агар пурсанд, ки калиди дари фақр чист, бигӯй, тавба, ки то он ҳосил нашавад, дари фақр ба рӯи касе кушода намешавад.

Агар пурсанд, аркони тавба чанд аст, бигӯй, се: Аввал, истиғфор ба забон; дуюм, пушаймонӣ ба дил; сеюм, азимат дуруст кардан, ки ҳаргиз ба сари он гуноҳ наравад.

Агар пурсанд, ки аз кадом роҳ ба фақр даромадӣ, бигӯй, аз роҳи ниёз. Агар пурсанд, ҳамроҳат кӣ буд, бигӯй, сидқу эътиқод. Агар пурсанд, ки сари сидқу эътиқод чӣ буд, бигӯй, муҳаббати дарвешон. Агар пурсанд, ки фақр ба чӣ чиз тамом шавад, бигӯй, ба хулқи некӯ. Барои он ки ҳар кӣ хулқ дорад, сифатҳои дигар, ки дар фақр ба кор оянд ҳам дорад. Ба воситаи ин маънӣ бузургон гуфтаанд, ки ҳар чӣ дар тамоми аркони фақр мавҷуд аст дар хулқ мавҷуд аст, зеро ки ҷое ки хулқ бошад, лозим аст, ки илм бошад. Ҳар ҷое ки илм бошад, лозим аст, ки ҳилм бошад ва ҳар ҷо ки ҳилм бошад, лозим аст, ки зӯҳд бошад…

Агар пурсанд, ки ҳуруфи дарвеш ишорат ба чӣ чиз аст, бигӯй, ин маъниро Шоҳ Қосими Анвор ба назм овардааст:

Дарвеш, ки ҳарфи ӯ ба сурат панҷ аст,
Андар маънӣ бидон, ки беш аз пеш аст.
«Дол» аст далели он ки бо дард бисоз,
Гар бар тани ту ҳар сари мӯ сад неш аст.
«Ро» рӯю риё макун, ки рӯю риё,
Расвоии бегонаву ранҷи хеш аст.
«Вов» аст видои ғайр мавло кардан,
В-ин кор чунин кор яке бе хеш аст.
«Й» якдилу якранг шав андар раҳи ишқ,
Якдил набувад касе, ки ӯ бо хеш аст.
«Шин» он ки кунад шукру шикоят накунад,
В-андар паи хасми хеш некандеш аст.
Онро, ки чунин панҷ фазилат дорад,
Дарёбу дар ӯ гурез, к-ӯ дарвеш аст.

## БОБИ ДУЮМ
## **Дар баёни пиру мурид ва он чӣ таалуқ бад-он дорад**

### **Фасли аввал**
### **Дар баёни он ки дар тариқ эҳтиёҷ ба пири комил ҳаст ё не**?

Бидон, ки дар роҳи тариқат ба пир эҳтиёҷи тамом аст… Оид ба ин масъала Салмони Соваҷӣ фармудааст:

Раҳбаре ҷӯ, ки дар ин бодия ҳар сӯ роҳ аст,
Марди саргашта чӣ донад, ки куҷо бояд рафт!

…Ҳамчунин, Ҷалолиддини Румӣ мефармояд:

Пир тобистону халқон тирамоҳ,
Халқ монанди шабанду пир моҳ…
Барнавис аҳволи пири роҳдон,
Пирро бигзину айни роҳ дон.

**Фасли дуюм**
**Дар шароити шайхӣ**

Бидон, ки дар роҳи тариқат роҳзанон бисьёранд, ки доми ҳилла ниҳодаанд, то кӯтаҳназаронро ба донаи зарқу фиреб гирифтор созанд. Пас, касеро ба пирӣ бояд гузид, ки шароити пирӣ ва аркону миеъёри он дониста бошад ва ҳосил карда, чуноне ки Мавлавӣ гуфтааст:

Чун басе иблиси одамрӯй ҳаст,
Пас, ба ҳар дасте нашояд дод даст.

Агар пурсанд, ки шайх чӣ маънӣ дорад, бигӯй, шайх дар луғат пирро гӯянд ва дар истилоҳи аҳли фақр шайх касеро гӯянд, ки худ комил бошад ва тавонад, ки дигарро ба камол расонад ва ба шароиту аркони шайхӣ доно бошад.

Агар пурсанд, ки шароити шайхӣ ва мурид гирифтан чанд аст, бигӯй, бист шарт мебояд, то касе пири комил бошад ва мурид тавонад гирифт. Аввал, он ки эътиқоди ӯ пок бошад, то мурид ба воситаи ақидаи ӯ аз роҳи рост наяфтад. Дуюм, бояд ки ба қадри зарурат илм дониста бошад ва аз илм фақр ва тариқат низ баҳраманд бувад, то ҳар мушкиле, ки муридро пеш ояд ҳал кунад. Сеюм, бояд ки бо ақли меодӣ (қавлу қарор кардан) ақли маош дошта бошад, то дар тарбияи мурид ба шарт истодагӣ тавонад кард. Чаҳорум, бояд, ки сахӣ ва ҷавонмард бошад, то муридро аз ғуссаву дағдағаи хӯроку либоси зарурӣ фориғ тавонад сохт. Панҷум, шуҷоъ бояд, то аз маломати халқ ва фитнаи эшон наандешад ва муридро ба қавли ҳар касе рад накунад. Шашум, афиф-ал-нафс ва покдоман бояд, ки ба номаҳрам назар накшояд, то мурид аз вай дар гумон наяфтад. Ҳафтум, олиҳиммат бояд ба тамаъ аз моли мурид бурида дорад. Ҳаштум, мушфиқ бояд, то дар ҳаққи муридон марҳамат фурӯ нагузорад. Нуҳӯм, ҳалим бояд, то бар ҳар ҳаракате, хашм нагирад. Даҳум, соҳиби авф бояд, то агар аз мурид ҳаракате, ки ба тариқ рост набошад, дар вуҷуд ояд, авфро кор фармояд. Ёздаҳум, хушхулқ бояд, то мурид дар сӯҳбати ӯ дурӯштхӯй нашавад. Дувоздаҳум, соҳибнисор бояд, то аз худ боз гирад ва ба мурид расонид. Сездаҳум, карим бояд, то муридро ба ҳиммат аз худ баҳраманд гардонад. Чаҳордаҳум, мутаммакил бояд, то муридро парвариш тавонад кард. Понздаҳум, соҳиби ризо ва таслим бояд, то зиёдат ҳирс нанамояд. Шонздаҳум, бояд ки бо виқор бошад, то бо муридон ба ҳурмат зиндагонӣ кунад. Ҳафдаҳум, бояд, ки сокин ва собитҳол бошад ва таъҷил нанамояд, то ба оҳистагӣ дар мурид тасарруф тавонад кард. Ҳаҷдаҳум, бояд ки боҳайбат бошад, то муридро аз ӯ шукӯҳ дар хотир бошад ва сухани ӯро ба маҳалли қабул расонад. Нуздаҳум, бояд ки муаддаб

(боадаб) бошад, то дар ғайбату ҳузури ӯ мурид адаб нигоҳ дорад. Бистум, бояд ки хидмати пири муршид карда бошад, то ҳар чӣ аз пир дида бошад бо мурид ба кор барад.

Агар пурсанд, ки аркони шайхӣ чанд аст, бигӯй ҳафт: Аввал, маърифати комил, яъне худро шинохта бошад. Дуюм, фаросати тамом, ки чун назараш бар мурид афтад донад, ки аз мурид чӣ меояд ва ӯро чӣ кор мебояд фармуд. Сеюм, қуввате ба камол, ки чун мурид ба ақбае дармонад, ба қуввати маънавӣ тавонад, ки ӯро аз он бираҳонад. Чаҳорум, истиғнои тамом. Панҷум, ихлоси болиғ, ки аз рую риё бартараф бошад ва ҳеҷ касро ба воситаи молу ҷоҳу мансаб таъзим накунад. Шашум, ростӣ ва дӯстӣ, ки сухани ҳақ аз ҳеҷ кас боз нагирад ва дар сухан гуфтан майлу мудоҳана (дурӯягӣ) накунад. Ҳафтум, шафқате ба ғоят, то масолеҳи мурид ва умумро бар масолеҳи худ муқаддам дорад.

Агар, пурсанд, ки меъёри шайхӣ кадом аст, бигӯй, он ки мурид ба куллӣ аз дили вай салб (ғорат) карда бошад, то муридро мурод тавонад сохт.

Агар пурсанд, ки воҷиботи шайхӣ чанд аст, бигӯй, чаҳор: Аввал, он ки муридро аз ҷамии кудуратҳо бираҳонад. Дуюм, он ки ҳар чӣ муридро ба рад даъват кунад, худ низ тарк карда бошад. Сеюм, он ки худро чун чӯпон донад ва муридро чун рама, ба ҳеҷ навъ дар муҳофизати эшон тақсир накунад. Чаҳорум, он ки дар моли мурид ба ҷиҳати худ тасарруф накунад ва дар муҳиммоти худ ба кор набарад.

Агар пурсанд, ки исботи шайх: чист, бигӯй, бар мисоли дарьё будан, яъне ба ҳеҷ нав тағьиру табдил ба худ роҳ надиҳад ва ҳама чизро таҳаммул кунад…

Агар пурсанд, ки нури шайхӣ чист, бигӯй, он ки муридро аз зулмоти куфру ширк (шубҳа) бираҳонад ва ба сарманзили ҳидоят ва сарҳади наҷот бирасонад.

Агар пурсанд, ки адабӣ шайхӣ чист, бигӯй, он ки назари хиёнат ба ҳеҷ кас накунад ва бар ҳама мушфиқу меҳрубон бошад.

Агар пурсанд, ки пири ҳақиқӣ кист, бигӯй, он ки шаш панд: аз бедории шаб, омӯхатни илм, наншастан бо бадон, аз ғайбату дурӯғ эмин доштан, хушнудии халқ ва ғайра аз мурид бознадорад.

## Фасли сеюм
## Дар одоби мурид ва шароити он

Бидон, ки иродат давлати бузургест ва дар дили мурид чун пайдо шавад, тухми ҳамаи саодатҳост. Чунончи, Шайх Саъдӣ фармудааст:

Иродат надорӣ саодат маҷӯй,
Ба чавгони хидмат тавон бурд гӯй.

Шак нест, ҳар он кӣ беиродат аст, бесаодат аст…

Агар пурсанд, ки мурид чӣ маънӣ дорад, бигӯй, мурид аз рӯи луғат хоҳандаро гӯянд ва то хости ботин набувад, ҳеҷ муомилае неку зоҳир наояд

ва мурид ба забони тариқат он бувад, ки аз ҳама муродҳо нафс озод бошад ва ӯро ҳеҷ хост набувад магар ба хости пир.

Агар пурсанд, ки муридро чанд сифат бояд, то муридро шояд, бигӯй, даҳ сифат: Аввал, бояд ки болиғ бошад, ки агар болиғ набошад ӯро тавба натавон дод ва чун тавба надошта бошад, муридро нашояд. Дуюм, оқил бошад, ки агар оқил набошад, суханро дарнаёбад. Сеюм, бояд ки муслим бошад, то тавба бар ӯ тавон хонд. Чаҳорум, бояд ки толиб бошад, яъне ба ҷидду ҷаҳд қадам дар роҳи талаб ниҳад, то тараққӣ тавонад кард. Панҷум, бояд ки содиқ бошад, ки агар содиқ набошад ба мақсад нарасад. Шашум, бояд ки тобеъ бошад, яъне дар мутобиати пир ҳеҷ нукта фурӯ нагузорад. Ҳафтум, мударрик бошад, яъне тезҳушу зирак, то роҳи дурустро ба зудӣ дарёбад. Ҳаштум, қобил бошад, яъне сухани пирро ба ростӣ қабул кунад, то мақбули хотири вай гардад. Нуҳӯм, бояд ки қонеъ бошад, яъне бад-он чӣ зарурат аст аз хӯрдан: ва пӯшиданӣ қаноат кунад ва зиёдатӣ наталабад, то аз кору бор намонад. Даҳум, бояд ки солим бошад, яъне даст ба пири дигар надода бошад ва дар байати дигаре наомада, зеро ки байат якест.

Агар пурсанд, ки одоби мурид чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал, он ки дар кори худ нек нигоҳ кунад. Дуюм, ба эътиқоди дуруст пеш ояд. Сеюм, чун ба назари пир расад, тарки одат ва халовати худ гирад. Чаҳорум, чашм аз ҳама нодиданиҳо барканад. Панҷум, гӯш аз ҳама ношуниданиҳо бибандад. Шашум, даст аз ҳама нокарданиҳо кӯтоҳ кунад. Ҳафтум, бе касе ки мухолифи пири вай бошад, муносибат накунад.

Агар пурсанд, ки аркони муридӣ чанд аст, бигӯй, шаш: Фармонбардорӣ, ростгӯй, вафодорӣ, пандпазирӣ, камозорӣ ва роздорӣ…

Агар пурсанд, ки мунтахаботи муридӣ чанд аст, бигӯй, панҷ: Покӣ кунад. Айёртабъ ва маломативазъ бошад ва аз гуфту  шуниди мардум бок надорад.. қаландар сират бошад, яъне ному нанг ва маҳду санои халқ ба нисбати ӯ яксон бошад. Қавидил бошад ва аз хотирҳо наандешад. Ниёзманд бошад.

Агар пурсанд, ки ҷаҳари муридӣ чист, бигӯй, хушнудии бародарони тариқ.

Агар пурсанд, ки зинати муридӣ чист, бигӯй, он ки ба бист сифат ороста  бошад: Зӯҳд; тақво; муҷоҳида; шуҷоат, ки дар муҳорибати нафси худ далер бошад; базлу исор (бахшиш) аст, ки дар ҳаққи ҳама ба ҷой оварад; сидқ, ки бинои кори худ ба ростӣ ниҳад; омӯхтани илм бад-он миқдор, ки аз худ берун ояд, яъне худшинос гардад; адаб, ки пайваста риоя кунад; ҳусни хулқ, ки ба ёрон тангдилӣ накунад ва дуруштхӯӣ наварзад; фидокор бошад; инсоф, яъне ҳамеша инсоф диҳад ва инсоф наталабад…., камозорӣ, ки ранҷ аз ӯ ба касе нарасад; хомӯшӣ, ки андаксухан бувад ва он чӣ гӯяд айни савоб бувад; олиҳиммат, яъне хасистабъ набошад ва ба корҳои хурд сар фурӯ наорад; амонатдор бошад; раҳмат, яъне бар ҳама кас мушфиқ бошад; фармонбардори падару модар ва пиру устод бошад. Ҳар кӣ ба ин сифатҳо ороста бошад, мурид бувад дар ғояти оростагӣ.

Агар пурсанд, ки ғӯсли мурид чист, бигӯй, он ки аз сӣ сифат пок бошад: сарватдӯстӣ; ҷоҳталабӣ; хуббӣ (дӯст доштан) ному номус (шӯҳрат);

майли ҳусну ҷамол ба нопокӣ; ҳирс; ҳасад; ҳиллаву макр; кибр; кинаву адоват; ғурур; фисқӯ фасод; озмандӣ; ғафлат; шакку вахм; дурӯғ; бӯҳтон; нифоқ; риё; ҳаромхӯрӣ; ҳавас; тамаъ; лаҳву лаъб; ғаразпардозӣ; тақсир дар тоат; фаҳш; суханчинӣ; айбҷӯй; ғаммозӣ ва дурӯӣ. Ҳар кӣ аз ин сӣ сифат пок бувад муриде бошад, ки дар сарчашмаи таҳорат ғусли тариқат баровaрда бошад.

Агар пурсанд, ки сармояи муридӣ чист, бигӯй, эътиқоди пок ва дилравшанӣ.

Агар пурсанд, ки қонуни муридӣ чист, бигӯй, ҳар чӣ ба худ писандад ба дигаре писандад ва ҳар чӣ ба худ раво надорад ба дигаре раво надорад.

### Фасли чаҳорум
### Дар кайфияти мурид гирифтан

Агар пурсанд, ки аз мурид гирифтан чанд чиз мебояд, бигӯй, бисту ҳашт: Аввал, он ки шароити шайхӣ пеши вай ҷамъ бошад. Дуюм, тавба. Сеюм, байат, ки дасти ӯ бигиранд ва бигӯянд: бигӯ байат кардам ва дар силсилаи аҳли футувват даромадам. Чаҳорум, калимаи тарқат бар вай хонанд, ки баъзеҳо тариқатро бар тавба вобаста донистаанд. Панҷум, саҷҷода андохтан. Шашум, бародарони тариқро ҷамъ овардан. Ҳафтум, муридро эҳтиёт кардан. Ҳаштум, ба ду зону нишастани пиру ҷамоат. Нуҳӯм, сухани бисьёр нагуфтан. Даҳум, бисьёр дар худ нигоҳ накардан…

Агар пурсанд, ки аз пир чӣ дорӣ, бигӯй, нақши хушнудӣ. Агар пурсанд, ки перояи пиру муридӣ чист, бигӯй, аз мурид хидмату вафо ва аз пир ҳиммату ато…

## БОБИ СЕЮМ

## Дар баёни нақиб ва падари аҳду устоди шадд ва шогирду байати шадд ва шароиту одоб ва аркони он

### Фасли аввал
### Дар баёни нақиб

Агар пурсанд, ки нақиб чӣ маънӣ дорад, бигӯй, нақиб дар луғати араб шиносандаро гӯянд. Яъне нақиб шиносандаест ва ӯст гувоҳи қавму замони эшон. Дар истилоҳ нақиб онро гӯянд, тафаҳҳуси  ҳолҳо кунад, яъне нақиб он кас, аст, ки ӯро фазоили бисьёр ҷамъ шуда бошад (яъне донишманди забардаст бошад).

Агар пурсанд, ки киро бояд нақиб номид, бигӯй, он кас, ки даҳ сифат вайро ҷамъ бошад: Аввал, он ки олим бошад. Дуюм, омил бошад. Сеюм, роҳрафта бошад. Чаҳорум, раҳнамо бошад. Панҷум, носеҳ бошад. Шашум, некхоҳ бошад. Ҳафтум, сахӣ бувад. Ҳаштум, хушхӯй бошад. Нуҳӯм, ҳақгӯӣ бошад. Даҳум, сирпӯшон бошад.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи нақиб чӣ маънӣ дорад; бигӯй, «Н» - ниёз аст; «қ» - ишорат ба қабул аст; Нақиб бояд ки ҳама фарзандони тарикро ба муҳаббат қабул кунад, то мақбули умум бошад. «Й» - ишорат ба ёриву ҳаводорӣ аст. «Б» - ишорат ба беҳбудӣ аст. Нақиб бояд беҳбудии аҳли футувват талабад, то аз хама беҳтару меҳтар бувад…

## Фасли дуюм
## Дар баёни падари аҳд

Агар пурсанд, падари аҳд кист, бигӯй, он кӣ фарзанд ба аҳд даровokарад.

Агар пурсанд, ки чӣ гуна ба аҳл даровaрад, бигӯй, чунон ки падар гӯяд ба аҳд даромадӣ, ки мутобиати шайтон накунӣ ва аз макруҳош бипарҳезӣ, гӯяд даромадам ва аҳд кардам, ки хилоф накунам.

Агар пурсанд, ки аҳдномаи тариқ кадом аст, бигӯй, он кӣ мурид дар иҳотаи ҳозирон, ки гувоҳанд ният карда, ба ҳалқаи фатиён дохил гардад…

## Фасли сеюм
## Дар баёни устоди шадд (камарбанди вафодорӣ) ва шароити он

Бидон, ки ҳеҷ коре бе устоде муяссар намешавад ва ҳар кӣ бе устод коре кунад, бебуньёд бошад. Нақл аст, ки агар касе ба мартабаи кашфу каромат расад ва корҳои куллӣ аз ӯ дар вуҷуд ояд ва ӯро устоде (ҳеҷ устоде) ба устодӣ дуруст набошад, аз ӯ ҳеҷ коре наояд ва кори ӯ ҳеҷ чизро нашояд ва ин ҷо гуфтаанд:

Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,
Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.

Пас, ҳар ки хоҳад (ки коре) ба асл бошад, ибтидо ба устоди комил бояд кард… Ба ғояти далел равшан аст, бар он ки устод бояд ва бе мутобиати устод аз ҳеҷ кас коре наояд:

Ҳар кӣ бе устод кард оғози кор,
Кору бори ӯ надорад эътибор.
Домани устод гиру шод шав,
Муддате хидмат куну устод шав.

Ва дар ин роҳ он касро ки миёни касеро банданд, ӯро устоди шадд гӯянд ва шогирдро, ки даъвои миён бастан дорад, халаф гӯянд ва фарзанди тариқ низ хонанд.

Баъд аз он ки шахси соҳибсаодат ба баракати нури иродат домани пири соҳибкамол ба даст овард ва доияи он кард, ки дар зумраи футувват дохил гардад ва аз ҷамъи миёнбастагон шавад, ӯро аз устоди шадд чора нест… Ҳар

касе устодиро нашояд, балки марде комилу мукаммал бояд, то қавоиди ин кор ба ҷой оварад.

Агар пурсанд, ки шароити устоди шадд чанд аст, бигӯй, шаш: Аввал, он ки устоди комил миёни вай баста бошад, ки агар марде даст ба миёни фарзанде (шогирд) расонад. Дуюм, он ки ҳар сифате ки дар футувват аст ӯро ҳосил бошад.

Сеюм, он ки хурдаҳои тариқат дониста бошад ва нуқтаҳои муҳаққиқон маълум карда, то ба фарзанд расонад.

Агар пурсанд, ки устоди комил кист, бигӯй, он ки пок – мазҳаб ва бино бо айби худ, доно ва соҳибтамиз бошад, ҳасуду кинадор ва бахил набошад.

…Чаҳорум, бояд ки устоди миён бастан… онро аз рӯи ростӣ донад, то пай ба асл бурда бошад.

Панҷум, бояд миёни фарзандро дар маҳфиле бандад, ки шайху нақибу бародарони тариқ бошанд ва агар муяссар нашавад ба ҳузури ҷамъе миён бастан бояд, на дар гӯшаи хилвате.

Шашум, бояд ки мулоҳизаи ҳоли фарзанд намояд, ки лоиқ ҳаст, ки шадд ба ӯ расонад ё не? Агар лоиқ надонад, тарки миён бастани ӯ кунад, вагарна зулм карда бошад…

Агар пурсанд, ки аркони миён бастан чанд аст, бигӯй, шаш: Аввал он ки устод қисматҳои шадд ва навъҳои онро донад ва баён кунад. Дуюм, фарзандро то чиҳил рӯз хидмат фармояд, баъд аз он бардошт кунад. Сеюм, обу намак ба маҷлис ҳозир кунад. Чорум, чароғи панҷ фатила равшан кунад. Панҷум, миёни фарзанд ба шарт бибандад. Шашум, ҳалвои шадд тартиб диҳад.

Агар пурсанд, ки мустаҳиботи миён бастан чанд аст, бигӯй, ҳафт: Аввал, саҷҷодаи (рӯйҷой) шаддро андохтан; дуюм, дасти чап ба сари фарзанд ниҳодан; сеюм, ба дасти рост фарзандро гирифтан; … ҳафтум, баъд аз се рӯз миёни фарзанд кушодан.

Агар пурсанд, ки одоби миён бастан чанд аст, бигӯй, даҳ: Якум, пирону пешқаламонро ёд кардан; дуюм, фарзандро сафои назари бародарони тариқ кардан; сеюм, чун дасти фарзанде ба даст бигирад фотеҳаю салавот фиристонад; чорум, се қадам аз канори саҷҷода пас рафтан; панҷум, шаддро аз кафи худ ба дасти чап фуруд овардан; шашум, дар ҳар маҳалле ояте, ки маъқул аст хондан; ҳафтум, фарзандро бар қоида рӯй ба роҳ кардан, яъне ҳар сухане, ки бо ӯ бояд, ба ростӣ гуфтан; ҳаштум, ҳалворо мизон гирифтан; нӯҳум, вақти даст гирифтани фарзанд ангушти ишоратро ба ангушти ишорати ӯ ниҳодан; даҳум, ҳар амале, ки кунад маънии онро ба исбот боз намудан.

Агар пурсанд, ки устоди комил дар миён бастан кист, бигӯй,он ки покмазҳабубино ба айби худ ва доно ба кори мурид ва соҳибтамиз бошад ва ҳусуду кинадору бахил набошад.

## Фасли чаҳорум
## Дар шароити шогирд

Агар пурсанд, ки бинои шогирдӣ бар чи чиз аст, бигӯй, ба сари иродат. Агар пурсанд, ки иродат чист, бигӯй, самъу (гӯш кардан) тоат. Агар пурсанд, ки самъу тоат чист, бигӯй, ҳар чӣ устод гӯяд, ба ҷон бишнавад ва ба дил қабул кунад ва ба тан фармон барад. Агар пурсанд, ки шогирдро чӣ беҳтар, бигӯй, эътиқоди пок, ки ҳар кӣ ба мурод расид, аз рӯи эътиқод расид.

Агар пурсанд, ки шогирд аз чӣ чиз ба матлуб расад, бигӯй аз хидмат. Агар пурсанд, ки бинои хидмат бар чист, бигӯй, ба тарки роҳат ва кашидани меҳнат.

Агар пурсанд, ки аркони шогирдӣ чанд аст, бигӯй, чаҳор: Аввал, он ки мардона шурӯъ кунад, ки шурӯъ нокардан беҳ аз фурӯгузошту аз роҳ баргаштан аст… дуюм, ба сидқи тамом хидмат кардан. Сеюм, дилу забонро ба ҳам рост доштан. Чаҳорум, панд пазируфтан ва ҳар чӣ аз устод шунавад, ёд гирифтан.

Агар пурсанд, ки одоби шогирд чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал чун дарояд, ибтидо ба салом кунад. Дуюм, дар пеши устод кам сухан гӯяд. Сеюм, сар дар пеш андозад. Чаҳорум, чашм ба ҳар ҷой накшояд. Панҷум, агар хоҳад, ки масъала пурсад, аввал дастур (иҷозат) талабад. Шашум, чун ҷавоб гӯяд, эътироз накунад. Ҳафтум, дар пеши устод ба касе сухани саргӯшӣ (гӯшакӣ) накунад. Ҳаштум, ба ҳурмати тамом нишасту бархост кунад.

**Фасли панҷум**

**Дар маънии шадд ва он чӣ бад-он мутаалиқ аст**

Агар пурсанд, ки шадд чанд маънӣ дорад, бигӯй, шадд аз рӯи луғат панҷ маънӣ дорад: Аввал, устувор кардан. Дуюм, ҳамла бурдан. Сеюм, давидан. Чорум, қувват додан. Панҷум, баланд баромадани офтоб. Аммо аз рӯи истилоҳ шадд вафо карданро гӯянд ба аҳли мардон ва таслим шудан ба амри пирон.

Агар пурсанд, ки миёни луғат ва истиллоҳ дар маънии шадд чист? Бигӯй, аввал аҳд кардан устувории кори солиқ аст, чун шахсе миёнбаста шуд, дарҳои мухолифати нафс бихоҳад кушод, пас, гӯё ки бар душман ҳамла мекунад ва ба душмантарини душманон муҳориба мебарад. Сеюм, чун миён баста шуд, дар роҳи сулук тезтар меравад ва огоҳтар сӯи манзили мақсуд меравад. Чорум, ба воситаи миёни бастагӣ қуввати дигаре дар ботини ӯ падид меояд… Панҷум, фарди миёнбастаро иртифое бар фалаки сурат ва аз партави анвори ҷамол дилаш равшан мегардад. Мисли он ки аз шуои офтоб замин нур ёбад.

Агар пурсанд, ки шаддро аз чӣ ранг гирифтаанд, бигӯй, аз шиддату шаддат суханеро гӯянд. Яъне ҳар кӣ аҳли шадд аст. Ӯро ба нафсу ҳаво сахтӣ бояд кард. Ҳар чӣ аз халқ ранҷу сахтӣ ба вай расад, набояд кашид, то шадди ӯ дуруст бошад. Ва гуфтаанд ин лафзро аз шаддата гирифтаанд ва он некӯӣ ва қуввати тамом бояд дар марди ҷавон… Инчунин ҳар киро шадд бирасад, кори ӯ тамом шавад ва қуввати ӯ ба ниҳоят расад.

Агар пурсанд, ки ҳақиқати шадд чист, бигӯй, сидқу сафо, меҳру вафо ва таслим.

**Фасли шашум**
**Дар қисматҳои шадд**

Агар пуосанд, ки ин шадд, ки дар миёнбастагон зикр мешавад чӣ чиз аст, бигӯй, шадд миёнбанд аст ва он сурати аҳду вафост. Агар пурсанд, ки миён бастан чанд қисм аст, бигӯй, даҳ: Аммо он чӣ машҳур аст, панҷ аст: Якум, нафси худро кушатан…. Дуюм, тарки макру ҳилла кардан ва файз ба халқ расонидан. Сеюм, тарки исроф ва хӯрдану пӯшидан… Чорум, аз сари ҳастии худ даргузаштан, яъне худро фидои халқ кардан…

агар пурсанд, ки шадди ҳуфия кадом аст, бигӯй, он ки сирри дили худ дар пеши ҳеҷ бегона фош накунад ва ба зоҳиру ботин бо ёрону бародарон муҳаббат варзад ва шафқат намояд. Бо нафс ки душмани ниҳои аст, сахтӣ кунад ва бо ӯ дар мақоми мадоро набошад!

Агар пурсанд, ки шадд чанд навъ аст, бигӯй, ҳафт аст ва даҳ сифат дорад. Якум, салмонӣ; дуюм, сулаймонӣ; сеюм, луқмонӣ; чорум, юсуфӣ; панҷум, румӣ; шашум, довудӣ; ҳафтум, мисрӣ. Агар пурсанд, ки он даҳ сифат кадом аст, бигӯй: Якум, шадди алиф; дуюм, лом алиф; сеюм, мим; чорум, мадд; панҷум, меҳробӣ; шашум, сайфӣ; ҳафтум, қавлӣ; ҳаштум, салмонӣ; нӯҳум, юсуфӣ даҳум, ҳуфия.

Агар пурсанд, ки сурати ҳар як чӣ навъ аст ва тааллуқ ба кӣ дорад, бигӯй, шадди, «алиф» тааллуқ ба маддоҳон дорад; «лом алиф», ин шадди ом аст ва нодоштон; «мим» ба аҳли илму ҳикмат аст; мадд он гиреҳ надорад ва хосаи омиён аст; меҳробӣ таалуқи саққоён (обкашон) аст; сайфӣ таалуқи сипоҳиён аст; қавсӣ, ин шадди аҳли қабза аст; салмонӣ шадди фаррошон аст; юсуфӣ, хоси аҳли касаба аст; ҳуфия, ин тоифа аст ва ҳар киро қобилияту истеъдоди он бошад, ӯро низ аз ин сирр огоҳ дорад.

Агар пурсанд, ки маънии ҳар шадд чист ва ишорати он ба куҷост, бигӯй, маънии шадди «алиф» ишорат аст ба ростӣ. Маънии «ломи алиф», ишорат аст ба тарки ҳавову ҳаваси пуч. Маънии «мим», гиреҳ бар нафс, баъзе гуфтаанд маломат кашидан аст. Маънии «мадд», кашидани бори ишқ аст. Чунон ки Ҳофиз мегӯяд:

Осмон бори амонат натавонист кашид,
Куръаи фол ба номи ман девона заданд.

Маънии меҳробӣ – бо нафс ҳарб кардан аст… Маънии шадди сайфӣ – он ки солик ба шамшери муҷоҳидат душманони илмро, ки сифоти замима доранд, барандозад. Маънии шаддӣ қавлӣ, дар мақоми қурбу мартаба ва сирр доно гардад. Байт:

Чу тир дар талабаш рост бош, то бишносӣ
Ки нест ҷуз ду камон аз ту роҳ то ба нишона.

Маънии шадди салмонӣ он аст, ки … навъе маош кунад, ки мардум аз ӯ ба саломат бошанд. Маънии шадди юсуфӣ он, ки дар тариқ бо парҳезкорӣ собитқадам бошад ва ба сухани Зулайхое ҳавои домани исмат аз даст нагузорад, то Азизи Мисрӣ каромот гардад. Маънии шадди ҳуфия – ин аст, ки сиррест, аз забони покон ба гӯши покон расад…

Агар пурсанд, ки шадд дар вақти бастан чанд гуна аст, бигӯй, ду гуна аст: якум – таҳтонӣ, дуюм, - фавконӣ. Агар пурсанд, ки таҳтонӣ кадом аст, бигӯй, он ки аввал гиреҳ ба номи шаҳмардон занад, дуюм ба номи устоди худ, сеюм ба номи худ, он гоҳ гиреҳро воруна кунад, то гиреҳи аввал боло ояд ва инро такмил хонанд. Агар пурсанд, ки фавқонӣ кадом аст, бигӯй, он ки аввал ба номи худ занад ва дуюм ба номи устоди худ.

## Фасли ҳафтум
## Дар санади миён бастан

…Агар пурсанд, ки миёнбастагон аввал кадомҳоянд, бигӯй, ҳафдаҳ: якум, Салмонӣ Форсӣ; дуюм, Абузарри Ғаффорӣ, сеюм, Аммори Ёсар; чорум, Миқдори Асвад; панҷум, Ҳисони Собит; шашум, Абӯубайди Ҷарроҳ; ҳафтум Ҷобири Ансорӣ; ҳаштум, Суҳайли Яманӣ; нӯҳум, Муслими Маккӣ; даҳум, Малики Аштар; ёздаҳум, Амру бинни Умияи Замрӣ; чордаҳум, СайфиЯмани; понздаҳум, Қанбари Алӣ; шонздаҳум, Ҷавонмарди қассоб; ҳабдаҳум, Абулмуҳаҷҷан.

Санади миёнбастагони Мовароунаҳру Хуросон ва Табаристону Ироқ ва Аҷаму Араб ба Салмон мутаалиқ аст. Санади сокинони Мисру Искандария ва Ҳалабу тобеи он ба Довуди Мисрӣ, Санади аҳли Руму Мағриб ва баъзе аз ҷойҳои Озарбойҷон ба Суҳайли Румӣ ва санади аҳли Яман ва Адану Барбар, Ҳиндустон то сарҳади Чин ба Абулмуҳаҷҷан мерасанд.

Агар пурсанд, ки санади Салмониён чӣ гуна аст, бигӯй, ҳар тоифаеро санади дигар бошад. Барои он ки Салмони Порсӣ миёни Алии Ансорӣ баст ва Алии Ансорӣ миёни Ашҷани Маданӣ баст ва ӯ миёни Абӯмуслими Хуросонӣ баст ва ҳамчунин ҳар як миёни дигаре, ки мебастанд, иловаю фарқиятҳо падид меомад, ки сабаби гурӯҳҳои мухталиф: риёзия, шаҳна, ҳулдия, матвия, муслимия, мавлоия, ва монанди инҳо пайдо шуд. Ҳосили ҷамъ он ки ҳар миёнбастаи аҳли Хуросону Ироқ ва Мовароунаҳр, ки санади худро ба Салмони Порсӣ дуруст мекунад, марди комил аст.

## Фасли ҳаштум
## Дар ҳалвои ҳуфия

Агар пурсанд, ки ҳуфия чӣ маъно дорад, бигӯй, ҳуфия дар луғати араб лоқи (зарфи) чӯбинро гӯянд ва чун ҳалвои шадд дар чунин лоқӣ ба ҳам

мерасад, онро ба ҳуфия аз чӣ чиз бувад, бигӯй, аз равғани тоза, ҳурмо ва нон. Ҷумларо дар ҳуфия чангол карданд, чун ширин буд, онро ҳалво гуфтаанд. Ин ҳалво оташ надида… аст.

**Фасли нӯҳум**

**Дар кайфияти миён бастан**

… Чун устод хоҳад, ки миёни касе бубанбанд, аввал бояд ки дар макони васеи покиза маҷлис созанд. Пас, фарзанди тариқат дар маҷлиси пиру падари аҳд ва устоди шадд таъин кунад ва нақиб фармояд, ки эй азизон, фалон рӯз дар он маҳфил шайху нақиб ва бародарони тариқ ҳозир гарданд. Он гоҳ саҷҷодаи шайхро биандозанд, пас саҷҷодаи шаддро биандозанд ва ҳарду саҷҷодаро гӯша ба гӯша пайваста бояд ва саҷҷодаи шайх бояд ки бар дасти рост бошад ва шайх бар саҷҷода биншинад ва устоди тариқат, ки падари аҳд гӯянд рӯ ба рӯи шайх биншинад ва ду бародари тариқат ба дасти чапи падари аҳд биншинад ва ба паҳлуи якдигар… Косаи оби софе дар маҷлис ҳозир гардонанд ва қадре намаки сафеди пок, ки ҳеҷ чиз бо вай омехта нашуда бошад. Нақиб он обу намакро дар якдигар омезад.

Пас, чароғе, ки панҷ фатила дошта бошад, равшан гардонад. Бародарон, ки камарбаста бошанд, агар ҳама ҳозир натавонад шуд, албатта ду бародар бояд, ки ҳозир бошанд. Пас, падари аҳд фарзандро ба аҳд дароварад: То… бухлу кибр ва ҳасаду бадӣ бар бародарон раво надорад; дар амонат хиёнат накунад; инсоф бидиҳад; инсоф наситонад; мурид бошад; мурод диҳад; карим бошад; ин тоифаро мукаррам дорад; бар ноқобил нахандад.

Пас, устоди шадд бар пой хезад ва фарзандро бар чапи худ нигоҳ дорад ва ҳарду рӯй ба шайх биистанд. Шайх дасти фарзанд бигирад ва ӯро аз ҳар гуна гуноҳҳо тавба диҳад ва шаддро аз китфи худ бигардонад ва ба дасти фарзанд чап фуруд оварад. Пас, шаддро рост ба миёни саҷҷода андозад ва ба хутба хонад. Пас, чун хутба хонда шуд, арконе, ки дар футувватнома зикр аст, бихонанд ва бар фарзанд ҳуҷҷат гиранд. Он гоҳ устоди шадд бархезад ва ҳарду даст ба зери шадд бароварад. Аввал, дасти рост ва чаҳор ангушт дар зери шадд оварад ва ангушти ишорат зери шадд дорад ва он гоҳ сухане, ки бояд гуфт, дар гӯши фарзанд бигӯяд. Пас, обу намакро ба ҳозирон чашонад ва агар ҳалво бошад, ба шарте бирасонад. Пас, баъд аз се рӯз фарзанд назди устод ояд ва гиреҳ аз миёни вай бикшояд…

**Фасли даҳум**

**Дар маонӣ ва фавоиди мутаффариқа, ки таалуқ ба шадд дорад**

Агар пусранд,, ки шайху падари аҳд чаро мебояд, ки дар маҳфил бошанд, бигӯй, ки шайх ба ҷои қозӣ аст, падари аҳд ба ҷои вакил.

Агар пурсанд, ки чаро камтар аз ду бародари тариқ намебошад, бигӯй, барои он ки эшон мисли ду гувоҳанд бар иқрори фарзанд ва гувоҳ бар иқрор аз ду камтар намебояд. Агар пурсанд, ки маънии обу, намак, ки дар маҷлис ҳозир мекунанд, чист, бигӯй, ишорат ба он ки аҳли тариқ бояд чун об софу

равшандил бошанд ва ҳаққи намаки якдигар риоят кунанд, то чун об софу
равшандил бошанд ва ҳаққи намаки якдигар риоят кунанд, то чун обу намак дар ҳама ҷо роҳ дошта бошанд.

Агар пурсанд, ки маънии чароғи панҷ фатила чист, бигӯй, ишорат аст бад-он ки чароғи дил ба муҳаббат бояд, афрӯхт, то олами вуҷуд бад-он равшан гардад.

Агар пурсанд, ки фарзандро чаро дар вақти миён бастан ба дасти рост ҷой диҳанд, бигӯӣ, ки ба ростӣ ҳӯй кунад ва донад, ки миён ба ростӣ бояд баст на ба бозӣ.

Агар пурсанд, ки чаро дар дасти чап низ медоранд ва он ишорат ба чист, бигӯй, ишорат бад-он ки мебояд ҳар коре, ки фарзанд кунад ба дил кунад, ки дил бар ҷониби чап мебошад.

Агар пурсанд, ки се қадаме, ки устод аз сари шадд дур шуд чӣ маънӣ дорад, бигӯй, ишорат аст, бад-он ки як қадам бар сари нафс…ниҳодам ва яке бар сари шайтони лаин ва яке бар сари сарват, то касе ин се чизро поймол накунад, даст ба шадд натавонад расонид.

Агар пурсанд, ки сухане ки дар гӯши фарзанд мегӯянд, кадом аст, бигӯй, се нафс (сухан) аст, ки устод ба фарзанд мегӯяд, чунончи пир ҳам се нафс мегӯяд. Аммо нафсҳои устод ин аст: Бархез ба хидмат, биншин ба ҳурмат ва бигӯӣ ба ҳикмат!

Агар пурсанд, ки калимоте, ки устод дар вақти миён бастан ба шогирд мехонад чанд аст, бигӯй, дувоздаҳ: аввал, меҳрубонӣ ба дӯстон; дуюм, табарро аз душманон; …панҷум, адл кардан; шашум, аз ҳасад дил бардоштан; ҳафтум, шароити футувват донистан ва ба ҷой овардан; ҳаштум, ҷавонмардӣ кардан; нӯҳӯм, бо пир мурид будан; даҳум, муридро пир будан; ёздаҳум, ғолибро нозил будан; дувоздаҳум, нозилро ғолиб шудан.

Агар пурсанд, ки бастану кушодани шадд ишорат бар чист, бигӯй, ишорат аст ба он ки дар тариқ чанд чиз бастанӣ асту чанд чиз кушоданӣ. Агар пурсанд, ки бастанӣ чанд аст ва кушоданӣ чанд аст, бигӯй, дувоздаҳ чиз бастанӣ ва чаҳордаҳ чиз кушоданӣ.

Агар пурсанд, ки бастаниҳо кадом аст, бигӯй: Аввал бастани чашм аз ҳарому нодиданиҳо; дуюм, бастанӣ гӯш аз ношуниданиҳо; сеюм, бастани забон аз ногуфтаниҳо; чорум, бастани фикр аз ғайр; панҷум, бастани сина аз ҳасаду кина; шашум, бастани дил аз шак; ҳафтум, бастани даст аз озори халқ ва ногирифтаниҳо; ҳаштум, бастани халқ аз нохӯрданиҳо…; нӯҳум, бастани банди футувват аз зино ва нокарданиҳо; даҳум, бастани пой аз мавозеи тӯҳмат ва норафтаниҳо; ёздаҳум, бастани хотир аз фикрҳои беҳуда; дувоздаҳум, бастани роҳи бухлу тамаъ.

Агар пурсанд, ки кушоданиҳо кадом аст, бигӯй: аввал, кушодани дар ба рӯи меҳмон: дуюм, кушодани банди суфра барои гуруснагон; сеюм, кушодани пешонӣ барои мулоқоти мардумон; чорум, кушодани чашм ба дидани пирон ва муридон; панҷум, кушодани гӯш ба сухани устодон ва орифон; шашум, кушодани забон ба зикри субҳон; ҳафтум, кушодани даст ба шафқат ва эҳсон; ҳаштум, кушодани дил ба ишқ; даҳум, кушодани дари фикр ба ҳақоиқи ашьё; ёздаҳум, кушодани хотир ба нуктаҳои хуб; сездаҳум,

кушодани дари ахлоқ ба некӯӣ; чаҳордаҳум, кушодани роҳи сaховат ва дилҷӯӣ.

Агар пурсанд, ки падар миёни ту ба чӣ баст, бигӯй, ин сухан муғлата аст ва муғлата аст сухан равонест. Падар миён набандад, падар аҳд хонад ва устод миён бандад. Агар пурсанд, ки устод миёни ту ба чӣ баст, бигӯй, ба шадд ва талқини мардон.

Агар пурсанд, ки миёни ту ва устод чӣ нишон аст, бигӯй, ду ҳарф, ки забони хосон гӯяд ва гӯши хосон шунавад. Агар пурсанд, ки миён ба чанд чиз бояд баст, бигӯй, ба се чиз, ки се гиреҳ ишорат бар он аст: аввал, аҳд; дуюм, байат; сеюм, васият. Агар пурсанд, ки ҳақиқати шадд чист, бигӯй, феъл аст на қавл.

Агар пурсанд, ки шарти миёни шогирду устоди шадд чист, бигӯй, он ки ҳазору як рӯз хидмати устод кунад ва бе иҷозати ӯ аз хидмат ғофил нашавад….

Агар пурсанд, ки мурод аз миён бастан чист, бигӯӣ, пешбурд.

Агар пурсанд, ки пешбурд чист, бигӯй, се чиз аст: аввал, салом; дуюм, таом; сеюм, калом.

Агар пурсанд, ки маънии ин нафс чист, ки то яке набувад ду нагардад ва ду то набувад се нашояд, бигӯй, ин сухан он аст, ки то пир набувад, падари аҳд нашояд ва то пири падари аҳд набувад, устоди шадд натавонад гирифт.

Агар пурсанд, ки се нафси аслӣ кадом аст, бигӯй, он се нафс аст, ки кадом вақте ки муридро равон кунанд бо вай гӯянд ва яке фарз аст ва яке суннат ва яке шарт.

Агар пурсанд, ки ҳар яке кадом аст, бигӯй, фарз он аст, ки зоҳиру ботини худро пок дорад, суннат он аст, ки ҳурмати бародарон ба ҷой орад ва шарт он аст, ки пирро қибла донад.

Агар пурсанд, ки пиру мурид се нафс мегӯянд ва устод ба шогирд се нафс мегӯяд ва падари аҳд ба фарзанд чанд нафс мегӯяд? Бигӯй, ҳаме се нафс: аввал, он ки чун ба ғолиб расӣ, сокит (хомӯш) бош ва чун ба нозил расӣ, нотиқ бош ва чун ба мусовӣ, расӣ мушфиқ бош.

Агар пурсанд, ки маънии ин суханон чист, бигӯӣ, он ки чун касе ба касе расад, ки аз ӯ ғолибтар аст, бояд ки бо вай ба тариқи адаб зиндагонӣ кунад ва хомӯш бошад, то аз вай қоидае гирад ва чун ба касе расад, ки аз ӯ фурӯтар бошад, ба суханони ҳақ гӯё гардад ва ба хулқу карам зиндагонӣ намояд, то ба он кас фоида расонад; чун ба касе расад, ки бо ӯ баробар бошад, тариқи шафқат ва марҳамат фурӯ нагузорад…

## БОБИ ЧАҲОРУМ

**Дар баёни хирқа ва соири либосҳои аҳли фақр ва пӯшидану пӯшонидани он ва расонидани хирқа ба муридон ва шароити он ва одобу аркони он.**

### Фасли аввал
### Дар баёни хирқа

Бидон, ки шоири дарвешон пӯшидани марқаъ ва хирқаъ аст.

Агар пурсанд, ки хирқа чӣ маънӣ дорад, бигӯй, аз рӯи луғаи хирқа кореро гӯянд аз ҷома ва аз роҳи истилоҳ ҷомаеро гӯянд, ки аҳлӣ фақр пӯшанд ва сӯрохи дошта бошад ва чун аксари ҷомаҳои эшон кӯҳнаву сӯрох шуда бошад, онро хирқа гӯянд.

Агар пурсанд, ки хирқаро аз чӣ гирифтаанд, бигӯй, аз харак ва харак пора кардан бошад. Пас соҳиби хирқа бояд, ки риштаи таалуқ аз ҷамии алоқаҳо пора кунад… то ӯро пӯшидани хирқа зебад. Ва гуфтаанд, ин номро аз харк гирифтаанд ва он биёбон фароху ҳамвор аст, яъне соҳиби ин ҷома дар бодияи бениҳояти ишқ сулук (рафтор, муомила) менамояд ва биёбони муҷоҳидатро ба қадами риёзат ба сар мебарад. Ва гӯянд, аз хирқ гирифтаанд ва он марди бузургвори сахӣ мебошад. Маънии сухан он аст, ки чун касе хирқа пӯшад, бояд ки худро  бузургвор дорад. Яъне ба шуми тамаъ худро хор насозад ва саховатро шиори худ дорад. Ва баъзе гӯянд, ин исмро аз хирқа гирифтаанд ва он сӯрохии нармаи гӯш аст, ки ҳалқа дар вай кунанд. Пас, соҳиби хирқа бояд, ки ҳалқа ба гӯши дил бишнавад. Ва гӯянд, ин исмро аз хирқа гирифтаанд ва он равзане бошад дар хона ва мақсади сухан он аст, ки аз бӯстон дар хонаи дил бояд, ки равзане карда бошад ва пайваста дида бар он равзана ниҳад, то насиме, ки аз он гулшан бирасад, онро ба шомаи рӯҳ ҳис кунад.

**Фасли дуюм**
**Дар баёни хирқа пӯшидан**

Агар пурсанд, ки хирқа пӯшидан аз кӣ мондааст ва аввалин касе, ки хирқа пӯшид кӣ буд, … бигӯй, дар зоҳир авалин кас Одам буд…

Он дам, ки миёни обу гил буд одам,
Дар олами ҷону дил паямбар ӯ буд…

**Фасли сеюм**
**Дар шароити хирқа пӯшидан**

Агар пурсанд, ки чӣ фоида аст дар он ки ҳар мардеро хирқа пӯшонанд, бигӯй, се фоидаи куллӣ ҳаст: аввал он ки чун зоҳири мурид ба кисвати шайх ороста шавад, ҳароини ин маънӣ боиси он шавад, ки ботинаш низ ба либоси тақво, ки иборат аз сифоти комилаи ӯст зинат ёбад. Дуюм, он ки баракати дасти шайх ба вуҷуди мурид расад, то бошад ки миси вуҷудаш ба иксири (кимьё) назари он бузургвор зари тамом гардад. Маснавӣ:

Қатара ба баҳр ояду гавҳар шавад,
Мис чу ба иксир расад, зар шавад.
Ҳар кӣ зи маънӣ хабаре ёфтааст,
Аз дили соҳибназаре ёфтааст.
Ҳар назаре, к-аз сари сидқу вафост,
Чун ба ҳақиқат нигарӣ кимиёст.

Сеюм, ин ки хирқа сабаби пайванд миёни шайху мурид шавад.

Агар пурсанд, ки пир муридро кай хирқа тавонад пӯшонд, бигӯй, вақте ки мурид қадам дар олами иродат ниҳод ва накди қалбро ба нақша сиккаи амонат пайваст, муршиди комил хирқаи фақр ба ӯ пӯшонад ва онро ба ранги худ бароварад.

Агар пурсанд, ки ғарази куллӣ аз хирқа пӯшидан чист, бигӯй, ғарази куллӣ ва мақсуди аслӣ он аст, ки хирқа ҷомаи ошноӣ аст. Пас бояд ки феъли бегонагон накунад ва агар бикунад худро аз ошноии фақр бегона кунад. Шеър:

Ало, эй мураққаъ бипӯшида ҷуст,
Қадам дар раҳи фақр менеҳ дуруст.
Дар озори ҳеҷ офарида макӯш,
Ки озор бад бошад аз хирқапӯш.
Қабопӯши хунрези бегонахӯй,
Беҳ аз хирқапӯшони озорҷӯй.

Агар пурсанд, ки одоби хирқа пӯшидан чанд аст, бигӯй, чаҳор: Аввал, хирқаро дар муриди қобил пӯшонидан; дуюм, шароити пӯшонидани он ба мурид расонидан; сеюм, такбиру таҳлил фиристодан; чаҳорум, пирони гузашта ва соҳибони кусутро (пешгузаштагонро) ёд кардан.

Агар пурсанд, ки аркони хирқа пӯшидан чанд аст, бигӯй, ду: Аввал, он ки худ олим бувад ба одоб, то муридро ҳар гоҳ  воқеае пеш ояд, ҳалли он тавонад кард; дуюм, бояд, ки аз дасти пир хирқа пӯшида бошад, то дигареро тавонад пӯшонид.

Агар пурсанд, ки шароити хирқа пӯшидан чанд аст, бигӯй, се: Аввал, хирқа поку покиза сохтан; дуюм, аз ваҷҳи ҳалол тартиб фармудан; сеюм, аз тариқи бидъат дур доштан.

Агар пурсанд, ки аркони хирқа пӯшидан чанд аст, бигӯй, се: Аввал, онро аломати фақр ва ошнои фуқаро донистан; дуюм, хирқаро доми гадоӣ ва баҳонаи ҳурмати риёӣ насохтан; сеюм, даъворо ба маънӣ расонидан.

Агар пурсанд, ки одоби хирқа пӯшидан чанд аст, бигӯй, чаҳор: Аввал, он ки пок бошад; дуюм, он ки чун хирқа бипӯшида, чархе бизанад; сеюм, хирқаро ҳар гоҳ берун кунад ба ҳурмат дар ҷои пок ниҳад; чаҳорум, агар кӯҳна шавад, аз барои табаррук ямоқ дӯзад ва нагузорад ки якборагӣ бефоида гардад.

Агар пурсанд, ки чарх чаро бояд зад ва чӣ маънӣ дорад?
Байт:

Дил чу паргор ба ҳар сӯ давaронӣ мекард,
В-андар он доира саргаштаи по барҷо буд.

ё)

ҳамчу  паргор зи саргаштагиаш боке нест,

ҳар кӣ дар доираи ишқи ту собитқадам аст.

Агар пурсанд, ки имони хирқа чист, бигӯй, сатторӣ (пӯшида).
Агар пурсанд, ки эҳсони хирқа чист, бигӯй, ростгорӣ.
Агар пурсанд, ки шариати хирқа чист, бигӯй, парҳезкорӣ.
Агар пурсанд, ки тариқати хирқа чист, бигӯй, амонатдорӣ.
Агар пурсанд, ки ҳақиқати хирқа чист, бигӯй, аз ғайр бегона будан.
Агар пурсанд, ки ҷони хирқа чист, бигӯй, муҳаббати бардавом.
Агар пурсанд, ки фазилати хирқа чист, бигӯй, тарки ҳаво.
Агар пурсанд, ки фарзи хирқа чист, бигӯй, сӯҳбати пирон.
Агар пурсанд, ки суннати хирқа чист, бигӯй, хидмати мардон.
Агар пурсанд, ки калиди хирқа чист, бигӯй, такбир ва таҳлил.
Агар пурсанд, ки гиребони хирқа чист, бигӯй, роз нигоҳ доштан.
Агар пурсанд, ки остини хирқа чист, бигӯй, аз сару гуноҳи хасм даргузаштан.
Агар пурсанд, ки беруни хирқа чист, бигӯй, нуру сурур.
Агар пурсанд, ки даруни хирқа чист, бигӯй, сабр.
Агар пурсанд, ки тани хирқа чист, бигӯй, вафо.
Агар пурсанд, ки дили хирқа чист, бигӯй, шукру сидқ.
Агар пурсанд, ки осмони хирқа чист, бигӯй дасти пир.
Агар пурсанд, ки замини хирқа чист, бигӯй, тани фақир.
Агар пурсанд, ки накди хирқа чист, бигӯй,одобу ҳурмат.
Агар пурсанд, ки номи хирқа чист, бигӯй, ҳаё.
Агар пурсанд, ки коми хирқа чист, бигӯй, хушнудӣ.
Агар пурсанд, ки асли хирқа чист, бигӯй, бад надида кардан.
Агар пурсанд, ки ғӯсли хирқа чист, бигӯй, тарк.
Агар пурсанд, ки намози хирқа чист, бигӯй, покӣ.
Агар прусанд, ки ямини хирқа чист, бигӯй, таваккал.
Агар пурсанд, ки ясори хирқа чист, бигӯй, субботу тамкин.
Агар пурсанд, ки қиблаи хирқа чист, бигӯй, пири комил.
Агар пурсанд, ки камоли хирқа чист, бигӯй, ақидаи пок.

Агар пурсанд, ки аҳкоми хирқа чанд аст, бигӯй, шаш: Аввал, тавба; дуюм, сахо; сеюм, қаноат; чорум, ризо; панҷум, риёзат; шашум, ҳадди миёни хуфу риҷо.

Ин саволҳо ҳар хирқапӯш, ки надоранд, дар кори худ нотамом аст. Агар пурсанд, ки чаҳор бурҷи хирқа кадом аст, бигӯй, аввал ризо; дуюм, фано; сеюм, сафо; чорум, вафо.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи хирқа чанд маънӣ дорад, бигӯй, хирқа чаҳор ҳарф аст ва ҳар ҳарфе се маънӣ дорад, ки маҷмӯъ дувоздаҳ бошад.

«Х» - далолат ба хайрхоҳӣ, яъне хирқапӯш бояд, ки некхоҳи ҳамаи халқ бошад. «Р» - далолат ба роҳати халқ аст, яъне хирқапӯш бояд, ки худро фидои халқ кунад ва ранҷи худ бар роҳати эшон бигзорад, то аз факр насиби тамом дошта бошад. Ҳамчунин далолат ба рафқу раъфат (дӯстон) яъне бар ҳама кас меҳрубон ва хушхӯй бояд, ки дили халқ бирабояд.

Хубин мардум на накӯрӯӣ аст,
Хӯи накӯ мояи некӯӣ аст.

«Қ» - далолат бар қаҳри нафс, яъне соҳиби хирқа бояд, ки нафсро саркӯб кунад, то саломат бошад. Ҳамчунин далолат ба қурб, яъне хирқапӯш бояд, ки аз ботил дурӣ ҷуста ба кори ҳақ ягонагӣ ҷӯяд. Инчунин хирқапӯш бояд қабули дилҳо талабад, то мақбули ҳама гардад. «Аммо» «Ҳ» - хирқа, ки дар асл «а» аст, далолат ба «аз худ» бигрезад ва талаби рост кунад ва дар тавфиқу таҳқиқ бошад.

Гар набошад инояти тавфиқ,
Кай тавон ёфт давлати тасдиқ.
В-арзи тасдиқ партаве нарасад,
Дил нагардад мунаввар аз таҳқиқ.

## Фасли чаҳорум
## Дар баёни рангҳои хирқа

Бидон, ки рангҳои хирқа мухталиф аст ва ҳар ранге ишорат ба ҳолатест.

Агар пурсанд, ранги сафед аз они кадом тоифа аст, бигӯй, ранги сафед ранги рӯз аст ва аз они ҷамоатест, ки дили эшон равшан бошад ва синаи эшон аз кудуратҳо соф бувад. Ҳар кӣ ин ҷома бипӯшад, бояд ки чун субҳи содиқ бувад ва чун рӯз ҳама касро равшанӣ бахшад.

Агар пурсанд, ки ранги сабз аз они кист, бигӯй, ранги сабза ва об аст ва аз они олиҳимматон ва зиндадилон аст, ки рангро бисьёр писандиданд. Ҳар кӣ ин ранг ҷома пӯшад, бояд ки чун сабза хандону хуррам бошад ва монанди об ҳаётбахшудилпазир бошад.

Агар пурсанд, ки ранги сиёҳ аз они кадом гурӯҳ кардаанд, бигӯй, ранги сиёҳ ранги шаб аст ва ранги мардумаки дида ва аз они мардумест, ки дили эшон хазинаи асрор бошад ва ҳоли худро аз ҳама кас махфӣ медоранд ва монанди мардумаки дида ҳама касро бубинад ва худбинӣ накунад, чунон ки гуфтаанд:

Аз мардумаки дида бибояд омӯхт,
Дидан ҳама касрову надидан худро.

Агар пурсанд, ки ранги кабуд киро зебад, бигӯй, ранги кабуд ранги осмон аст ва касеро зебад, ки дар ҳоли худ тараққӣ карда бошад… ҳар кӣ ин ранг ҷома пӯшад, бояд ки чун осмон олиқадр ва баландҳиммат бувад. Бар ҳама кас соя афканад ва рӯзу шаб аз ҳаракат наёсояд.

Агар пурсанд, ки худранг аз они кист, бигӯй, ин ранги хок аст ва аз они мардуми некуниҳод. Ҳар кӣ ин ранг ҷома пӯшад, бояд ки сифати таҳаммул бар вай ғолиб ояд.

**Фасли панҷум**
**Дар баёни он ки хирқаи аҳли факр**
**аз чӣ ҷинс мебояд**

Бидон, ки ҳама ҷома хирқаро мешояд, илло абрешим, ки бар мардон нашояд. Дарвешро пашм пӯшидан авлост. Агар пурсанд, ки чаро пашмина авлост, бигӯй, барои он ки то ҳаловатро дар дилҳои худ дарёбанд.

Агар пурсанд, ки асли хиқа чанд аст, бигӯй, чаҳор: Якум, пашм; дуюм, пахта; сеюм, палос; чорум, пӯст.

**Фасли шашум**
**Дар баёни либосҳое, ки дар ин рӯзгор сӯфиён**
**ва футувватдорон мепӯшанд**

Он чаҳордаҳ навъ аст: ҳазорбахия , чаҳорчок, дучок, ялқ, оламдор, курсидор, фаровезбароварда, остиншикофта, шуша, қосимӣ, курайшӣ, салимӣ, мафтулӣ, капанак. Ҳар яке аз ин номгӯй хоси ҷамоатест…

**Фасли ҳафтум**
**Дар мутафаррикот**

Агар пурсанд, ки пашминапӯшро чанд сифат бояд, бигӯй, чаҳор сифат: Аввал, он ки дари муроди нафс дарбандад. Дуюм, синаро аз кина пок дорад. Сеюм, бетаккалуф зинадагонӣ кунад. Чаҳорум, роҳату осудагиро тарк кунад.

Ин ки дар бар кардаӣ пашминаро,
Пок соз аввал зи кина синаро.
Хирқати пашминаро бар дӯш кун,
Шарбате аз номдорӣ нӯш кун.
Бетакаллуф бошу ороиш маҷӯ,
Тарки роҳат гиру осоиш маҷӯ…

**Фасли ҳаштум**
**Дар васлаҳое, ки сӯфиёну дарвешон**
**бар сар мениҳанд**

Бидон, ки дар ин замон қариб ҳама тоҷҳои дарвешон ва аҳли тариқ тоҷи намад бошад, ки онро тоҷи мавлавӣ хонанд. Агар пурсанд, ки тоҷи намад аз кӣ мондааст, бигӯй, ҳазрати Мавлонои Румӣ ба ин навъ тоҷ фармуданд ва ба мавлавӣ машҳур шуд ва аз вай ба дарвешону муфридон расид.

Агар пурсанд, ки ин тоҷ киро расад бар сар ниҳодан, бигӯй, касеро ки ливои ишқ бар сари майдони мардонагӣ ва фарзонагӣ… барафрозад.

Агар пурсанд, ки киро зебад тоҷи пӯст пӯшидан, бигӯй, он касро ки ба сифати нафъ расонидан бар сар омада бошад ба воситаи он ки пӯсти гӯсфанд нишонаи он аст. Пас ҳар кӣ тоҷи пӯст мепӯшад,мебояд, ки бад-он миқдор

метавонад фоида ба халқ расонад ва сари таслим бар хати фармон ниҳад ва ҳар чӣ ба ӯ расад, рӯй натобад:

Гар лутф менамоию гар теғ мезанӣ,
Гардан ниҳодаам чу асирон ба ҷанги ту.

**Фасли нӯҳум**
**Дар баёни он чӣ бар рӯи тоҷ бандад**

Агар пурсанд, ки алифи намад ба рӯи тоҷ бастан чӣ маънӣ дорад, бигӯй, алиф сурати ростӣ аст ва чун ба шакли доира бар гирди тоҷ печидаанд, доираи росте бошад ва маънии ӯ он аст, ки мо сар аз  доираи ростӣ берун надорем ва ҳар кӣ рост аст мо ба ӯ сар дар миён орем:

Гоҳ он рӯи накӯ оинаи заррот аст,
Гоҳ заррот ҳама оинаи рӯи накӯст…

Агар пурсанд, ки шамла (дастори бӯи хуш дошта), кӣ метавонад баст, бигӯй, он кас ки шафқат ва марҳамати ӯ ба ҳама кас расад. Ба ҷиҳати он ки шамларо аз шамл гирифтаанд ва шамл ҳамаро фароз расидааст, яъне касе, ки шамла бандад, бояд ки бар ҳама кас меҳрубону мушфиқ бошад.

**Фасли даҳум**
**Дар бавни (ранг) тоҷҳо ва васлаҳо, ки бар рӯи тоҷ банданд**

Ранги ҳар тоҷе ва ҳар васлае, ки бар рӯи тоҷ аст ишорат ба маънӣ аст, ки ҳаводори оини футувват бо маънии он расида бошад. Агар пурсанд, ки сафед ишорат ба чист, бигӯй, ишорат ба ранги шир, ки сабаби тарбият ва ғизои кӯдакон аст. Пас, ҳар кӣ тоҷи сафед пӯшад, бояд ки чун шир аз ҳавову ҳаваси шаҳвонӣ ва палидиҳои шайтонӣ поку покиза бошад. Ва ба шири лутфу меҳрубонӣ дар парвариши сифоти ҳаққонӣ кӯшад, то ба мартабае расад ва ба дараҷае анҷомад, ки фуқаро дар зилли тарбияти ӯ баросоянд…

Агар пурсанд, ки сабз ишорат ба чист, бигӯй, ки сабза аз замин мерӯяд ва ӯро соқ (тана) набошад ва ҳар чӣ бо соқ рӯяд онро шаҷар гӯянд ва сабзаро хосиятест, ки тозаву тар бошад ва сабаби хуррамӣ гардад ва равшанӣ дар дида биафзояд. Пас, ҳар кӣ тоҷи сабз пӯшад ва ё васлаи сабз бандад, бояд, ки пайваста шукуфтаву хурраму хандон бувад, то дидаи ҳамсӯҳбатон ба ҷамоли ӯ равшан гардад.

Агар пурсанд, ки кабуд ишорат ба чист, бигӯй, ба ранги осмон…пас, ҳар кӣ тоҷи кабуд пӯшад ё васлаи кабуд бандад, бояд, ки олиҳиммат ва бузургкадр бошад ва ҳоҷати дардмандон раво кунад.

Агар пурсанд, ки худранг ишорат ба чист, бигӯй, ба хок ва заминро хосиятест, ки ҳарчи бад-ӯ супоранд ба зиёдат боз диҳад ва гулҳову раёҳин ба зуҳур расонад. Пас, ҳар чӣ тоҷи хокранг пӯшад, бояд ки чун замин амин

бошад. Ҳарчанд хори номурдорӣ дар роҳаш афканад, гули дилнавозиву райҳон бирӯёнад, то ҳамчун хок баландқадр гардад:

Хок шав, хок, то бирӯяд гул,
Ки ба ҷуз хок нест мазҳари гул.

## Фасли ёздаҳум
## Дар соири васлаҳо, ки таалуқ ба сӯфиён ва дарвешон дорад монанди саҷҷода, изору ридо (ҷома) ва камари сӯҳбат ва наълин (кафши чӯбин) ва пӯсти такя ва маони ҳар як

Агар пурсанд, ки саҷҷода чист, бигӯй, мубтадиёнро (оғозкунанда) остонаи хидмат аст ва мунтаҳиёнро (охир) бисоти қурбат аст. Агар пурсанд, ки одоби саҷҷоданишинӣ чанд аст, бигӯй, чаҳор: Аввал он ки бар рӯи саҷода ба ду зону нишинад ва агар зарурат бувад пои рост бароварад ва пои чап бияфканад. Дуюм, он ки нагузорад, ки пои вай бараҳна шавад. Сеюм, бинӣ наяфшонад ва оби даҳон наяфканад. Чорум, чунон созад, ки аз вай чизе дар вуҷуд ояд ё қавлӣ ё феълӣ… ҳар кӣ ба рӯи саҷҷода нишинад, бояд ки чун кӯҳ собитқадам бошад ва ба ҳар боде аз ҷой наҷунбад.

Агар пурсанд, ки изор чист, бигӯй, изор банди миёнро гӯянд ва он камарбанд аст. Агар пурсанд, ки миёнро ба чӣ бастаӣ, бигӯй, ба хидмат ва он чӣ шароити миён бастан бувад ва одобу аркони он бувад.

Агар пурсанд, ки ридо чист, бигӯй, васлаест, ки дар болои ҷомаҳо бар дӯш афкананд ва дар ин замон дар гардан низ меафкананд.

Агар пусранд, ки маънии ридо чист, бигӯй, маънии он пӯшидани асрор аз назари ағьёр…

Агар пурсанд, камар чанд навъ аст, бигӯй, ду навъ, аввал, камари сӯҳбат; дуюм, камари хидмат.

Агар пурсанд, ки камари сӯҳбат кӣ тавонад баст, бигӯй, фарде, ки ҳуқуқи сӯҳбат чунончи бояд адо кунад.

Агар пурсанд, ки ҳуқуқи сӯҳбат ба чӣ навъ адо тавон кард, бигӯй, ба он навъ, ки панҷ сифат риоят кунад: Якум, ҳурмат; дуюм, шафқат; сеюм, иззат; чорум, мурувват; панҷум, тарки ғаразхоҳӣ.

Агар пурсанд, ки камари хидмат барои кӣ мебояд баст, бигӯй, барои дарвешон:

Давлат он набвад, ки султонро парастӣ чун сагон,
Хидмати дарвеш кун, к-ин поя фарии ӯ фар аст.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи камар чӣ маънӣ дорад, бигӯй, «К» - нишони кифоят аст, «М» - аломати масканат аст, «Р» - далели ризо аст, яъне ҳар кӣ камар баста бошад, бояд, ки ба кори мардум кифоят кунад ва пайваста ба мискинон нишасту хост кунад ва масканат варзаду соҳиби иззат бошад.

Агар пурсанд, ки наълин кӣ тавонад пӯшад, бигӯй, он кас ки роҳи талаби ҷидду ҷаҳди ӯ зиёда бошад, барои он ки ҳар кӣ пойбараҳна бошад

чунин роҳ натавонад рафт. Агар пурсанд, ки ҳуруфи наълин ишора ба чист, бигӯй, «Н» - ишорат ба ниёз аст. «А» - ишорат аст , ба иззат , яъне ҳар кӣ наълин пӯшад, бояд ки қадам ба тариқи иззат ниҳад, пой аз доираи ҳурмат берун накашад, то хама ҷо мӯҳтарам бошад. «Л» - ишорат бар лутфу марҳамат, яъне бо ҳама кас лутф варзад ва бар ҳама кас меҳрубон бувад, то шоистаи раҳмат гардад.

## БОБИ ПАНҶУМ

## **Дар одоби аҳли тариқ**

Бидон, ки бузургон гуфтаанд, ки дарвешӣ тамом адаб аст. Яъне ҳар вақте ва ҳар ҳоле ва ҳар мақомеро одобе аст. Пас, ҳар кӣ муҳофизати одоб кунад, ба мақоми мардон расад ва Саноӣ дар «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» гуфтааст, ки сӯҳбат натиҷаи адаб аст ва адаб натиҷаи ҳурмат ва ҳурмат натиҷаи дил ва дил хазинаи ақл, ақл бошад хазинаи сирр ва сирр хазинаи маърифат… аст. Ва гуфтаанд: адаби зоҳир нишонаи адаби ботин аст…, ҷое расад, аз адаб расад. Чунончи, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ мефармояд:

Аз адаб пурнур гашатааст ин фалак,
В-аз адаб маъсуму пок омад малак.

ё)

Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ,
Бинеҳ бар сар, бирав ҳар ҷо, ки хоҳӣ.

### **Фасли аввал**

### **Дар одобе, ки аҳли тариқро муҳофизати дил аст ва муҳофизати ҳафт узв: чашму гӯш, забону даст ва шикаму фарҷу пой**

Агар пурсанд, ки муҳофизати дил чӣ гуна аст, бигӯй, чунонки аз маосии дил эътироз кунӣ ва асли маъсиятҳои дил ҳасад аст ва уҷбу (ғурур) риё ва ғафлату ғурур ва бухлу ҳирс ва амсоли инҳо.

Дигар, он ки оинаи дилро…равшан дорӣ ва ин хилватхонаро аз хасу хошок ба ҷорӯб пок созӣ.

То нарӯбанд ба ҷорӯби сафо хонаи дил,
Манзараш ҷилвагари ҳазрати ҷонон нашавад.

Агар пурсанд, ки адаби чашм чанд аст, бигӯй, ду: яке он ки онро ба чаҳор чиз бикшоӣ, дуюм он ки онро аз чаҳор чиз барбандӣ. Агар пурсанд, ки он чаҳор чиз, чашм бад-он кушод, то чун роҳ бираванд, заминро бинанд ва пеши пои худ мулоҳиза кунанд. Дуюм, дар назораи осмону замин бояд кушод… Сеюм ба ибрат мебояд кушод, ки он чӣ бинанд, аз он эътиборе гиранд…

Агар пурсанд, ки он чаҳор чиз ки аз он чашм мебояд баст, кадом аст, бигӯй, аввал дида бибояд баст аз номаҳрам, ки нигоҳ кардан дар номаҳрам тири заҳролудест, ки ба ҳар дил ки ояд, аз дасти шайтон ҷон набарад. Дуюм, чашм ба ҳам бояд ниҳод аз суратҳои неку, вақте ки ба шаҳват дар он нигаранд ва агар касе аз рӯи покӣ дар касе ва дар сурати некӯ нигарад, ҳеҷ нуқсоне надорад, чунонки гуфтаанд:

Гар нигарӣ покрухи лолафом,
Нест гулу лола ба дидан ҳаром.
Дида, ки дар вай назари пок нест,
Сурмаи он дида ба ҷуз хок нест.

Сеюм, дида бояд баст аз айб дидан ки ҳеҷ касро бадтар аз айббинӣ нест:

Айби касон мангару эҳсони хеш,
Дида фурӯ бар ба гиребони хеш.

Чаҳорум, он ки дида бибояд баст аз он, ки ба назари ҳиқорат дар мардум нигаранд ва ба ҳоли касе истихфоф (ночиз шуморидан) кунанд, ки ҳеҷ кас… аз ҳоле холӣ нест, чунон ки Хоҷа Имомуддини Фақеҳ фармояд:

Гар подшоҳи мулкию гар сояи илоҳ,
Дар ҳеҷ кас ба чашми ҳақорат макун нигоҳ,

Агар пурсанд, ки адаби гӯш чанд аст, бигӯй, ду: Аввал, он ки ба се чиз бикшоӣ. Дуюм он ки аз се чиз дарбандӣ. Агар пурсанд, ки он се чиз, ки гӯш бад-он бояд кушод, кадом аст бигӯй… Сеюм, суханони машоих ва аҳли ҳикмат.

Агар пурсанд, ки он се чиз, ки гӯш аз он дарбояд баст, кадом аст, бигӯй, аввал сухани ботил ва калимоти бидъат. Дуюм, аз истимои ҳазьёну фаҳш аз суханони беҳосил. Сеюм, аз шунидани ғайбату бӯҳтон ва айб, ки шунаванда дар вубол (гуноҳ) шарики гӯянда аст.

Агар пурсанд, ки адаби забон кадом аст, бигӯй, он ки ба шаш чиз бикшоӣ ва аз ҳашт чиз дарбандӣ.

Агар пурсанд, ки он забон, ки бад-он бояд кушод, кадом аст, бигӯй, изҳори он чӣ дар дилҳо ниҳон аст аз ҳоҷати зарурия, дар ионати (ёри) мазлумон ва иғосати (фарьёдрасӣ) маҳрумон сухане гуфтан, ки бад-он шарри золим аз сари мазлум дафъ шавад. Агар пурсанд, ки он ҳашт чиз, ки забон аз он дарбояд баст, кадом аст, бигӯй, аввал дарбояд баст аз дурӯғ, ки дурӯғгӯӣ адӯ аст. Дуюм, аз хилофи ваъда, ки он сифати мунофиқон аст. Сеюм, аз ғайбату бӯҳтон, ки он амали фосиқон аст. Чаҳорум, аз ҷадал, хусумат ва суханчинӣ ва айбгӯӣ, ки инҳо аз васвасаи шайтон аст. Панҷум, аз санова сутудани худ, ки далели уҷб (худписандӣ) ва туғьён (аз ҳад гузаштан) аст. Шашум, аз лаънат кардан бар навкарон ва хидматгарон, ки феълӣ ҷабборон

(лозим) аст. Ҳафтум, аз дуои бад нафрин кардан, ки он сабаби кудурати дилу ҷон аст. Ҳаштум, аз мазох ва тамоҳара (ҳазл) ва тасхар (масхара кардан) ва ҳазл, ки он воситаи ранҷиши фаровон аст.

Агар пурсанд, ки адаби даст чанд аст, бигӯй, панҷ: Аввал, он ки касби ҳалол кунанд. Дуюм, он ки касеро наёзорад. Сеюм, он ки ҳаром фаро нагирад. Чаҳорум, он ки дар амонат хиёнат накунад. Панҷум, он ки ба қалам чизе нависад, ки ба забон тавон гуфт.

Агар пурсанд, ки адаби шикам кадом аст, бигӯй, он ки аз ҳаром ва шубҳат пок дорад.

Агар пурсанд, ки адаби пой чист, бигӯй, ду: Аввал он ки ба се мавзеъ равон кунӣ. Дуюм, он ки аз се маҳал боздорӣ.

Агар пурсанд, ки он се мавзеъ, ки бояд рафт, кадом аст, бигӯй, аввал ба мавзеи хайр равад. Дуюм, он ки ба шафоати гуноҳкоре ё аёдати беморе, ё дафъи зулмеву озоре қадам бояд ниҳод.

Агар пурсанд, ки он се мавозеъ, ки набояд рафт, кадом аст, бигӯй, аввал ба хонаи золимон ва ҳаромхӯрон, магар ба зарурат. Дуюм, ба мавозеи туҳмат ва ҷоҳои нолоиқ, чун қиморхона ва харобот. Сеюм, аз паси номаҳрам нашоист қадам ниҳодан.

## Фасли дуюм
## Дар одоби арбоби тариқ ё ҳар тоифа

Он чанд навъ тавонад буд? Адаб бо пирон ва бо устодон, бо падару модар ва хешон ва бо дӯстон ва бо ошноён ва бо ҳамсоягон ва бо бегонагон…

Агар пурсанд, ки адаб бо падару модар чанд аст, бигӯй, дувоздаҳ: Аввал он, ки ҳурмати эшон ба воҷиб нигоҳ дорад. Дуюм, ба моли дуньё бо эшон музояқа (сахтӣ) накунад. Сеюм, ба мурооте, ки ба эшон кунад, миннат бад-эшон оид нагардонад. Чаҳорум, низ дар рӯи эшон нангарад. Панҷум, чун бихонандаш, зуд иҷобат (қабул) кунад. Шашум, дар вақти мулоқоти эшон рӯй дарҳам накашад. Ҳафтум, ҳар чӣ фармоянд, ки дар он маъсияте (гуноҳ) набошад, ба ҷой оварад. Ҳаштум, дар сухан гуфтан бо эшон ё бо дигаре дар пеши эшон овоз баланд накунад. Нӯҳум, бе дастури эшон ба сафар наравад. Даҳум, дар талаби ҳосил кардани хушнудии эшон бошад. Ёздаҳум, эҳсон бо эшон, сонӣ ибодат донад, яъне, биҳишт дар зери қадамҳои модарон аст:

Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Андар таҳи пои модарон аст.

Агар пурсанд, ки шароити адаб бо хешовандон чанд аст, бигӯй, ҳафт: Аввал, он ки бо эшон пайванд (дӯсти) кунӣ, ки силаи раҳм (алоқа ба хешу табор) дар умр бияфзояд. Дуюм, бо мол бо эшон мувосот (кӯмак) кунӣ. Сеюм, ба шодии эшон шод гардӣ ва ба ғами эшон ғамгин гардӣ. Чаҳорум, дар вақти мададгорӣ тариқи муованат (дастгирӣ) фурӯ нагзорӣ. Панҷум, ҳарчанд бо ту ҷафо кунанд, дар мукофоти он, вафо ба ҷой орӣ. Шашум, бо

душманони эшон дарнасозӣ. Ҳафтум, қасди мол бо арзи (матоъ) эшон накунӣ, ки ту низ беномус ва беарз (беқадр) мешавӣ.

Агар пурсанд, ки шарти адаб бо дӯстон чанд аст, бигӯй, он ки дар дӯстии ӯ ҳеҷ ғаразе тасаввур натавон кард ва ломати инчунин кас он аст, ки дар ӯ панҷ хислат бошад: Аввал, ақл ки дар сӯҳбати беақл ҳеҷ хайр набувад. Акобир (бузургон) гуфтаанд: «Душмани доно, беҳ аз дӯсти нодон». Дуюм, некхӯ бошад, ки бо бадхӯ сӯҳбат ба душворӣ муяссар шавад. Сеюм, салоҳи нафс, ки бо муфсид (бадкор) ва фосиқ неку набувад… Чаҳорум, қаноат, ки ҳар кӣ дуньё дӯст ва ҳарис (гурусначашм) бувад, дӯст нагардад, сӯҳбати ӯ ҳамчу захри қотил бошад. Панҷум, ростӣ, ки ҳар кӣ  норост ва каҷбоз (фиребгар) ва қалб бошад, дар дӯстии вай ҳеҷ роҳат набувад, барои он ки ҳар чӣ гӯяд, барои он эътимод натавон кард.

Агар пурсанд, ки дӯстии маҷозӣ кадом аст, бигӯй, он ки дар дӯстии ӯ ғараз мутасаввир бошад ва он дӯстӣ эътимодро нашояд, барои он ки ҳар  кӣ ба ғараз дӯстӣ кунад, чун ғарази худ ҳосил кунад, дӯстӣ ба охир анҷомад ва агар ғарази вай ҳосил нашавад, дӯстӣ ба душманӣ мубаддал гардад.
Шайх Саъдӣ фармудааст:

Ин дағал дӯстон, ки мебинӣ,
Магасонанд гирди ширинӣ.
То хутоме, ки ҳаст, менӯшанд,
Ҳамчу занбӯр бар ту меҷӯшанд,
В-он замоне, ки деҳ хароб шавад.
Киса чун косаи рубоб шавад,
Тарки сӯҳбат кунанду дилдорӣ,
Дӯстӣ худ набуд, пиндорӣ!
Рост гӯям, сагони бозоранд,
К-устухон аз ту дӯсттар доранд!

Агар пурсанд, ки чун дӯсти ҳақиқӣ ба даст ояд одоби ӯ чӣ гуна риоят тавон кард, бигӯй, бад-он навъ ки бо ӯ бист тариқ риоя доранд: Аввал, мол аз ӯ дареғ надоранд, агар ҳама мол натавон, боре он миқдор, ки ҳоҷати вай бад-он раво шавад. Дуюм, рози вай бо касе нагӯянд ва дар миёни ҷон нигоҳ доранд. Сеюм, айби вай бипӯшанд аз халқ, на аз вай, балки бо вай бигӯянд, то ба чораи он машғул шавад. Чаҳорум,  сухани вайро ба гӯшу ҳуш бишнаванд. Панҷум, бар сухани  вай эътироз накунанд ва айби он наҷӯянд. Шашум,  вайро бо номи некӯ хитоб кунанд. Ҳафтум, некӯии вайро шукр гӯянд. Ҳаштум, дар ғайбати вай бо некиву хубӣ ёд оранд. Нӯҳум, чун ба насиҳат ҳоҷат афтад, ба таъриз (муфассал) ва лутф гӯянд ва аз тасреҳ (амиқу ошкоро) ва унф (дағалӣ) дур бошанд. Даҳум, хатоҳои вайро даргузоранд (бахшанд) ва нодида ангоранд. Ёздаҳум, бори худ бар вай наафкананд. Дувоздаҳум, ба шодии вай шодӣ кунанд ва ба малоли вай малул бошанд. Сездаҳум, бар вай ба салом ибтидо кунанд. Чаҳордаҳум, ҳурмати вай ба навъе, ки зиёдат аз он нашояд, ба ҷой оранд. Понздаҳум, дар миёни сухани вай сухан нагӯянд. Шонздаҳум, ба вай ҳамон писанданд, ки ба худписанданд.

Ҳабдаҳум, вайро дар маҳалли солеҳ сано гӯянд. Ҳаждаҳум, дар маҷлис вайро тақдим кунад (пеш гузаронанд) ва ҷои некӯ биншонанд. Нӯздаҳум, дар вақти мададгорӣ ҳимоят фурӯ нагзоранд. Бистум, бо душманони ӯ дӯстӣ наварзанд ва бо дӯстони ӯ душшманӣ накунанд ва асл дар ин боб аст, ки бо вай чунон маош (муносибат) кунанд, ки дӯст доранд, ки бо эшон маош бар он ваҷҳ воқеъ гардад ва яқин донанд, ки дар олам ҳеҷ саодате баробари ёре некӯ нест:

Эй дӯст, бирав ба ҳар чӣ дорӣ
Ёре бихару ба ҳеҷ мафрӯш.

Пас, дар одоби ёрӣ, чандон ки метавон, мулоҳиза мебояд намуд, чунонки устод фармояд:

З-он ҳама к-одоб накӯкорӣ аст,
Мояи аввал адаби ёрӣ аст.
З-он ки дар офоқ, зи барнову пир
Ҳеҷ кас аз ёр надорад гузир.

Агар пурсанд, ки шарти адаб бо ошноён чанд аст, бигӯй, шаш. Аввал, ки ошноиро  ҳар соат зиёдат кунад. Дуюм, он ки фоида бад-эшон расонӣ ба дасту забон ва ба ҳар навъ, ки тавонӣ. Сеюм, насиҳат аз эшон бознадорӣ. Чаҳорум, тамаъ аз эшон мунтақеъ (дур) дорӣ. Панҷум, пайваста тафаҳуси (пурсиши) аҳволи эшон кунӣ. Шашум, агар бадӣ кунанд, итоб (маломату сарзаниш) накунӣ ва даргузарӣ.

Агар пурсанд, ки адаб бо ҳамсоягон чанд шарт дорад, бигӯй, чаҳордаҳ. Аввал, он ки лутф ва меҳрубонӣ бо эшон дареғ надорад. Сеюм, агар бадӣ бинад, эшонро фазиҳат (беобрӯӣ) накунад. Чаҳорум, муованат (мададгор) ва ҳимояти эшон бад-он миқдор, ки тавонад ба ҷой оварад. Панҷум, бори худ бар эшон нанихад, балки бори дили эшон бардорад. Шашум, агар ҳоҷате аз они эшон раво кунад, бар эшон миннат нанихад. Ҳафтум, агар аз эшон  нафъе бирасад, шукр гӯяд. Ҳаштум, агар дар бораи ин кас тақсире (нуқсон) ба ҷой оранд, шикоят накунад. Нӯҳум, агар дарвеш ва мӯҳтоҷ бошанд бад-он чӣ датсрас бошад, бо эшон мусамаҳат  (мадад) кунад.  Даҳум, агар дастафзоре талабанд, ба хушдилӣ бад-эшон диҳад.  Ёздаҳум, обу намак ва ҳезум аз эшон дареғ надорад. Дувоздаҳум, фарзандони хурди эшонро бинавозад. Сездаҳум, дар таъзияту таҳният (муборакбод) ва ғаму шодӣ бо эшон мувофиқат варзад. Чаҳордаҳум, дар оброҳ ва пойроҳ ва равзана (дариҷа) ва ҳар чӣ эшонро аз он нафъе расад ва дигареро зараре набошад, музояқат (душворӣ) нанамояд ва илал – ҷумла бояд, ки ҳурмати ҳамсоя бар ваҷҳе бошад, ки мазиде бар он мутасаввир набошад.

Агар пурсанд, ки одоб бо бегонагон чанд аст, бигӯй, шаш. Аввал, он ки ба ҳеҷ кас ба чашми ҳақорат нигоҳ накунӣ. Дуюм, худро дар миёни сухани эшон наяфканӣ. Сеюм, аз суханони ноҳамвори эшон худро ғофил созӣ. Чаҳорум, агар ношоистагӣ бинӣ, насиҳат кунӣ. Панҷум, шафқат аз эшон во

надорӣ. Шашум, то касеро аз эшон қобил (шоиста) надонӣ, дар сӯҳбат роҳ надиҳӣ.

## Фасли сеюм
## Дар одоби такядорон

Бидон, ки ҳар такья нишонаест, ки мусофирону муҷовирон бад-он (нишонае оваранд). Пас мебояд, ки такьяро ба чанд сифат махсус ва мумтоз бошад, то такьядорӣ ӯро мусаллам бувад…

Агар пурсанд, ки такьядор чӣ маънӣ дорад, бигӯй, ба дарвозаи марг ҳозир будан ва ба як нафас эътимод нафармудан….

Агар пурсанд, ки ҳосили такья чист, бигӯй, дидор…

Агар пурсанд, ки мақсади такья чист, бигӯй, хидмати фуқаро.

Агар пурсанд, ки қиблаи такья кадом аст, бигӯй, назар бар дилҳо доштан.

Агар пурсанд, ки  санади такья кадом аст, бигӯй, назар бар дилҳо доштан.

Агар пурсанд, ки садри такья кадом аст, бигӯй, он ҷо ки комил нишаста аст.

Агар пурсанд, ки сирри такья чист, бигӯй, суфра.

Агар пурсанд, ки нури такья чист, бигӯй, чароғ.

Агар пурсанд, ки обрӯи такья кадом аст, бигӯй, покӣ.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи такья чӣ маънӣ дорад, бигӯй, «Т» - далолат кунад бар таваккал. «К» - далолат кунад бар карам, яъне соҳиби такья бояд, ки карим бошад. «Й» - далолат кунад ба якрангӣ ва якҷиҳатӣ. Яъне такьядор бояд, ки дар кори  худ якранг бошад. «Ҳ» - далолат бар ҳаводорӣ, яъне такьядор бояд, ки ҳаводори дарвешон ва мусофирон бошад ва ба дилу ҷон фуқароро дӯст дорад, то такьядориро бояд, ки ҳаводори дарвешон ва мусофирон бошад ва ба дилу ҷон фуқароро дӯст дорад, то такьядориро шояд.

Агар пурсанд, ки бар такьядорӣ чанд адаб воҷиб аст, бигӯй, дувоздаҳ чиз: Аввал, тавозуъ намудан. Дуюм, ба забон дӯстонро навохтан. Сеюм, рӯи кушодаву лаби хандон доштан. Чаҳорум, суҷуди тариқат ба ҷой овардан. Панҷум, то се рӯз аз мусофирон савол накардан. Шашум, агар сад бадӣ бинад ба карам дар гузаронидану пӯшидан, то замоне, ки меҳмонӣ се рӯзу се шаб аст бигзарад. Ҳафтум, то се рӯз суфра кушодан. Ҳаштум, ба дилу ҷон толиби мусофирон будан ва бо эшон бахилӣ накардан. Нӯҳум, аз кору одоби тариқат сухан рондан. Даҳум, хушмашрабӣ кардан ва бо дарвешон зӯҳди хушк наварзидан. Ёздаҳум, айби ёронро мастур доштан. Дувоздаҳум, чун бурун раванд шикоят накардан.

## Фасли чаҳорум

## Дар одоби такя даромадан

Бидон, ки ҳар дарвеше, ки ба манзил расад, бояд ки аз аҳволи сокинони он диёр пурсиш намояд ва ҳар ҷо ки аз аҳли дилу азизе нишон ёбад, худро ба мулозимати ӯ расонад ва дар омадан ба такьяи фуқаро чанд чиз риоят кунад, то донанд, ки ӯ миён бастааст ва хидмати фуқаро карда.

Агар пурсанд, ки адаби такья даромадан чанд аст, бигӯй, се: Аввал, он ки пок (бо вузӯ) бошад. Дуюм, он ки чун ба остона расад, пои рост пеш ниҳад….

Агар пурсанд, ки мустаҳиби такья даромадан чанд аст, бигӯй, ду: Аввал, он ки чун ба такья дарояд дуо хонад. Дуюм, ҷои пок талаб кунад…

Агар пурсанд, ки ҳурматӣ  ба такья даромадан кадом аст, бигӯй, он ки агар синоне бар сари асо дорад синонро рӯй ба худ кунад, на ба такья.

Агар пурсанд, ки ин чӣ маънӣ дорад, бигӯй, маънияш он аст, ки бо синони муҷоҳида бар нафси худ задаем.

Агар пурсанд, ки аркони ба такья даромадан чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал – салом кардан. Дуюм, аз сари тавозуъ рӯй бар хок ниҳодан. Сеюм, аҳли ҷамъро мусофиҳа кардан ва ба даст дарёфтан. Чаҳорум, тарҷимон гуфтан. Панҷум, ҷой талаб кардан. Шашум, саҷда ба ҷой овардан. Ҳафтум, ҳаққи қудум гуфтан. Ҳаштум, ҳар ҷо ки ҳавола кунанд, нишастан.

Агар пурсанд, ки шарти такья даромадан кадом аст, бигӯй, он ки нишонаи иродат бинамояд.

Агар пусранд, ки нишонаи иродат кадом аст, бигӯй, он ки бе тӯҳфаву табрик ба назди пирон наравад…

Агар пурсанд, ки ба такья ба сар омадӣ ё ба пой, бигӯй, ба сидку сафо омадам.

Агар пурсанд, ки чӣ рӯй омадӣ, бигӯй, ба рӯи ниёз.

Агар пурсанд, ки ба бӯи кӣ омадӣ, бигӯй, ки ба бӯи меҳру вафо.

Агар пурсанд, ки такья туро талабид ё ту такьяро талабидӣ, бигӯӣ, такья маро талабид ва ман соҳиби такьяро.

Агар пурсанд, ки ба чанд аҳд ба такья даромадӣ, бигӯӣ, ба чаҳор аҳд. Агар пурсанд, ки он чаҳор аҳд кадомҳоянд, бигӯӣ, аввал даромадан ба ҳурмат. Дуюм, нишастан ба иззат. Сеюм, гуфтан ба ҳикмат ва чаҳорум бархостан ба хидмат.

## Фасли панҷум
## Дар одоби нишастан

Бидон, ки дар нишастан адабе чанд ҳаст, ки риояти он бояд кард.  Аммо шайхро  навъе бояд нишастан ва фарзондони тариқро навъе.

Агар пурсанд, ки адаби нишастани шайх чанд аст, бигӯӣ, агар бар рӯи саҷҷода менишинад… чаҳор адаб аст. Агар бар ғайри саҷҷода нишастааст, чаҳор чиз риоят бояд кард: Аввал, рӯй ба қибла. Дуюм, бар ду зону. Сеюм, бисьёр ба чапу рост нангарад. Чаҳорум, аз маҷлис барнахезад, магар зарурат бошад.

Агар пурсанд, ки адаби фарзандони тариқ дар нишастан чанд аст, бигӯӣ, ҳашт: Аввал ин ки ҳар чӣ эшонро ҳавола кунанд биншинанд. Дуюм, он ки ба болову паст ва ба чапу рост нангарад. Сеюм, то касе бо эшон сухан нагӯяд, сар аз пеш барнаёранд. Чаҳорум, агар соҳибҷамоле дар маҷлис бошад, бисьёр дар вай нангарад. Шашум, бисьёр барнахезад. Ҳафтум, талаби тақаддам накунад ва агар касе  бар эшон муқаддам  нишинад, бо вуҷуди он ки роҳи  ӯ набошад аз он  бад набарад, ки бузургон гуфтаанд: «Мард бояд, ки макон бад-ӯ шараф ёбад, на ӯ ба макон». Ҳаштум, он ки ҷой бар ҳамнишин танг нагардонад.

Агар пурсанд, ки куҷо нишастаӣ, бигӯй, бар замини абадият ва фарши хидмат.

Агар пурсанд, ки барои чӣ  нишастаӣ, бигӯй, барои назар.

Агар пурсанд, ки бархезу биншин чӣ маънӣ дорад, бигӯй, маънӣ он аст, ки аввал бархез ба хидмат, охир биншин ба ҳурмат.

## Фасли шашум
## Дар одоби сухан гуфтан

Бидон, ки шарафи одамӣ ба нутқ аст ва ҳар кӣ дар нутқ адаб риоят накунад, аз ин шараф бебаҳра  бошад. Барои он ки нутқ ба савоб (сухани рост) бояд ва илло хомӯшӣ беҳ, аз он бувад. Чунонки шайх Саъдӣ фармуда:

Баҳоим хамӯшанду гӯё башар,
Забон баста беҳтар, ки гӯё ба шар.

Ва дар сухан гуфтан чандин адаб аст, ки шайху ғолибро риоят кард ва чандин адаби дигар аст, ки нозилон  (шахси то мартабаи шайх расидаро) нигоҳ бояд дошт. Агар пурсанд, ки адаби ғолибон дар сухан гуфтан чанд аст, бигӯй, шаш: Аввал, он ки сухан фарохури (муносиби**)** ҳоли ҳар кас гӯяд:

Бо ёри нав аз ғами куҳан бояд гуфт,
Бо ӯ ба забони ӯ сухан бояд гуфт.

Дуюм он, ки ба лутф сухан гӯяд, на ба унф (дуруштӣ). Сеюм, он ки дар вақти сухан  гуфтан хандон ва шукуфта бошад, на тарушрӯю гирифта. Чаҳорум, чандон сухан ба мустамеъи (шунавандаи) он гӯяд, ки ба малоли хотири эшон наанҷомад. Панҷум, сухан гӯяд, ки манфиати дуньё …дар он бошад. Шашум, то сухане тамом басёр (қадр) набошад, бар забон наронад, ки сухан бузургон ба масобаи (монанди) тухм аст ва агар тухм фосиду бемағз бошад дар ҳар замин, ки афтад, нарӯяд ва аз ӯ манфиате ба ҳосил нарасад.

Агар пурсанд, ки адаби нозилон дар сухан чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал, он ки то аз вай сухан гуфтан напурсанд, нагӯяд. Дуюм, дар вақти сухан гуфтан овоз баланд накунад. Сеюм, ба чапу рост нангарад. Чаҳорум, ғаразомез ва киноят нагӯяд. Панҷум, дар рӯи шунаванда наҷаҳад ва сухани сахт нагӯяд. Шашум, то фикр накунад, сухан нагӯяд, то пушаймон нашавад.

Ҳафтум, дар миёни сухани мардум сухан дарнаёрад ва сухани гӯяндаро мунтақеъ (бурида) нагардонад. Ҳаштум, бисьёр нагӯяд, ки бисьёр гуфтан нишонаи андакақлӣ аст, чунончи Шайхи Ганҷанишин дар «Лайливу Маҷнун» фармояд:

Кам гӯю гузида гӯӣ чун дур,
То з-андаки ту ҷаҳон шавад пур,
Лоф аз сухани чу дур тавон зад.
Он хишт бувад, ки пур тавон зад,
Об арчи басе зулол хезад,
Аз хӯрдани пур малол хезад…

Агар пурсанд, ки ба чӣ забон сухан мегӯӣ, бигӯй, ба забони сидқ. Агар пурсанд, ки сухан ба кадом гӯш мешунавӣ, бигӯй, ба гӯши қабул.

Агар пурсанд, ки сухан аз ту аст ё ту аз суханӣ, бигӯй, ман аз суханам ва сухан аз ман аст, ки меваи дарахти инсонӣ сухан аст. Агар пурсанд, ки сухани ноқис кадом аст, бигӯй, он ки мувофиқи сухани  худову Расул бошад.

Агар пурсанд, ки сухани нек кадом аст, бигӯй, ки аз он нафъ ба касе расад. Агар пурсанд, ки ба кадом, аст, бигӯй, он ки аз он зараре ба касе оид шавад.

## Фасли ҳафтум
## Дар одоби таом хӯрдан ва об ошомидан

Бидон, ки одамиро аз таом хӯрдан чора нест… ва ҳайвонот низ ба хӯрдан зиндаанд. Пас, мебояд, ки миёни хӯрдани инсон ва хӯрдани ҳайвон фарқ бошад, чи ҳайвоно зистан барои хӯрдан дорад ва инсон хӯрдан ба одоб аст. Яъне одамӣ одоб ва аркони таом хӯрдан нигоҳ медорад ва ҳайвонот аз он бехабаранд. Агар пурсанд, ки аркони таом хӯрдан чанд аст, бигӯй сию ҳафт. Чаҳор фарз (зарур) аст ва чаҳор суннат (расму қоида)  ва чаҳор мустаҳаб (писандида) ва даҳ адаб ва чаҳор ҳурмат ва чаҳор ҳикмат ва ҳафт эҳтиёт.

Агар пурсанд, ки чаҳор фарз кадом аст, бигӯй, аввал луқмаи ҳалол пайдо кардан. Дуюм, диҳандаи рӯзи худойро шинохтан. Сеюм, шукр ба ҷой овардан. Чаҳорум, таоми пок хӯрдан, Яъне наҷас (нопок) ва олуда набошад.

Агар пурсанд, ки чаҳор суннат кадом аст, бигӯй… Аввал, бисмиллоҳ гуфтан. Дуюм, пеш аз таом даст шустан. Сеюм, таом ба дасти  рост хӯрдан. Чаҳорум, баъд  аз таом ҳамд гуфтан.

Агар пурсанд, ки чаҳор мустаҳаб кадом аст, бигӯй, аввал ибтидо ба намак кардан. Дуюм, хатм ба намак кардан. Сеюм, ба суфра чизе хӯрдан. Чаҳорум, луқма додани ходим, ҳар гоҳ ки бо қавм бар суфра нишаста бошад.

Агар пурсанд, ки даҳ адаб кадом аст, бигӯй, аввал бар пои чап нишастан. Дуюм, аз пеши худ хӯрдан. Сеюм дар луқмаи касе нанигаристан. Чаҳорум, аз каронаи (гӯшаи) коса хӯрдан. Панҷум, ба се ангушт таом хӯрдан. Шашум, ангушт лесидан. Ҳафтум, косаро пок сохтан.ҳаштум, агар луқма аз

даст бияфтад, бардоштан ва агар олуда шуда бошад, пок кардан ва хӯрдан. Нӯҳум, дар вақти таом такя бар ҷое назадан. Даҳум, баъд аз таом даст шустан.

Агар пурсанд, ки чаҳор ҳурмат кадом аст, бигӯй, аввал он ки дар вақти таом хӯрдан сар нахорад. Дуюм, бинӣ пок накунад. Сеюм, оби даҳон наяфканад. Чаҳорум, таом дар даҳон бо касе сухан нагӯяд.

Агар пурсанд, ки чаҳор ҳикмат кадом аст, бигӯй, аввал, он ки луқма хӯрд кунад. Дуюм, он ки нек бихояд. Сеюм, он ки бисьёр чизе нахӯрад. Чаҳорум, бар сари серӣ таом нахӯрад.

Агар пурсанд, ки ҳафт эҳтиёт кадом аст, бигӯй аввал он ки ҳеҷ таомро мазаммат накунад, агарчи бад пухта бошад. Дуюм, то таҳқиқ накунад, ки аз куҷо аст, нахӯрад. Сеюм, танҳо чизе нахӯрад. Чаҳорум ҷамъеро дар косаи худ шарик гардонад, ки баракат дар иҷтимоъ аст. Панҷум, таоми муҳобот нахӯрад, яъне таоме, ки шахсе пухта бошад барои ном ва даъво. Шашум, аз таоми таъзият бипарҳезад, ки шояд ятимеро дар он ҳақ бошад ё як ворис ғоиб бувад. Ҳафтум, бар як навъ аз таом иқтисор (қаноат) кунад…

Агар пурсанд, ки бахши ғоиб ниҳодан чӣ гуна аст, бигӯй ки се навъ аст. Аввал он, ки ғоиб муайян набошад, ки кист? Балки ният он бошад, ки ҳар кӣ бирасад аз он тановул кунад. Дуюм, он ки ғоиб шахси муайян бошад аз аҳли сӯҳбат… Сеюм, он ки ҳам барои худ захира кунад ва онро бахши ғоиб ном ниҳад ва ин навъ писандидаву мақбул нест. Дар футувват ин маъниро ҷоиз надоштаанд…

Агар пурсанд, ки аркониошомидани об чанд аст, бигӯй, ёздаҳ, ду фарз, шаш суннат ва се адаб.

Агар пурсанд, ки ду фарз кадом аст, бигӯй, аввал, он ки дар инои (зарфи) зару нуқра об нахӯрад, аммо аз заркӯб ва нуқракӯб ҷоиз бошад, ба шарти он ки даҳон ба мавзеи (ҷои) зару сим нарасад. Дуюм, он ки об пок бошад, олудаву наҷас набувад.

Агар пурсанд, ки шаш суннат кадом аст, бигӯй, аввал он ки ба се дам об бихӯрад. Дуюм, ҳар бор зарфи об аз даҳон боз гирад. Сеюм, нафас дар зарф надамад. Чаҳорум, он ки нишаста об хӯрад ва бар пой низ ҷоиз аст ва аммо авло он бошад, ки нишаста хӯрад. Агар пурсанд, ки се адаб кадом аст, бигӯй, аввал он ки аз зарфи бузург ва аз машк об нахӯрад. Дуюм, агар соқии маҷлис бошад, охири маҷлис об хӯрад. Сеюм, агар нишаста бошад, охири маҷлис об хӯрад. Сеюм, агар нишаста бошад ва об хӯрад, зарфро ба ҷониби рост диҳад на ҷониби чап.

Агар пурсанд, ки дар вақти хӯрдани об бо кӯза чӣ мегӯянд, бигӯй, ба забони ҳол мегӯянд, ки ман шабу рӯз дар хидмат ба сар давидаам, то ин соат ба мақсади худ расидаам.

Агар пурсанд, ки азизе, ки об мехӯрад ҷамъе ки ҳозиранд, мегӯянд: сиҳат бод, ин чӣ маънӣ дорад, бигӯй, маънӣ он аст, ки умр чун мегузарад ва бар як дам эътимод нест, чун касе об бихӯрад, мумкин аст, ки ҳунӯз он об ба ҷигар нарасида даргузурад ё об дар гулӯ гирад ва нафас мунтақеъ шавад.

## Фасли ҳаштум
## Дар одоби ҷома пӯшидан

Бидон, ки пӯшидани либос ба он миқдор , ки сатри аврат бошад фарз аст. Дар ин фарз адабе аст риоят карданӣ.

Агар пурсанд, ки аркони либос пӯшидан чанд аст, бигӯй, понздаҳ: Чаҳор фарз, чаҳор суннат, панҷ адаб ва ду ҳаром.

Агар пурсанд, ки чаҳор фарз кадом аст, бигӯй, аввал он ки ҷома аз ваҷҳи ҳалол созад, дуюм, он ки чандон пӯшид, ки дафъи сармо ва гармо кунад. Сеюм, он ки аз наҷосат пок бошад. Чаҳорум, он ки марҳам  набошад чун абрешимина ва зардӯз.

Агар пурсанд, ки чаҳор суннат кадом аст, бигӯй аввал он ки ҷома кӯтоҳ бошад…Дуюм, он ки аз ҳар ҷома яке беш надошта бошад, зеро доштани ҷомаҳои бисьёр аз мартабаву мақоми футувват дур аст. Сеюм, дар рӯзи ид ҷомаи наву покиза пӯшад. Чаҳорум бештар ранги сабзу сафед пӯшад.

Агар пурсанд, ки панҷ адаб кадом аст, бигӯй, он ки дар вақти пӯшидан дасти рост дар остин кунад. Дуюм, дар вақти берун кардан аввал аз дасти чап берунорад. Сеюм, ҷомаро покиза нигоҳ дорад. Чаҳорум, изор бар пой нишаста бипӯшад. Панҷум, салларо истода дар сар бандад.

Агар пурсанд, ки ду ҳаром кадом аст, бигӯй, аввал ҷома аз рӯи кибру таъзим пӯшидан. Дуюм, ҷомаи мусаввар пӯшидан. Агар мунаққаш бошад, ки сурат бар ӯ набувад ҷоиз аст.

Агар пурсанд, ки  дар кафшу мӯза пӯшидан чанд адаб аст, бигӯй, чаҳор: Аввал пои рост дар кафшу мӯза кунад. Дуюм вақти берун кардан аз пои берун оварад. Сеюм, ба як мӯзаву кафш иқтисор накунад…. Чаҳорум ҳар ҷо ки кафш берун кунад, агар маҷол бувад бардораду наздики худ гузорад.

Агар пурсанд, ки дар ҳотам (ангуштарӣ) пӯшидан чанд аст, бигӯй, ҷаҳор: Аввал он ки аз оҳан (зар) набошад. Дуюм, бояд, ки аз нуқра созад ва як мисқоли тамом  набошад. Сеюм, нигини ақиқ кунад, ки дар он баракати бисьёр аст. Чаҳорум, бояд ки ангуштарӣ дар ангушти рост кунад…

Агар пурсанд, ки ридо чанд  газ бояд бигӯй, ридо шаш газ дар тул ва се газу як ваҷаб дар арз бувад.

Агар пурсанд, ки ту барои либосӣ ё либос барои ту аст, бигӯй, либос сурат барои ман аст ва ман барои либос маъниам.

## Фасли нӯҳум
## Дар одоби сафар кардан

Агар пурсанд, ки одоби сафар кардан бар чӣ минвол (тарз), аст бигӯй, бидон, ки одамиро аз сафар чора нест, балки аз он вақт, ки нутфа (оби мард, манӣ) ҳамеша дар сафар Буда ва хоҳад будто ба охир.

Манзили аввалаш – салби падар, манзили дигараш – раҳми мода рва муддате дар он зулмот  бар чанд марҳила гузар кард, то ба манзили сеюм омад, ки дунёст. Пас, ба манзили охир сафар мекунад, ки он манзили охир аст:

Сафар мураббии мард асту остонаи чоҳ,

Сафар хазонаи мол асту устоди ҳунар.

Агар пурсанд, ки сафар барои чӣ чиз мебояд кард, бигӯй, аҳли факр сафар барои се чиз кунанд:  Ё зиёрати бузургон, ё риёзати нафс, ё барои дарёфтани дидори мардони роҳ. Агар пурсанд, ки фоидаи сафар чист, бигӯй, фавоиди сафар бисьёр аст, аммо фоидаҳо, ки нек зоҳир аст, ёздаҳ бошад: Аввал, сиҳатии бадан… ва сабаби сиҳат табдили ҳаво бошад ва риёзати аъзо, ки ҳаракат мӯҷиби (боиси) таҳлили баъзе рутубаи фазлӣ аст… Дуюм, ғанимат ёфтан ва расидан аст ба зиёфати қубури акобир. Сеюм, дафъ шудани коҳилӣ (танбалӣ) аст, ки одамӣ ҳар гоҳ дар як мақом сокин бошад, касолат (сустӣ) бар ӯ ғолиб мешавад ва чун рутубатҳои зиёдатӣ таҳлил намеёбад, коҳил мешавад. Чаҳорум, маҳв шудани ғам  ва ҳам маломат, чи ҳарчанд касе малул бошад, чун ба сафар берун равад, албатта, он андӯҳ зоил (маҳв) мегардад. Панҷум. Осоиши маош, чи ба ҳасби (мувофиқи) хосият ҳама касро дар сафар маош ба осонӣ гузарад. Шашум, таҳсили улум, ки дар сафар беҳтар ҳосил мешавад. Ҳафтум, одоби мутафаррика (гуногун) аз ҳар тоифа дидан ва ёд гирифтан. Ҳаштум, ба сӯҳбати акобир расидан. Нӯҳум, риёзати (ранҷи) нафс, чи дар сафар таҳаммули бори машаққат бояд кард ва аз ёрон ва бародарон ва хешон ҷудоӣ бояд ҷуст ва ин нафсро бағоят сахт ояд. Даҳум, қадри ғарибон бидонад ва дили ӯ раҳим (меҳрубон) шавад….Агар пурсанд, ки аркони сафар кардан чанд аст, бигӯй бисту шаш: ду воҷиб, даҳ суннат, шаш адаб, се мурувват, се фазилат в аду рукн.

Агар пурсанд, ки ду воҷиб кадом аст, бигӯй, аввал қасди сафари хайр ва дуюм, нияти соф доштан.

Агар пурсанд, ки даҳ суннат кадом аст, бигӯй, аввал, рафиқи некӯ ба даст овардан. Дуюм, ҳаққи ҳамроҳ нигоҳ доштан. Сеюм, ба миқдори қуввату тоқати худ тариқи мурувват сипардан. Чаҳорум, чун ба боло барояд мағрур нашудан. Ҳафтум, пайваста бар вузӯ (пок) будан. Ҳаштум, ба ҳар манзиле, ки фуруд ояд сипосгузор будан. Нӯҳум, дар вақти рафтан видои ёрон кардан ва даҳум, ба иҷозат берун рафтан.

Агар пурсанд, ки се мурувват кадом аст? Аввал, ба тӯшаи роҳи  худ рафиқонро мададгорӣ кардан. Дуюм, некухую кушодарӯӣ  будан. Сеюм, мутоиба кардан ба ваҷҳе, ки маъсият (гуноҳ) набошад.

Агар пурсанд, ки шаш адаб кадом аст, бигӯй, мусҳаф доштан, давоту қалам бо худ доштан, шона бардоштан, ибриқ бардоштан ба дасти чап, ассо доштан ба дасти рост ва охир коса доштан.

Агар пурсанд, ки се фазилат кадом аст, бигӯй, аввал он ки агар пиёда тавонад рафтан муздаш зиёд бувад. Дуюм, то тавонад дар роҳ дарюза (гадоӣ) накунад ва тахсис (хусусӣ кардан) аз ҳамроҳом, то бар дили эшон гарон наояд. То зарурат наояд ба масҷид фуруд наояд ва то тавонад дар вай хоб накунад.

Агар пурсанд, ки ду рукн кадом аст, бигӯй, аввал  он ки панҷ чизи оҳанӣ бо худ дошта бошад: корд, микроз (қайчӣ), сӯзан, устура (теғ) ва охир оташбарқ. Дуюм, он ки ду чиз аз пӯст ҳамроҳ  гирад: аввал такя, дуюм, наълин.

Агар пурсанд, ки рӯ ба куҷо дорӣ, бигӯй, ба манзили мақсуд. Агар пурсанд, ки сафар чанд аст, бигӯй, ду. Якум, сафари сурат. Дуюм, сафари маънӣ.

Агар пурсанд, ки сафари маънӣ ба чӣ чиз аст? Бигӯй, ба қадами ҷону дил. Сафари сурат чӣ, бигӯй, ба қадами обу гил.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи сафар чӣ маънӣ дорад, бигӯй, «С» далолат дорад бар саҳар, яъне мусофир бояд саҳархез бошад. Ва «Ф» далел аст бар фоида, яъне ҳар кӣ дар сафар аст, бояд ки фоида гирад ва фоида расонад. Ва «Р» далолат кунад бар ризо, яъне ҳар чӣ дар роҳ бад-ӯ расад, бад-он розӣ бошад ва хушдилӣ дар ризои рафиқон талабад.

## Фасли даҳум
## Дар одоби зиёрат

Агар пурсанд, ки одобу аркони меҳмонӣ кардан чанд аст, бигӯй, чаҳордаҳ: ду шарт, шаш аркон ва шаш адаб.

Агар пурсанд, ки ду шарт кадом аст, бигӯй, аввал меҳмонро таоми ҳалолу покиза диҳад…Дуюм, меҳмониро барои ғаразу риё накунад. Агар пурсанд, ки шаш аркон кадом аст, бигӯй, аввал, меҳмонро таъзим кардан ва ба ҷои некӯ нишондан. Дуюм, бо меҳмон кушодарӯй ва хандон будан. Сеюм, ҳарчанд меҳмон падид ояд, рӯй турш накардан. Чаҳорум, меҳмони нохондаро ҳурмати зиёдат доштан. Панҷум, бухл (бахилӣ) накардан ва он чӣ аз даст бароядд, аз меҳмон дареғ надоштан. Шашум, такаллуф (муроoти сохта) накардан ва он чӣ мақдур (ба қадри имкон) бошад, ҳозир кардан.

Агар пурсанд, ки шаш адаб кадом аст, бигӯй, аввал, аз меҳмон суол накардан, ки майли ӯ ба кадом навъ таом бошад. Дуюм, таоми беҳтар пеши ӯ ниҳодан. Сеюм, дар хӯрдан таклифи бисёр накардан. Чаҳорум, чун берун равад, мушоиат (ҳамроҳӣ) кардан ва камтари он ҳафт қадам аст. Панҷум, узрхоҳӣ нанамудан, ки аз он бӯи худпарастӣ ояд. Шашум, миннат naниҳодан, балки миннати (сипозгузории) фаровон доштан, ки … он шахс рӯзии худро бар сари суфраи ӯ тановул намуд, чунончи устод гуфтааст:

Ҳар киро бинӣ ба олам рӯзии худ мехӯрад,
Гар зи хони туст нонаш в-ар зи хони хештан.
Пас туро миннат зи меҳмон дошт бояд баҳри он,
Мехӯрад бар хони эҳсони ту нони хештан.

Агар пурсанд, ки одоб ва аркони ба меҳмонӣ рафтан чанд аст, бигӯй, чаҳордаҳ: ду шарт, ду суннат, ва даҳ адаб.

Агар пурсанд, ки ду шарт кадом аст, бигӯй, аввал, он ки ба меҳмонии мардум солеҳи некном равад, на мардуми фосиқ ва ҳаромхор… Дуюм, дар маҷлисе, ки донад, ки дар ӯ номашрӯъ (хилофи қонун) ҳаст, наравад, магар донад, ки бо эҳтироми ӯ тарк хоҳанд кард.

Агар пурсанд, ки ду суннат кадом аст, бигӯй, аввал он ки бихонанд, бе таъаллул (ба таъхир андохтан) иҷобат (қабул) кунад. Дуюм, он ки напурсад, ки хӯрданӣ чӣ хоҳад буд.

Агар пурсанд, ки даҳ адаб кадом аст, бигӯй, аввал, он ки дар вақти рафтан аз пеши мизбон наравад. Дуюм, чун ба дари хона расад, пои рост дар пеш ниҳад. Сеюм, чун ба хона дарояд, салом кунад.  Чаҳорум, ҳар куҷо, ки вайро биншинонанд, биншинад ва такаллуф накунад. Панҷум, ба зеру боло ва чапу рост нанигарад. Шашум, таом ба навъе хӯрад, ки хотири мизбон хуш гардад. Ҳафтум, чун таом  ба навъе хӯрад, ки хотири мизбон хуш гардад. Ҳафтум, зуд-зуд аз пеши худ таом барнадорад. Ҳаштум, чун таом хӯрда шавад, зуд бархезад, магар мизбон нагзорад. Нӯҳум, баъд аз фароғ мизбонро дуо кунад. Даҳум, чун берун равад, шукр гӯяд ва шикоят накунад.

## Фасли ёздаҳум
## Дар одоби роҳ рафтан

Бидон, ки одамиро аз роҳ рафтан дар роҳо чора нест ва чун ба роҳ меравад, ӯро чанд чиз риоят мебояд кард, то муаддаб бошад ва мардум донанд, ки ӯ хидмати мардон кардааст ва рафтан дар яке аз се мавзеъ хоҳад буд: ё дар шореъи (шоҳроҳ) ом ва ё дар бозор ва ё дар маҳалла ва ҳар як адабе чанд дорад.

Агар пурсанд, ки одоби рафтан дар шореъ чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал, он ки ба ғайри ҳоҷат наравад. Дуюм, пои бараҳна бар замин наниҳад. Сеюм, ба тариқи мутакаббирон наравад. Чаҳорум, то зарурат набошад, сухан нагӯяд. Панҷум, аз мавозеи тӯҳмат ҳазар кунад. Шашум, қадам аз мавзеи наҷосат (нопок) нигоҳ дорад. Ҳафтум, бисёр наравад, магар ба намози ҷамоаш. Ҳаштум, гом фарох наниҳад.

Агар пурсанд, ки адаби рафтан дар бозор чанд аст, бигӯй, ҳафт: Аввал, дӯш (китф) бар касе назанад. Дуюм, аз паси мардум нанигарад. Сеюм, оби даҳон наандозад. Чаҳорум, аз дур касеро бонг (фарёд) назанад. Панҷум, бар дари дӯконе, ки коре надорад, наистад. Шашум, чизе ки намехарад қимати он напурсад. Ҳафтум, дар миёни савдои ду кас мадхал (дахл) накунад, магар ба тариқи ислоҳ ё муҳокима.

Агар пурсанд, ки одоби рафтан дар маҳаддот чанд аст, бигӯй, ёздаҳ: Аввал, он ки чапу рост нанигарад. Дуюм, ба болои бомҳо ва равзанҳо нигоҳ накунад. Сеюм, дар даруни хонае, ки дараш кушода бошад, нанигарад. Чаҳорум, роҳ бар касе танг накунад. Панҷум, бо фарзанди мардум сухан нагӯяд ва бӯса бар сару рӯи эшон надиҳад. Шашум, дар маҳаллае, ки кор надорад, наравад. Ҳафтум, суруд нагӯяд ва ба овоз чизе нахонад. Ҳаштум, ба эҳтиёт равад, то ҷонваре дар зери пои ӯ ҳалок нагардад. Нӯҳум, дар пеши бузургтар аз худ наравад. Даҳум, бар дари хонае, ки коре надорад, наистад. Ёздаҳум, дар маҳаллаи аҳли тӯҳмат наравад.

## Фасли дувоздаҳум

## Дар одоби салом кардан

Агар пурсанд, ки дар чанд вақт мавзеъ салом бояд кард, бигӯй, дар ҳафт мавзеъ. Аввал, чун бародари тариқро бинӣ, салом, бояд кард. Дуюм, чун дар роҳ равӣ, ба одамон салом бояд кард. Ва инро саломи истизон (иҷозат хостан) гӯянд. Чаҳорум, чун ба ҷамъе дарой, салом бояд кард. Панҷум, чун аз мавзее, ки нишастӣ бархезӣ ва ҷамъе он ҷо бошанд, салом бояд кард ва инро саломи видоъ гӯянд. Шашум, чун ба мақбарае расад, салом бояд кард. Ҳафтум, чун ба хонаи худ дарояд, бар аҳли байти худ салом кунад.

Агар пурсанд, ки дар чанд мавзеъ салом набояд кард, бигӯй, дар шаш мавзеъ. Аввал, дар ҳаммом. Дуюм, бар касе, ки ба қазои ҳоҷат машғӯл бошад. Сеюм ба қуръонхон. Чаҳорум, ба намозгузор. Панҷум, бар занони номаҳрам. Ва агар дар ин мавзеъҳо касе салом кунад ҷавоб надиҳанд, осим (гунаҳкор) набошанд.

Агар пурсанд, ки одоби салом кардан чанд аст, бигӯй, ҳафт: Аввал пок бошад. Дуюм, савора бар пиёда салом кунад, истода бар нишаста ва нишаста бар такязада. Сеюм, он кӣ хурдтар аст, бояд, ки бар бузургтар салом кунад ва аққал бар аксар салом кунад. Чаҳорум, дар салом кардан рӯй хандон ва пешонӣ кушода дорад. Панҷум, ба ишорат салом накунад, балки ба лафз бигӯяд, ки «Ассалому алайк» ё «салому алайк» ва агар ҷамоате бошанд «ассалому алайкум»… ҳафтум, чун ду бо якдигар расанд ва мусофаҳа (вохӯрӣ) кунанд.

Агар пурсанд, ки одоби ҷавоб додан чанд аст, бигӯй, ҳафт: Аввал, он ки ба тозарӯй ҷавоб диҳад. Дуюм, он ки ба зиёда ҷавоб гӯяд. Сеюм, агар касе бошад, ки хориҷи миллати ислом бошад ва бар ин кас салом кунад дар ҷавоб алейк гӯяд. Чаҳорум, бояд ки ба таҳорат (тозаву озода) бошад. Панҷум, агар гурӯҳе истода бошанд як нафар ҷавоби салом диҳад, басандааст. Шашум, ҷавоби савол бо лафз диҳанд на ба ишорат. Ҳафтум бояд, ки чунон ҷавоб диҳанд, ки саломкунанда шунавад.

Агар пурсанд, ки фазилати салом дар чист, бигӯй, дар он ки тақдим кунанд ва зудтар салом гӯянд.

## Фасои сездаҳум
## Дар одоби ҳуқуқи боқии ихвон

**Аёдати (дидорбинии) бемор.** Дар аёдати бемор савоби бисёр аст ва фазилати бешумор бузургон гуфтаанд:

Чу ранҷ барнатавонӣ гирифтан аз бемор,
Қадам аз рафтану пурсиданаш дареғ мадор.

Агар пурсанд, ки дар аёдати бемор чанд адаб аст, бигӯй, ҳафт: Аввал он ки баъд аз намози дигар беморро напурсад, ки ба ҳасби (мувофиқи) хосияти некӯ нест. Дуюм, он ки чун дароянд, на хандад, на гиряд, ки ҳеҷ кадом лоиқ набошад. Сеюм, аз чапи бемор дарояд ва бар рости ӯ биншинад. Чаҳорум, бар сари болини бемор бисьёр сухан нагӯяд. Панҷум, даст ба узве аз узвҳои ӯ,

чун сару даст ва пешонию сина расонад ва аз кароҳат (парҳез) надорад. Шашум, бо бемор ба лутфу мулоимат сухан гӯяд. Ҳафтум, зуд равад.

Агар пурсанд, ки дар ташиъи ҷаноза чанд адаб аст, бигӯй, панҷ: Аввал, он ки дар ақиби ҷаноза равад. Дуюм, дар буридани ҷаноза агар тавонад мададгорӣ кунад. Сеюм, ба рӯю риё наравад. Чаҳорум, чун ба сари хок расад дар дафн кардану хишт чидан ва хок рехтан омодагӣ кунад. Панҷум, майитро бо хайр ёд кунад.

Агар пурсанд, ки дар таъзият гуфтан чанд адаб аст, бигӯй, ҳашт: Аввал, сухан кам гӯяд. Дуюм, дастор ба замин назанад. Сеюм, дасту санг бар сина назанад. Чаҳорум, сухани беҳуда нагӯяд. Панҷум, дар мусибат ба сабр фармояд, шашуму ҳафтум, чизе ки тавонад мададгорӣ намояд. Ҳаштум, марги он касро сабаби эътибори худ донад.

Эй ки ваъзе шуниданат ҳавас аст,
Марги ҳамсоя воизи ту бас аст.

Агар пурсанд, ки адаби атсазананда чанд аст, бигӯй, чаҳор:
Аввал, он ки остин пеши даҳону бинӣ гирад ё рӯмоле…, то дар вақти атса аз даҳону бинии ӯ чизе берун наояд, ки мӯҷиби кароҳияти нозир гардад. Дуюм, он ки атса чун аз се зиёда гардад, агар тавонад дафъ кунад ва агар натавонад, аз маҷлис бархезад, ки ногоҳ сабаби малоли мардум нашавад… Чаҳорум, чун касе ҷавоби атсаи ӯ боз диҳад, ӯ низ ташаккур гӯяд. Агар пурсанд, ки адаби ҷавобдиҳанда чанд аст, бигӯй, се: Аввал, он ки чу нотис  (атсазананда) ҳамд гӯяд, ҷавоб диҳанд ва агар ҳамд нагӯяд, ҷавоби атсаи ӯ боз надиҳанд… Сеюм, он ки чун атса аз се карат бигзарад,ҷавоб нагӯяд ва гуфтаанд ихтиёр аст: хоҳад бигӯяд, аммо авло тарк  (ҷавоб нагуфтан) аст.

Аммо таҳният (муборакбод) гуфтани бародар дар вақти шодиҳо чунончи фарзанде  ӯро мутаваллид шуда бошад ё азизе, ки матлуб (каси дилхоҳ) буда, аз сафаре бозомада ва монанди он. Ин мазиди (зиёдшавӣ) сурури он шахс мешавад.

Агар пурсанд, ки даби таҳният чанд аст, бигӯй: шаш, Аввал, он ки шодии бисёр изҳор кунад. Дуюм, он, ки гирифтарӯй ва малул набошад. Сеюм, муборакбод гӯяд. Чаҳорум, дуое гӯяд, ки муносиби ҳоли таҳният бошад. Масалан, агар писар дорад, ӯро бо тулии  (дарозии) умру давлат дуо кунад ва агар арӯсие воқеъ шавад, ба хайр ва баракат дуо кунад ва агар мусофире расида, ба сиҳату саломат дуо кунад ва боқӣ бар ин қиёс бояд кард. Панҷум, бисёр нанишинад ва зуд берун ояд, магар соҳиби манзил муболиға (манъ) кунад. Шашум, табаррук ва тӯҳфае, ки мақдури (мувофиқи қудрати) ӯ бошад, гузоранд ва бад-он бухл (хасисӣ) накунад.

## Фасли чаҳордаҳум
## Дар одоби касб ва байъу широъ (хариду фуруш)

Бидон, ки дарвешро касби ҳалол (росту покиза) зарурат аст, ба ин ваҷҳ касбро аз воҷибот низ тавон шумурд, зеро фароғати хотир  он замон даст

диҳад, ки заруриёти маош зоил гардад. Ва ҳар чӣ роҳати тамом нашавад, пас он низ воҷиб бошад. Ва чун аз олаи заруриёт тамом муяссар нашавад, илло бар он ки ранҷ бар мардумон ниҳад, пас ҳар кӣ манфиат гирад ва нафъ нарасонад кор накарда бошад. Пас ҳар кӣ аз дарвешон ба касбе машғӯл нашавад, бо худ ба гардани мардум ниҳода бошад ва сабаби ранҷи оламиён шуда ва он дар тариқ раво набувад ва собит шуд ки касб мар дарвешонро аз заруриёт аст, пас ҳароина бояд, ки одоби касб ба ҷой оварад. Ва ҷамии касберо алоҳида адабе аст ва зикри ҳама ба татвил (тафсил) меанҷомад.

Агар пурсанд, ки одоби маҷмӯи касбҳо хулоса чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал, он ки касби худро аз моли ҳаром ва шубҳат пок дорад. Дуюм, он ки касбро барои зарурати маош кунад, на барои ҷамъи мол. Сеюм, касбро сабаби обрӯй шиносад. Чаҳорум, бо касе, ки моли ӯ ҳаром бошад, муомила накунад. Панҷум, дар ҳунари худ кори айбнок ва беэътиноӣ накунад ва аз ғилу ғаш (олудагӣ) дур дорад. Шашум, инсоф нигоҳ дорад, ба касе, ки баҳои матоъ нашиносад, бар вай муомила накунад. Ҳафтум, агар аҳли тарозу бошад, кам надиҳад ва зиёда наситонад. Ҳаштум, агар аҳли зироъ бошад, зиёда бар худ напаймояд ва кам бар дигарон, то баракат ва ҷамъият дошта бошад.

Агар пурсанд, ки одоби фурӯхтани чизе чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал, он ки бо харанда сухани нарм бигӯяд. Дуюм, он ки аз ҳар маҳалла, харандаро ёбад, музояқа (дареғ) накунад. Сеюм, он чӣ мефурӯшад, зиёдат таърифи он накунад. Чаҳорум, чизи дағалу қалб нафурӯшад ва агар фурӯшад, айби ӯро ба харанда бозгӯяд. Панҷум, дар вазн ва зироъ қалбӣ накунад. Шашум, агар чизи харидаро бозоранд ва зоеъ (талаф) нашуда бошад, байъи иқолат (савдоро вайрон) кунад ва бозситонад. Ҳафтум, агар азизеро накде набошад ва чизе ба насья талабад, бад-ӯ фурӯшад ва дар мақоми музояқа набошад. Ҳаштум, зиёд аз қиммати вақт нафурӯшад.

Агар пурсанд, ки одоби харидани чизе чанд аст, бигӯй, дувоздаҳ: Аввал, он ки ба ваҷҳи ҳалол харад. Дуюм, нақди қалб ва мағшуш надиҳад. Сеюм, ба камтар аз қимати вақт нахарад, магар фурӯшанда музояқа накунад. Чаҳорум, бо фурӯшанда сухани сахт нагӯяд. Панҷум, ӯро таклифи бисёр накунад, ки аз фалон ҷо ба фалон чиз буда. Шашум, аз он чӣ мехарад, бисёр бахшад. Ҳафтум, чун чизе харида ба домон ниниҳад. Нӯҳум, чизи харида дар остин накунад. Даҳум, муздкоса аз фурӯшанда наситонад. Ёздаҳум, дар ҷои покиза кунад. Дувоздаҳум, зоҳир набарад, балки пӯшида дорад.

**Фасли понздаҳум**
**Дар одоби ходимон**

Бидон, ки ходимии дарвешон мартабаи бузург аст ва ҳар кӣ азизеро хидмат кунад, ӯро насибе тамом аст.

Бе хидмати ту кас ба ҷаҳон иззате наёфт,
Ҳар кас ки чокари ту нашуд, давлате наёфт.

Шарти ходимӣ он аст, ки ҳар кор, ки ӯро бифармояд, ба шарти ростиву покӣ аз рӯи эътиқоду ихлос бикунад. Аммо чаҳоркори ӯ куллӣ аст. Аввал, ҷорӯб задан. Дуюм, табх кардан. Сеюм, ҷома шустан. Чаҳорум, дегу коса шустан. Ва дар ҳар як адабе чанд риоят бояд кард. Агар пурсанд, ки дар ҷорӯб задан чанд чиз мебояд, бигӯй, бист чиз: чаҳор қавоид, чаҳор адаб, чаҳор аркон, чаҳор ҳурмат ва чаҳор шарт… Агар пурсанд, ки ҷаҳор адаб кадом аст, бигӯй, аввал он ки аз пиру бародарони тариқ иҷозат талабад. Дуюм, он ки об бар замин афшонад. Сеюм, сабр кунад, то хок обро фурӯ хӯрад. Чаҳорум, ибтидои ҷорӯб задан аз пеши пир кунад.

Агар пурсанд, ки чаҳор аркон кадом аст, бигӯй, аввал он ки ҷорӯбро сахт наҷунбонад. Дуюм, он ки дар вақти ҷорӯб задан хомӯш бошад. Сеюм, он ки ҷое ки рӯфта бошад, пой бар он нанихад. Чаҳорум, он ки эҳтиёт кунад, хошок нанамояд.

Агар пурсанд, ки чаҳор ҳурмат кадом аст, бигӯй, аввал он ки об чунон резад, ки captured васлаи дарвешон тар нашавад. Дуюм, ҷойгаҳи дарвешон ба даст пок кунад, на бо ҷорӯб. Сеюм, ҷорӯб ба тарафи худ кашад. Чаҳорум, пушт ба дарвешон накунад.

Агар пурсанд, ки чаҳор шарт чист, бигӯй, аввал, ҷорӯб ба дасти рост гирад. Дуюм, хокрӯба ҷое резад, ки аз назари мардум дур бошад…

Агар пурсанд, ки ҷорӯб ба замин чӣ мегӯяд, бигӯй, мегӯяд: собитқадам бош, то покиза бошӣ.

Агар пурсанд, ки даст ба ҷорӯб чи мегӯяд, бигӯй, мегӯяд: ҳар кӣ рӯй ба сафо дорад, ӯро ба сари худ медоранд.

Агар пурсанд, ки сирри ҷорӯб задан чист, бигӯй, он ки хонаи дил аз хоки таaллуқ ва шак пок созад.

Агар пурсанд, ки дар табх кардан (пухтан) чанд чиз мебояд, бигӯй, шонздаҳ чиз. Чаҳор фарз, се суннат, панҷ адаб ва чаҳор шарт.

Агар пурсанд, ки чаҳор фарз кадом аст, бигӯй аввал, он ки таом аз ваҷҳи ҳалол созад. Дуюм, он ки аз наҷосат пок бошад ва муҳаррам (ҳаром) набувад. Сеюм, он ки дегу коса пок бояд ва наҷосат нашояд. Чаҳорум, оби пок дар дег кунад ва олуда набошад.

Агар пурсанд, ки се суннат кадом аст, бигӯй, аввал он ки даст бишӯяд пеш аз ҳама кор. Дуюм, номи худои таоло барад дар ибтидои амал. Сеюм, ҳар чӣ даст бад-он мекунад, аз адоти (асбоби) табх ҳамаро бишӯяд.

Агар пурсанд, ки панҷ адаб кадом аст, бигӯй, аввал он ки матбахро (ошпазхона) аз хоку хошок пок дорад. Дуюм, аз сари дегу коса ҷои дигар наравад. Сеюм, дар вақте, ки хамир мегирад ё сар назди дег мебарад, чизе бар бинӣ бандад. Чаҳорум, оби даҳон дар матбах наандозад. Панҷум, дегро кушода нагзорад.

Агар пурсанд, ки чаҳор шарт кадом аст, бигӯй, он ки қоидаи ошпазӣ донад ва намакро ба се бор резад. Дуюм, он ки ҳар чӣ пазад ба ишорат, иҷозат ва машварати аксарият пазад. Сеюм, он ки дар асбоби табх хиёнат накунад ва дар таом бе иҷозати пирон тасарруф (сарф) накунад. Чаҳорум, он ки ходим даста (ёрдамчӣ) таъин кунад, то мададгори ӯ бошад.

Агар пурсанд, ки шароити оташ кардан чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал, он ки даст бишӯяд. Дуюм, бисмиллоҳ бигӯяд. Сеюм, ҳезуми бисёр дар дег наниҳад, то оташ намирад. Чаҳорум, ҳимаро (ҳезумро) муҷавваф (ковок) созад, то оташ намирад. Панҷум, бояд ки ҳанӯз он ҳима насӯхта бошад батамом, ки ҳамаи дигар омода (тайёр) кунад. Шашум, бояд нагузорад, ки хокистар бисёр ҷамъ шавад. Ҳафтум, оташро аз дегдон берун орад, то ҳимаро ҷой бошад. Ҳаштум, дегу косаро аз афтондани хоку хошок дар вай нигоҳ дорад.

Агар пурсанд, ки одоби шустани ҷома чанд аст, бигӯй, ҳафт: Аввал, ҷомаро пок бишӯяд. Дуюм, бар сари даст шӯяд, то халал бад-он нарасад. Сеюм, ҷомаи ғолибон (бузургон)-ро муқаддам донад. Чаҳорум, дар ҷои пок андозад, то хушк гардад. Панҷум, чун хушк гардад, таҳ карда бо адот пеши соҳибаш расонад. Шашум, дар молидани собун ифрот накунад, ки бефоида бошад. Ҳафтум, агар ҷомаи фақире дарида бошад, баъди шустан бидӯзад.

Агар пурсанд, ки дар дегу коса шустан чанд адаб аст, бигӯй: чаҳор. Аввал, он ки ба оби пок бишӯяд ва агар эҳтиёҷ ба гарм кардан бошад, гарм кунад. Дуюм, косаро дар даруни дег бишӯяд, чунон ки замин тар нашавад. Сеюм, баъд аз шустан дастмол дар вай молад ва хушк созад. Чаҳорум, баъд аз шустан ба ҷои поке биниҳад.

## Фасли шонздаҳум
## Дар одоби мутафаррица

Агар пурсанд, ки адаби аз хона берун омадан чанд аст, бигӯй, чаҳор: Аввал, пои рост аз хона берун ниҳодан. Дуюм, номи худои таоло ба забон рондан. Сеюм, аз ҷониби рост равад. Чаҳорум, аз рафтани худ нияти ба халқ нафъ расонидан кунад.

Агар пурсанд, ки адаби рафтан ба тафарруҷ (тамошо) чанд аст, бигӯй, адаб он аст, ки дарвеш ба тафарруҷ ва лавҳу лаъб наравад, магар ба тамошои боғ ва бӯстону сабзаи саҳро. Чун дарвеш бад-ин навъ тафарруҷе равад, ӯро ҳафт адаб риоят бояд кард; Аввал, бо аҳли ҳусну ҷамол ҳамроҳӣ накунад, ки маҳалли тӯҳмат бошад. Дуюм, по бар дари боғу бӯстон ва киштзори касе бе иҷозати ӯ наниҳад. Сеюм, дар назари халқ ба қазои ҳоҷат наншинад. Чаҳорум, бараҳна нашавад. Панҷум, бо бегона сухан нагӯяд, магар ба қадри ҳоҷат. Шашум, дар ҳар кӣ нигарад, осори қудрат мушоҳида намояд. Ҳафтум, шаб дар мақоми худ ғоиб нагардад.

Агар пурсанд, ки адаби ба гӯристон рафтан чанд аст, бигӯй, ҳафт: Аввал, чун гӯристон расад, салом кунад. Дуюм, дар миёни гӯристон биистад. Сеюм, эшонро ба фотиҳаву такбир ёд кунад. Чаҳорум. Оби даҳон наафканад. Панҷум, пой бар гӯрҳо нагузорад…

Агар пурсанд, ки адаби такья крдан чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал он ки дарвеш бояд дар шаб ду соат беш хоб накунад. Дуюм, чун наздики ҷомаи хоб

расад, пои рост пеш ниҳад. Сеюм, аввал ба дасти рост такья гирад. Чаҳорум, шаҳодат бар худ арза кунад. Панҷум, хобро намудори марг бишносад. Шашум, бар кинаи бародари худ хоб накунад. Ҳафтум, дар вақти аз ҷои хоб берун омадан пои чап берун ниҳад. Ҳаштум, тозаву пок хоб кунад.

Агар пурсанд, ки адаби ба назди акобир рафтан чанд аст, бигӯй, ҳафт: Аввал, он ки бе иҷозат пеши эшон наравад. Дуюм, чун дарояд шарти таҳният ва хидмат ба ҷо оварад. Сеюм, баъд аз салом сухан нагӯяд, магар ки зарурате бошад. Чаҳорум, сухан ба ҳурмат гӯяд ва овоз баланд накунад. Панҷум, барои ҷавоб нек гӯш бинмояд, то боз напурсад. Шашум, ӯро дуои бисьёр нагӯяд, то ба риё наанҷомад. Ҳафтум, вақт нигоҳ дорад ва дар вақти макруҳ ба дидани акобир наравад.

Агар пурсанд, ки авқоти макрӯҳ кадом аст, бигӯй, вақте ки ба ғояти карам бошад. Худро аз мурдагон шуморад, ва ба канори гӯристон расад видоъ кунад.

## БОБИ ШАШУМ

### Фасли якум
### Дар маънии маърака ва он чӣ ки ба ӯ таалуқ дорад

Бидон, ки маърака дар асл луғати ҳарбгоҳро гӯянд…ва дар истилоҳ мавзеъеро  гӯянд, ки шахсе дар он ҷо бозистад ва гурӯҳе мардум он ҷо бар вай ҷамъ шаванд ва ҳунаре, ки дошта бошанд, ба зуҳур расонанд ва ин мавзеъро маърака гӯянд, барои он ки…дар маъракаи ҳарб ҳар марде, ки ҳунаре дошта бошад…,изҳор мекунад. Чунончи, дар ҳарбгоҳ, баъзе ба ҳунар намудан машғуланд ва баъзе ба тафарруҷ ин ҷо низ яке ҳунар менамояд ва гурӯҳе тафаруҷ мекунад… Агар пурсанд, ки сари маърака кадом аст, бигӯй дониш, ки ҳар кӣ бедониш  бошад, қадам дар маърака ниҳад, аз сари худ хабар надорад.

Агар пурсанд, ки поёнии маърака  кадом аст, бигӯй, қабули дилҳо, ки агар дилҳо соҳибмаъракаро қабул накунад, муҳими (кори муҳими) ӯ ба поён нарасад.

Агар пурсанд, ки рукни маърака чанд аст, бигӯй чаҳор. Агар пурсанд, ки чаҳор рукни маърака кадом аст, бигӯй, аввал шустушӯӣ, яъне маърагир бояд, ки поку покиза бошад, ки ба маърака дарояд, ба ҷиҳати он ки қадам ба ҷои покон ба покӣ бояд ниҳод. Дуюм, рӯфтурӯб, яъне бояд, ки дар мавзеъе, ки маърака мегирад, аз хору хошок пок созад. Сеюм, гуфтугӯй, яъне сухане ки дорад, адо кунад, бар ваҷҳе ки дар дили мустамеъ ҷой гирад. Чаҳорум, ҷустуҷӯй, яъне он чӣ ки аз ҳозирони маҷлис тамаъ медорад, биҷӯяд…

Агар пурсанд, ки маъракагирро чанд чиз бояд дар маърака, то писандидаи хотирҳо бошад, бигӯй, даҳ чиз. Аввал, он ки кушодарӯю хандон бошад. Дуюм, ки чусту чолок ва сабукрӯҳ бошад. Сеюм, дар маърака бевақт наояд…Чаҳорум, дар мавзеъ ва маҳалли васеъу пурфазо маърака гирад. Панҷум, агар касе ноҷойгоҳ истода ё нишаста бошад, бо вай ба лутф ва нармӣ

сӯхан гӯяд. Шашум, аз ҳозирон ҳиммат ва мадад талабад. Ҳафтум…устодонро ёд кунад. Ҳаштум, агар бузурге ва азизе дар он диёр бошад, ӯро низ ёд кунад. Нӯҳум, саловат диҳад. Даҳум, кинояи ва таъриз накунад ва ҳама касро ба дилу ҷон дуогӯй бошад.

Агар пурсанд, ки шаш ҷиҳати маърака кадом аст, бигӯй, аввал ниёз, яъне маъракагир бояд ниёзманд (мӯҳтоҷ) бошад ва аз дари дилҳо дарюза (гадоӣ) кунад, то муродаш ҳосил гардад. Дуюм, иродат, яъне ҳар ҷо ки маърака мегирад, ба иродат ва рағбат гирад, на ба қароҳат ва қудурат. Сеюм, карам, яъне агар дарвеше ба маъракаи вай дарояд, ҳам аз худ ба вай файзе расонад ва ҳам поймардӣ кунад. Чаҳорум, исор, яъне бо вуҷуди эҳтиёҷ ва ваҷҳи маош, агар азизе бирасад ва талаби маърака кунад, бо вай музояқа нанамояд. Панҷум, ҳилм (нармдил) яъне бурдбор (ботамкин) бошад ва агар касе ба вай сафоҳат (рафтори ношоиста) кунад, ё ҷамъе аз маърака бираванд таҳаммул кунад ва малӯл нашавад. Шашум, қаноат, яъне бад-он чӣ…насиби вай карда бошад, қаноат кунад ва муболиғаи зиёдатӣ нанамояд.

Агар пурсанд, ки камоли маъракагирӣ дар чанд сифат аст, бигӯй, дар панҷ сифат: Аввал, он ки эътиқоди ӯ пок бошад… Агар росту дуруст набошад, дар кори худ ноқис бувад. Дуюми, он ки аз ҳасад дур бувад ва ба таассуби (бар қасди) бародар маърака нагирад. Сеюм, он ки аҳли таваккал бувад ва агар дар ҳаволии вай сад маърака падиди ояд, аз он зани (гумон) бад набарад…Чаҳорум, аз ғаразу риё пок бошад, то сухани вайро дар дилҳо асар бувад. Панҷум, уҷб (худписандӣ) ва такаббур наварзад, балки мутавозеъ ва хокниҳод (хоксор) бошад.

Агар пурсанд, ки адаби берун шудан аз маърака чанд аст, бигӯй, шаш. Аввал, он ки вақти…мардум танг накунад ва зуд маърака барҳам занад. Дуюм, он ки устодонро ёд кунад ва ҳар кӣ ҳадья ба вай дода бошад ва ҳар кӣ надода бошад, ҳамаро дар дуо шарик кунад…Чаҳорум, агар дарвеше мустаҳақ (мӯҳтоҷ) бинад, хӯрдае (хӯрокворие) ба вай диҳад. Панҷум, чун берун ояд, пои фаро пеш ниҳад. Шашум, агар бародарони тариқ ҳозир бошанд, футуҳе (муваффақияте) ки расида бошад, сафои (манзури) назари эшон кунад ва инҳо гуфта ки шуд, ом (умумӣ) аст, бояд ки ҳамаҳли маъракаро бошад ва боз ҳар тоифаро аз эшон зикр хоҳем кард.

Агар пурсанд, ки маърака чанд навъ аст, бигӯй, ду навъ: яке мақбулу писандида ва он маъракае аст, ки дар вай суханони хуб гузарад ва дуюм, нописандида, он маъракае бувад, ки дар вай суханони номашрӯъ (нописанд) ва ҳаракоти нолоиқ воқеъ бошад.

Агар пурсанд, ки аҳли маърака чанд тоифаанд, бигӯй, се тоифаанд: Аввал, аҳли сухан. Дуюм, аҳли зӯр. Сеюм, аҳли бозӣ.

**Фасли дуюм**

**Дар шарҳи аҳли сухан аз маъракагирон**

Эшон се тоифаанд: аввал, маддоҳон, ғаррохонон (ғазалхонон) ва саққоён. Дуюм, хосагӯён ва бисотандозон. Сеюм, қиссахонон ва афсонагӯён. Баёни ҳар як дар қисмате меояд.

**Қисмати аввал**

**Дар зикри маддоҳон ва ғазалхонон**

Бидон, ки аз ҷумлаи аҳли шадду байат ҳеҷ тоифаи баландмартабатар аз маддоҳон нестанд ва далел бар ин он аст, ки муҳаббати аҳли байт (хонаводагӣ) ҳар одамро лозим аст ва касе ки касеро дӯст медорад, мебояд ки доим зикри ӯ кунад ва ба ситоиши ӯ машғул шавад…Маддоҳон ин ҳол доранд, ки пайваста мунокиби аҳли байт хонанд ва ба ёду сухани эшон вақт гузоранд.

Агар пурсанд, ки маддоҳон бар чанд ваҷҳанд, бигӯй бар чаҳор ваҷҳ: Аввал ҷамоате ки аз қуввати табъи худ иншо кунанд ва ҷавоҳири ривоёту ҳикоёт дар риштаи назм кашанд. Дуюм, гурӯҳе ки манзумот ва суханоне, ки дигарон назм кардаанд адо менамоянд ва фоида ба халқ мерасонанд. Ин тоифаро ровиён хонанд ва эшон низ аз ҷумлаи маддоҳонанд. Сеюм, тоифае, ки бо вуҷуди маддоҳӣ кори дигар мекунанд ва аз он файз ба халқ мерасонанд, чун саққоён ва аз эшон гурӯҳе (бағоят) мақбуланд. Чаҳорум, ҷамъе, ки абьёти пароканда ёд гирифтаанд ва бар дарҳои хонаҳо мехонанд ва қасидае ва ноне муфурӯшанд ва мадҳро доми гадоӣ сохтаанд, ки онҳоро агарчи дар сурат маддоҳ гӯянд, ба ҳаққиқатан дар ин ҷамъ дохил нестанд.

Агар пурсанд, ки одоби маддоҳӣ чанд аст, бигӯй, панҷ. Аввал он ки дар тақвозу таҳорат (пок) бошад… Сеюм, он ки мадҳ аз барои ғаразу ҷазо нахонад. Чаҳорум, сарваптпараст набошад. Панҷум, он ки дар мадҳ ба таърифу ғулу напардозад.

Агар пурсанд, ки маддоҳро чанд сифат мебояд? Маддоҳро бист сифат бошад ва сӣ сифат набошад. Агар пурсанд, ки бист сифат кадом аст, бигӯй: сидқ, сабр, шукр, зӯҳд, тоат, қаноат, маҳосаба, (ҳисобгирӣ), муроқиба, тавозӯъ, таслим, ихлос, карам, нисор, муҷоҳида, тафаккур, таваккал, кам хӯрдан, кам хуфтан ва бистум шафқат намудан.

Агар пурсанд, ки он сӣ сифат кадом аст, бигӯй: ғафлат, ғурур, айб, риё, хамр хӯрдан, кудурат кардан, зино кардан, бадхӯӣ, ситеза кардан, суханони ношосиста гуфтан, хилофи ваъда кардан, истеҳзо кардан, таънаи ноҷой задан, суханони дурӯғ гуфтан, савганди дурӯғ хӯрдан, ғайбати бародарон кардан, бӯхтон гуфтан, суханчинӣ кардан, ғаммози кардан, мардумонро ба дурӯғ сутудан, хашми бемавқеъ гирифтан, ҳасад варзидан, макр кардан, ғайбати мардум кардан, дар талаби мол ҳарис будан, бухл варзидан, зулм кардан, бисьёр хӯрдан ва бисьёр хуфтан.

Агар пурсанд, ки маддоҳонро ба якдигар чанд қоида риоят бояд кард, бигӯй шаш: Аввал, он ки ба якдигар дӯстӣ варзанд… Сеюм, он ки бе мувофиқи якдигар кор накунад. Чаҳорум, он ки заифонро аз миёни худ наронанд. Панҷум, он ки дар ҳурмати якдигар сари мӯе фуругузошт нанамояд, то ҳама ҷо мукарраму мӯҳтарам бошанд.

Агар пурсанд, ки маддоҳӣ чанд аст, бигӯй, се навъ. Аввал, он ки манзумотро хеле сода хонанд. Дуюм, он ки ҳама насру мӯъҷизот ва манокибро ба наср адо кунанд ва он қавм ғаррохонон бошанд. Сеюм, он ки

насру  назм дар якҷоягӣ хонанд, ин тоифа мурассаъхонон мебошанд ва камоли фазли эшон зиёда аз он ду қавми дигар бошад.

Агар пурсанд, ки он чӣ хосаи маддоҳон аст, аз аломатҳо чӣ чиз аст, бигӯй, маддоҳонро аломат ба ҷомаву хирқа нест. Ба воситаи он ки эшонро ҳама навъ ҷома пӯшидан ҷоиз аст. Аммо аломате, ки хосаи эшон аст: найзаву тавқ (ба шаддаву суфра) ва табарзин… Найза барои ҳимояти худ, тавқ нишонаи ба кадом мартаба будани маддоҳ, суфра нишонаи кушодадастиву саховат аст. Чароғ маънии равшандилӣ, яъне муҳаббати мардонаро дар зовияи дил равшан дорӣ, худро бисӯза ва маҷлис бияфрӯзӣ ва сафои назар ҷамъ кунӣ.

**Дар боби саққоён**

Бидон, ки саққоён ҳам маддоҳонанд ва ҳам саққоён ҷамоати мӯҳтараманд ва санади эшон басо бузург аст.

Рубоӣ:

Дар баҳри амиқ ғӯтта хоҳам хӯрдан,
Ё ғарқа шудан, ё гуҳаре овардан.
Ин кор мухотир аст хоҳам кардан,
Ё рӯй бад-ин сурх кунам ё гардан.

Ва баъзе исноди саққоёнро ба Салмони Форсӣ кунанд, ки пайваста Машки об ба дӯш кашидӣ ва ба хонаҳо… овардӣ ва ин нақл дуруст аст. Шайх Саъдӣ низ ин тоифаи мардонро ҳаёт бахшон мегӯяд.

Агар пурсанд, ки одоби саққоён чанд аст, бигӯй, даҳ: Аввал, пок бошад, ҷуз покон ин кор натавонад кард. Дуюм, ба ҳасби маънӣ низ пок бошад. Сеюм, дар вақти саққоӣ ибтидо аз дасти рост кунад. Чаҳорум, оби ҳалолу пок ба мардум диҳад. Панҷум, бар саққоӣ тамаи музд накунад, балки бо тавозуъ бо халқ муомила кунад. Шашум, дар ҳеҷ маҷлис бе иҷозат дарнаёяд ва асл он аст, ки то ӯро ба маҷлис наталабанд дарнаёяд, магар ки маҷлиси ом бошад, дар мавзее, ки халқро аз он маън накунанд. Ҳафтум, бар ҳамкорони худ ҳасад набарад ва агар якеро аз саққоён равнақе шавад ба он хуш шавад. Ҳаштум, кори ба тамоми ҷузъиятҳояш хуб донад.

**Қистмати дуюм**
**Дар шарҳи хосагӯйн ва бисотандозон**

Бидон, ки баъд аз маддоҳон ин тоифа бар дигарон муқаддаманд ба воситаи он ки эшонро дар анвои улум мебояд, ки мадхал бошад, то ин кор тавонад кард. Мисли илми фиқҳу тиб ва нуҷуму рамл…ва монанди ин.

Агар пурсанд, ки ин кор аз кӣ мондааст ва ба таълими кадом мард пайдо шуд, бигӯй, ба таълими Луқмони Ҳаким ва он чунон буд, ки дар замони Луқмон аз Одиён подшоҳе буд, ӯро Амлиқи Од мегуфтанд ва бутпараст буд ва халқро ба парастидани бутон даъват кардӣ ва ӯро ду вазир буд, якеро Содиқ гуфтандӣ ва дигареро Саддуқ ва эшон худопарастӣ карданд… Бинобар ихтилофҳои мазҳабӣ подшоҳ вазиронро аз вилояти хеш берун кард ва онҳо назди Луқмон рафтанд… Луқмон барои онҳо баъзе гиёҳҳои доругиро мегуфт ва эшонро аз асрори нуҷум ва дақоиқи таъбири хоб чизе даромӯхт ва гуфт: - Биравед ва маърака бисозед ва онро майдони султонӣ хаёл бандед. Китобҳое, ки доред бар ҳам чинед ва онро дафтархона ангоред. Чун мардум бар шумо ҷамъ шаванд, хосияти ин доруҳо бигӯед ва бад-эшон фурӯшед, то ҳарчи ба дасти шумо ояд ва ҳамон амру наҳй дошта бошад…бигӯед. Пас Содиқу Саддуқ ин қавлро кор бастанд ва бад-он гуна, ки таълим дода буд, маърака бароростанд ва ҳар рӯз чизе бар он изофа шуд, то бад-ин мартаба расид.

Агар пурсанд, ки он чӣ махсус бад-эшон аст, чист, бигӯй, зилваҷа ва доира ва чаҳормех ва тосу милу кутуб. Агар пурсанд, ки зилваҷа ишорат ба чист, бигӯй, дар асл ишорат ба мартабаи вазорат бувад. Аммо назди аҳли тариқ ишорат бад-он аст, ки мо худро фарше зери пои мардон дорем ва рух бар хоки ниёз мемолем ва рӯй бар кафи пои аҳли дилон месоем…

Агар пурсанд, ки доираи ишорат бар чист, бигӯй, ишорат бад-он маънӣ ки мо аз доираи муҳаббат берун нестем. Ё маънӣ он аст, ки бар гирди худ мегардем ва ҳар чӣ металабем аз худ металабем, ки маркази доираи маърифат моем.

Маркази доираву нуқтаи паргор туӣ,
Гар ба худ дарнигарӣ оинаи ёр туӣ.

Агар пурсанд, ки чаҳормехчӣ маънӣ дорад, бигӯй, маънӣ он аст, ки соҳиби ин маърака, бояд ки аз чаҳор рукни бисот хабардор бошад ва ба чаҳор сифат мавсуф бувад: Аввал, илм; дуюм, ҳилм; сеюм, сабр ва чаҳорум, карам.

Агар пурсанд, ки маънии тосу мил чист, бигӯй маъниаш он аст, ки он чӣ дар тосҳое ҳаст барои инсон аст, чунончи тос намунаи фалак бошад ва ҳар кӣ тосу мил дар маърака ниҳад, чун фалак олиҳиммат бошад.

Агар пурсанд, ки кутуб дар маърака барои чӣ ниҳанд, бигӯй, барои он ки ҳар чӣ ба забони эшон гузарад исботи он аз китоб тавонанд кард.

Агар пурсанд, ки одоби хавосгӯён чанд аст, бигӯй ҳафт: Аввал, он ки ғарази эшон аз гуфтугӯй матои дуньё набошад, балки мақсуди эшон нафъ ба одамон бошад. Дуюм, он ки дар ҳар чӣ мегӯянд муҳофизати ҳуқуқ…бикунанд. Сеюм, дурӯғ нагӯянд ва мардумро нафиребанд. Чаҳорум, дар фурӯхтани доруву шарбатҳо инсоф нигоҳ доранд. Панҷум, агар касе барои хариди дору пул надошта бошад бебаҳо ба вай диҳанд. Шашум, забон аз фаҳшу озор нигоҳ доранд. Ҳафтум, ба корҳои маъншуда напардозанд.

**Қисмати сеюм**
**Дар баёни қиссахонон ва афсонагӯён**

Бидон, ки қисса хондан ва шунидан фоида бисёр дорад. Аввал, он ки аз аҳволи гузаштагон хабардор шавад. Дуюм, он ки чун ғароибу аҷоиб шунавад назари ӯ…кушода гардад. Сеюм, чун меҳнат ва шиддати гузаштагон шунавад, донад ки ҳеҷ кас аз банди меҳнат озод набудааст, ӯро тасалло бошад. Чаҳорум, чун заволи мулку моли салотини гузашта шунавад, дил аз моли дуньё (сарватдӯстиӣ)… бардорад ва донад, ки он бо касе вафо накарда ва нахоҳад кард. Панҷум, ибрати бисьёр ва таҷрибаи бешумор ӯро ҳосил ояд. Пас, маълум шуд, ки дар қиссаҳои гузаштагон фоидае ҳаст, агар воқеӣ бошад ва бар он ваҷҳ, ки вуҷуд дошта бошад, Хонда шавад, хонандаю гӯянда ва шунавандаро аз он фоидае расад ва агар ғайри воқеӣ бошад, гӯяндаро вубол (гуноҳ) бошад ва шунаванда фоидаи худ баргирад, чунончи гуфтаанд:

Нагӯянд аз сари бозича ҳарфе,
К-аз он панде нагирад соҳиби ҳуш.
В-агар сад дафтари ҳикмат бар аблаҳ,
Бихонӣ оядаш бозича дар гӯш

Агар пурсанд, ки маънии сандалӣ ниҳодан чист, бигӯй, маънӣ он аст, ки ҳар кӣ ҳунаре дорад бояд ки аз мардуми дигар болотар нишинад, то ҳама аз дидори ӯ баҳра ёбанд. Агар пурсанд, ки сандалӣ аз барои кӣ мениҳанд, бигӯй, аз барои ҳунармандон ва ба воситаи он аст, ки дар ҳунармандӣ ва паҳлавонӣ ба сар омада, салотин ӯро бар сандалӣ нишонанд. Пас, ҳар кӣ паҳлавони майдони сухан бошад, ӯро расад ки бар сандалӣ нишинад. Агар пурсанд, ки сандалӣ чанд рукн дорад, бигӯй, чаҳор рукн: ду зер ва ду боло. Агар пурсанд, ки ду рукни боло ишорат ба чист, бигӯй, яке аз дониш ва яке аз биниш. Яъне, ҳар кӣ ба сандалӣ нишинад бояд, ки ҳар чӣ гӯяд ва ба назари биниш бубинад ва донад, ки ҳар маърака қобили чӣ сухан аст.

Агар пурсанд, ки ду рукни зери сандалӣ ишорат бар чист, бигӯй, ки яке ба сабр, дуюм ба сабот (устуворӣ). Яъне, ҳар кӣ сандалинишин аст, бояд ки ҳар чӣ бад ӯ расад, сабр кунад ва дар кори худ собитқадам бошад ва ба ҳар чизе аз ҷо наравад, чунончи гуфтаанд, байт:

То зи ҳар боде наҷунбӣ, по ба доман каш чу кӯҳ,
К-одамӣ мушти ғубору умр боди сар-сар аст.

Агар пурсанд, ки қиссахонӣ чанд навъ аст, бигӯй, ду навъ: Аввал, ҳикоятгӯй ва дуюм, назмхонӣ. Агар пурсанд, ки одоби ҳикоятгӯён чанд аст, бигӯй ҳашт: Аввал, он ки қиссае адо хоҳанд кард, агар мубтадӣ (аввалин) аст, бояд ки бар устод хона бошад ва агар мунтаҳӣ (охир) аст, бояд, ба худ такрор карда бошад, то фурӯ (хомӯш) намонад. Дуюм, он ки чусту чолок ба сухан дарояд ва хому гаронҷон (танбал) набошад. Сеюм, бояд донад, ки маърака лоиқи чӣ навъ сухан аст ва ҳадди нузул (поен рафтан) ва монанди он бештар

аз он гӯяд, ки мардум роғиби (моили) он бошад. Чаҳорум, насрро вақт-вақт ба назм ороста гардонад, на бар ваҷҳе, ки мавъиде  (шунаванда) ба малол шавад. Бузургон гуфтаанд, ки назм дар қиссахонӣ чун намак аст дар дег, агар кам бошад таом бемаза бувад ва агар бисьёр гардад, шӯр шавад. Пас, эътидол (дараҷаи миёна) нигоҳ бояд дошт. Панҷум, сухани маҳолу (номумкин) газоф (дурӯғ) нагӯяд, ки дар чашми мардум сабук  (беқадр) шавад. Шашум, суханони таъриз (пӯшида) ва киноя нагӯяд, ки дар дилҳо гарон гардад. Ҳафтум, дар гадоӣ муболиға накунад ва бар мардум танг нагирад (азоб надиҳад). Ҳаштум, зуд бас накунад ва дер низ накашад, балки тариқи эътидол маръӣ (риоятшуда) дорад. Агар пурсанд. Ки одоби назмхонӣ чанд аст, бигӯй, шаш: Аввал, он ки ба оҳанг хонад. Дуюм, суханро дар дили мардум биншонад. Сеюм, агар байте мушкил пеш ояд, шарҳи он ба ҳозирон бигӯяд. Чаҳорум, чунон накунад, ки мустамеъ (шунаванда) малул гардад. Панҷум, дар гадоӣ савганди бисьёр надиҳад ва  муболиға нанамояд. Шашум, соҳиби он назмро  дар аввали маърака ё дар  охир ёд кунад. Ва афсонахонон мисли ҳикоят гӯёнанд. Эшонро низ ҳамин адабҳо риоят бояд кард.

## Фасли сеюм
## Дар шарҳи аҳли зӯр аз маъракагирон ва эшон ҳашт тоифаанд: Гӯштигирон, санггирон, новакашон, саллакашон, ҳаммолон, мағиргирон, расанбозон ва зӯргарон.

### Қисмати аввал
### Дар баёни гӯштигирон

Бидон, ки  гӯштӣ гирифтан ҳунарест мақбул ва писандидаи мулуку салотин. Ҳар кӣ бад ин кор машғул мебошад, ағлаб (бештар) он аст, ки ба покӣ ва ростӣ мегузаронд.

Агар пурсанд, ки маънии гӯштӣ чист, бигӯй, он ки одамӣ табдили (тағийири) ахлоқ кунад ва ҳақиқати ин сухан он аст, ки пайваста миёни сифоти ҳамида (писандида) ва ахлоқи замима (нописанд) гӯштӣ воқеъ аст. Яъне ҳар як мехоҳад, ки зидди худро дафъ кунад…

Агар пурсанд, ки асл дар гӯштӣ гирифтан чӣ чиз аст, бигӯй илми ин санъат. Агар пурсанд, ки  қувват чӣ гуна аст, бигӯй, қувват эътибор надорад, ба воситаи он ки ҳайвонот бошанд, ки эшонро  қуввати бисёр бошад ва чун дониш надоранд, ҳеҷ ҳурмат надоранд.

Агар пурсанд, ки илми боқувват чӣ гуна аст, бигӯй, дар ғояти некӯӣ, ба воситаи он ки бузургон гуфтаанд: «қуввати бедониш чун подшоҳи беадл аст ва дониши беқуват чун подшоҳи  одилу белашкар» ва чун донишу қувва бо ҳамдигар ёр бошанд, корҳо бо мурод гардад. Агар пурсанд, ки гӯштигирӣ илм аст ё амал, бигӯй, илмест муқтарин (пайваста) ба амал ва ҳар кӣ чизе омӯзад мумкин, ки бад-он амал накунад ва дар ин ҳунар то илм набувад, амал

наметавон кард. Пас, илму амал ба ҳам ороста аст. Агар пурсанд, ки одоби устодони гӯштӣ чанд аст, бигӯй дувоздаҳ: Аввал он, ки худ поку беиллат бувад. Дуюм, шогирдонро ба покӣ иршод (ҳидоят) кунад. Сеюм, бахил набошад ва чизе аз шогирдон дареғ надорад. Чаҳорум, бар шогирдон мушфиқ бошад. Панҷум, ба моли эшон тамаъкор набувад. Шашум, ҳар якро ба қадри қобилияти эшон таълим диҳад. Ҳафтум, рӯю риё (фиреб) накунад. Ҳаштум, ба шогирдони худ бад нахоҳад. Нӯҳум, агар касе гӯштӣ бад гирад, нагӯяд бад гирифтӣ, балки ба нармӣ сухан гӯяд. Даҳум, агар таълим гӯяд дар маърака, пӯшида гӯяд, ки хасм (душман) воқиф нагардад. Ёздаҳум, бояд ки аз илми гӯштӣ бохабар бошад. Дувоздаҳум, дар ҳеҷ маърака зикри пир ва устоди худро фаромӯш накунад.

Агар пурсанд, ки одоби шогирдон чанд аст, бигӯй, он ҳам дувоздаҳ. Аввал, он ки рост бошад. Дуюм, он ки порсо (покиза) ва некмаош (некмуомила) бувад. Сеюм, он ки некусират ва покизаахлоқ бувад. Чаҳорум, некният бошад. …Панҷум, хидмати устодон ба сидқ кунад. Шашум, бар ҳеҷ кас ҳасад набарад. Ҳафтум, бухл наварзад ва ҳар чӣ дорад фидои пир кунад. Ҳаштум, бо дигар шогирдон ба дилу забон мутаффиқ бошад. Нӯҳум, аз дилҳо дарюза кунад. Даҳум, ба зӯри худ мағрур нашавад. Ёздаҳум, ба шикасти хасм хушдил нашавад.

Агар пурсанд, ки устоди комил кадом аст, бигӯй, он ки аз шаш илм соҳибвуқуф (огоҳ) бошад: Аввал, илми тиб, то донад, ки шогирдро чӣ зиён медорад. Дуюм, аз илми нуҷум, то вақт ва соати гӯштӣ гирифтан бар ваҷҳе ихтиёр кунад, ва мувофиқ бошад. Сеюм, аз илми рамл (фол), то ғолиб ва мағлубро бидонад ва шиносад, ки кадом шогирд бар кадом шогирд ғолиб меояд. Чаҳорум, илми даъват (дуо) то пайваста дафъи сеҳр аз шогирдон бикунад. Панҷум, илми фаросат, то аз шакл ва ҳайати (сурат) шогирд маълум кунад, ки аз ӯ чӣ кор меояд. Шашум, илми санъати гӯштӣ. Ва он чӣ аз ӯ машҳур аст, сесад банду гиреҳ аст ва ҳар яке рӯе (мақсаде) дорад ва боз ҳар рӯе дафъе дорад, ки маҷмӯъ ҳазору ҳаштод масъала бошад. Ҳар устод, ки ин улум ва масоилро надорад, комил набошад.

Агар пурсанд, ки паҳлавон киро тавон гуфт, бигӯй, он касеро ки дувоздаҳ сифат дошта бошад…Сеюм, тани қавӣ. Чаҳорум, забони хуш. Панҷум, дили далер. Шашум, хиради комил. Ҳафтум, сабри тамом. Ҳаштум, илми ба камол. Нӯҳум, ҷаҳди доим. Даҳум, хулқи писандида. Ёздаҳум, мастурӣ (парҳез кардан) аз ҳаром. Дувоздаҳум, неъмате бардавом…

Агар пурсанд, ки гӯштӣ чанд навъ аст, бигӯй ду навъ: аввал қабз (ба даст гирифтан). Дуюм, изтирор (беихтиёр). Агар пурсанд, ки ҳар як чӣ гуна аст, бигӯй, қабз гӯштӣ гирифтан (аз они) аҳли Хуросон ва Ироқ аст, ки онро шаҳривор гӯянд ва изтирор гӯштӣ гирифтан аз аҳли Гелон ва Шервон ва баъзе аз Озарбойҷон аст ва онро дайламивор хонанд.

Агар пурсанд, ки забони гӯштигирон кадом аст, бигӯй, даст. То даст фурӯ накӯбанд, барначаспанд.

Агар пурсанд, ки даст фурӯ кӯфтан чанд аст, бигӯй, ду: Аввал, он ки дар аввали гӯштӣ даст фурӯ кӯбанд ва онро нақораи ҷанг гӯянд ва пеш аз он

нишонаи зинҳор (амон) хоста наст ва мувофиқат дар он шарт аст. Яъне чун хасм дар миёни гўштӣ даст фурў бояд кўфт, яъне зинҳор додам.

Агар пурсанд, ки дастгири гўштигорон кадом аст, бигўй, пушт афкандан.

Агар пурсанд, ки модари гўштиҳо кадом аст, бигўй пушти даст гирифтан ва аз пушти даст ба ҳама ҷойҳо бирасад: ҳам ба сар, ҳам ба пой ва ҳам ба миён.

Агар пурсанд ки, ки афтодан аз чист, бигўй ё аз он ки надонад, ё аз он ки натавонад.

## Қисмати дуюм
## Дар баёни санггирон

Эшон низ мардуми поку порсро бошанд ва кори эшон зарби рост аст. Он аз ҳазрати Иброҳим мондааст.

Агар пурсанд, ки кор ба нияти он кунанд, ки эшонро қуввати тамом падид ояд ва онро ба муқобили душман сарф кунанд. Дуюм, он ки дар аввал, ки даст ба санг накардаанд, пирону пешқадамонро ёд кунанд. Панҷум, чашму забон ва дасту дил аз ношоистҳо пок доранд. Шашум, чун фориғ шаванд, такбиру салавот гўянд.

## Қисмати сеюм
## Дар баёни новакашон

Эшон низ беқалбиву дағалӣ (далеру нотарс) бошанд ва аз онҳо нафъи бисьёр ба халқ расад.

Агар пурсанд, ки чаҳор рукни нова кадом аст, бигўй аввалу охири нова ёд кардан, охири нова салавот фиристодан, зоҳири нова мардист ва ботини нова ҷавонмардӣ аст.

Агар пурсанд, ки ямину ясори нова кадом аст, бигўй ямин нова ростиву дурустист ва ясори нова ёриву дилдорӣ аст.

Агар пурсанд, ки фавқу таҳти нова кадом аст, бигўй фавқи нова сурати кулл аст ва дар маънӣ сифати одат, таҳти нова дар сурати одамист ва дар маънӣ бардошти он…

Агар пурсанд, ки пасу пеши нова кадом аст, бигўй, пеши нова ҳиммат ва паси назари мардон аст, ки корро меронад.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи нова ишорат ба чист, бигўй, «Н» - накди муҳаббат ба даст овардан аст. «А» - (алиф) – дар кори худ рост будан аст. «В» - вараъ ва тақво (яъне покӣ) варзидан аст. «Ҳ» - ҳаводории бародарон кардан аст.

Агар пурсанд, ки шароити нова кашидан чанд аст, бигўй, чаҳор: Аввал, он ки хидмат кардан аст. Дуюм, хушнудии бародарон ба даст овардан. Сеюм, он ки исботи кори худ донистан. Чаҳорум, он ки доим суфра кашад ва бухл накунад.

Агар пурсанд, ки аркони новакашӣ чанд аст, бигӯй шаш: Аввал, пок будан…Сеюм, аз ҳозирон мадад талабидан. Чаҳорум, пиру устоди худро ёд кардан. Панҷум, салавот фирситодан. Шашум, сирри худро бо касе нагуфтан.

Агар пурсанд, ки одоби новакашӣ чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал пок бошад. Дуюм, дар тоат тақсир накунад. Сеюм пайваста бо вузӯ бошад. Чаҳорум, ҳасад набарад. Панҷум, такаббур наварзад. Шашум, ба зӯри худ ғарра нашавад. Ҳафтум, дар ҳамкорони худ ба чашми ҳақорат нангарад. Ҳаштум, ҳамкорони худро ёриву мадад расонад.

Агар пурсанд, ки махсуси новакашӣ чист, бигӯй, нардбон ва агар хоҳанд тунбон пӯшанд ва мӯҳра бananд…

Агар пурсанд, ки нардбон ишора ба чист, бигӯй, ба тарбияти пир, ки ҳар замон муридро ба пояи баландтар расонад…

Агар пурсанд, ки ҳуруфи нардбон чӣ маънӣ дорад, бигӯй, ки «Н» - ниёз аст, «Р» - ризо аст, «Д» - диёнат аст. Яъне, бояд ки покизаву эмин бошад ва чашму дасту дил ва забонро аз хиёнат нигоҳ дорад. «Б» - басорат аст, яъне бояд ки дар кори худ доно (ва бино) бошад. «А» - (алиф) – инсоният аст, ки бояд хушхӯю некуниҳод бошад ва «Н» - неъмат аст, бояд ки доим аз он чӣ тавонад дарвешонро хидмат кунад ва дар бахшиш дареғ надорад.

**Қисмати чаҳорум**

**Дар шарҳи саллакашон**

Эшон низ мардуми паҳлавон мебошанд.

Агар пурсанд, ки саллакашӣ аз кӣ  мондааст, бигӯй аз Одам Алайҳиссалом ва пас аз Салмони Форсӣ.

Агар пурсанд, ки  шакли сала далолат бар чӣ дорад, бигӯй, бар доираи маърифат, ба воситаи он ки ҳайати сала шабеҳи доира аст ва ҳар кӣ сала бар сар ниҳод, бояд ки сар аз доира берун набарад, то он кор аз ӯ зебанда бувад.

Агар пурсанд, ки сарвона ишорат ба чист, бигӯй, ба маркази доира, яъне сала доира аст ва сарвона маркази доира ва маънии ин он аст, ки соҳиби сала, бояд ки ба сирри  инсонӣ, ки маркази доираи мавҷудот аст, донову бино гардад ва донад, ки ҳама барои инсон ва инсон барои шинохтани худ аст…

Агар пурсанд, ки суфра чаро гӯянд, бигӯй, барои он  ки ҳама касро аз он фоида расад, чуноне ки аз суфраи таом. Ва ҳар саллакаше, ки аз суфраи ӯ наволае ба фақире нарасад, соҳиби сиккаву суррат нест.

Агар пурсанд, ки поиза (камарбанд) кӣ тавонад дошт, бигӯй, касе ки масоф кардан бошад ва кори ӯ писандидаи аҳли ҳукм бувад ва ба иҷозати ҳаким поиза овехта бошад.

Агар пурсанд, ки поиза ишорат ба чист, бигӯй, ки бад-он ки агар иҷозаи ӯро чун риштаҳои поиза қитъа-қитъа созанд аз тариқи футувват рӯ нагардонад.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи сала чӣ маънӣ дорад, бигӯй. «С» - ишорат ба саломатии нафс аст, яъне мардум аз вай ба саломат бошанд. «Л» - ишорат ба лутфу марҳамат, яъне саллакаш, бояд, ки бо ҳама кас дар мақоми мулоимот бошанд ва ба он чӣ тавонад нафъ расонад. «А» -  ишорат ба ҳаводорӣ ва

мададгорӣ аст. Яъне салладор, бояд ки пайваста ҳаводору мададгори бародарон бошад.

**Қисмати панҷум**
**Дар шарҳи ҳаммолон**

Сурати ҳаммолӣ ишорат ба ҳамли (бардоштани) бори амонат аст. Пас, ҳаммол бояд, ки шароити ин кор ба ҷой орад, то сурат ва маънии ӯ ба ҳам ороста бошад.

Агар пурсанд, ки шароити ҳаммолӣ чанд аст, бигӯй, чаҳор: Аввал, он ки чун бор бардорад аз бардоштани бори амонат ёд кунад. Дуюм, зери ин бор бо эҳтиёт равад…, то пой налағжад ва аз роҳи рост наафтад. Сеюм, дар ин бор хиёнат кардан раво нест. Чаҳорум, он борро ба манзил бояд расонад, то музд тавон гирифт…

Агар пурсанд, ки одоби ҳаммолӣ чанд аст, бигӯй, дувоздаҳ. Аввал он ки … пок бошад ва то касе пок набувад, кори покон натавон кард… Чаҳорум, чашм бар пушти пой дорад ва ба ҳар сӯю ба ҳар кас нанигарад. Панҷум, чун ба миёни мардум расад, эшонро аз рафтани худ огоҳ созад, то касеро аз вай зараре нарасад. Шашум, агар дарвешеро дармонда бинад, бори ӯро ба ҷиҳати савоб бардорад ва манзил расонад. Ҳаштум борҳое, ки ҳарому макрӯҳ (зишт) бошанд набардорад… даҳум, ба ҳамкорони худ низоъ накунад. Ёздаҳум, кори худро бар ёрон нисор (бахшад) кунад. Дувоздаҳум, дар банди уҷрат (музд) набошад ва дар ин боб муболиға нанамояд ва аз инсоф дарнагзарад.

Агар пурсанд, ки он чӣ хосаи ҳаммолон аст, чист, бигӯй, ду чиз: Аввал, боркашӣ. Дуюм, боркунӣ.

Агар пурсанд, ки бинои ҳаммолӣ бар чист, бигӯй, бар се чиз: Аввал қудрат, ки бе қувват ин кор натавонад кард. Дуюм, тоат, ки бе тоат ҳаммол чаҳорпой бошад. Сеюм, ҳиммат, ки ҳар кӣ бе ҳиммат бувад, ҳаргиз бор ба манзили мақсуд нарасонад.

Агар пурсанд, ки ҳаммолиро чанд мартаба аст, бигӯй, панҷ: Аввал, кашидани борҳо. Дуюм, кашидани бори маърифат. Сеюм, кашидани бори риёзат, то нафс аз кудуратҳо соф гардад. Чаҳорум, кашидани бори ҷафои халқ. Панҷум, кашидани бори ҳақ…

**Қисмати шашум**
**Дар шарҳи мағиргирон**

Эшон як тоифаанд, аз зўргарон, ки ба ин кор махсусанд. Асли гурз аз амуд аст…

## Қисмати ҳафтум
## Дар шарҳи расанбозон

Эшон ба сурат аз аҳли бозианд. Мадори кори эшон бар ҷуръату қувват аст, лоҷарам эшонро дар миёни аҳли зўр овардаанд.

Бидон, ки расанбозӣ кори азимест ва аҳли ин кор, бояд ки мардуми покизарўзгор бошанд ва ба сифати покӣ ва ростӣ  мутаассафанд (ҳамсафанд).

Агар пурсанд, ки дар ин кор чанд намудор аст, бигўй, ду намудор. Агар пурсанд, ки ин ду намудор кадом аст, бигўй, аввал намудори пул ва он расан аст. Дуюм, намудори тарозу ва он мизон аст.

Агар пурсанд, ки расанро ба пул чӣ нисбат, бигўй расани борик, ки бар чўбе ё деворе бастаанд ишорат аст бар пули борик…

Агар пурсанд, ки нуқтаи мизон чӣ гуна аст, бигўй, чуноне ки расанбоз бе мизон  натавонад рафт ва агар чунон ки зоҳиран мизоне ба даст надорад, дастҳои вай мизон хоҳад буд. Чунончи мурғонро дар паридаи болҳои онҳо мизон аст.

Агар пурсанд, ки намудори мизон дар дуньё чист, бигўй, ҳуфу риҷо, ки мизони адл аст. Ҳар кадом, ки мизони ақл ба даст оранд, эшонро ҳеҷ бок нест ва ҳар кадомро, ки ин  мизон ба даст нест ё як тарафи мизон майле дорад қадами эшон бар ростӣ суббот надорад ва аз ин ҷо гуфтаанд, ки бисёрии хуф то ба ҳадде, ки ба навмедӣ  кашад, куфр (бад) аст ва  касрати риҷо то ғояте, ки аз ҳад гузарад низ куфр бошад

Эмин машав, ки маркаби мардони мардро,
Дар санглохи бодия пайҳо буридаанд.
Навмед ҳам мабош, ки риндони боданўш,
Ногаҳ, ба як хурўш ба манзил расидаанд.

Агар пурсанд, ки он чӣ махсуси расанбозон аст, чист, бигўй, расан ва мизон.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи расан чӣ маънӣ дорад, бигўй, расан се ҳарф аст ҳам ба арабӣ, ки онро ҳабл гўянд ва ҳам ба форсӣ, ҳар як маънӣ дорад.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи арабии он чӣ маънӣ дорад, бигўй, «Ҳ» - ишорат ба ҳилм аст, яъне хашм фурў хўрдан ва таҳаммули озори нокасон кардан. «Б» - ишорат ба бар (самар, мева) аст, яъне, некўӣ намудан ва дар ҳаққи эшон шафқат фармудан. «Л» - ишорат ба лутф аст, яъне ба хулқи неку бо халқ муносибат кардан ва озор нарасонидан.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи форсӣ чӣ маънӣ дорад, бигўй, «Р» - ишорат ба ростӣ аст. «С» - ишорат ба саховат ва «Н» - ишораь ба нестист (дар худ ғарқ шудан, худро шинохтан). Яъне расанбоз, бояд ки аввал қадам ба ростӣ ниҳад. Дуюм, ҳар чӣ дорад, дарбозад. Сеюм, ҳастии худро дар миён набинад…

Агар пурсанд, ки ҳуруфи мизон чӣ маънӣ дорад, бигӯй, «М» - аз мурувват аст. «Й» - аз яқин аст ва «З» - аз зӯҳд, «А» - аз инсоф ва «Н» - аз нафъ, яъне ҳар кӣ мизон ба даст гирад, аввал бояд ки бо мурувват бошад. Дуюм, соҳиби яқин (ақидаи ягона) бошад. Сеюм, ба дунёпарастӣ майл накунад. Чаҳорум, бояд аҳли инсоф бошад. Панҷум, бояд ки нафъ ба халқ расонад ва ҳар расанбозе, ки ин панҷ сифат надорад, ӯро мизон ба даст гирифтан нашояд.

Агар пурсанд, ки сари расан кадом аст, бигӯй, нияти пок. Агар пурсанд, ки пои расан кадом аст, бигӯй, ҳиммати пирон ва мардон.

Агар пурсанд, ки расанбозӣ ба чӣ чиз тамом мешавад, бигӯй, ба се чиз: Аввал, ҳиммати ҳозирон. Дуюм, дуои пешқадамон. Сеюм, покии дил аз занги шакку шубҳа.

## Қисми ҳаштум
## Дар шарҳи зӯргарон

Эшон анвои корҳое доранд. Аввал, мардгирӣ. Дуюм, сангшиканӣ. Сеюм, устухоншиканӣ. Чаҳорум, дорбозӣ. Панҷум, сангкафонӣ. Шашум санги осиё бардоштан. Ҳафтум, пилзӯрӣ кардан ва дигар корҳое ҳаст аз тир гузаронидан, ҷаҳандагӣ ва монанди он. Аз ҳар як ба қадри ҳол фарохури ин мухтасар шаммае боз намоем…

Агар пурсанд, ки дар ҳақиқат маънии мардигирӣ чист, бигӯ, ҳар киро бардоранд ва наафкананд.

Агар пурсанд, ки маънии сангшиканӣ чист, бигӯй, он ки сифатидуруштхӯӣ ва сангдилиро бишканад ва аз худ дур кунад.

Агар пурсанд, ки маънии устухоншиканӣ чист, бигӯй, устухон ҳиҷоб ва мағзи ҳақиқат аст. Пас устухоншиканӣон аст, ки ба зӯри бозуи мардиву ҷавонмардӣ ҳиҷоби худӣ аз пеш бардорад ва ба мағзи ҳақиқат бино гардад.

Агар пурсанд, ки маънии дарбозӣ чист, бигӯй, маънии ин он аст, ки ҳама чизҳо ростиро ихтиёр кардаем.

Агар пурсанд, ки маънии сангафканӣ чист, бигӯй, ҳамон аст, ки сифати дуруштхӯӣ ва сахтдилиро аз худ дур афканад.

Агар пурсанд, ки маънии санги осиё бардоштан чист, бигӯй, санги осиё ишорат ба ду сифат аст: Санги боло ҳаракати доимӣ дорад ва он нишони ҷидду ҷаҳд дар талаб аст. Санги зер сукути доимӣ дорад ва он аломати бурдборӣ аст. Пас ҳар кас санг бармедорад, ишорат ба тартиб кардани он сифати нек аст.

Агар пурсанд, ки маънии пил бардоштан чист, бигӯй, пил сифати азамат аст ва бардоштани он ишорат ба он аст, ки заррае хокро нарасад, ки бо халқи афлок азамат кунад.

Агар пурсанд, ки ҷаҳандагӣ чӣ маънӣ дорад, бигӯй, маънӣ он аст, ки нафс душмани хонагӣ аст, аз ӯ бибояд ҷаст ва паноҳ бурд. Тавфиқ муҳориба бо нафс аст:

Агар зи дӯст мададгорие расад як дам,

Ҳазор таънаи душман ба ними ҷав нахарам.

Ба яқин бибояд донист, ки ҳақиқати зургарӣ он аст, ки душмани нафсро поймол созанд, вагарна баъзе чаҳорпоён ва дадонро қувват аз одамӣ зиёда аст, пас ба қувват набояд фахр кард ва аз сари ҳавои нафс бибояд гузашт, то паҳлавони маърака марди шадд гардад.

Саъдӣ мегӯяд:

Мардӣ гумонмабар, ки ба панҷа асту зӯри китф,
Бо нафс агар барой, донам ки шотирӣ.

**Фасли чаҳорум**
**Дар сифати аҳли бозӣ аз маъракагирон**
**ва эшон се тоифаанд: тосбозон,**
**лӯъбатбозон, ва ҳуққабозон**

**Қисмати аввал**
**Дар баёни тосбозон**

Агар пурсанд, ки тосбозиро аз куҷо гирифтаанд, бигӯй, аз даври фалак, ки пайваста дар гардиш аст.

Тосбозон чарх бин, чархи муламмаъ дар бараш,
Мезанад чархеву бар болои мо мебигзарад.
В-андарин майдон зи фарзандони одам дам ба дам,
Мекунад пинҳон якеву дигаре меоварад.

Агар пурсанд, ки маънии тосбозӣ чист, бигӯй, дар ин кор чаҳор феъл аст ва ҳар яке маъние дорад: Аввал, ҷубба пӯшидан. Дуюм, чарх задан. Сеюм, рахт бардоштан ва пинҳон кардан. Чаҳорум боз овардан.

Агар пурсанд, ки маънии ҳар як чист, бигӯй, ҷубба пӯшидан ишорат ба талаб кардани мақсуд аз худ барои он ки бузургон гуфтаанд: «ҳар чӣ туро бояд бо туст ва матлуби ту дар зери ҷомаи ту».

Дигар, чарх задан, ишорат аст ба сайр кардан дар худ ва аз доираи вуҷуди худ қадам берун наниҳодан.

Дигар, рахт бардоштан, ишорат ба қабули суханони дарвешон ва пазируфтани калимоти эшон, ки ҳар як матоест нафис. Боз овардан ишорат аст ба адо кардани он суханон ва вақту маҳалли он нигоҳ доштан, яъне файзе, ки аз бузургон гирифта бошад, дар вақти эҳтиёҷ ба хӯрдон бирасонад.

Агар пурсанд, ки маъсуси тосбозон чист, бигӯй, ҷубаву тоб.

Агар пурсанд, ки ҷубба ишорат ба чист, бигӯй, ҷуббаи тосбозон ба ду чиз аст: аввал он ки пӯшидаи айб бошад. Дуюм, он ки бар ӯ ҳама эътимод тавон кард.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи ҷубба чист, бигӯй, «Ҷ» - ҷидду ҷаҳд аст. «Б» - бедорӣ ва ҳушёрӣ аст, яъне соҳиби ин либос, бояд дар кори худбедору ҳушёр

бошад ва ғафлат наварзад. «Ҳ» - ҳиммати баланд аст, яъне дар ин либос олиҳиммат бошад ва ба чизҳои дун сар фурӯ наорад.

Агар пурсанд, ки тос ишорат ба мартабаи сафо ва покизагист ва баъзе гуфтаанд, тос ишорат ба дил тавонад буд, ки тосро дар зери ҷубба мебарад ва берун меоварад. Ин ҷо низ тоси дил, ки дар миёни ҷуббаи бадан пинҳон кардаанд, мебояд, ки бо ҳамон сафои аввал то охир бимонад.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи тос ишорат ба чист, бигӯй, «Т» - талаб аст, «А» - ва «С» - саломат, яъне тосбоз бояд, ки пайваста дар талаби маонӣ ва ҳақоиқ бошад ва улфат бо ёр гирад ва ба ағёр ва дар роҳи саломат равад, то дилаш аз офати роҳ солим бувад.

## Қисмати дуюм
## Дар шарҳи луъбатбозон

Бидон, эй азиз, ки дар кори лӯъбатбозии дарвешони соҳибдил таомулҳо фармудаанд ва басе ҳақоиқ бар эшон кашф шудааст. Бибояд донист, ки ҳар чизе ки дар олами сурат зуҳур мекунад, агарчи дар либоси ҳазл бошад, аммо бо ҳасби ҳақиқат ҷидд бувад…

Умари Хайём гуфтааст:

Мо лӯъбатаконему фалак лӯъбатбоз,
Аз рӯи ҳақиқате на аз рӯи маҷоз.
Рӯзе ду-се омадему бозӣ кардем,
Рафтем ба сандуқи Адам як - як боз

ё худ Мавлавӣ дар «Маснавӣ» овардааст:

Ӯ ба санъат озар асту ман санам,
Ман шавам чизе, ки вай месозадам.
Гар маро соғар кунад, соғар шавам,
В-ар маро ханҷар кунад, ханҷар шавам.
В-ар маро чашма кунад, обе диҳам,
В-ар маро оташ кунад, тобе диҳам.

Агар пурсанд, ки шарти лӯъбатбозӣ чист, бигӯй, он ки доно бошад ва аз ҳақиқат бобаҳра гардад.

Агар пурсанд, ки махсуси лӯъбатбозон чист, бигӯй, хаймаву пешбанд. Бозии хайма дар рӯз ва бозии пешбан дар шаб тавон кард. Пешбанд сандуқеро гӯянд, ки дар пеши он хаёлбозӣ мекунанд ва дар рӯз бозӣ ба даст ҳаракат кунанд ва дар шаб бозӣ риштае чандро мутаҳаррик (ҳаракаткунанда) созанд.

Агар пурсанд, ки хайма ишорат ба чист, бигӯй, ба бадани инсон, ки ҳар лаҳзае луъбати дигареро ақвол ва фаъол аз ин ҳайма сар бармезанад ва дар ин хайма ҷуз яке нест, ки масдари ин мухталифот аст.

Агар пурсанд, ки пешбанд ишорат ба чист, бигӯй, ба дили одамӣ, ки сандуқи аҷоиб аст ва ҳар замон аз сифоту аҳволи ӯ ҳаракат диҳад, ба ин ҷиҳат ӯро қалб гӯянд, ки гардон аст…

Шамъи саропардаи шоҳӣ дил аст,
Балки назаргоҳи илоҳӣ дил аст.

**Қисмати сеюм**
**Дар баёни ҳоли ҳуққабозон**

Агар пурсанд, ки ҳуққабозиро аз куҷо гирифтаанд бигӯй, аз даври фалак, ки мӯҳраи меҳру моҳро бо тамоми ситорагон гоҳ пинҳону гоҳо ошкоро гардонад. Хоҷуи Кирмонӣ дар сифоти фурӯ рафтани кавокиб ва баромадани офтоб гуфтааст:

Сад ҳазорон мӯҳраи симин даруни ҳуққа бурд,
Ҳуққабози чарх, пас як мӯҳраи зарин намуд.

Агар пурсанд, ки ҳуққабозӣ чист, бигӯй, он ки бар даври замон эътимод накунад, чи ҳар замон ҳуққаи фалак мӯҳраи умри азизе ғоиб месозад ва аз ҳар туе нақши дигар менамояд ва ҷамии шӯъбаҳоро бар ин қиёс бояд кард, ки чизе менамояд ва дар воқеъ чунин нест.

## БОБИ ҲАФТУМ

**Фасли аввал**
**Дар маънии қабза ва шарҳи он,**
**ки қабза чанд аст**

Бидон, ки қабза дар луғат чизеро гӯянд, ки ӯро ба панҷаи даст фаро гиранд, чун қабзаи камону теғ. Он низ, ки ба панҷа фаро гиранд ва ба касе диҳанд қабза мегӯянд ва қабзаҳо хурмо ва он ки ба кафи даст фаро гирифта ба касе диҳанд, ҳам қабза аст…Пас, ҳар кӣ чизеро фаро мегирад ва қабз мекунад онро қабза мегӯянд ва қабзаҳо чанд навъ аст: Аввал, он ки соҳиби қабза кори худ ба он тамом мекунад, ки қабзаи теғ ва қабзаи бел ва монанди он. Дуюм, он ки соҳиби қабза кори худ бад-он тамом мекунад, балки он низ яке аз адвоти кори ӯст, чун қабзаи мола ва қабзаи теша. Аввалро қабзаи ал-асл ва сониро қабзаи ал-фаръ (нисбӣ) гӯянд.

Қабзаи аслу фаръ ба тамомӣ (якҷоя) бисту се ҳаст:
Аввал, қабзаи теғ. Дуюм, қабзаи сипар. Сеюм, қабзаи гурз. Чаҳорум қабзаи камони ҳарб. Ин чаҳор аз они сипоҳиён аст. Панҷум, қабзаи тағмоқ, ин хосаи фаррошон аст. Шашум, қабзаи корд. Ҳафтум, қабзаи сотур. Ҳаштум, қабзаи корди мол. Нӯҳум, қабзаи табар. Ин чаҳор қабза аз они саллохон ва қассобон аст. Даҳум, қабзаи бел. Ёздаҳум, қабзаи ниём. Дувоздаҳум, қабзаи

мола, ин азони банноён аст. Сездаҳум, қабзаи дос, ин азони даравгарон аст. Чаҳордаҳум, қабзаи хоиск. Понздаҳум, қабзаи путк ва ин  аз они аҳли даму кўра аст. Шонздаҳум қабзаи теша ва арра аст ва ин  аз они аҳли тешаву арра аст. Ҳафдаҳум, қабзаи камони надаф ва ин азони халлоҷону намадмолон аст. Ҳаҷдаҳум, қабзаи каданг ва ин азони козурон ва рангрезон аст. Нуздаҳум, қабзаи қувва ва ин азони аҳли дирафшу бахия аст. Бистум, қабзаи уту ва ин аз они дарзиён ва тоқиядўзон аст. Бисту якум, қабзаи кафча ва ин азони ҳалвогарону қаннодон аст. Бисту дуюм, қабзаи сих, ин азони пуштакашон аст. Бисту сеюм, қабзаи конг азони чоҳканон аст.

Агар пурсанд, ки ин қабзаҳо, ки зикр карда шуд кадом ба як қабза тамом шавад ва кадом ба ду қабза тамом гардад, бигўй, дувоздаҳ қабзаи он ба яке тамом шавад: қабзаи теғ, сипар, камони ҳарб, корд, сотур, корди мол, камони надаф, молаву дос ва хоиску уту ва қува. Чаҳори он ба ду қабза тамом шавад: бел, путк, кафча, сихипушта. Ҳафти он ба як ду тамом шавад: гурзу табар, тағмоқу теша, каданг, кулангу ниём.

## Фасли дуюм
## Дар қабзаи теғ

Теғ оинаи ҳарб аст ва ҳурмати бисьёр дорад ва пушту соҳиби худ аст ва ба мадади он дафъи душман тавон кард ва ба воситаи он аст, ки бузургонро ба теғ нисбат кардаанд, ки эшон паноҳи мулозимони худанд ва ба сабаби эшон душман мағлуб мегардад.

Агар пурсанд, ки пушти теғ кадом аст, бигўй, бозўи, марде, ки ба мадади он теғ тавон зад.

Агар пурсанд, ки рўи теғ кадом аст, бигўй, таввачўҳ намудан ба дафъи душман.

Агар пурсанд, ки забони теғ чӣ мегўяд, бигўй, аз рўи ҳол қабза баён мекунад.

Агар пурсанд, ки теғро ба чӣ нисбат кардаанд, бигўй, ба гули райҳон, ки ҳар замон дар бўстони маърака шукуфта бошад.

Агар пурсанд, ки сари теғ кадом аст, бигўй, бо ҳунари мардӣ бардоштан.

Агар пурсанд, ки ҷавҳари теғ кадом аст, бигўй, ба нияти пок мубориза кардан.

Агар пурсанд, ки банди теғ кадом аст, бигўй ба нияти пок мубориза кардан.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи теғ чӣ маънӣ дорад, бигўй, «Т» - таманно, «Й» - якдилу якҷиҳат будан, ки ҳар кӣ дар кори худ бо тараддуд бувад, лоиқи қабза набошад, балки дархури теғ бувад. «Ғ» - ғафлат наварзидан ва дар маросими ҳарб ҳушёру  бозабар будан.

Агар пурсанд, ки даст бо теғ чӣ мегўяд, бигўй, мегўяд: «кор кун, то сарафроз шавӣ».

Агар пурсанд, ки  теғ бо даст чӣ мегўяд, бигўй, мегўяд: «маро нигоҳ дор, то туро нигоҳ дорам».

Агар пурсанд, ки теғ чанд навъ аст, бигӯй, ҳафт навъ: Аввал теғи ҷафо ва он теғе бошад, ки бар рӯи мардуми меҳнатӣ кашанд. Дуюми, теғи сафо ва он теғи бошад, ки бад-он касеро, ки мустаҳиқи куштан шуда бошад, бикушанд. Сеюм, теғи вафо ва он теғе бошад, ки ба мадади бародар баркашонанд ва шарри золиме аз сари вай дафъ кунанд. Чаҳорум, теғи ғазо ва он асли ҳамаи теғҳост, ки бад-он душманонро несту нобуд кунанд. Панҷум, теғи ҷазо, он теғест, ки ҳамеша бо худ доранд, ки агар душмане қасди он кунад ҷазои он ба вай расонад. Шашум, теғи баҳо – он теғест, ки барои зиннат бо худ доранд ва ҳаргиз кор нафармоянд. Ҳафтум, теғи ҳаво он чунон бошад, ки касе теғе мебандад, ба ҳавои дилу орзуи нафси худ аст. На ба тариқи суннат ва на ба иҷозати мардону пирон. Чунин касро теғ бастан нарасад.

Агар пурсанд, ки одоби соҳиби ин қабза чанд аст, бигӯй, ҳашт: Аввал пок будан, ва нопок даст ба қабзаи теғ набурдан…сеюм, чун теғ баркашад, биҷунбонад, чунон ки дар рӯи касе наорад. Чаҳорум, теғ бар гардани худ ниҳад, яъне нафси худро кушад. Панҷум, бӯса бар қабзаи теғ ниҳад ва ишорат ба он аст, ки дасти марде, ки бад-ин ҷо расидааст бӯса медиҳад. Шашум, то зарурат нашавад, теғ барнакашад, чун аз миён боз кунад ба ҳурмат ҷое биниҳад… ҳаштум, теғеро бараҳна нагузорад ва агар ба ғилоф бошад ва чизе онро пӯшонад.

## Фасли сеюм
## Дар қабзаи сипар

Бидон, ки сипар ҳисори сипоҳиён аст ва паноҳи муборизон. Сипар ҳамоил кардан суннат аст ва ҳар кӣ даст ба қабзаи сипар мерасонад, мебояд ки ба тариқи суннат расонад, то дар он мусоб (мукофоти нек) бошад.

Агар пурсанд, ки сипар аз кӣ монд, бигӯй, аз Каюмарс, ки ӯ шикор дӯст дошт. Рӯзе ба шикор рафта буд, ҷонваре пеш омад, ки онро гург гуфтандӣ. Чандон, ки Каюмарс олоти ҳарб бар ӯ зад, мутлақан кор накард, Каюмарс андешид, ки пӯсти вай барои олотҳои ҳарб некуст. Пас бифармуд, то ба тилисме он ҷонварро ба даст оваранд ва бикушанд. Пӯсти ӯро ба шакли сипар бибурид ва бар ҷое баст ва вақти ҳарб дар пеши рӯю сар медошт ва баъд аз вай дар он тасарруфҳо карданд, то бад-ин мартаба расид, ки ҳоло воқеъ аст.

Агар пурсанд, ки сипар бар чанд гуна аст, бигӯй, ба чаҳор гуна: Аввал сипари ҳазр. Дуюм, сипари қадр. Сеюм, сипари сабр. Чаҳорум, сипари ҳилм.

Агар пурсанд, ки баёни ҳар як чӣ гуна аст, бигӯй, сипари ҳазр сипарест, ки онро аз абрешиму ресмон бофта бошанд ва онро бо худ доранд, то ба сабаби он шояд, ки аз захми тиру шамшер эмин гарданд. Аммо сипари қадр он аст, ки дар сурати қазои муаллақ истифода мешавад. Сипари сабр он аст, ҳар ки онро пеша созад, охир ба мурод бирасад. Сипари ҳилм он аст, ки ба воситаи он захми теғи ғазабро дафъ гардонад. Ҳалим аз шарри оташи ғазаб эмин аст.

Агар пурсанд, ки ҳақиқати сипар чист, бигӯй, паноҳ гирифтан ба кори ҳақ.

Агар пурсанд, ки одоби сипар гирифтан чанд аст, бигӯй, панҷ: Аввал, он ки эътимод доштан. Саъдӣ фармудааст:

Сипар ба дӯш гирифтӣ барои тири аҷал,
Чу тир бар ҷигар омад, сипар чӣ суд кунад?

Дуюм, пок даст ба қабзаи сипар бурдан…Чаҳорум, чун сипар баргиранд, қабзаи онро бӯса диҳанд. Панҷум, чун аз гардан берун кунанд ба таъзими тамом ҷое биниҳанд.

Агар пурсанд, ки шакли сипару қабзаи ӯ ба чӣ монад, бигӯй, ба доира.

Агар пурсанд, ки  маънии доира ва марказ чист, бигӯй, маънӣ он аст, ки он кӣ сипар ба даст гирад, бояд дар доираи мардӣ ва мурувват ҳамчу марказ пойдор бошад. Чунон ки сипар ҳимояти ӯ мекунад ӯ низ ҳимояти фақирон ва дармондагон кунад, то шоистаи он қабза бошад.

Агар пурсанд, ки маънии оина чист, бигӯй, он ки чун хасм дар вай нигарад, ӯро танбеҳе шавад, ки чун оина софдил бошад ва аз сари хусумат бигзарад.

Агар пурсанд, ки доманаи сипар ишорат ба чист, бигӯй, бад-он ки заифонро  дар зери домани (ҳимоя) худ аз зарари ситамкорон  нигоҳ дорад.

Агар пурсанд, ки банди сипар чист, бигӯй, дар банди мададгорӣ ва ҳимояти бечорагон будан.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи сипар ба чист, бигӯй, «С» - ишорат ба саховат, «П» - ба пурдилӣ, «Р» - ба ризо, яъне соҳиби ин қабза бояд ки сахиву ҷавонмард бошад, ки дар вақти ҷанг, агар касе аз вай зинҳор хоҳад, ӯро зинҳор диҳад. Ва дигар, бояд ки пурдилу боҷуръат бошад, то сустӣ наварзад. Дигар, бояд ки розӣ бошад, то  агар захме  ё офате ба вай расад, бад-он сабаб дилаш аз ҷой наравад ва дар кори худ фурӯ намонад.

## Фасли чаҳорум
## Дар қабзаи гурз

Ин силоҳи паҳлавонон ва саромадони майдони ҳарб аст. Агар пурсанд, ки соҳиби ин қабзаро чанд адаб риоят бояд кард, бигӯй, панҷ: Аввал, он ки ба покӣ бояд даст ба вай расонанд. Дуюм, дар вақти бардоштан боварӣ доштан…Сеюм, ҳар ҷо биниҳад, аз рӯи таъзиму эҳтиром биниҳад. Чаҳорум, барои бозӣ кор нафармояд. Панҷум, чун даст ба вай кунад, пиру устоди худро ёд кунад.

Агар пурсанд, ки рӯи гурз кадом аст, бигӯй, дафъи зулму ситам.

Агар пурсанд, ки сари гурз кадом аст, бигӯй, душманонро сар гирифта доштан. Агар пурсанд, ки қабзаи гурз кадом аст, бигӯй, бар хасм зафар ёфтан ва бад-он сарфароз гаштан. Агар пурсанд, ки дастаи гурз ишорат ба чист, бигӯй, даст дар ростӣ задан ва ба дурустӣ кор кардан.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи гурз ишорат ба чист, бигӯй, «Г» - гузаштагӣ аст, «Р» - расидагӣ ва «З» - зиракӣ, яъне ҳар кӣ соҳиби ин қабза аст бояд, ки дар мақоми гузаштагӣ ва ҷаонмардӣ бошад ва дигар, бояд то хасм бар вай даст наёбад.

## Фасли панҷум
## Дар қабзаи камони ҳар ва он чӣ бад-он таалуқ дорад

Бидон, ки камондорӣ илми шариф аст. Дар ӯ қонуну рукнҳои бисьёр баён кардаанд.

Агар пурсанд, ки асли камондорӣ аз куҷо пайдо шуд, бигӯй, одам дар маҳалле, ки ба зироаткорӣ машғул гардид, мурғон меомаданд ва киштзори ӯро хароб мекарданд. Одам чун эшонро аз як ҷониб дур кардӣ, аз ҷониби дигар даромадандӣ. Одам…даст ба қабзаи камон бурд ва таълими тир андохтан ёд гирифт. Баъд аз он ки чанд мурғ ба тир бизад, дигарон бирамиданд ва зироати ӯ ба саломат бимонд.

Агар пурсанд, ки камондориро  аввалин чизе ки дар боист аст, чист, бигӯй, устоди машқ, ки агар касеро устод набувад худ дар ин кор шурӯъ натавонад намуд ва агар намояд ба ҳеҷ ҷо нарасад ва аз ӯ ҳеҷ кор наояд.

Агар пурсанд, ки одоби соҳиби ин қабза чанд аст, бигӯй, дувоздаҳ: Аввал, пок будан. Дуюм, камон ба нияти дафъи шарри золимон ба даст гирифтан. Сеюм, ҳамвора такбир фиристодан. Чаҳорум, дар салавот додан тақсир накардан. Панҷум, устоду пири худро ёд кардан. Шашум, шастро пӯшида  доштан. Ҳафтум, аз ҳарду нишона тир андозад. Ҳаштум, ба нишонаҷой бараҳна равад…Нӯҳум, агар тираш хато кунад, малул нашавад. Даҳум, агар дигаре росттару дурусттар андозад, бар вай  ҳасад набарад ва ӯро таҳсин кунад. Ёздаҳум, ба кори худ тааҷуб накунад ва фахр накунад, ки даст болои даст бисьёр аст.

Агар пурсанд, ки қабзаи камон гирифтан чанд навъ аст, бигӯй, машҳур чаҳор навъ аст: Аввал қабзаи корд. Дуюм, қабзаи камони шикорӣ. Сеюм, чанголи боз, кионро хандон  низ гӯянд. Чаҳорум, қабзаи муддавар.

Агар пурсанд, ки камон кашидан чанд навъ аст, бигӯй ду навъ: Аввал буруткаш; дуюм, сурмакаш.

Агар пурсанд, ки сутуни кадом аст, бигӯй, дасти чап.

Агар пурсанд, ки камон ба чӣ тамом шавад, бигӯй ба зеҳ, ки камони бе зеҳ ноқис бошад.

Агар пурсанд, ки камон ба тир чӣ мегӯяд, бигӯй, мегӯяд «ростравиш бош, то ба нишонаи мурод бирасӣ».

Агар пурсанд, ки ҳарфи камон чӣ маънӣ дорад, бигӯй, «К» - ишорат ба карам аст. Яъне соҳиби ин қабза бояд, ки карим ва ҷавонмард бошад. «М» - ишорат ба марҳамат аст, яъне бар зердастони худ раҳм намояд. «О»- ишорат ба эътиқод аст, бояд ки некният ва пок ақида бошад ва «Н» - ишорат ба

насиҳат аст, бояд, ки таълим ва пандро аз ҳамкорон ва мусоҳибон боз нагирад. Ҳар кӣ ин чаҳор сифат надорад, ҳаққи ин қабза надорад.

**Фасли шашум**
**Дар баёни қабзаи туғмоқ**
**(болғаи чӯбин)**

Бидон, ки ин қабза азони фаррошон аст ва эшон тоифае олиқадранд ва мақбули маҷлиси салотин… Корҳои эшон навъҳо дорад: барафроштани хаймаву саропарда ва соябон, хиргоҳ, барафроштани фарш, афрӯхтани шамъу чароғ, тартиби фонусу ҷорӯб ва ҳар як аз ин корҳо қоида доранд.

Агар пурсанд, ки афроштани хаймаро аз куҷо гирифтаанд, бигӯй, аз шакли осмон ва хаймаро сутуне ҳаст, аммо маръӣ нест.

Агар пурсанд, ки сутуни хайма ишорат ба чист, бигӯй ба маркази доира ва он ишорат ба ростӣ аст.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи хайма чӣ маънӣ дорад, бигӯй, «Х» - аз хилват «Й» - аз яқин, «М» - аз мурувват ва «Ҳ» - аз ҳиммат аст, яъне ҳар кӣ хайма меафрозад, бояд ки дили холис дошта бошад ва яқини ӯ дурусту муруввати ӯ комил бошад. Ҳиммати ӯ олӣ бувад, то дар кори худ ба камол бошад.

Агар пурсанд, ки қабзаи туғмоқ, кӣ тавонад ба даст гирифт, бигӯй, касе ки ба сифати мардиву ҷавонмардӣ ороста бошад.

Агар пурсанд, ки ду сари туғмоқ чӣ маънӣ дорад, бигӯй, яке ба иззат ва дигаре ба ҷуръат.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи туғмоқ чӣ маънӣ дорад, бигӯй, маънии «Т» - талаб аст, яъне соҳиби ин қабза пайваста дар талаби маонӣ ва ҳақоиқ бошад ва ҷидду ҷаҳд намояд. «Ғ» - ғайрат аст, яъне соҳиби ин қабза бояд ки ғаюр бошад. «М» - марҳамат аст, яъне бояд, ки бар фурӯдастони худ бибахшояд ва ҳамвора мискиноу бечорагонро дастгирӣ кунад ва чун аксар вақт ин тоифа соҳибихтиёр мебошанд. «А» - истиғно аст, яъне соҳиби ин қабза, бояд ки тавонгардил ва бузургҳиммат бошад ва ба ҷузъиёт сар фуруд наорад, то мартабаи ӯ ҳар рӯз олитар гардад. «Қ» - қабул аст, бояд ки ба тавозӯъ худро мақбули дилҳо созад.

Агар пурсанд, ки пӯшиши хиргоҳ ишорат ба чист, бигӯй, ба пӯшидани асрори мардумон ва пӯшидани чашм аз айби эшон…

Агар пурсанд, ки ҳақиқати маънии соябонӣ чист, бигӯй, он ки мазлумеро аз тоби офтоби ситам дар сояи иноягу риояти худ ҷой диҳад…

Агар пурсанд, ки дар фарш андохтан чанд адаб аст, бигӯй даҳ адаб: Аввал, он ки фаршро дар замини пок афкананд. Дуюм, ҷое афкананд, ки соҳиби вай хоҳад. Сеюм, пеш аз андохтан вайро аз хошоку ғубор пок созад. Чаҳорум, баъд аз анохтан низ мулоҳиза кунад, ки агар чизе ба ӯ омехта бошад бардорад… Шашум, дар вақти бардоштан боз пок созад. Ҳафтум, ба ҳамон замин тах кунад. Нӯҳум, сару пои он фаршро бишносад, то дар вақти

густурдану бардоштан тартиб донад. Даҳум, пирону мардон ва устодонро ёд кунад.

Агар пурсанд, ки ҳақиқати фарш андохтан чист, бигӯй он ки фарши худро кафи пои мардон донад. Бо худ андешад, ки чунончи ин фарш дар зери қадами мардон зинат дорад, Тани ман ҳам аз ғубори роҳравони олам зебу ороиш меёбад. Чун ин андеша кунад, ҳамвора дар талаби он бошад, ки худро ба мардӣ расонад:

Гар мо ба гарди домани марде намерасем,
Шояд, ки гарди домани марде ба мо расад.

Агар пурсанд, ки одоби шамъ равшан кардан чанд аст, бигӯй, дувоздаҳ: Аввал, бисмиллоҳ гӯяд. Дуюм, ояти Нур бихонад. Сеюм, чун ба маҷлис дарояд, салом гӯяд. Чаҳорум, бар ҳазрати расолат салавот фиристад. Панҷум, пайваста мутаваҷҷеҳ бошад, то шамъ тира насӯзад ва ногоҳ намирад. Шашум, дар вақти нишондан мулоҳиза кунад, то дуди вай касеро зарар насозад. …ҳаштум, дар маҷлис наншонад, балки берун барад ва биншонад. Нӯҳум лаганро покиза дорад. Даҳум, лаганро ба суфра ба маҷлис наорад. Ёздаҳум, пирону устодонро ёд кунад. Дувоздаҳум, рӯшноӣ аз ҳеҷ мустаҳиқ во надорад.

Агар пурсанд, ки маънии шамъ чист, бигӯй, дилсӯзӣ ва меҳру муҳаббат ва афрӯхтагӣ.

Агар пурсанд, ки маънии лаган чист, бигӯй, дар мӯҳаббат ва афрӯхтагӣ собитқадам будан.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи шамъ ишорат ба чист, бигӯй, «Ш» - шавқ аст. «М» - муҳаббат. Пас, ҳар кӣ шамъ равшан мекунад, бояд ки дили худро ба нури шавқ афрӯхта, ба оташи муҳаббат парвариш дода бошад, то дар назари бузургон шамъ равшан созад.

Агар пурсанд, ки маънии чароғ чист, бигӯй, равшании ботин ва ошноии зоҳир.

Агар пурсанд, ки шӯълаи чароғ бо фатила чӣ мегӯяд, бигӯй, мегӯяд: афрӯхтан дар сӯхтан аст. То худро насӯзӣ дигареро наяфрӯзӣ.

Агар пурсанд, ки фатила бо шӯъла чӣ мегӯяд, бигӯй, мегӯяд, ман тани худ дарбохтам ва ҷисми худ бигдохтам ва дар сӯхтан бо маҳбуби худ бисохтам.

Агар пурсанд, ки одоби чароғ равшан кардан чисту чанд аст, бигӯй, дувоздаҳ: Аввал, бисмиллоҳ. Дуюм, ояти Нур. Сеюм, Салавот фиристодан. Чаҳорум, чун ба маҷлис дарояд, салом гӯяд. Панҷум, дар мавзӯи ваъз ҳозиронро равшанӣ бахшад. Шашум, аз воқеот бохабар бошад ва ғофил нашавад. Ҳафтум, он чӣ аз сари чароғ бардорад аз маҷлис берун барад. Ҳаштум, дар ҳузури мардум наншонад. Нӯҳум, ҳеҷ касро аз рӯшноии ӯ манъ накунад. Даҳум, дар вақти нишонидан шартҳои гуфтаро иҷро кунад. Ёздаҳум, чароғпояро покиза ба маҷлис оварад. Дувоздаҳум, суфраи чароғ наафканад.

Агар пурсанд, ки маънии фонус чист, бигӯй, маънии фонус он аст, ки дил дар бадан ба мисли шамъ аст дар фонус.

Пас, ҳамчуноне ки фонус шамъро аз боду ҳаво муҳофизат мекунад, то намирад, шамъи дилро низ аз ҳавои нафс нигоҳ бояд дошт, то ба воситаи васвасаи ӯ фурӯ намирад, ки шамъи мурдаро ба як дам зинда тавон кард, аммо диле ки баъд аз ҳаёти маърифат ба васвасаи нафс мурда шуд, дигар бӯи зиндагӣ ба ӯ нарасад…

**Фасли ҳафтум**
**Дар баёни қабзаи корд ва сотуру**
**корди мол ва табар**

Ин чаҳор қабза азони фарзандони ҷавонмард аст бидон, ки аз ҷумлаи камарбаста…яке ҷавонмарди қассоб буда, қассобон ва саллоҳиёнро дар санади худ ба ҷавонмард дуруст мебояд намуд. Ӯро дар асл Абдулло ном аст ва ҷавонмард лақаби ӯ аст. Падари ӯро Омири Басрӣ гуфтандӣ. Бибояд донист, ки асли қассобӣ се кор аст: Аввал, сар буридан; дуюм, аз пӯст баровардан; сеюм, пора сохтан…

Агар пурсанд, ки қабзаи корд киро расад ба даст гирифтан, бигӯй, касеро ки сари нафси бадкеш ба теғи риёзат бурида бошад…

Агар пурсанд, ки одоби ин қабза гирифтан чанд аст, бигӯй, ҳафт: Аввал, он ки ба покӣ даст ба вай расонад. Дуюм, он ки бо ноҳаққу нораво кор нафармояд. Сеюм, надониста наронад. Чаҳорум, он ки дар вақти кор фармудан эҳтиёт бошад. Панҷум, ӯро покиза нигоҳ дорад. Шашум, аз кундӣ ва раҳна шудан муҳофизат намояд. Ҳафтум, гар ӯро халале падид ояд зуд тадоруки он кунад.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи корд ишора ба чист, бигӯй «К» - карам аст. соҳиби ин қабза бояд, ки бокараму ҷавонмард бошад. «А» - (алиф) – эҳсон аст. соҳиби ин қабза бояд ки накӯкор бошад ва аз озор дур бувад. «Р» - равшанӣ аст. Бояд ки ҳар кӣ ин қабза ба даст гирад, равшандил бошад. «Д» - дилдорӣ аст. бояд ки соҳиби ин қабза дар мақоми хушахлоқиву дилҷӯӣ бошад, то гирифтани ин қабза бар вай ҳалол бувад.

Агар пурсанд, ки қабзаи сотур (табарчаи қассобӣ) кӣ тавонад гирифтан, бигӯй, он кас ки ҳавои нафсро пароканда карда бошад ва аз тааллуқоти нафсонӣ ва шайтонӣ дур гашта бошад.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи сотур ишора ба чист, бигӯй, сотур панҷ ҳарф аст ва ҳар як ишорат ба сифатест. «С» - аломати саломатии нафс аст. «О» - бо пирон гирад ва дар роҳи худ комил гардад. «Т» - ва «У» - нигоҳ доштани ҳоли худ кунад ва «Р» - риёзаткаш (тоқатвар) бошад.

Агар пурсанд, ки маънии канора (чангаки қассобӣ ки гӯшт меовезанд) чист, бигӯй, дили худ дар бозори шавқ ҷилва додан, то ба нури маърифат дарёфт гардад.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи қанора чӣ маънӣ дорад бигӯй, «Қ» - қаноат, «Н» - ниёз, «О» - эҳтиёт, «Р» - ростист ва «Ҳ» - аз ҳиммат аст. Яъне соҳиби қанора бояд қаноат кунад, ниёзманд бошад, дар кори худ эҳтиёт ба ҷой орад ва ростӣ варзад, беҳимматӣ накунад, то қанора ниҳодан ӯро мусаллам бошад.

Агар пурсанд, ки қабзаи тир аз они кист, бигӯй, аз они касест, ки бути нафсро ба тири табарро (қаноат) шикаста бошад.

Агар пурсанд, ки ҳақиқати табар чист, бигӯй, шикастагии сурат ва дурустии маънӣ.

Агар пурсанд, ки ҳуруфи табар чӣ маънӣ дорад, бигӯй, «Т» - табарро, «Б» - бурдборӣ, ва «Р» - риёзат аст. ҳар кӣ ин қабза дар даст гирад, бояд ки парҳез кунад ва бурдбор бувад ва нафсро  риёзат фармояд.

Агар пурсанд, ки маънии пешвоз чист, бигӯй, ин маънӣ он аст, ки дили худро ба қулоби муҳаббат вобастаем.

Агар пурсанд, ки қабзаи корди молӣ ҳаққи кист, бигӯй, ҳаққи касест, ки ҷавонмард бошад. Барои он ки ин васларо сари ҷавонмардони олам ба ҷавонмарди басрӣ ҳавола кардаанд. Пас, ҳар кӣ ҷавонмардӣ надошта бошад, даст ба ҳаққи ҷавонмардон натавонад кард.

Агар пурсанд, ки «А»-ии корди мол чист, бигӯй, ростӣ ва дӯстӣ, ки ҳар кӣ мол овезад, бояд ки росту дуруст бошад.

Агар пурсанд, ки се ҳалқае, ки дар «А»-и корди мол бошад ишорат ба чӣ чиз аст, бигӯй, ҳар кӣ ин қабза дорад бояд, ки аз мартабаҳои роҳ бохабар бошад.

Агар пурсанд, ки ҳақиқати қассобӣ чист, бигӯй, ҷавонмардӣ.

Агар пурсанд, ки ҳақиқати саллоҳи (қассобӣ) чист, бигӯй, аз пӯсти худбинӣ берун омадан.

Агар пурсанд, ки одоби қассоби чанд аст, бигӯй, чаҳор ва онро аз чаҳор ҳарфи номи қассоб гирифтаанд. «Қ» - қабул, «С» - сидқ. Бояд ки дар харидану фурӯхтан ва гуфтану шунидан ростӣ варзад ва роҳи каҷ наравад. «А» - ишорат ба инсоф аст, яъне дар қисмат кардани гӯшт инсоф нигоҳ дорад, то ҳиссаи ҳар васла аз устухону чарбуи он миқдоре бидиҳад, ки лоиқи ӯ бошад. «Б» - ишорат ба некӯкори аст. бояд, ки ҳар чӣ кор кунад даркор кунад, то аз фарзандони ҷавонмард бошад.

Агар пурсанд, ки пешгир ва такура кадом аст, бигӯй, ба иттифоқ пешгир азони саллоҳон аст.

Агар пурсанд, ки адаби такура бастан чист, бигӯй, он ки фақирону дардмандонро дар зери домани шафқат ҷой диҳад…,

## АХЛОҚИ МӮҲСИНӢ

### **Дар шукр**

Он (шукр) сипосу ситоиш бошад ҳар мунъимро, чун салтанат бузургтарин неъматҳост, пас султон бояд, ки ба шукргузорӣ ва сипосдории ин неъмат қиём намояд ва шукр ҳам ба дил бошаду ҳам ба забон… ҳар узверо аз аъзо ба тоате, ки бад-он узв махсус аст, машғула гардонад: масалан тоати чашм он аст, ки дар назар мухолифот ба ибрат кунад ва дар уламову  сулаҳо (некмард) ба назари ибрат бингарад ва дар заифону зердастон ба шавқат нигоҳ кунад. Тоати гӯш истимои калом ва ахбору қисаси акобирон  ва панду

насоеҳи машоих ва аҳли яқин аст. Тоати даст эҳсон ба фақирону мӯҳтоҷон. Тоати пой рафтан ба мавзеи дарвешону гӯшанишинони бетамаъ ва зиёрати уламо мебошад. Шукргузорӣ сабаби зиёдии неъмат аст:

Шукр сӯи шаҳри саодат барад,
Ҳар ки кунад шукр зиёдат барад.

Овардаанд, ки Султони Санҷари мозӣ (гузашта) дар деҳе мегузашт, хирқапӯше бар сари роҳи ӯ истода буд, салом кард ва Султон чизе мехонд сар ҷунбонд ва ба забон ҷавоби вай нагуфт. Дарвеш гуфт: «Салом кардан суннат аст ва ҷавоб додан фарз. Ман суннат ба ҷой овардам, ту чаро тарки фариза кардӣ?» Султон аз рӯи инсоф ва салабот инон (лаҷом, ҷилав) баркашид ва бо эътироз даромада фармуд, ки эй дарвеш, ба шукргузорӣ машғӯл будам аз ҷавоби ту ғофил гаштам:

Аз моҳ то ба моҳиву аз арш то ба фарш
Ҳар заррае ораз шуда мустағриқи наим.

Дарвеш пурсид, ки ба чӣ навъ шукр мегуфтӣ? Султон ҷавоб дод, ки шукри ҷамии неъматҳо мекардам. Дарвеш гуфт: «Эй султон, ту тариқи сипосгузорӣ намедонӣ ва вазифаи шукргузорӣ ба ҷой намеорӣ, ки рӯзгори давлати туро ҳосилу айёми шавкати туро шомил аст ва шукр на ҳамин бошад. Шукр он аст, ки ҳар чӣ дорӣ, шукре ки муносиби он аст, ба ҷой орӣ». Султон Санҷар илтимос намуд, ки маро бар он матлаъ (воқиф) гардон ва дарвеш гуфт: «Шукри салтанат адл аст бар умуми оламиён. Эҳсон бо ҷамии одамиёну тамаъ накардан дар амлоки раият ва шукри фармонравоии ҳақ хидмати фармонбарон шинохтан ва шукри баландии бахту бисьёрии иқбол бар афтодагони хоки манзалат раҳм кардан ва шукри маъмурӣ хазонаи садақоти хайротро ҷиҳати аҳли истеҳком муфрад доштан ва шукри қудрату қувват бар оҷизон ва заифон бахшудан, шукри сӯҳбати беморони ситамрасидаро аз қонуни адл шафоат фармудан ва шукри бисьёрии лашкару сипоҳ осеби эшон аз мусулмонон дур сохтан, шукри иморатҳои олӣ ва боғҳои биҳиштоин масокину мазомини раиятро аз нузули (фуруд омадан) хадаму ҳашам маоф доштан ва хулоса, шукргузорӣ он аст, ки дар ҳоли хашму ризо ҷониби ҳақ фурӯ нагузорӣ ва осоиши халқро бар осоиши худ муқаддам дорӣ:

Насояд андар диёри ту кас,
Чу осоиши хеш хоҳию бас.

Султон завқи суханони он дарвеш дарьёфта, хост, ки аз маркаб фуруд ояд ва вайро зиёрат кунад, чун нек нигарист ҳеҷ ҷо дарвешро надид ва касе аз вай нишоне надод. Бифармуд, то ин калимотро ба оби зар навиштанд ва дастуруламали рӯзгори худ сохт:

Панди ҳаким сайқали синаи дил аст,
Мақсуди ҳар ду олам аз он панд ҳосил аст.

**Дар сабр**

Сабр сифати бағоят мақбул аст таърифи сабр ҳамин аст, ки ба мазмуни он дар ахбор омадааст…

Сабр беҳтар мардро аз ҳарчи ҳаст,
То биёяд бар муроди хеш даст.

Ҳар ки дар тирборони ҳаводис сипари сабр дар сар кашад, зудтар хаданги умедаш ба ҳадафи  мурод бирасад. Зеро ки сабр мифтоҳи (кушоиши) кор аст ва дари хонаи роҳаш ҷуз бад-ин калид накушоянд. Дар калимоти мулуки Туркистон овардаанд, ки Афросиёб мардуми худро  гуфт, ки ҳайсияти шфқати эшон фирефта машавед ва ба лофе, ки зананду даъвое, ки кунанд, мағрур мегардед, то вақте ки эшонро биозмоед ба сабру пойдорие, ки агар бар маҳаки сабр тамоми айёранде эшонро ба мардонагӣ эътибор кунед:

На ба даъвост қадру қимати мард,
Қимати мард сабр донад кард.

Овардаанд, ки рӯзе яке аз умаро пеши подшоҳе истода буд ва шоҳ ба ӯ дар муҳимме мушоварот мефармуд. Қазоро каждуме дар пероҳани ӯ афтода буд ва ҳар соат амирро мегазид ва ба неши заҳролуди худ зарар мерасонид, то вақте ки неши вай аз кор биафтод ва ҳар заҳре, ки дошт ба кор бурд. Ва он амир мутлақо дар он машоварат қатхи сухан накард ва тағйире дар ӯ зоҳир нашуд ва суханаш аз қонуни ақлу  ҳукумат инҳироф (рӯ тофтан) найфт. То ба хона омад ва он каждумро аз ҷома берун кард. Ин хабар ба подшоҳ расид, мутааҷҷиб ва мутуҳайир гашт. Рӯзи дигар, ки амир ба мулозимати султон омад, фармуд ки дафъи зарар аз нафс воҷиб аст. Ту чаро дирӯз озори  ақрабро аз худ мундафеъ насохтӣ? Ҷавоб дод, ки ман он наям, ки шарафи муколамаи чун ту  подшоҳеро ба сабаби алами заҳри каждуме қатъ кунам ва агар имрӯз дар маҷлиси базм бар неши каждему сабр натавонам кард, фардо дар маъракаи разм ба теғи заҳробдодаи душман чӣ  гуна сабр тавонам кард?

Подшоҳро ин сухан хуш омад ва мартабаи ӯро баланд гардонид ва бад-ин миқдор сабр, ки кард ба муроду мақсад расид:

Гарат чу Нӯҳи Набӣ сабр ҳаст дар ғами тӯфон,
Бало бигардаду коми ҳазорсола бароянд…

## Дар таваккал

Он (таваккал) дил бардоштан аст аз асбоб ва таваҷҷӯҳ намудану кифояти корҳои худро талабидан. Ҳар ки кори худро ба таваккал гузорад, ҳама кори ӯ ба равнақи дилхоҳ сохтаву пардохта гардад.

Подшоҳро лозим аст, ки дар ҳама ҳол расми таваккал фаро нагузорад…

Овардаанд, ки рӯзе подшоҳе аз олиме пурсад, ки нусрати аҳли имон дар чанд чиз аст? Гуфт: «Дар ду чиз аст, яке дар адои намоз ва яке тавакал бар карами корсоз». Подшоҳ бинои кори худ бад-ин ду чиз ниҳод ва ин ду хислатро одат кард. Ногоҳ ӯро душмане падид омад ва бо лашкари гарон рӯй ба дорулмулки вай овард. Ӯ низ бо сипоҳе, ки дошт мутаваҷҷеҳи хасм шуд. Чун наздики якдигар расиданд ва муҳим ба ҳарб қарор гирифт, шабе, ки рӯзи он масоф (ҷанг) муқарар буд, он подшоҳ ҳама шаб намоз мекард ва яке аз ургони (ходимони) давлат гуфт: «Ин замон биосой, ки фардо рӯзи масоф аст». Гуфт: «Ман имшаб кори худ мекунам ва фардо кор ба таваккал аст. Маро бо он ҳеҷ нест ва дар он ҳеҷ гуна ихтиёре на». Гуфт: «Пас, таҳияи асбоби ҳарб кун ва маъракаи қаттолро омода бош». Гуфт: «Зиреҳи таваккал пӯшидаам ва кори худ ба вакили лутфи ҳақ боз гузоштаам…»

Субҳ, ки сафи масофро рост карданд ва ҳарду лашкар дар баробари якдигар саф кашидаанд. Дарҳол, ки чашми сипоҳи хасм бар чатру диронти (зиракӣ) подшоҳ бо таваккал афтод, инони ихтиёр аз қабзаи иқтидори эшон бурун рафта, ҳазиматро ғанимат шумурда, рӯй ба гурез ниҳоданд:

Субҳи зафар аз машриқи уммед баромад,  
Асҳоби ғаразро шаби савдо ба сар омад.

## Дар ҳаё

Он (ҳаё) хислати шариф ва сирати мақбул аст. ҳаёро шохе аз дарахти имон гуфтаанд, ҳаё аз шароити назми олам аст агар сифати шарм аз миён барафтад ва ҳеҷ касро аз ҳеҷ кас шарм набошад, низоми ҷаҳон халал пазирад ва масолеҳи халоиқ аз якдигар фурӯ резад. Аммо сифати ҳаё намегузорад, ки ҳар кас ҳар чӣ хоҳад, бикунад:

Сафшикани қалби маноҳӣ ҳаёст,  
Роҳзана хели малоҳӣ ҳаёст.

Пас, маълум шуд, ки хосу омро аз ҳаё фоидаи том норасида ва хом:

Гар ҳаё набвад барафтад расми исмат аз миён,  
В-ар ҳиҷобе дар миён аст аз тақозои ҳаёст.

Яке аз ақсоми ҳаё – ҳаёи ҷиноят аст. Яъне гунаҳгор аз кирдори худ шарм дорад… Ки агар гуноҳ набахшанд шармсорӣ ҳаст…

Қисми дигар ҳаёи карам аст, ки карим шарм дорад, ки хоҳандае аз даргоҳи ӯ хиҷил бозгардад.

Маҳол аст агар сар бар ин дар ниҳӣ,
Ки боз оядат дасти ҳоҷат тиҳӣ.

Ниҳояти карам он аст, ки соилро (гадо) аз назди худ шармсору мунфаил бозгардонад ва чунончи дар ахбор омада, ки дар аҳди Маъмун аъробе буд, ки дар шӯразоре нашъунамо ёфта, ҷуз оби шурӯ талх надида ва начашида:

Мурғе, ки хабар надорад аз оби зулол,
Минқор дар оби шӯр дорад ҳама сол.

Вақте ки дар қабилаи аъробӣ қаҳтӣ афтод ва ба зарурат ҷиҳати таҳсили (дарёфт) тӯша аз ватан берун омад. Чун аз шӯристон даргузашт бар мавзее афтод, ки хоки покаш солеҳи зироат буд. Ғоре дид, миқдори оби борон дар ӯ ҷамъ шуда ва гиёҳу хасу хошок болои он пӯшида… обе дар ғояти сафову латофат ба назари вай даромад. Араб ҳеҷ бор об ба рӯи замин чунин надида буд ва мутааҷиб шуда, пеш омада қадре аз он об бичашид ва дар назараш басе ширину хушгувор намуд. Ба худ гуфт, ки ман шунидаам, ки дар биҳишт оби бориди (хунуки) ширин, ки таъмион ҳаргиз мутағайир нагардад, агар ғалат накунам хақтаоло бар факру фақои ман бахшида ва ба музди гуруснагиву бечорагии ман ин об аз биҳишт ба дуньё фиристод. Ҳоло маслиҳат дар он аст, ки қадре аз ин об бардошта назди залифаи рӯзгор барам ва ӯ ҳар оина дар муқобилаи ин хидмат дар бораи ман эҳсоне фармояд. Ва ману аҳли байти ман ба баракати инъоми халиф ва қаҳтӣ бозраҳем. Пас, машке, ки ҳамроҳ дошт, аз он об пӯр сохта, роҳи Бағдод пурсид ва рӯй ба дорулхилофат ниҳод. Ҳанӯз миёни аъробиӣ ва Бағдод масофате монда буд, ки кавкаби ҳашмат ва дабдабаи азамати Маъмун расид. Аъробӣ маълум кард, ки ин халифа аст ва зами шикор дорад. Дарҳол бар сари роҳ омад ва забон ба дуогӯиву санохонӣ бикушод. Маъмун бад-ӯ мутаваҷҷеҳ шуда пурсид, ки эй эъробӣ, аз куҷо меоӣ? Гуфт: «Аз фалон бодия, ки аҳли он ба ғуссаи қаҳту балое даромадаанд». Гуфт: «Ба куҷо меравӣ?» Гуфт: «Ба даргоҳи ту омадам ва дасттиҳӣ нестам, балки тӯҳфа дорам ва ҳадья овардаам, ки дасти орзуи ҳеҷ кас ба домани висоли ӯ нарасида ва дидаи таманнои ҳеҷ махлуқе ҷилваи ҷамоли ӯ надида». Аъробӣ машк ба пеш овард ва гуфт: «Ин оби биҳишт аст, ки дар ин олам касе надида ва начашида».

Об магӯ шираи шохи набот,
Дар маза ҳамшираи оби ҳаёт.

Маъмун риқобдорро фармуд, то қадаҳе аз он об ба зудӣ оварад ва обе дид  мутағайируллавн ва машки аъробӣ дар вай асар карда ва рангу бӯи он тағйири аҷиб ёфта. Халифа қадре аз он бичашид ва ба фаросат дарёфт, ки сурати воқеа  чист. Шарми карам рухсат надод, ки парда аз рӯи кори вай бардорад. Гуфт: «Эй аъробӣ, рост гуфтӣ, ин аҷиб обе латифу шурбате  ғариб аст, инро ба ҳар кас натавон дод». Пас риқобдорро фармуд, то қадаҳи обро дар матҳараи (ҷойи пок) хоса рехт ва машкро дар зовия. Дар муҳофизати он об муболиғаи зиёда аз ҳад намуд. Пас, рӯй ба аъробӣ  кард, ки ё ваҷҳулааб, тӯҳфаи зебову табарруки писандида овардаӣ. Ҳоҷати ту чист ва чӣ  муддао дорӣ? Гуфт: «Ё халифа, мардумони ман аз фақириву бенавоӣ дар маъразӣ талафанд. Умед дорам ба карами ту». Халифа фармуд, то ҳазор  динор ҳозир кардаанд. Гуфт: «Эй аъробӣ, ин зарҳо бигир ва аз ҳамин ҷо бозгард. Рӯй ба ватани худ нех. Аъробӣ зар гирифта зуд бозгашт. Яке аз хосон пурсид, ки ҳикмат дар ин чӣ буд, ки аз ин об касеро начашонида ва аъробиро аз ҳамин мавзеъ бозгардонидӣ. Маъмун фармуд, ки он обе буд нохушмазза ва бадбӯй, аммо ба нисбате обе, ки аъробӣ ба он парвариш ёфта буд, ӯро оби биҳишт менамуд. Шоистӣ, ки чун  яке аз шумо қадре аз он об бихӯрдӣ ва ба сирри кор нарасида аъробиро  бар он кор маломат кардӣ ва таъна задӣ ва он бечора мунфил (шармсор) шудӣ, агар ӯро аз ҳамин ҷо match бознагардонидаме, шояд пештар  рафтӣ  ва оби Даҷларо бидидӣ ва аз он оби латиф бичашидӣ ва аз кардаву овардаи хеш хиҷилзада гаштӣ. Мо шарм доштем, ки яке назди мо ояд ба воситаи андак  карами мо таваққуе намояд ва гарди хиҷолат бар саҳфаи аҳволи ӯ нишаста бозгардад:

> Сахиро шарм меояд, ки соил,
> Хиҷил аз даргаҳи ӯ бозгардад.

Қисмати дигари ҳаё адабест ба маънии он, ки амале бошад, ки ба ҳасби шаръу ақл иртикоби он мамнуъ набувад. Ҳаёи адаб  ӯро аз он иштиғол монеъ шавад ва чунончи  Нӯшервон дар хонае, ки гули наргис будӣ бо занону канизакони худ мубошират накардӣ ва гуфтӣ, ки чашми наргис ба чашмҳои нигаранда мемонад. Ва ба ҳақиқати ин сурат, ки аз Нӯшеровон воқеъ шуда ҳаётест, зеро ки ҳаё он аст, ношӣ (пайдо) аз имон бошад ва ӯ оташпорае буда, балки ин сурати адбест, ки риоят мекард ва чун мулуки ислом мисли ин сурати маръӣ (муроотшуда) доранд, он ҳаёи адаб бошад.

> Дил, ки пур аз васфи ҳаё мешавад,
> Оинаи нури худо мешавад.
>
> Дидаи бешарм писандида нест,
> Дар назари ақл худ он дида нест.

**Дар афт (Порсоӣ)**

Он (афт) эътироз бошад, аз иртикоби (боло рафтан) маҳрамот, хусусан аз шаҳвати ҳаром ва ин аз ҷумлаи макорими (лутфу карам) ахлоқ аст ва бузургон гуфтаанд, одамӣ ду нисбат дорад: яке бо малоика, ки бад-он нисбат моил аст, ба илму амал. Дигаре бо баҳоиме (нафси ҳайвонӣ), ки ба он муносибат ҳарис аст, бо гулу шурбу виқоъ. Шарти дуюм он аст, ки то метавонад нисбати малакиро фавт диҳад ва ба ҷониби нафси ҳайвонӣ майл намояд:

Аз малоик баҳра дорӣ в-аз баҳоим наз ҳам,
Бигзар аз хатти баҳоим к-аз малоик бигзарӣ.

Пас, ҳар гоҳ ҳирси хӯрдан муставлӣ (ғолиб) шавад, одамӣ миёни ҳалолу ҳаром фарқ накунад, ҳамчунин ба вақти ғалабаи шаҳват низ миёни никоҳу сифоҳ (зино) имтиёз набошад. Пас, афт иборат аз он аст, ки ба вақти он ки шаҳват ғолиб гардад, инони нафс бозкашида домани ҳимматро аз олудагии ҳаром пок дорад ва ҷуз ба ваҷҳи лозим ба ин сурат иқдом нафармояд. Ва назар аз амалҳои ношоиста фурӯ бар вай кушода гардад. Чун подшоҳ ба сифати афт ороста бошад, ҳар оина зулмати фисқу фуҷур аз арсаи мамлакат дур шавад ва ғалаба орад. Бадномӣ ба зану фарзанди мардум нарасад.

Афт он ҷо, ки роят афрозад,
Дилу динро тамом бинвозад.
Нафе аз ӯ нек хору зор шавад,
Рӯҳ мақбули кирдугор шавад.

Ё худ

Рӯи хуб асту камоли ҳунару домани пок
Лоҷарам ҳиммати покони ду олам бо ӯст.

**Дар адаб**

Ҳар ки дар ӯ сирати неку бувад,
Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.
Некии мардум на накӯрӯйӣ аст,
Хӯйи накӯ мояи некӯйи аст.

Адаб сиёнати (муҳофизати) нафс аст аз қавли нописандида ва феъли носутуда худро ва мардумро дар пояи ҳурмат нигоҳ доштан. Обрӯи худу дигарон нарехтан.

Ҳақиқати адаб он аст, ки дар ҷамии аҳвол роҳи рост дошта бошӣ… Адаб аз ҳама кас некӯ мемонад, хусусан аз мулуки ҷаҳондор ва салотини бузургвор, чӣ ҳар гоҳ эшонро низ риояти адаб лозим бошад. Пас умури

мамлакат мунтазам гардад ва дар масолеҳи аҳли олам вақфи ҳикмат муҳайё шавад.

Акобир гуфтаанд: беҳтарин сармоя ва хуштарин перояи мурод одамро таҳсили адаб аст дар ахбор омада, ки султони Миср бо подшоҳи Рум тарҳи мувосилат андохта, духтари худро дар ақди писари вай даровstreet. Сабаби ин вусулат Расулу расоил аз ҷонибин мутавосил гашт ва бо тифоқи ин ду соҳибдавлат ҳарду мулк бо якдигар оростагӣ пазируфт ва дар умури куллӣ ва ҷузъӣ мурoҷиат барои якдигар намудӣ ва бе машварату тaбдири ҳам дар ҳеҷ муҳим шурӯъ нафармуданд. Рӯзе малики Миср ба Қайсари Рум пайғом фиристод, ки писарон зубдаи ҳаёт ва умдаи зиндагониaнд ва номи мо баъд аз вафот ҷуз ба ҳаёти эшон боқӣ намемонад:

Зиндаст касе, ки дар диёраш,
Монад халафе ба ёдгораш.

Пас, ҳиммат бар интизоми ҳол ва фароғболии эшон масруф бояд дошт ва инони иноят ба тарафи ҷамъият ва вусъати маишати эшон маътуф (омода сохтан) бояд сохт ва ман ба ҳиммати писари худ чандин захираҳо ва бар даҳ дастур обу замин муҳайё кардам. Аз он тараф ройи ҷаҳонройи он ҳазрат дар ҳусни эҳтиром (дар андӯхтани) бо ҳоли писари худ чӣ иқтизод буда аст? чун ин пайғом ба самъи Қайсар расид, табассум карду гуфт: «Мол ёри бевафо ва маҳбуби нопойдор аст аз ӯ ҳисобе набояд гуфт ва ба матлаи фанни он фирефта набояд шуд. Ман писари худро ба ҳимояи адаб биоростам ва хазинаҳои макорими ахлоқ барои ӯ захира ниҳодаам. Мол дар маърази фанову завол аст. адаб эмин аз тағйиру интиқол». Чун ин хабар ба мулки араб расид, гуфт: «Рост мегӯяд».

Адаб беҳтар аз ганҷи Корун бувад,
Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.
Бузургон накарданд парвои мол,
Ки амволро ҳаст рӯзе завол.
Имон сӯи илму адаб тофтанд,
Ки номи накӯ аз адаб ётанд.

## Дар олиҳиммати

Дар хабар омадааст, ки марудми олиҳимматро ҳама дӯст медоранд ва аъмоли бузургро дар назари қабул мушарраф месозанд ва рафаъати арҷманд бо ҳиммати баланд пайванд дорад, ки ҷудоии эшон аз якдигар маҳол аст.

Мурғи ҳиммат чу бол бикшояд,
Ғурфи иқболаш ошьён бошад.
Пеши чавгони ҳиммати олӣ,
Камтарин гӯӣ осмон бошад.

Салотинро ҳиммати олӣ пешкорест кофӣ ва мададгории вофӣ (вафодиҳанда). Ҳар киро аз эшон ҳиммат бештар аст, қадами шавқат аз дигарон пештар аст:

Ҳиммат баланд дор, ки назди худову халқ,
Бошад ба қадри ҳиммати ту эътибори ту.

Яъқуби Лайсро дар мабдаи ҷавонӣ яке аз пирони қабила гуфт, ки хотирам ба моли тавонгарон аст, чӣ дар ин син, ки ту ҳастӣ ҳангоми истилои шаҳват аст ва ғалабаи наҳмат (мурод) дасти паймонаеро рост кун, то аз барои ту каримае аз хонаводаи бузурге бихоҳам. Гуфт: «Арӯсе, ки манн хуш кардам дасти паймони ӯ омадааст». Пир гуфт: «Онро бар ман арз кун, то бубинам, ки чист ва аз арӯс нишон деҳ, то бидонам, ки кист?» яъқуб ба хона даромад ва шамшере берун оварду гуфт: «Ман арӯси мамолики шарқу ғарбро хутба хоҳам кард ва дасти паймони ман ин теғи ҷавҳардор ва ин шамшери хушгузор аст:

Бе бахти нек ҳеҷ касеро ситез нест,
Меҳри арӯси мулк беҳ аз теғи тез нест

Дар маънӣ гуфтаанд:

Арӯси мамлакат он мард дар канор гирифт,
Ки аввал аз гуҳари теғ дод коме беш.

Дар маънӣ бо чунин байти машҳур аст:

Арӯси мулк касе дар канор гирад чуст
Ки бӯса бар лаби шамшери обдор занад.

Овардаанд, ки он айём Искандар мехост, ки барои ҷаҳонгирӣ аз сарҳади Рум бар азимати забти мамолики арабу аҷам барафарозад ва рикоби ҳумоюн ба ҷиҳати тасхири бару баҳри олам ҳаракат диҳад, бағоят андешаноку малул буд. Арастуи ҳаким, ки вазири он ҳазрат буд, чун аломати фикрат ва нишони ҳайрат бар ҷабраи ҳолу носияи аҳволи ӯ зоҳир дид, гуфт: «Эй шоҳи ҷаҳон асбоби давлат муҳайё ва хадаму ҳашам дар мавқуфи бандагӣ ва фармонбардорӣ истода, хазонаи маъмуру мамлакат мавфури (зиёд, бисьёр) бахт ба сифати ҳамешагӣ ороста ва ниҳоли давлат ба шарафи истиқомат пероста ва иқболи камари мувофиқат баста ва ҷоҳу ҷалол бар остонаи олӣ ба хидматгорӣ нишаста, тафарруки (парешонии) хотири азҳарро сабаб чист?» Искандар ҷавоб дод, ки: «Таамул мекунам, ки арсаи ҷаҳон ба ғояти парешонӣ ва сохти мамолики ҳафт иқлим бисьёр мухтасар аст, шарм медорам аз барои ин миқдор мулк савор шудан ва таваҷҷӯҳ ба тасарруфу тасхири он намудан:

Кирои  он накунад тўлу арзи ҳафт иқлим,
Ки ман ба нияти тасхири он савор шавам.
Ҳазор олам аз ин гар бувад кам аст, ҳанўз
Ки ман ба ғарзи тасарруф бад-он диёр шавам.

Арасту фармуд, ки шак нест иёлати (идора кардан) ҳукумат ин мояи ҷаҳон на лоиқи ҳиммати баланд ва на дархўри неъмати арҷманди туст. Арсаи мамлакати абадиро ба он ҷамъ кун, то ҳамчунон ба зарбати теғи ҷаҳонсўз соҳиби сарои фониро дар қайди забт меорӣ. Ба баракати адл олам афрўз, мулки саодати боқӣ  ҳам дар  қабзаи истеҳқоқ ояд, то ин нуқсон ба баракати он камол талофӣ (кифоя) пазирад ва ин андак ба зеби он бисьёр равнақ гирад:

Мулки уқбо хоҳ, к-он хуррам бувад,
Зарраи он мулк сад олам бувад.
Ҷаҳд кун то дар миёни ин нишаст,
Арсаи он оламат ояд ба даст.

Искандар бо ин сухан тасаллӣ ёфта, бар ҳаким офарини фаровон кард ва имрўз шаҳбозӣ ақл ҳар гоҳе дар дар ҳавои санои Искандар ҷиҳати он парвоз мекунад, ки ҳумои ҳимматаш ба устухони зиракони дуньё сар фурў наёварда:

Ту бози соиди шоҳӣ ба устухон мангар,
Ҳумои ҳиммати худро баланд деҳ, парвоз.

**Дар азм**

Азм қавофили муродот ва кифояткунандаи умури муҳиммот аст. Ҳеҷ касро аз салотин бе мадади азми дурусту зимоми тасхири мамолик ба қабзаи иқтидор дарнаёмада ва бе такопўйӣ саъи балиғ бар сарири шаҳриёрӣ ва маснади ҷаҳондорӣ нарасида:

Бе азми дурусту саъйи комил,
Касро нашавад мурод ҳосил.

Ва азимати дуруст он аст, ки чун ба қасди коре камар бандад ва ба сохтани муҳиме иштиғол (шуғл) намояд ба манъи ҳеҷ монеае мумтанеъ нагардад ва қусуру футур ба азми мулук дар чӣ маҳал некў менамояд ва дар чӣ вақт ба кор меояд. Фармуд, ки дар дафъи аъдоии (душманони) мамлакат ба ғоят писандидааст, чӣ ҳар гоҳ, ки подшоҳ аз рўи таваккал пои азимат дар риқоби таваккал орад, ҳар оина лашкари фатҳу зафар ба истиқболи ў мутаваҷҷеҳ мешаванд, зеро ки азми дуруст нишонаи ғалабаву нусрат аст:

Шаҳ чу ба азми дуруст пой кунад дар риқоб,
Дил шиканад хасмро в-аз кафаш афтад инон.

Овардаанд, ки яке аз мулук ба хўрдани гиле одат карда, чунон ки ҳукамову утабо (табибон) манъ мекарданд ва зарари онро бозменамуданд, аз он кор боз намеомад. Рўзе яке аз аҳлулоҳ (дарвеш) ба дидани вай омада, ўро ба ғояти зору  низор ёфт. Рухсораи арғувонии ўро заъфаронӣ дид ва тан бо тобу тавон, ўро дар банди нотавонӣ гирифтор ёфт. Сурати ҳол истифсор (пурсиш) намуд. Султон ҳақиқати воқеа бозгуфт, ки маро аз ҷиҳати хўрдани гиле пойи ҳайрат дар гил аст ва дасти ҳасрат бар дил. Дарвеш фармуд, ки чун медонӣ, ки аз ин амр зарар ба ту мерасад, тадорук намекунӣ. Гуфт: «Чандон ки ҷаҳд менамоям ба худ бас намеоям». Дарвеш гуфт: «Куҷост он азме, ки подшоҳонро мебошад, ки ҳеҷ навъ эшонро аз он боз наметавон дошт». Султон аз ин сухан мутаассир шуд, азм кард бар он ки дигар гил намехўрад ва ба баракати азимат аз он зарар халос ёфт.

Инони азм ба ҳар ҷонибе, ки бартобӣ
Макун ба дасти тараддуд инони худро суст.
Ки кас ба манзили мақсуд раҳ намеёбад,
Магар ба саъйи тамому дигар ба азми дуруст.
Ҳар он ки пои талаб дар тариқи азм ниҳад,
Ба тахтгоҳи бузургӣ расад ба гоми нахуст.

**Дар ҷидду ҷаҳд**

Ҷид саъй кардан аст дар таҳсили  матлабҳо. Ҷаҳд ранҷ бурдан аст дар иқтибоси (ҳосил кардани) мақсадҳо ва ин сифат тобеъи ҳиммат мебошад. Ҳарчанд ҳиммат олитар бувад, ҷидду ҷаҳд дар талаби мақсуд бештар воқеъ мешавад. Бояд ки марди баландҳиммат аз таҳаммули машаққат натарсад, чи ҳол аз ду берун нест: агар ба ҷаҳд домони мақсуд ба даст ояд фаҳвулмурод ва агар дар ҳиҷоб таваққуф афтад, узри ў назди оқилон возеҳ аст ва олиҳимматии ў дар талаб равшан:

Дар талаб мекўшам ар ёбам зиҳӣ бахти баланд,
В-ар наёбам узри ман афтад бузургонро писанд.

Дар амсоли ҳукаммои ҳинд мазкур аст, ки мўре камари ҷаҳд барбаста буд ва аз тўдаи хоке, ки нақли (кашондани) он одамиёнро бар кулфат мерасондӣ зарра-заррае бар ду тарафи дигар мерехт. Мурғе бар ў гузар кард, шахсе дид, заиф ва лоғар ба нишоти тамом ва ҷаҳди малокалом ба ҷой меовард. Гуфт: «Эй заифбуньёд ва наҳифпайкар ин чӣ кор аст, ки пеш гирифтаӣ ва ин чӣ муҳим аст, ки дар он ҳавз кардаӣ? (фурў рафтаӣ)». Мўр гуфт: «Маро бо яке аз қавми худ назарест ва чун талаби висоли ў кардам ин шарт пеш овард, ки агар сари висоли мо дорӣ, қадам неҳ ва ин тўдаи хокро аз ин раҳгузар бардор. Ҳоло мустаиди он кор шудаам ва мехоҳам, ки ба он шарт иқдом намуда, аз уҳдаи берун оям». Мурғ гуфт: «Ин гумон, ки мебарӣ, ба қадри орзуи ту нест ва ин гумон, ки мекашӣ, ба қувваи бозуи ту не». Мўр

гуфт: «Ман азми ин кор кардам ва қадами ҷидду ҷаҳд пеш ниҳода, агар пеш барам фаҳвулмурод ва илло маъзурам хоҳанд дошт:

Домани мақсуд агар орам ба каф,
Аз ғаму андўҳ монам бартараф.
В-ар нашуд аз ҷаҳди ман коре ба ком,
Ман дар он маъзур бошам, вассалом.

Фаридунро дар оғози салтанат, ки раёҳини авлат дар ёзи саодат ва майдон шодмонӣ аз муҳибби комронӣ вазидани андешаи тасхири баъзе аз мамолик, ки дар тасарруфи ҷамъе аз ғолибон буд , падид омад:

Кифофи нафс агар чанд андакест, вале
Ҷаҳон ба теғ гирифтан зи ҳиммати олӣ.

Ин маъниро ба ургони давлат  мушовара кард. Ҷамъе гуфтаанд: «Эй малик, мулке дорӣ ороста ва муболиға  ба таҳаммул ва хоста бе зарурат ғубори фитна ангехтан ва оташи тазвир барафрўхтан, савоб наменамояд. Аз он чӣ ҳаст таматтўъе бардор ва иртикоби (далерӣ) мухотар фурў гузор.

Фаридун гуфт: «қаноат табоеъи баҳоим сарафканда аст ва нишастан дар кунҷе аз иқтизои диноят ҳиммати аҷоиз аз кор вомондаи фурсат вақтро ки чун  хаёли саҳоб гузаранда аст, ғанимат бояд шумурд».

Камари салатанат набояд баст,
Ҳар киро рағбати таносоист,.
Аз машаққат куҷо биосояд,
Ҳар киро ҳиммати ҷаҳонбонист.

Овардаанд, ки малике писари худро ба ҳарби хасме фиристода буд. Хабар оварданд, ки маликзода гоҳ-гоҳе дар роҳ зиреҳ аз барии худ берун мекунад ва ду шаб дар як манзил хаймаи иқомат мезанад. Падар ба ў навишт: «Эй писар, ҳақтаоло, ки иззатро офарид, кулфату машаққатро бо он қарин сохт ва лаззатро, ки халқ кард, орому роҳатро ба ў рафиқ гардонид. Он ки иззатро ба мулук дод ва мазаллатро, ки халқ кард, орому роҳатро ба ў рафиқ гардонид. Он ки иззатро ба мулук дод ва мазаллатро ба раоё, хатти подшоҳи иззи мамлакат аст ва ҳиссаи раият амну амон ва истироҳат ва ин ҳарду бахш якҷо ҷамъ нашавад, лоҷарам  подшоҳ бояд, ки осоишро видоъ кунад ва роҳатро бо раият гузорад. Ва дигар чунин намекунад, бо истироҳат дар мебояд  сохт ва аз иззи мулк эъроз мебояд намуд».

Лаззати шоҳӣ туро бас, роҳати дигар маҷў,
Бо вуҷуди салтанат сармояи дигар маҳоҳ.

Яъқуби Лайс дар шурўъи ҳол худро дар маҳоле ки афкандӣ ва хатарҳои куллиро иртикоб кардӣ (анҷом додан), аз осоиши нафс бартараф будӣ ва аз кашидани машаққатҳо як нафас наёсудӣ.. ўро  гуфтанд, ту марди рўигарӣ, туро боис бар ин ҳама ҷафо кашидан ва худро дар ғарқобаи ҳалок афкандан

чист? Гуфт: «Маро дареғ меояд, ки умри азизи худро дар ислоҳи руину мис сарф кардан ва рӯи таваҷҷуҳ ба пешае, ки дар он шарики бисьёр бошанд овардан. Ҷидди ман дар он аст ва ҷаҳди ман барои он худро ба мартабае расонам, ки касе аз абнои ҷинси ман бо ман шарик набошад». Гуфтанд, ин муҳим бағоят саъб ва кори бисьёр мушки ласт. Гуфт: «Ман донистам, ки шарбати марг чашиданист ва бори фанову фавт кашиданӣ. Он гоҳ дар кори баланд талаф шавам, беҳ ки дар коре  паст бимирам, лоҷарам ба ин ҷидду ҷаҳд расид ба он мансаб, ки расид»,

Мебош ба ҷидду ҷаҳд дар кор,
Домони талаб зи даст магзор,
Ҳар чиз ки дил бар он гарояд.
Гар ҷаҳд кунӣ ба даст ояд.

Ва чунончи ба ҷидду ҷаҳд бинон бузурге тамҳид (оростагӣ) меёбад ба зари ин сифат, ки батолату  касолат (бекорӣ) аст асоси шавкат ва давлат дар ҳам мешиканад. Якеро аз они Тоҳир савол карданд, ки сабаби заволи иёлат ва интиқоли давлати шумо чӣ буд? Ҷавоб дод, ки шароби шаб ва хоби бомдод, яъне аз коҳилӣ ба кори мулк  напардохтем ва аз касолат расми далерӣ барандохтем, лоҷарам сафинаи ихтиёри мо дар гирдоби завол ғарқа гашт ва киштии умеди мо ба соҳил нарасид:

Бинон давлати хеш он касе хароб кунад,
Ки шом мехӯраду субҳгоҳ хоб кунад.

**Дар субот ва истиқомат**

Он пойдорӣ бошад дар кифояти муҳиммот ва мудовимат бар дафъи маккора ва мантиҷи (натиҷаи) фавоиди фаллоҳ (деҳқон). Наҷоти ҳеҷ зумраро аз тавоифи  (тоифаҳои) халқ ба сифати субботи он вобастагӣ нест, ки мулукро чӣ то суботи подшоҳ ба ривояти фармонбардорон  наздики хосу ом равшан нагардад ва ҳашаму ҳадам сар ба хатои тоат ниҳанд ва аҳли бағи (аз дин гаштагон) ва фасод аз умури исьёну инод эҳтироз намоянд. Пас, мулкро ба суботи истизҳор аст ва мулукро аз ӯ  истимдоду истибшор.

Ҳар сар ки ёфт афсарӣ аз гавҳари субот
Дар иқтидор бигзарад аз чарх то субот.

Ҳакиме гуфтааст, ҳар ки хоҳад, ки асоси салтанати  ӯ аз инҳидом (нобудӣ) амин бошад, бояд ки бинои кори худ бар суботу виқор ниҳад. Фард:

Бинон кор бинеҳ бар суботу эмин бош,
Ки ҳар бино, ки бар асл аст, пойдор бувад.

Марди собитқадам он аст, ки аз роҳи дарвеши худ ба дағдағаи ҳеҷ васваса рӯй барнагардонад. Ва аз расму тариқи ҷуд ба васвасаи ҳеҷ махус (гаронӣ, праешонӣ) инҳироф (рӯ натобад) наварзад, ки марде рафиқи наҷот ҷуз ба тариқи субот рӯй наменамояд. Чунон ки фармудаанд:

В-аз тараддуд раҳи наҷот мадон,
Ҳеҷ хислат беҳ аз субот мадон.
Майл дорӣ ба рафъати дараҷот,
Дар маолӣ субот варз, субот.

Нишонаи субот ду чиз аст: Яке он ки дар ҳар коре ки шурӯъ менамояд, итмоми он бар зиммаи эҳтимом лозим донад. Овардаанд, ки Қайсари Рум аз Нӯшервон пурсад, ки бақои подшоҳӣ дар чист? Гуфт: «Ман ҳаргиз кор беҳуда нафармоям ва ҳар муҳимме, ки ба он амр кунам ба итмом расонам». Қайсар фармуд, ки ҳама ҳукамои Юнон ҳамин гуфтаанд:

Ҳар тарҳ, ки афканӣ чу мардон,
Ҷаҳде бикуну тамом гардон.
Яъне аламе, ки барфарозӣ,
Бояд ки дигар нагун насозӣ.

Аломати дуюм он аст, ки сухане, ки ба забони ӯ ҷорӣ шавад ба нақизи он то мумкин бошад, такаллум накунад, чунон ки дар таърих мазкур аст, ки султони румӣ рӯзе дар майдони Ғазнин мегузашт, ҳаммоле дид, санги гароне бар дӯш ниҳода, ба ҷиҳати имcorrect ӯ мебарад ва дар бурдани он санг ранҷ мекашад. Султон чун машаққати ӯ мушоҳида кард, аз рӯи отифат (лутф) фармуд, ки эй ҳаммол, ин сангро дар миёни майдон биандохт. Муддате он санг дар он майдон буд ва асбон чун он ҷо мерасиданд, чашме мекарданду мерамиданд. Ҷамъе аз хос ба вақти фурсат он ҳол ба арзи султон расониданд, ки фалон рӯз ҳаммол бино бар амри олӣ ва фармонӣ ҳумоюн санге, ки бар пушт дошт дар миёни майдон биандохт ва асбон аз он роҳ ба кулфат мегузаранд ва касе ғайри он ҳаммол он сангро бар наметавонад гирифт. Агар фармоянд, то аз он ҷо бардорад ва роҳ ҳолӣ созад, муносиб менамояд. Султон фармуд, ки ба забони мо гузашта аст, ки бинеҳ. Агар гӯям бардор, мардум онро бар бе суботии мо ҳамл кунанд. Он санг ҳамон ҷо бошад. Нақл аст, ки он санг то охири умри султон дар он майдон афтода буд, аз вафоти ӯ низ ҷиҳати сухани ӯ ҳеҷ кас аз авлоди ӯ барнадошта.

Сухани шоҳ шоҳи ҳар сухан аст,
Ба ҳама ҳол пос бояд дошт.
То нагардад нақизи он зоҳир,
Бояд онро ба лавҳи дил бингошт.

**Дар адолат**

Адл суханест мулкорой ва ламъаест нурафзой… Адл он аст, ки доди мазлумон диҳанд ва эҳсон он ки марҳами роҳате бар ҷароҳати маҷрӯҳон ниҳанд. Дар хабар омадааст, ки як соат адли подшоҳ дар паллаи мизони тоат роиҷтар аст аз ибодати шастсола, зеро ки натиҷаи ибодат ҷуз ба омил бирасад ва фоидаи адл ба хосу ом ва хурду бузург ва асли бурдбории мулку миллат баракати он қоиму манзум шавад ва савоби адл аз ҳадду ҳисоб афзун аст ва аз мизи қиёс берун. Овардаанд, ки яке аз салотинро доияи (хоҳиш) он шуд, ки ҳаҷи хонаи худо бигзор ва ба қадами ҳурмати тавофи ҳарим иззат ба ҷой орад ба манзили сафо ва иҷобати дуо аз эшон сарфароз гардад:

Ҳаст тавофи ҳарами кирдугор,
Дар ду ҷаҳон воситаи иқтидор.

Ашрофи мамлакат ва ургони давлат ба мавқуфи арз расонидаанд, ки эй малик, шарти адои ҳаҷ амнияти тариқ аст ва салотинро душмани бисьёр бошад. Агар бо хайлу ҳаша азимат намойӣ таҳияи эшон дар ин роҳи дуру дароз таъазуре тамом дорад ва дар бо андак мулозиме таваҷҷуҳ фармойӣ хатароти куллӣ мутасаввир (омодагӣ) аст ва дигар султон дар баллад ҳукми ҷон дорад ва дар ҷасад вақте ки сояи давлати он ҳазрат аз мафориқи раоё (халқ) дур шавад хараҷу мараҷ (номувофиқат) падид ояд.

Тамоми муҳимми хосу ом аз силки интизом берун равад ва султон фармуд, ки чун сафар муяссар намешавад чун кунам, ки савоби ҳаҷ дарёбам ва аз баракати ин тоат баҳраманд гардам. Гуфтанд дар ин вилоят дарвеше аст, ки муддатҳо муҷовирати ҳарим карда ва шасти ҳаҷ бо шароити он ба ҷой оварда, ҳоло дар гӯшаи узлат нишастааст ва дари омад бар халқ баста:

Гашта аз ғавғои халоиқ сутӯҳ,
Пой кашидаст ба домони кӯҳ.

Шояд ки савоби ҳаҷе тавон харид ва аз масуботи (савоби) он ба ҳаззе (баҳра) комил тавон расид. Подшоҳ аз сидқи ақидате, ки дошт ба хидмати дарвеш рафт ва дар асնои сухан фармуд, ки маро орзуи ҳаҷ аз замир сар барзадааст ва ургони давлат силоҳ дар таваққуф мебинанд ва истимо афтод, ки туро ҳаҷ бисьёр аст, чи шавад, ки савоби як ҳаҷ ба ман фурӯшӣ, то ту ба навое (тӯша) расӣ ва ман ба савобе. Дарвеш гуфт: «Ман савоби ҳама ҳаҷҳоро ба ту мефурӯшам». Подшоҳ пурсид, ки ҳаҷ ба чанд мефурӯшӣ? Гуфт: «Ҳар гоме ки бардоштаам дар ҳар ҳаҷе ба тамоми дунё ва ҳар чи дар дунёст».

Султон гуфт: «Аз дунёву матои дунё миқдори андаке беш дар тасаруфи ман нест ва ин баҳои як қадам намешавад. Пас, ҳаҷе чӣ гуна тавонам харид ва бар ин тақдир баҳои ҳама ҳаҷҳо дар хаёл чун кунам гузаронид». Дарвеш гуфт: «Шод бош самани ҳамаи ҳаҷҳои ман пеши ту осон аст». Шоҳ гуфт: «Чи гуна?» Гуфт: «Чун дар қазияи мазлуме адл кунӣ ва як соат ба муҳими

додхоҳӣ пардозӣ савоби  он ба ман бахш, то ман савоби шаст ҳаҷ ба ту бахшам ва ҳанӯз сарфа бурда бошам ва дар ин савдо суде бисьёр карда». Пас, маълум шуд, ки султонро баъд аз иқомати фароиз ва суннан (фоида) ҳеҷ тоате воҷибтар аз иштиғол (шуғл) ба масолеҳи бандагон нест. Ба сифати насфат (пароканда) зистан, ба назари адолат ва ҳимояти раият нигаристан, чи агар ҳимояти адолат набошад, арбоби қуввату навқат море  (ҳалок) аз заъфҳои халқ баробаранд ва чун заифҳолон ҳалок шаванд, ақвиё (қувватдорон) низ бар ҷой намонанд, чи маишати халоиқ бо якдигар бозабастааст ва интизоми мардум ҷуз ба адл мумкин нест:

Адл нурест к-аз ӯ мулк мунаввар гардад,
В-аз насимаш ҳама офоқ муаттар гардад.
Адл пеш ору муроди дили дарвеш барор,
То туро ҳар чи мурод аст, муяссар гардад.

Аз фазилати адолат ҳамин нуқта бас, ки одил маҳбуби ҳама мардумонаст. Агарчи аз адли ӯ фоида ба эшон нарасида бошад. Ва золим мабғузи (душмани) ҷамиъи ҷаҳониён аст. Агарчи аз зулми ӯ зараре ба эшон нарасида бошад ва масдоқи (тасдиқи) ин ҳол ва миқёси ин маҳол қиссаи Нӯшервони одил ва Ҳаҷҷоти золим аст. Он ки Нӯшервон кофаре буд, оташпараст ва Ҳаҷҷоҷ бар кораш исломро ва саҳобаро ва тобеинро дида. Ҳар гоҳ, ки Нӯшервонро  ёд кунанд бар ӯ офарин гӯянд ба сабаби адл аз ӯ ва чун зикри Ҳаҷҷот гузарад бар ӯ нафрин фиристанд ба воситаи зулми ӯ. Маснавӣ:

Дигарӣ шарти ҷаҳондорияст,
Давлати боқӣ зи камозорияст.

Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Кори ту аз адли ту гирад қарор.
Ҳар ки дар ин хона шабе дод кард,
Хонаи фардои худ обод кард.

Абдуллои Тоҳир рӯзе писари худро гуфт, ки оё давлат дар хонадони мо то ба кай бимонад. Писар ҷавоб дод: «То даме, ки бисоти адлу фарши инсоф дар ин айвон  густурда бошад»:

То пои подшоҳ бувад бар бисоти адл,
Бар фарқи ӯ ниҳода бувад тоҷи сарварӣ.
Чун даст аз остини  тағаллуб бурун кунад,
Бошад насиби гардани ӯ тавқи мудбирӣ.

Дар ахбор ворид аст, ки подшоҳи одил сояи лутф аст дар замине, ки паноҳ мегирад дар вай ҳар мазлуме. Муқарар аст, ки ҳар киро  аз тоби офтоб ранҷе  расад, ҷиҳати истироҳат паноҳ ба соя мебарад, то ранҷи ӯ ба роҳат мубаддал гардад ва ҳамчунин мазлум низ, ки  аз тоби офтоби ситам ва ҳарорати шарорати зулм ба танг ояд, паноҳи сояи худо, ки иборат аз подшоҳ

аст, илтиҷо намояд, то аз кулфати золимон ва баракати он осоише дошта бошад: Маснавӣ:

Шоҳи одил сояи лутфи ҳақ аст,
Ҳар ки дорад адл лутфи мутлақ аст.
Ҳалқро дар сояи худ ҷой деҳ,
В-аз шараф бар фарқи гардун пой неҳ.

Ҳукамо гуфтаанд: адл равият (баробарӣ) нигоҳ доштан аст миёни халқ. Яъне гурӯҳе баробари гурӯҳе мусаллат насозад ва ҳар тоифаро дар пояи ӯ нигоҳ дорад ва худоми салотин дар асл чор гурӯҳанд: аввал, аҳли шамшер чун мурод лашкариён ва эшон ба масобаи оташанд. Дуюм, аҳли қалам чун вузарову кутабо ин гурӯҳ ба маоби ҳавоянд. Сеюм, аҳли муомила чун бозаргонон ва муҳтарифоти эшон ба манзалаи обанд. Чорум, аҳли зироат ва эшон ба мособаи хоканд. Ҳамчуноне ки аз ғалабаи яке аз ургони чаҳоргона бар дигаре мизоҷи халқ табоҳ шавад ва як гурӯҳ аз ин аснофи чаҳоргонаи мизоҷи мулк ҳам рӯй ба табоҳӣ орад ва салоҳи оламу низоми умури бани одам мунқатеъу номунтазам монад.

Қитъа:

Ҳар якеро зи халқ, мартабаест,
Пеш аз ин давр ёфта таъин.
Гар кас аз ҳадди хеш даргузорад,
Фитнаҳо хезад аз ясору ямин.
Ҳар касеро ба ҷои ӯ бинишон,
Пас ба давлат ба ҷои худ бинишин.

Яке аз фазилати адл он аст, ки хок дар аҷзои султони одил тасарруф намекунад. Овардаанд, ки яке аз уламо дар маҷлис Маъмун ҳадисе ривоят кард, ки ашхоси подшоҳони одил дар қабр мутафарриқ намешавад ва аҷзои эшон аз якдигар намерезад. Маъмун фармуд, ки маро дар сидқи ҳадиси набавӣ шоибаи раъе (омезиш) нест, аммо доияи (хоҳише) дорам, ки Нӯшервонро  бубинам,, ки дар воқеъ мазҳари  адл буда ва бар забони мӯъҷазнишинон ҳазрати расолат гузашта, ки ман мутаваллид шудам дар замони малики одил. Пас, азимати Мадоин (номи шаҳр) кард, чун ба ин ҷо расид, фармуд то дахмаи Нӯшервон бикшоданд ва ба он ҷо даромад, дид тоза дар хоб хуфта, чунончи шахсе дар хоб бошад. Се ангуштарӣ дар даст дошт , ба нигини ҳар яке панде навишта: аввал, он ки бо дӯсту душман мадоро кун, дуюм, дар корҳо бе машварати хирадмандон шурӯъ манамоӣ, сеюм, риояти раият фурӯ  магузор  ва дар ривояти дигар омада, ки лавҳе аз зар болои сари вай овехта буд ва дар он лавҳ навишта, ки ҳар ки хоҳад, ки худой мулки ӯ бисёр шавад, гӯ, сифати адли худро бисёр созад.

Маъмун бифармуд, то он пандҳоро бинавиштанд ва он хокро ба атр олуда болояш пӯшиданд ва манқул аст, ки дар он  даҳма яке аз нудамон

Маъмун иҷозати сухан талабид ва баъди рухсат фармуд, ки адлро хосиятест, ки баъд аз вафот зарари хок аз кофари одил боз медорад ва агар одил ба саодати ислом мустаид бошад чи аҷаб. Дар уқбо зарари оташ низ аз ӯ боз доранд. Маъмун ин суханро писандид ва фармуд, то дар зайли он ва соё сабт карданд. Маснавӣ:

Адл дар дунё накӯномат кунад,
Дар қиёмат хубфарҷомат кунад.
Андар ин олам муаззам созадат,
Чун бад-он олам расӣ бинвозадат.

Аз ҷумлаи аркони адл исғои (шунидани) каломи додхоҳ аст, яъне гӯш ба сухани мазлумон кардан ва рӯи отифат (лутф) ба сохтани муҳимми эшон овардан ва аз он ки бисёр гӯянд малул набояд шуд ва ба танг набояд омад, зеро ки подшоҳ ҳукми табиб дорад ва мазлум ба мисли бемор аст ва мариз мехоҳад, ки тамоми сухани бемор гӯш накунад ва бар ҳақиқати марази вай матлаъ нашавад ва бе иттилоъ (хабардорӣ) маразу ташхиси он илоҷ чи гуна тавон кард:

Ту табибиву манат беморам,
Ҳоли дил аз ту чӣ пинҳом дорам?!

Овардаанд, ки рӯзе яке бо бузургон ҳоли худ боз гуфт, илтифот нафармуд ва дигар бор гуфт, гӯш накард, севвум бор арз кард. Гуфт: «Чанд дарди сар медиҳӣ». Гуфт: «Сар тӯӣ, дард куҷо барам». Он азизро хуш омад ва ҳоҷаташ раво кард.

Сар баровардӣ ба давлат поймардӣ кун ба лутф,
Дастрас додат худо афтодагонро даст гир!

Яке аз салотини бузургро пурсиданд, ки мегӯянд ҳар чизеро закотест. Закоти салтанат чист? Ҷавоб дод, ки закоти подшоҳиву ҷаҳондориӣон аст, ки агар мазлуме додхоҳӣ намояд ва ҳоҷати худро арз кунад сухани ӯро исғо (гӯш) фармоянд ва бо ӯ ба мадоро сухан кунанду ҷавоби дурушт бознадиҳанд ва аз сухан гуфтан бо заифону фуқаро ор надоранд, ки муколама бо хурдон аз хисоли бузургон аст…

Назар кардан ба дарвешон бузургиро биафзояд,
Сулаймон бо чунон ҳашмат назарҳо буд бо мӯраш.

Овардаанд, ки подшоҳе буд дар дорулмулки Чин ба зевари адл ороста ва ниҳоли ҳолаш ба сифати насфат (пароканда) пероста ногоҳ офате ба ҳисси сомеаи ӯ роҳ ёфт ва гаронӣ дар гӯши ӯ падид омад. Аркони давлатро ҷамъ карду чунон зор бигирист, ки ҷумлаи ҳозирон бар ҳоли вай ба гиря омаданд ва аз барои тасаллии ӯ тадбирҳо ангехтанд. Малик фармуд, ки шумо гумон

мебаред, ки ман бар фавти ҳисси самъ (шунавоӣ) мегирям, чи медонам, ки оқибати кор футуру қусур ба қуввaву ҳавос роҳ хоҳад ёфт. Пас, бар батлон чизе аз он марди хирадманд чи гуна андӯҳгин шавад. Гиряи ман барои он аст, ки ногоҳ мазлуме додхоҳ бар дарди боргоҳ фарёд кунад ва садои ӯ ба гӯши ман нарасад ва ӯ маҳрум боз гардад ва ман бехабар бошам. Аммо дар ин боб фикре кардам. Бифармоед, то дар ин диёр нидо кунанд, ки касе ғайри додхоҳ ҷомаи сурх напӯшад, то ба он аламат бар ҳоли мазлумон иттилоъ ёбам ва ба доди эшон бирасам.

Доди мазлумон бидеҳ, мақсуди маҳрумон барор,
Дину дунёро бад-ин доду даҳиш маъмур дор.

Ва бисьёр буда, ки ба яке доде, ки доданду ба фарёди мазлуме, ки расидаанд аз уқубати уқбо ҳисаи наҷот ёфтаанд. Чунончи: Дар ахбор омада, ки султони Малик шоҳи Салчуқӣ рӯзе бар канори Зиндаруд шикор мекард. Замоне ҷиҳати истироҳат дар марғзоре фуруд омад. Аз мулозимони султон Маликшоҳ ғуломе, ки ҳоҷиби хос буд, ба деҳе даромад, гове дид, ки бар канори ҷӯй мечарид. Бифармуд, то он говро гирифта бикушанд ва қадре гӯште аз он кабоб кард. Он гов азони аҷузае буд, ки маишати ӯ бо ҷаҳор ятим, ки дошт, аз шири ӯ ҳосил мешуд, чун аз он воқеа хабардор шуд аз худ бехабар гашт. Биомад ва бар сари пуле, ки гузори султон ба он буд, мунтазир биншаст. Ногоҳ Маликшоҳ бирасид. Барҷасту инони маркаби султон бигирифт. Ҳамон ғуломи ҳоҷиб тозиёна баровард ва хост, ки ба зани аҷуза бизанад ва манъ кунад. Султон гуфт: «Бигзор, ки мазлум бечора менамояд, бингарам, ки тазаллуми (фарёд) ӯ чист? Ва доди ӯ аз дасти кист?» пас рӯй ба пиразан овард, ки сухан гӯй. Пиразан ба ҳукми он, ки гуфтаанд. Мисраъ:

Мазлум далер бошаду чиразабон,

Забон бикшод, ки эй писари Алпарслон, агар доди ман бар сари пули Зиндаруд надиҳӣ ба ғайрату ҷалоли аҳадият, ки то инсофи худ аз ту настонам, дасти ситам аз домани ту кӯтоҳ накунам, нек андеша кун, ки аз ин ду пул кадом ихтиёр мекунӣ:

Инсофи худу доди ман имрӯз бидеҳ,
Бидҳӣ, беҳ аз он бувад, ки бистонандат.

Султон аз моҳияти ин сухан пиёда шуду гуфт: «Зинҳор, эй модар, ман тоқати ҷавоби он сари пул надорам, бигӯ то бар ту кӣ ситам кардааст, то дод аз ӯ биситонанд». Пиразан гуфт: «Эй малик! Ҳамин ғӯломе, ки бар ҳузури ту тозиёнаи уқубат бар сари ман кашид, чашмаи айши маро талх сохтааст ва гове, ки маишати ману ятимони ман аз шираш муҳайё будӣ, бикушт ва кабоб кард». Маликшоҳ фармуд, то ғуломоро сиёсат карданд ба ивази як модагов 70 модагов бидод. Баъд аз чанд гоҳе, ки султон вафот ёфт, пиразан ҳанӯз дар ҳаёт буд. Нимишабе бар сари қабри вай омад ва рӯи ниёз ба қиблаи дуо

оварда гуфт: «Оллоҳ, ин банда, ки дар ин ҷо хок аст, вақте ки ман дармонда будам дасти ман бигирифт, ҳоло ӯ дармондааст. Ту ба карам дастгирии ӯ кун.. ман бечора будам, ӯ бо оҷизии махлуқияти хеш бар ман бахшид ин замон ӯ бечора аст. Ту ба ққуввати холиқияти худ бибахшой». Яке шоҳро ба хоб дид, пурсид, ки чӣ тавр аст? фармуд: «Агар дуои он пиразан ба фарёди ман нарасидӣ, аз чанголи уқубат халосӣ мумкин набудӣ»: нарасидӣ, аз чанголи уқубат халосӣ мумкин набудӣ»:

Гуфт, ки бар раҳгузар он гандапир,
Гар ба дуо лам нашудӣ дастгир.
Бе назари марҳамати подшоҳ,
Ҳоли мани ғамзада будӣ табоҳ.
Доди ман ӯро ба дуо раҳ намуд,
Файзи дуояш дари ҳиммат кушуд…

Нақл аст, ки дар айёми халифа Маъмун шахсе гуноҳе карда буд ва аз он шаҳр фирор намуда. Бародари ӯро пеши Маъмун ҳозир карданд. Маъмун ҳукм кард, ки бародари худро ҳозир кунад вагарна ӯро ба ивази бародараш ба қатл расонанд. Он шахс гуфт: «Эй халифа, агар омили ту хоҳад, ки маро бикушад ва ту ҳукм фиристӣ, ки фалонро бигузор он омил маро бигзорад ё не?» гуфт: «Бале, бигзор». Гуфт: «Пас ман ҳукм овардам аз подшоҳе, ки ту ба нияти ӯ ҳокимӣ, ки маро бигзорӣ». Гуфт: «Нишони ӯ гӯй!» Гуфт: «Нишони ман ин аст, ки худои таоло фармояд: Ҳеҷ касро ба гуноҳи дигаре магиред». Маъмун мутаасир шуд ва бигиристу гуфт: «ӯро бигзоред, ки ҳукми маҳкам ва нишони мабрам (қатъӣ) овардааст…».

Овардаанд, ки Амрӯи Лайс якеро ба сухани соҳибғаразе маҳбус сохт. Модари он кас арза дошт навишта , бар сари роҳи Амрӯ биистод ва чун Амрӯ бирасид, пиразан ба таъҷил коғаз боз мекард, ки ба дасти Амрӯ бидиҳад. Маркаби Амрӯ тунд буд ва рамид. Амрӯ мутаҳайир шуд ва бифармуд, то он заифро дур карданд. Ва аз он ҷой даргузашт. Боз оҷуза ба сари роҳ омад ва биистод, то Амрӯ бозгузашт ва дигар бор пеш омад, ва тазаллум намуд. Амрӯ пурсид, ки ин чӣ кас аст? гуфтанд: «Модари фалон маҳбус аст». Амрӯ аз ӯ мутағйир буд. Рӯй бигардонд ва илтифот накард. Пиразан гуфт: «Эй малик! Ҳукми ту дар бораи писари бегуноҳи ман чист?» Гуфт: «Он ки ӯро сад чӯб бизананд ва рӯяш сиёҳ кунанд ва гирди шаҳр бигардонанд ва нидо кунанд, ки ҳар ки дар ҳазрати султон осӣ шавад, сазои вай ин аст». Пиразан гуфт: «Ин ҳукм ту мекунӣ?» Гуфт: «Оре, ман ин ҳукм  мекунам. Гуфт: Пас ҳукми худо куҷо шуд, ки ҳар ҳукме, ки ту хоҳӣ кунӣ?!» аз ҳайбати ин сухан ларза бар Амрӯ афтод ва беҳуш шуд ва чун ба худ омад, бифармуд, то маҳбусро аз зиндон берун оварданд ва хилъати хос бар ӯ пӯшонида, ба маркаби хос савор карданд ва гуфт: «ӯро дар шаҳру бозор бигардонед ва мунодӣ кунед, ки ҳар ҳукме, ки худо кунад, Амрӯи Лайс кӣ бошад хилофи он дар хотир гузорад»:

Ӯ ҳоким асту мо ҳама маҳкуми ҳукми ӯ,
Моро чӣ эътибор бувад ҳукм ҳукми ӯст.

Рукни дигар хулуси покии ният аст дар бобби раият ва ба некхоҳии эшон моил будан чӣ нияти подшоҳро дар ин боб асари тамом аст. агар нияти адл кунад, баракати ҷамъият натиҷа диҳад. Ва агар ба хилофи ин бошад, баракат аз маҳсул биравад ва ақди ҷамъият раият гусехта гардад. Шайх Саъдӣ фармуд:

Дар он кўш то ҳарчи нийят кунӣ,
Назар дар салоҳи райият кунӣ.
Ки султон агар нийяти бад кунад,
Муҳими ҷаҳоне ба ҳам барзанад.

Овардаанд, ки подшоҳ Қубод рўзе дар шикор аз лашкар ҷудо афтод ва ҳаво гарм шуду аз ташнагӣ бетоқат гашта ҳар тараф менигарист ва сояву сарчашмае  металабид. Аз дур сиёҳие ба назараш даромад. Маркаб ба он тараф ронд. Хаймаи кўҳна дид дар миёни бодия зада ва пиразане бо духтари худ дар сояи он нишаста, чун Қубод бирасид, он зан аз хайма берун давид ва инонаш гирифта, фуруд овард ва чизе ки дошт ҳозир кард. Қубод таоме хўрд ва обе биёшомид, хоб бар ў ғалаба кард. Лаҳзае биёромид чун аз хоб даромад бегоҳ, шуда буд, шаб ҳамонҷо иқомат намуд. Баъди намози шом гове аз саҳро биёмад ва духтараки он зол он говро бидўшид, шири бисьёр ҳосил шуд, чунон ки Қубодро аҷаб омад ва бо худ гуфт: «Ин ҷамоат ба ҷиҳати он ба саҳро нишастаанд, то кас ба сарояшон иттилоъ наёбад. Ҳар рўз чандин шир аз гове мегиранд. Агар дар ҳафта як рўз ба султон диҳанд, моли эшонро халале намерасад ва хазонаро тавфире (манфиат) мешавад». Ният кард, ки чун ба дорулмулк бирасад, он мавозеъро бар раъият ниҳад чун сабоҳ шуд духтарак говро гирифту  бидўшид андаке шир фурўд омад. Фарёд баровард. Пеши модар давид, ки эй модар рўй ба дуо ор, ки подшоҳи мо нияти зулм кардааст. Қубод тааҷуб намуд ва гуфт: «Аз чӣ донистӣ». Гуфт: «ҳар бомдод гови мо бисёр шир бидодӣ, имрўз андак. Ҳар гоҳ ки подшоҳ нияти бад кунад, ҳақ баракат бардорад». Қубод гуфт: «Рост, гуфтӣ» ва он ният аз дил берун кард. – «Акнун бирав ва бар сари кор шав». Пас, духтар бархост ва дигар бор говро дўшид. Шири бисёр ҳосил шуд. Бори дигар пеши модар Давид ва муждаи нияти подшоҳ ба вай расонид ва аз ин ҷо гуфтаанд, ки малики одил беҳтар аст аз абри боранда ва офтоби тобанда. Ҳакими Фирдавсӣ фармояд:

Ҳар он нам, к-аз абри баҳорон бувад,
Дар андешаи шаҳриёрон бувад.
Чу бад гардад андешаи подшоҳ,
Наёбад замин нам ба вақт аз ҳаво.
Чу одил бувад шаҳ аз сахтӣ манол,
Ки адлаш беҳ аст аз фаррохии сол.

Дар ҳамин маънӣ нақл кардаанд аз Баҳроми Гўр, ки вақте дар ҳавои гарм ба дари боғе расид, пире, ки боғбонӣ кардӣ он ҷо ҳозир буд, гуфт: «Эй пир, дар ин боғ анор ҳаст?» Гуфт: «Оре». Баҳром фармуд, ки қадре оби анор

биёр. Пир бирафт ва дарҳол қадаҳе пур оби анор карда берун овард ва ба дасти Баҳром дод, биёшомид в гуфт: «Эй пир, соле аз ин боғ чанд ҳосил мекунӣ?» Гуфт: «Сесад динор». Гуфт: «Ба девон хироҷ чӣ медиҳӣ?» Гуфт, подшоҳи мо аз дарахт чизе намегирад ва аз зироат ушр (даҳяк) мегирад. Баҳром бо худ андеша кард, ки дар мамлакати ман боғи бисёр ҳаст ва дар ҳар боғе дарахти бешумор. Агар аз ҳосили боғ низ ушр ба девон диҳанд, маблағе ҳосил мешавад ва раиятро чандон зиёне намерасад. Баъд аз ин бифармоям то хироҷ аз маҳсули боғот низ бигиранд. Пас боғбонро гуфт: «қадаҳе дигар оби анор биёр». Боғбон бирафт ва пас аз муддате қадаҳи об овард. Баҳром гуфт: «Эй пир, навати аввал рафтиву зуд омадӣ ва ин навбат интизори бисёр додӣ ва баробари он об наёвардӣ». Пир надонист, ки он ҷавон Баҳром аст. Гуфт: «Эй ҷавон, гуноҳ аз ман набуда аз подшоҳ буд, ки дар ин ваќи нияти худро тағьир дода ва андешаи зулм фармуда, лоҷарам баракат аз мева берун рафт. Ман навбати аввал аз як анор он ҳама об гирифтам ва дар ин карат аз даҳ анор баробари он ҳосил нашуд». Баҳром аз ин сухан мутассир гашт ва он андешаро аз дил берун карду гуфт: «Эй пир, як бори дигар микдоре оби анор биёр». Пир ба боғ рафт ва ба зудӣ берун омад ва қадаҳе моломол аз оби анор оварда ба дасти Баҳром доду гуфт: «Эй савор, аҷаб ҳолатаст, ки подшоҳи мо он нияти зулмро тағьир дод. Алҳол асари баракат ҳосил шуд. Аз як анор ин қадаҳ пуроб шуд». Баҳром сурати ҳол ба пир дар миён ниҳод ва қиссаи нияти худу тағьири он боз гуфт ва ин сухан аз малики давлатманд ба саҳифаи рӯзгор ёдовар монд, то салотин аз ин сухан пандапазир шаванд ва нияти дар солҳои холи раият мақсуд доранд.

Ҳар шоҳ, ки ӯ нийяти худ рост кунад,
Ё бад зи худой он чи дархост кунад.

Ҳукамо фармуданд, ки адл хубтарин фазилат аст ва зулм зишттарин разолат. Натиҷаи адл бақои мулку вусъати мамлакат аст ва маъмури хазоину ободонии қарияву шаҳрҳо. Ба самари зулм заволи мамлакат аст ва харобии мамлакат дар васоёи (васиятҳои) Ҳушанги Сиёмак, ки писари худро фармуд, ки эй писар, бояд, ки ояти зулмро бартараф, ҷаврро дур дорӣ ва аз новаки оҳи мазлумони ситамрасида ва нолаву зори маҳрумони меҳнаткашида бипарҳезӣ, ки гуфтаанд:

Он чи як пиразан кунад ба саҳар,
Накунад сад ҳазор тиру табар.

Арбоби ҳикмат дар ин боб масале пардохтаанд ва аҳли зоҳир онро ҳикояте сохта, ки Султон Маҳмуд ба аркони давлати худ гуфт, ки аблаҳтарин мардумон пайдо кунед. Бузургони даргоҳ ҳукамову нудамо ва зиракону хутабонро ба атрофу акнофи мамлакат фиристоданд ва эшон мутаваҷҷеҳ шуда ва бо истеъмоли инчунин касе машғӯл буданд ва дар акшофи аҳволи ҷаҳон ва аҳмақон муболиға менамуданд. Ба охир шахсеро диданд, ки бар шохи дарахте баромаду табар бар буни он шох мезанад, то гусехта гардад ва маълум буд, ки агар он шох бигсилад ҳар оина он кас аз сари шохи баланд ба

замин афтад ва агар фаразан ҳазор ҷон дошта бошад, якеро ба саломат набарад ва ҳама иттифоқ карданд, ки ин кас аблаҳтарини олам аст ва ӯро гирифта назди султон бурданд ва сурати ҳол ба мавқуфи арз расониданд. Султон фармуд, ки аз ӯ аблаҳтаре ҳаст, гуфтаанд: Ҳазрати султон баён фармояд. Гуфт: «ҳокими золим, ки ба ҷавру тааддӣ раияти худро барандозад ва худро ба ин восита бадбахту парешонҳол созад»:

Раият чу беханду султон дарахт,
Дарахт, эй писар, бошад аз бех сахт.
Табар бар буни он дарахте мазан,
Ки болои шохаш гирифтӣ ватан.
Ки чун суст гардид бехи дарахт,
Зи пой андар ояд ба як боди сахт.
Касе к-ӯ ҷафову ситам мекунад,
Яқин аст, к-ӯ бехи худ меканад.

…Дар Самарқанд золиме буд, халоиқ аз ҷафои ӯ дар азоб ва аз тааддии бениҳояташ дар шиканҷаи уқубат буданд… Шабе дар ғурфаи хеш ба тахт хуфта буд, тире фуруд омаду бар синаи вай хӯрд, чунончи аз пушташ гузашт ва дарҳол ҳалок шуд. Субҳ он тир аз синаи вай берун кашиданд бар он навишта буд, ки ситам мекунӣ ва барои ситамгорон тирҳо муқаррар аст, ки дар аъзо зудтар аз сӯзан фурӯ меравад:

Ҳон, эй ниҳода тири ҷафо бар камони зулм,
Андеша кун зи новаки дилдӯз дар камин.
Гар тири ту зи ҷавшани фӯлод бигзарад,
Пайкони оҳ бигзарад аз кӯҳи оҳанин.

Ва ҳаким Ҳоқон гуфтааст:

Битарс аз тирборони заифон дар камини шаб,
Ки ҳар к-аз заъф нолонтар қавитар захми пайконаш.
Битарс аз оҳи мазлуме, ки бедор асту хун борад,
Ту хуш хуфта ба болини ту ояд, сели боронаш…

**Дар авф**

Авф тарки уқубати гунаҳкор аст, ки дар ҳоли қудрат барад ва ин хислат дар фазилат бар ҷумлаи хислатҳои фоиқ аст…

Хукамо гуфтаанд: «Ҳарчанд гуноҳ бузургтар аст, фазилати авфкунанда зиёдтар аст». Овардаанд, ки яке аз гунаҳкорон назди як малик аз мулуки араб омад ва ҳол он ки чанд касро аз наздикони малик кушта буд. Малик гуфт: «Басе ҷуръат аст, ки бо вуҷуди гуноҳони бузург, ки аз ту ба нисбати ман ва хешони ман содир шуда, аз уқубати ман натарсидӣ ва наздики ман омадӣ». Ҷавоб дод, ки: «ҷуръати ман дар омадан ба ҳазрати ту ва нотарсидан аз уқубати ту ҷиҳат он аст, ки медонам ҳарчанд гуноҳи ман бузург аст, авфи ту

аз он бузургтар хоҳад буд». Малик сухани ӯро писандид ва гуноҳи ӯро авф фармуд…

Искандар аз Арасту пурсид, ки дар боби фалон гунаҳкор чӣ мегӯӣ? Гуфт: «Эй малик агар гуноҳ набудӣ, сифати авф ки беҳтарин фазилат аст, ки касе зоҳир нашудӣ. Пас, гуноҳ оинаи авф аст ва гунаҳкор ба сабаби зуҳури он сифатшуда дар бораи ӯ бояд, ки ин маънӣ ба зуҳур расад:

Гуноҳ оинаи авфу раҳмат аст, эй шайх,
Мабин ба чашми ҳақорат гунаҳгоронро.

Искандар гуфт: «Адаб дар чӣ вакт некӯст?» Гуфт: «Дар вақти қудрат ва зафар бар хасм , то ба он авф шукргузорӣ зафар карда бошад».

Дар ҳикоёт омада, ки подшоҳе бар душмани худ зафар ёфт ва ӯро асир карда дар маърази итоббоз дошт. Подшоҳ аз ӯ пурсид, ки худро чун мебинӣ? Ҷавоб дод, ки худо чизе дӯст медорад, ки он авф аст чун зафаре, ки ту дӯст медоштӣ ба ту арзонӣ шуд, авфе, ки ӯ дӯст медорад ту низ ба ҷой ор! Подшоҳ ин суханро писандид ва ӯро озод кард…

З-ибтидои даври олам, то ба аҳди подшоҳ,
Аз бузургон авф будааст, аз фурӯдастон гуноҳ.

Овардаанд, ки яке аз муқаррибон ҷурме (гуноҳе) карда буд ва дар маърази таъдибу азоб афтод. Рӯзе он подшоҳ бо яке аз хос дар бораи он муҷрим мушовират мекард ва он шахс  гуфт: «Агар банда ба ҷои подшоҳ будаме, ҳукми сиёсат кардаме». Шоҳ фармуд: «Акнун ту ба ҷои ман ҳастӣ, кирдори ман бояд, ки ба хилофи кирдори ту бошад. Ман ӯро авф кардам»:

Гар азим аст аз фурӯдастон гуноҳ,
Авф кардан аз бузургон аъзам аст.

Ва ҳар гоҳ касе дар гуноҳе, ки аз ӯ содир шавад таъаммул кунад ва донад, ки ба авфи (худо) мӯҳтоҷ аст, бояд ки авфи худро аз гунаҳкор дареғ надорад, то худо низ авфи худ ба вай арзонӣ дорад.

Агар таваққуф бахшоиши худо дорӣ,
Зи рӯи авфу карам бар гунаҳкорам бахш.

Оварданд, ки подшоҳе якеро ба амале фиристода буд ва аз вай тавре, ки подшоҳро нописанида  буд, содир шуд. Подшоҳ ӯро азл (барканор) карда бифармуд, побандаш карданд ва ба пойтахт оварданд ва итобу хитоб оғоз кард. Он бечора гуфт: «Эй шоҳ, андеша кун, туро ҳам фардо, итоб… дар пеш аст:

Ман пеши ту муҷримам, ту дар пеши худо,
Гар авф кунӣ, ҳақ аз ту ҳам авф кунад.

Подшоҳро ин сухан писанд афтод ва ӯро банд бардошт ва тарбият карда боз бар сари амал фиристод:

Авф фармудан муборак хислатест,
Ҳар кӣ дорад авф соҳибдавлатест.
Дил зи нури авф равшан мешавад,
Дар насимаш сина гулшан мешавад.
Дӯст дорад авфро парвардигор,
Он чӣ эзид дӯст дорад, дӯст дор…

**Дар илм**

Ҳилм яке аз ахлоқи бузург аст… Дар ҳадис омада, ки қавитарини шумо он кас аст, ки дарҳол  ғазаби худро бияфканад ва молики нафси худ бошад:

Мардӣ гумон мабар, ки ба зӯрасту пурдилӣ,
Бо хашм гар баройи, донам ки комилӣ.

Дар китоби «Инҷил» мазкур аст, ки мулукро воҷиб бувад, ки нафси худро риёзат диҳанд ба ҳилм ва ром созанд дар фармонбардорӣ, то ҳар чӣ бишнаванд, ки хилофи ризои эшон бошад, дар хашм нашаванд, зеро ки эшонро қудрату тавоноӣ ҳаст ва зердастон мутеъи эшонанд. Агар хашми зердаст ҳилм набошад, ғазаби  маҳкум бурдборӣ набувад ва ба ҳар қавлеву феъле хашм гиранд, ҳар оина мардум мутаасир шаванд ва маликро равнақ намонад ва басе зебо гуфтаанд:

Бурдборӣ хазинаи хирад аст,
Ҳар киро ҳилм нест ӯ чудар аст.
Девбандист ҳилм агар донӣ,
Ғазаб аз дасти ӯст зиндонӣ.

Марди ҳалим он аст, ки селоби ғазаби ӯ ба он ки кӯҳи шомих (баланд) агар дар мӯҳри ӯ афтад, барҳазар аст. Ӯ аз ҷой  натавонад бiравад ва ноираи хашм бо вуҷуди он ки гиреҳу асир аз илтиҳоби он дар хатар аст, дар вай тасарруф натавонад кард. Бе ҳилм оташи ғазаби  ҳеҷ султон таскин наёбад ва бе муовинат бурдбории ҳеҷ ҳокиме боз гуфтугӯи руаё барнатобад, пас подшоҳи одил он аст, ки ҳилмро зевари рӯзгори худ созад ва ба дастёрии ӯ бунёди хашми оламсӯз биронад.

Чу ҳилм андар омад ғазаб гашт паст,
Ғазабро ҳамин бурдборӣ шикаст.
Сутуни хирад бурдборӣ бувад,
Сабуксар ҳамеша ба хорӣ бувад.

Аз Сулаймони Варроқ нақл кардаанд, ки гуфт, ки рӯзе дар хидмати Маъмун будам. Нигине аз ёқут дидам, ки тӯли ӯ чаҳор ангушт ва арзи ӯ ду ангушт ва дар сафову равошанӣ чун хуршеди тобону Ноҳиди (Зӯҳра) дурахшон буд. Пас заргареро хонду гуфт: «ҳотаме (ангуштарӣ) бисоз, ки ин ёқут нигини он тавонад буд». Заргар ёқут баргирифту бирафт. Қазоро рӯзи дигар ҳам дар хидмати вай будам, ки аз он ангӯштарӣ ёд кард ва бифармуд, то заргарро биёварданд. Чун заргар ҳозир шуд, дидам, ки раъша (тарс) бар вай афтодааст ва чун бед меларзид. Маъмун пурсид, ки сабаби тағири ту чист? Гуфт: «маро Амон деҳ, то бигӯям». Гуфт: «Амон додам». Заргар нигин берун кард ба чаҳор пора шуда. Гуфт: «Эй халифа, ангӯштарӣ сохтам, ки нигинро ба нигиндон барам, аз дасти ман бар сангдон афтод ва чаҳор пора шуд». Маъмун табассум карду гуфт: «Бирав ва инро чаҳор ангӯштарӣ соз ва туро дар ин ҳеҷ гуноҳе нест». Ва ин сурат, ки аз Маъмун содир шуд, ғояти ҳилму бурдборист:

Ҳилм сармояи камол бувад,
Сабаби иззату ҷалол бувад.
Ҳилм шодифазои ҳар ҳиҷил аст,
Мумиёи ҳар шикастадил аст.

Нӯшервон аз Бузургмеҳр пурсид, ки ҳилм чист? Гуфт: «Намаки хони ахлоқ аст, чун ҳуруфи онро чун баргардонанд,  милҳ (намак) мешавад, чунон ки ҳеҷ таоме бе милҳ маза надиҳад, ҳеҷ хулқе бе ҳилм ҷамол нанамояд». Нӯшервон гуфт: «Аломати ҳалим кадом аст?» Гуфт: «ҳалимро се нишона аст: яке он ки  агар туршрӯю сахтгӯе сухани талх дар миён орад, ӯ дар баробари он ҷавоби ширин бар забон ронад ва агар ба феъл низ ӯро биранҷонад, бо замми он (ба муқобили) бо ӯ эҳсон намояд». Қитъа:

Бо ту гӯям, ки чист ғояти ҳилм,
Ҳар ки заҳрат диҳад, шакар бахшаш.
Ҳар киро бихрошадат ҷигар ба ҷафо,
Ҳамчун хони карим зар бахшаш.
Кам мабош аз дарахти сояфикан,
Ҳар ки сангат занад, самар бахшаш.

Аломати дуввум он аст, ки дар айни он ки оташи хашм забон гирифт ва савлати ғазабу сутувати он ба ғоят расад, хомӯш гардад ва ин далели итминони дил ва таскини руҳаст. Ва дарвешони солик  илоҷи ғазаб бад-ин навъ кардаанд.

Нишонаи саввум, фурӯ хӯрдани хашм аст, агар касе филвоқеъ мустаҳиқи уқубат бувад.

Овардаанд, ки рӯзе он Навбодаи бӯстони вилоят бо кураи боғистони ҳидоят Сабт бинни Ваҳл ва Ҳусайн бини Алӣ Ризооллоҳ бо ҷамеи муллоён аз ашрофони араб бар сари хоне нишаста буданд, ходимаш бо косае оши гарм даромад, аз ғояти даҳшат пояш бархӯрд ва коса аз дасташ бар сари шоҳзода

афтод ва онҳо бар рухсораи муборакаш фурӯ рехт. Шоҳзода хашми хеш фурӯ хӯрд. Маснавӣ:

Бадиро мукофот кардан бадӣ,
Барии аҳли сурат бувад бихрадӣ.
Ба маънӣ касоне, ки пай бурдаанд,
Бадӣ дидаву некӯӣ кардаанд…

Бибояд донист, ки ғазаб дар бисьёр мавозеъ аз ҳилм беҳтар аст. Чӣ ғазабе, ки аз ҷиҳати ҳирси тамаъ ё ба воситаи такаббур ва хештандорӣ бувад, мазмум аст, аммо барои эъломи нишонаҳои дин писандида аст. Масалан, агар касе аз хиёнати маҳрамонаи ҳарами хеш ҳилм варзад, ақлан ва шаръан ва урфан мазлум бувад ва аз назари аҳли мурувват соқит шавад. Чун ғайрати бе ғазабӣ ва хушунатӣ даст диҳад, камоли мард дар он аст, ки маҳалии ҳилм ва мавзеи ғазабро ба назари саҳеҳ тамиз кунад, то ҳар ҷо он чи муносиб аст, ба кор барад:

Қаҳру лутф андар маҳалли худ накӯст,
Ҷои гул гул бошу ҷои хор хор.

**Дар хулқу рафқ**

Мурод аз хулқ хушхӯист ва ғараз аз рафқ нармиву дилҷӯӣ ва яке аз созгорӣ бошад, ба мулотифат (нармӣ) ва яке корсозӣ ба мадоро ва мулоимат ва аммо хулқ некӯтарин неъмате ва зеботарин хислатест…

Ман надидам дар ҷаҳони ҷустуҷӯ,
Ҳеҷ аҳлият беҳ аз хулқи накӯ…

Рӯзе ҳазрати Рӯҳуллоҳ алайҳи салом ба ҷое мегузашт. Аблаҳе бо вай дучор шуд ва аз ӯ пурсид. Ӯ ба лутф ҷавобаш боздод ва он шахс муслим надошт ва оғози арбадаву сафоҳат кард ва чунончи ӯ нафрин мекард, Исо таҳсин мефармуд. Ҳарчанд вай аз муҷодила дармеомад, Исо тариқи мулотифат риоят менамуд. Азизе бад-он ҷо расид ва гуфт:

- Эй Рӯҳуллоҳ, чаро забуни ин кас шудаӣ? Ҳарчанд ӯ қаҳр мекунад, ту лутф менамоӣ ва бо он ки ҷабру ҷафо пеш мебарад, ту меҳру вафо беш мефармоӣ.

Исо гуфт: «Аз кӯзаҳамон бурун туро дод, ки дар ӯст. – Аз ӯ он сифат мезояд ва аз ман ин сурат меояд, ман аз вай дарғазаб намешавам ва ӯ аз ман соҳиби адаб мешавад, ман аз сухани ӯ ҷоҳил намегардам, ӯ аз хулқу хӯи ман оқил мегардад».

Чун нашавам ман зи вай афрӯхта,
Ӯ шавад аз ман адаб омӯхта.
Ман ки задам мояи даҷон шудам,

Ин сифатам дод ҳазорон шудам.
Хулқи накӯ васфи Масеҳо бувад,
Хислати бад марги мафоҷо бувад.

Ҳукамо гуфтаанд: нишони хушхӯӣ даҳ чиз аст: Аввал, бо мардумон дар кори некӯ мухолифат накардан. Дуввум, аз нафси худ инсоф додан. Саввум, айби касон наҷустан. Чаҳорум, чун аз касе зиллате дар вуҷуд ояд онро таъвили (маънидод) некӯ кардан. Панҷум, чун гунаҳкор узр хоҳад, онро пазируфтан. Шашум, ҳоҷати мӯҳтоҷ баровардан. Ҳафтум, ранҷи мардумон кашидан. Ҳаштум, айби нафси худ дидан. Нӯҳум, бо халқ рӯи тоза доштан. Даҳум, бо мардумон сухани хуш гуфтан.

Фард:

Ба ҳама халқи ҷаҳон хулқи писандида намой,
Ки сӯи хулқи барин роҳ бад-он хоҳад буд.

Ва чӣ зебо гуфтааст ҳам дар ин маънӣ. Байт:

Хушаст олами озодагиву хушхӯӣ,
Бад-ин мақом даро, гар биҳишт меҷӯӣ.

Аммо рафқ, созгорӣ ва мадоро бошад. Ва дар хабар омада, ки рафқ ба ҳеҷ чиз напайвандад ва илло, ки онро барҳам занад ва нохуш гардонад… Байт:

Ба ширинзабониву лутфу хушӣ,
Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ.

Ардашери Бобак, ки сарири салтанатро ба зевари ҳикмат ороста буд, фарзанди худро дид ҷомаи қимате пӯшида. Гуфт:

- Эй писар, салотинро ҷомае бояд пӯшид, ки дар ҳеҷ хазона набошад ва ҳеҷ кас мисли он натавонад, ки бипӯшад. Мисли ин ҷомае, ки ту пӯшидаӣ, ёфт мешавад ва ҳама кас метавонад пӯшид.

Писараш пурсид, ки асли ин ҷома аз чӣ чиз аст? Гуфт: «Тораш аз некӯхӯиву накӯкорӣ ва пудаш аз созгориву бурдборӣ. Агар касе дар ин калима таамул кунад, донад, ки ҷомеа ақсоми ҳайрон аст. Подшоҳону шаҳриёронро бо ҳама корсозӣ накӯст дар ҳама вақт, созгорӣ хуш аст дар ҳама ҷой».

Қитъа:

Подшоҳону шаҳриёнро
Бо ҳама офаридагони худой
Корсозӣ накӯст дар ҳама вақт
Созгори хуш аст дар ҳама ҷой.

Фаридунро пурсиданд, ки мулозимонро ба чӣ чиз нигоҳ тавон дошт? Гуфт: «Ба мулотифат ва бурдборӣ». Гуфтаанд: Мушкилиҳоро ба чӣ чиз ҳал тавон кард? Гуфт: Ба мулоимат ва созгорӣ. Дар ин боб гуфтаанд:

Муҳиме, ки бисьёр мушкил бувад,
Ба рафқу мадоро тавон сохтан.
Тавон сохт коре ба заме чунон,
Ки натвон ба теғу синон сохтан.

Ҷамшед аз вазири худ савол фармуд, ки салотинро инсоф ба кадом сифат аз ҷумлаи заруриёт аст. Гуфт, ки ба рафқу нармхӯӣ ва мулоимат, зеро, ки раият бад-ин сифат дуои подшоҳ гӯянд ва лашкариён бар ин сифат ризои подшоҳ ҷӯянд ва салтанат ба дуогӯии раият ва ризоҷӯии сипоҳ интизом меёбад ва дигар ба рафқи гӯшмоли муҷрим бар ваҷҳе метавон дод, ки ба унф (дағалӣ) мисли он муяссар нашавад ва чунон ки овардаанд, яке аз мулуке , ки ба самти рафқ ва талаттуф мавсум (нишон шуда) буд, матбахии худро гуфт, ки аз барои вай фалон навъ аз таом бипазад ва дар он такаллуфи (аломати) бисёр ба ҷо меоварад, матбахӣ он таом тартиб дода, ба анвои дигар аз атъима ба назар андохт , магасе дид дар вай , бардошт ва биафканд, он гаҳ луқма баргирифт магасе дигар дар вай буд, дур кард ва дар луқмаи дигар ҳам магасе дид. Даст аз он таом бозкашид ва аз таоми дигар тановул кард. Чун хон бардоштанд, матбахиро талабид ва гуфт: «Ин хӯрданӣ, ки сохта будӣ бағоят лазиз буд. Фардо ҳам аз ин бисоз, аммо ба шарте ки магас дар вай бисёр набошад». Ҳозирон аз ин маънӣ тааҷҷуб намуданд, ки матбахиро шармсорӣ дод ва таъзибе (озор) ба он набуд.

Байт:

Чу дар муқобилаи ҷурм лутф бинад кас,
Шавад хиҷилзада, ин хиҷолат ӯро бас.

**Дар шавқат ва марҳамат**

Шавқат бар оммаи раоё ва марҳамату рафқ бар ҳама халқ бар мулуки азималшон ва салотин рафиалмакон лозим аст, чӣ зердастон амонияти ҳазрати офаридагоранд, ки бо аҳли ихтиёр ва иқтидор супурда, ё ба риояти эшон холи аҷуза (оҷизон) ва дарвешон ба фароғат дар амоният бувад ва дилҳои шикаста бо эҳтимоми раиятпарварӣ ва марҳаматгустарӣ аз ҳуҷуми балои ҷабборон (забардастон) ва ситамгорон фориғӯ мутмаин гардад ва пас подшоҳ бояд, ки ба умеди раҳмати илоҳӣ бар оҷизон бибахшояд ва рухсораи салатанатро ба ҳоли зебоӣ биёрояд.

Овардаанд, ки Сабуктегин-падари Султон Маҳмуд дар авали ҳол, ки мулозими Самҷур буд, ки як сар асп беш надошт ва авқоти ӯ бағоят ба ишрат мегузашт. Ҳар рӯз ба азми шикор ба саҳро рафтӣ. Агар сайде ба даст омадӣ,

бад-он гузаронидӣ. Рӯзе оҳуе дид, бобачаи худ дар саҳро мечарид, Сабуктегин асп барангехт. Оҳу бигрехт, чун бачаи ӯ хурд буд, бо модар натавонист гурехтан. Ӯро бигрифт ва дасту пояш барбаст ва дар пеши зин ниҳода роҳи шаҳр баргирифт. Оҳу, ки бачаи худро гирифтор дид, бозгашт ва дар пай медавид ва фарёд мекарду менолид. Сабуктегинро бар вай раҳм омад ва дасту пои оҳубачаро бикушод ва сар ба саҳро дод. Модар омаду бачаро дар пеш гирифт ва рӯй ба осмон карда, ба забони безбонӣ муноҷоте кард: «Оне, ки забони безбонӣ донӣ». Сабуктегин дасти холӣ ба шаҳр бозомад ва шабона хоб дид, ки бо вай мегӯянд: «Эй Сабуктегин, ба воситаи он шавқату марҳамате , ки дар ту ба вуҷуд омад ва ба ҷиҳати он караму меҳрубонӣ, ки дар ҳаққи он бечора ва забонбаста кардӣ, ба ҳазрати ҳақ тақаруби тамом ёфтӣ ва мо аз ту хушнуд шудем. Ту подшоҳӣ меёбӣ, бояд ки ба бандагон ба ҳамин навъ шавқат ба ҷой оварӣ ва дар бораи раияти худ тариқи марҳамат фурӯ нагузорӣ». Бузурге фармуда, ки ба воситаи шавқат бар ҳайвоне подшоҳии ин ҷаҳон биёбанд, агар ба ҷиҳати марҳамат бар инсонӣ салтанати мулки боқӣ пойбанди ҳеҷ аҷибу ғариб набошад.

Дасти риоят зи раият мадор,
Кори раият ба риоят супор.
Марҳамате кун, ки ҷигархастаанд,
Дар караму лутфи ту дилбастаанд.

Ҳукамо гуфтаанд, ки яке аз осори шавқати султон он аст, ки чунон раиятро дӯст дорад, ки падар фарзандро ва ҳар чӣ бар худ написандад бар эшон написандад. То эшон низ молу ҷони худро аз вай дареғ надоранд ва ҳар чӣ доранд фидои вай кунанд ва ҳама ҳиммати худро бар дарозии умру зиёдатии давлати ӯ гуморанд ва чандончи ӯро раҳму шафқат бар халқ бештар бошад…

Маснавӣ:

Бибахшойӣ, бибахшоянд бар ту,
Даре аз ғайб бикшоянд бар ту.
Агар раҳмат зи ҳақ дорӣ таманно,
Ту ҳам бар дигарон раҳме бифармо.

Ардашери Бобак писари худро васият кард ки эй писар, ҷаҳд кун, то ба шавқат олам ва марҳамати молокаломи ариятро аз мартабаи раиятӣ ба дараҷаи дӯстӣ расонӣ, то дилҳо аз они ту шаванд, ки чизҳои дигар тобеи дил аст. Ҳакимеро пурсидаанд, ки беҳтарин шикоре подшоҳонро кадом аст. Фармуд, ки сайди дилҳои раият кардан хубтарин шикорест, зеро чун дилҳои эшонро ба худ ром диҳад, дигар ҳама чиз дар паи дил меравад ва чун дӯстии подшоҳ дар дили раият ҷой гирифт, дар ҳеҷ чиз бо вай музоиқа (тангӣ) намекунанд. Байт:

Мулки маънӣ талабӣ, пайравии дилҳо кун,
Лашкарат гар набувад, мулк мусаллам набувад.

Яке аз шафқатҳо он аст, ки чандон чи тавонад, мардумонро ба зироату иморат таҳрис кунад ва дар иҷрои коризҳову аҳдоси ҷӯйборҳо эшонро мададгорӣ намоянд. Овардаанд, ки Анӯшервон ба омили худ нишон навишт, ки агар дар вилояти ту як қитъа замин номазрӯъ монад, бифармоям то туро бар дор кашанд ва ҳикмат дар ин он аст, ки фоидаи подшоҳ аз хироҷ вақте бисёр шавад, ки мамлакат ободон бувад ва ободонӣ набувад, илло бар зироат ва то ба раият мусоҳимат (осонгирӣ) накунанд ва осори шавқат дар ҳаққи эшон ба зуҳур нарасонанд, зироат муяссар нашавад.

Мамлакат маъмур хоҳӣ халқро маъмур дор,
В-аз сари эшон балои золимонро дур дор.

Дар замони султон Абӯсаиди Худобанда умарои ӯ бо раият зиёдатӣ мекарданд ва ба мусодира мол аз эшон мегирифтанд, рӯзе бо умаро гуфт, ки ман то имрӯз ҷониби  раият мегирифтам, баъди имрӯз ин риоятро бартараф мекунам агар маслиҳат аст, биёед, то ҳамаро ғорат кунем ва ҳеҷ чиз аз мутеону ғайри он бад-эшон нагузорем, аммо ба шарти он ки дигар аз ин улуфа  ва марсум наталабед. Агар баъд аз ин  яке аз шумо ин навъ илтимос аз манн кунад, ӯро ба сиёсат расонам. Умаро гуфтанд: «Мо бе улуфа ва марсум чӣ гуна тавонем буд?» Гуфт: «Тартиби маҷмӯи масолеҳи мову шумо аз саъи раоё бошад, дар иморату зироат ва тиҷорат чун эшонро ғорат кунем, он замон чунин таваққуот аз кӣ тавон кард. Шумо андеша кунед, ки агар гову тухм аз руаё бистонед ва ғаллоти эшон бихӯред, эшонро ба зарурат тарк зи риоят бояд кард ва шумо чӣ хоҳед хӯрд?» Умаро чун ин суханон шунидаанд, рӯй ба навозиш ва риояти раият овардаанд.
Маснавӣ:

Шунидам аз бузургони сухансанҷ,
Ки султонро раият беҳтар аз ганҷ.
К-аз ин харҷ ар шавад охир сарояд,
В-аз он ҳар лаҳза дахле нав дарояд.

Ва аз ҷумлаи шафқатҳо он аст, ки ҳар рӯз бояд, ки бори ом диҳад ва ба худ тафаҳуси додхоҳ намояд, то ҳар кас сухани худ бо вай гӯяд ва ӯ ба нафси худ бар камоҳии аҳволи мазлум вуқуф ёбад, ҳиҷоби деҳдоб (дарбонон) натавонанд ба ғарази тамаъ бар касе ҳукм кардан.

Овардаанд, ки акобири ҳарамин ба Носири халифа навиштаанд, ки хилоф туро назебад ва салтанат туро нашояд, ки ноибону мутаалиқони ту бар мардум зулм мекунанд ва анвои  ҷурму ситам аз эшон содир мешавад. Ӯ дар ҷавоб навишт, ки ман аз ин ки шумо мегӯед, хабар надорам. Эшон дигарбора пайғом фиристоданд, ки узри ту аз гуноҳ ба даст. Бузургон гуфтаанд: он чи туро бояд ҷавоб гуфт: Он чи туро бояд ҷавоб гуфт, ба дигаре ҳавола  макун.

Муҳимоту раоё бар зиммаи худ гирифта, туро вақти савол аз ӯҳдаи ҷавоб берун бояд омад. Бехабариву ғафлат дар миён чӣ кор дорад ва ин узр аз ту ки хоҳад шунид ва кай қабул хоҳанд кард…

Фарози тахти ҳукумат нишастан осон нест,
Дар он мақом басе эҳтиёт бояд кард.
Муроди оҷизу меҳнат расида бояд дод,
Ғами фақиру машақаткашида бояд хӯрд.

**Дар хайрот ва мубаррадот (хубӣ, некӣ)**

Тамҳиди фавоиди хайрот ва таъсиси (бунёд ниҳодани) мабонии мубаррот бар зиммаи ҳиммати ҳар соҳибдавлате воҷиб аст. Ин яке аз он аъмол, ки баъди нишон ҳаёт осори файзу баракати ӯ ба рӯҳи омил расад, садақаи ҷория аст. Чун масоҷиду маъобид ва мадорису хонақоҳу работҳо ва ҳавзҳою ҷоҳҳо ва амсоли он аз авбоб-ул барака модоме ки асари он боқӣ бошад, ҳадяи савоб ба рӯҳбонии он восил аст. Байт:

Ҳар ки хайре кард чун маҳмил бад-он олам кашид,
Рӯҳи ӯро ҳар замон файзи дигар хоҳад расид.

Ва ҳар оқили ҳушёр, ки ба сайқали иноят занги ғафлат аз оинаи хотир бизудояд ва бидонад, ки чоҳи дунё молу матои он наздик ба заволу интиқол аст, ҳар оина ин маъниро дархоҳад ёфт, ки ҳосил аз оянлагон ва равандагони ин саро ҷуз бо ёдгоре боқӣ нахоҳад монд ва ҳар иморати олӣ ва мавзеи шариф, ки аз табақоти мулук ва умарову аркони давлат ва тавонгарони ҳар мамлакат воқеъ шуда, асари он бар ҷароиди рӯзгор ва сифатҳои адвори лайлу наҳор ба сабту мастур аст ва номи эшон назди ҳар арбоби ақлу накл, балки пеши аксари асоғиру (хурдон) акобири олам маъруфу машҳур.
Байт:

Чун намемонад ҷаҳони беқарор,
Номи некӯ беҳ, ки монад ёдгор.

Хусусан, рақами манонии (бахшандаи) хайр ба ҳеҷ навъ аз алвоҳи (лавҳи) айём маҳз намешавад ва ҳадиси бақои хайр, ки аз мутақадимон воқеъ шуда ба тасалсулу дағдаға ба самъи мутаохирон муяссар мегардад…
Фард:

Кисро намонду қиссаи айвони ӯ бимонд,
Нӯъмон бирафту зикри Хаварнақ ҳанӯз ҳаст.

Бузургон гуфтаанд, ки чун ҳумойи тавфиқ ва тайид аз эшон валад наомезад сояи давлат бар фарқи комгорӣ фиканад ва бози баландпарвоз мувоҳиби (бахшиш) раббонӣ аз файзи ҷовидонӣ ҷилваи мусоидот фармуда, бар соиди саодатманде ором гирад. Лоиқи ҳол он аст, ки саҳоифи аҳфоли

худро бо роқиме… биёрояд ва зуд сафари охиратро аз тақдими хайроти мубаррот ва тартиби боқиёти солеҳот,, ки иборат аз хайри он ва садақаи ҷория аст, муҳайё кунад, то зикри неъматҳо ва шукри карами ў ба атрофу акнофи олам расида, дар замоне бар ҳар забоне санову офарини ў ҷорӣ бошад.

Фард:

Бар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,
Ки ҷуз накўйи аҳли карам нахоҳад монд.

Дар ҳадис омада, ки чун одамӣ ба манзили охират равад, ҳама амалҳо аз ў мунқатеъ гарданд ва илло се чиз: яке садақаи ҷория, дуввум амале, бад-он нафъ гиранд, сеюм, фарзанди солеҳ, ки ўро дуои хайр кунад (боқӣ монад). Садақаи ҷорияи борат аз бақияи хайр бошад, ки мардум ба он мунтафеъ (баҳравар) шаванд чун масҷиду мадараса ва хонақоҳу пул ва работу монанди он. Пас аз волоёни хиттаи салтанат ва тахтнишинони боргоҳи хилофат чунон зебад, ки меъмори ҳиммати эшон аввалан дар таъмири масоҷиду таъсиси маъобид ва пулҳову чоҳҳои об бошад…

Хайр кун ё далели хайре бош,
То туро ҳам дар, он своб диҳанд.

Ва он ки дар боби хайр итнобе (дарвоз кардани сухан) рафт, назар бар он аст, ки савобҳои садақоти ҷория ба поён аст.

Овардаанд, ки яке аз бузургонро, ки тўли ҳаёт ба муаккали аҷал супурда буд ва роҳат аз ин марҳилаи фонӣ ба сарои ҷовидонӣ бурда, дар хоб диданд ва аз ҳолате, ки баъд аз вафот вайро воқеъ шуда буд, пурсиданд. Фармуд, ки муддате дар шиканҷаи азоб гирифтор будам ва дар чанголи уқоби уқубат мефарсудам , ногоҳ парвонаи наҷот аз девони карами илоҳӣ бирасид ва ҳақ субҳонуҳу гуноҳҳои маро биомурзид. Соиле аз вай истифсор намуд, ки ҳеҷ донистӣ ки сабаби омурзиш чӣ бувад? Ва ба чӣ василати сурат халосӣ рўх намуд? Ҷавоб дод, ки оре, дар биёбоне работе сохта будам, магар дарвеше дар гармгоҳи рўз ба сояи он работ паноҳ овард ва замоне истироҳат карда, чун машаққати ў ба роҳат мубаддал гашта буд, аз рўи ниёз забон ба дуо кушода ва бар ин ваҷҳ гуфта, ки худоё бонии ин мавзеъро биомурз, дарҳол тири ў ба нишонаи иҷобат расида, маро биомурзид ва аз ҳафру ҷаҳим ба равзаи наим расонид:

Ҳарчанд ба рўи кор дарменигарам,
Некист, ки нек аст дигарҳо ҳама ҳеҷ.

**Дар саховату эҳсон**

Саховат сабаби некномӣ ва эҳсон мўъҷиби дўсткомиву хуҷастафарҷомӣ аст. Ва ҳеҷ сифате одамиёнро ва хусусан ашрофу бузургони эшонро беҳ аз ҷуду сахо нест.

Байт:

Шарафи мард ба ҷуд асту каромат ба суҷуд,
Ҳар ки ин ҳарду надорад адамаш беҳ зи вуҷуд.

Дар хабар омада, ки сахо дарахтест дар биҳишт ва ба ҳақиқат ниҳолест бар канораи ҷӯйбори хушнудии ҳақ руста ва шохи ӯ дар сарфарозӣ пайваста, шукуфаи ӯ некномии дунёст ва меваи ӯ каромат ва фазилати уқбост. Байт:

Ин сахо шохест дар боғи биҳишт,
Войи ӯ, к-ин шохро аз каф биҳишт.

Аз ҳакиме пурсиданд: Уқбо, ки маҷмӯи ҳунарҳо бад-ӯ махфӣ монад, чист? Ҷавоб дод, ки бухл. Боз савол карданд, ки ҳунаре ки ҳама айбҳоро бипӯшонад, кадом аст? Гуфт, сахо.

Фард:

Ҳунар сахост дигар ҷумла дастафрозанд,
Агар туро ба ҳар ангушти хеш сад ҳунар аст.

Ва яқин бибояд донист, ки то молро аз қайди амсок (хасисӣ) мутаалиқ нагардонанд тавсани мафохиру маолӣ ба қайд дарнаояд.

Маснавӣ:

Таҷриба кардам зи ҳар андешае,
Нест накӯтар зи сахо пешае.
Хос зи баҳри карам омад дарам,
Бар гузари қофия инак, карам.

Искандар аз Арасту пурсид, ки саодати дунё дар чи чиз аст? Гуфт: «Дар ҷуду карам. Аммо саодат дар он аст, ки ҳар ки як ҳасана бар ёр дод, даҳ ҳасана каромат кунем».

Назм:

Он, ки туро тӯшаи раҳ медиҳад,
Аз ту яке хоҳаду даҳ медиҳад.
Беҳтар аз ин мояситонет нест,
Суд кун охир, ки зиёнет нест.

Аммо саодати дунё он аст, ки мурғи дили халқро ба ҳукми карам сайд тавон кард. Ва чун дил, ки султон аст, дар қайди касе афтод ва қалоб ба таъбияти қалб дар дом меафтад ва чун карим моликалрикоб ҷамъ шуд дарҳои саодат бар ӯ кушода ва асбоби муродот барои ӯ омода шавад.

Дар ахбор омада, ки Хусрави Парвизро сипаҳсоларе буд ва лашкаркашиву душманкушӣ маъруф ва мазкур ба матонату рою қуввати азим дар атрофии мамлакат мавсуф ва машҳур дар муқарраби малик ва умдаи мамолик будӣ ва Хусрави Парвиз аз савобдиди ӯ адл менамудӣ. Байт:

Аз ӯ тоза буд гулшани Хусравӣ,
Ба бозӯи ӯ пушти давлат қавӣ.

Вақте соҳиби хабар ба самъи малик расонид, ки сипаҳсолори шумо аз ҷодаи фармонбардорӣ инҳироф хоҳад варзид ва тариқи саркашиву туғьён маслак хоҳад дошт. Пеш аз он ки сурат аз қувва ба феъл ояд ба тадоруки он иштиғол бояд намуд.

Фард:

Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард,
Дареғ суд надорад чу рафт кор аз даст.

Хусрав аз ин хабар андешаманд шуд ва гуфт: «Агар ӯ инони азимат аз рӯи мухолифат ба тарафе аз тарафи мамлакат бигардонад бисьёре аз аъёни лашкару сарони сипоҳ бо ӯ роҳи мувофиқат пеш гиранд. Ва мумкин, ки аз овозаи ёғӣ шудани ӯ қусуре дар аркони мулк падид ояд ва аз ӯ туғьёни футуре ба қавоиди салтанат роҳ ёбад».

Байт:

Мабодо барорад ба бедод сар,
Ки дар мулк пайдо шавад шӯру шар.

Пас ба хоси давлат ва мушовирони мамлакат дар ин боб мушоварат фармуд ва роъйи ҳамагон бар он мутафиқ шуд, ки ӯро банд бояд кард. Хусрав бар ҳусни тадбири эшон офарин кард ва рӯзи дигар он асирро талаб карда ба мавзеи болотар аз маъхуди ӯ бинишонд ва зикри мафохир ва сиратҳо месутуда ва ҷалбиятҳои писандидаи ӯ  бар забон ронд. Аз нафоис ва хазоин ва дафоини хеш ба ӯ ато фармуд. Мушовирони некӯрой, ки силоҳи савоб дар банд кардани ӯ дида буданд, дар маҳалли фурсат арза доштанд, ки сабаби ихтилоф чӣ буд? Шоҳ табассум фармуда гуфт: «Ман роъйи шуморо ихтилоф накардам ва аз азми худ инҳироф наварзидам. Шумо гуфта будед, ки ӯро банд бояд кард. Ман хостам, ки ӯро ба маҳкамтарин банд муқайяд созам. Ҳеҷ банде қавитар аз эҳсон надидам. Ва хостам, ки банд бар дилаш ниҳам, ки дил султони бадан аст.

Банди эҳсон, ки бар дил ниҳанд бар ҳеҷ чиз фусурда нагардад. Дар амсол омадааст, ки мурғи вахширо ба дом муқайяд тавон кард ва одамиро ба эҳсону инъом:»

Карам пеша кун, к-одамизода сайд,
Ба эҳсон тавон кард, ваҳшӣ ба қайд.
Адӯро ба алтоф гардан бибанд,
Ки натвон буридан ба теғ он каманд.
Чу душман карам бинаду лутфу ҷуд,
Набояд дигар ҳабс з-ӯ дар вуҷуд.

Ва ҳамчунон ба хотири Хусрав расида буд, оташи мухолифаташ ба обе, ки аз сарчашмаи эҳсони подшоҳӣ мутарашшеҳ (таровиш ёфта) шуд, фурӯ нишаст аз бехи ниҳоли кина аз замини синаи ӯ ба қуввати сарпанҷаи карами султонӣ мунтақеъ гашт. Баъд аз он чун бандагони  софният ба ҷулус тӯлияти

(давомнокии) камари ҷонсупорӣ бар миёни хидматгорӣ баста, бақияти умр аз ман ҳеҷ фармонбардоре рӯй барнатофт. Байт:

З-он навозишгарӣ, ки ёфт аз ӯ,
Баъд аз он рӯй барнатофт аз ӯ.

Дар ин боб ин рӯбоӣ бисьёр хуб афтода:

Бо ҳар ки карам кунӣ аз они ту шавад,
Андар ҳама вақт мадҳхони ту шавад.
Бо душмани хеш агар саховат варзӣ,
Шак нест, ки ёри меҳрубони ту шавад.

Ва аз фазилати ҷуд яке он аст, ки дилҳои халоиқ ҷавонмардонро дӯст дорад. Ҳарчанд, ки аз эҳсон баҳрае бад эшон нарасида бошад. Масалан, агар мардуми Хуросон бишнаванд, ки дар Ироқ марде кариму ҷавонмард аст, ҳама ӯро дӯстхоҳанд дошт ва бар ӯ офарин хоҳанд гуфт. Балки агар каримеро, ки дар қайди ҳаёт набошад ёд кунанд, ҳама кас санои ӯ гӯянд. Чунончи Ҳотами Тойро, ки дар таърихи таълифи ин рисола, ки нӯҳсаду ҳафт сол аст аз вафоти ӯ қариб нӯҳсаду чиҳилу панҷ сол гузашта, ҳанӯз баҳори зикраш ба раёҳини офарин ороста аст ва чамани некномияш ба перояи санову таҳсин пероста. Фард:

Намонд Ҳотами Тойӣ, валек то ба абад,
Бимонд номи баландаш ба некӯӣ машҳур.

Овардаанд, ки чун овозаи ҷавонмардии Ҳотам ҷазираи Арабро то дорулмулки Яман фурӯ гирифт, васияти саховати ӯ ба вилояти Шому мамлакати Рум расид. Воли Шом ва ҳокими Яману подшоҳи Рум ба адовати ӯ бархостанд. Чӣ ҳар як аз эшон даъвии саховат кардандӣ ва лофи ҷавонмардӣ задандӣ ва зикри Ҳотам бар забони аҳли замон бештар ҷорӣ буд ва тантанаи караму ҷуди вай дар ҳама атроф машҳуру паҳн:

Буд дарьёдил зи дасти ҷуди ӯ дар инфиол.
Моли олам зери хони ҳиммати ӯ поймол.

Пас, ҳар як аз эшон ба ӯ ба тариқае сулук (ҳамроҳ) гардид.

Аввалан, воли Шом хост, ки ӯро биёзмояд. Кас фиристод ва аз вай сад уштури сурхмӯи сиёҳчашми баландкӯҳон талабид ва мисли он шутур дар води Араб нодир бошад ва агар ёфта шавад, бисьёр гаронбаҳо бувад на филвоқеъ дар он вақт ин навъ шутур дар рамаи Ҳотам набуд. Чун каси подшоҳи Шом ба Ҳотам расид ва пайғоми волиро гузаронид Ҳотам дасти қабул бар сина ниҳод ва дар ҷавоби он «самъан ва тоатан» бар забон ронд. Фард:

Ба ҳар чи амр шавад, чокарему давлатхоҳ,
Ба ҳар ин ҳукм равад, бандему хидматгор.

Пас, эльчиро ба манзили некӯ фуруд овард ва асбоби зиёфат, чунончи фарохӯри аҳволи ӯ бувад, муҳайё гардонид ва бифармуд, то дар қабоили араб мунодӣ кардаанд, ки ҳар ки мисли ин шутуре биёваранд, ба баҳои тамом аз ӯ бихарам ва ба миоди (муддати ваъда) ду моҳ баҳо бад-ӯ расонам. Ҳосили калом, бад-ин тариқ сад шутур қарз карда ба султони Шом фиристод. Ва чун малики Шом бар ин ҳол иттилоъ ёфт, ангушти тааҷҷуб ба дандони тахайюр гирифта фармуд, ки ман он аъробиро меозмудам ва ӯ худро ба воситаи мо дар қарз андохт. Пас, ҳамон шутуронро аз матои Мисру Шом бор карда ба дасти ҳамон элчӣ баргардонид ва чун шутуронро назди Ҳотам оварданд, боз бифармуд, то мунодӣ карданд, ки ҳар кӣ шутуре ба ман дода, биёяд ва ҳамон шутури худ бо он чӣ ки бор дорад, бигираду барад. Пас, он сад шутурро бо бор ба худованди он дод. Ва ҳеҷ чиз барои худ боз нагирифт. Хабар ба султони Шом расид. Гуфт, ин ҳама муруввbooт на ҳадди одамизод аст ва саховат Ҳотамро мусаллам аст. Фард:

Овозаи саховату эҳсони Ҳотамӣ,
Охир дар ин ҷаҳон ба абас барнаёмадаст.

Дигар Азим-ал-Рум, (подшоҳи Рум), ки ӯро Ҳаркал гуфтандӣ, чун дабдабаи ҷӯди Ҳотам шунид, мутафаҳҳуси (ҷӯён) ахбор ва мутаҷасуси аҳволи вай гашт. Ба самъи вай расониданд, ки Ҳотам маркабе дорад бод пой ва борагие (аспе) ҷаҳонпаймой, чун тири ханданг зуд равад ва чун умри гиромӣ зудрав аспе, ки ба гармрӯй ба оташи дам мушобиҳат зада ва аз тезгомӣ бо боди тариқ ҳамроҳӣ супурда. Назм:

Чу ашки ошиқон гулгуну ҳушрав,
Ҷаҳонпаймотар аз Шабдизи Хусрав,
Ба вақти ҳамла барқосо ҷаҳанда,
Ба гоҳи пӯя чун сар-сар раванда.

Қайсар вазири худро гуфт, ки хабари саховати Ҳотам дар Арабу Аҷам фош шуда, васияти ҷавонмардӣ ва муруввaташ аз Қоф фурӯ гирифта ва ман шунидаам, ки бад-ин сифат аспе дорад. Мехоҳам, ки нақли ӯро бар маҳаки эътибор ва сурати даъвии ӯро дар маҳкамаи маънӣ имтиҳон намоям ва кас аз паи он маркаб ба қабилаи Той фиристам. Маснавӣ:

Ман аз Ҳотам он аспи тозинажод,
Бихоҳам, гар ӯ мақрамат карду дод.
Бидонам, ки дар вай шукуҳи меҳист,
В-агар рад кунад, бонги табли тиҳист.

Пас, элчӣба ҷиҳати он маркаб бо тӯҳфаҳову ҳадьяҳо, ки лоиқи Ҳотам буд, фиристод ва (ба андак замоне расули малики Рум ба қабилаи Той расида дар ҳаволиву манозили Ҳотам нузул намуд). Қазоро муқорини (наздик

шудан) расидани элчӣ абре падид омад ва борону барф боридан гирифт. Ҳотам меҳмонро дилдорӣ намуда ба манзили шоиста фуруд овард ва филҳол бифармуд, то он аспро бикуштанд, таоме муҳайё карда назди меҳмон оварданд ва баъдаз фароғати таом асбоби истироҳат муҳайё сохта, Ҳотам аз хайма берун рафт ва он шаб аз ҳеҷ навъ сухане нагузошт. Субҳ, ки Ҳотам ба узрхоҳӣ омад элчӣ навишатаи Қайсар ба ҳадьяе, ки фиристода буд, ба Ҳотам намуд. Чун Ҳотам бар мазмуни он иттилоъ ёфт, бағоят андешаманд гашт. Элчӣ ба фаросат асари маломат бар ҷабини Ҳотам мушоҳида фармуда, гуфт: «Эй ҷавонмард, агар додани асп музоиқа (зиқӣ) дорӣ, аз ҷониби мо низ чандон муболиға нест». Ҳотам ҷавоб дод, ки маро аз ин ҷинси асп агар ҳазор бошад, камтар касе аз аҳли рӯзгор аз ман талабад, ба ҳеҷ ваҷҳ музоиқа дар ҳофизаи тасаввури ман наёяд. Хусусан султони азимулшон маро ба талаби як асп муаззал (азиз) сохта ва ба ҷиҳате ин хабар вай хизмати расули бузурге ирсол намуда. Андешаи ман аз таҳайюр аст ва тафаккури ман аз ғояти таҳассур, ки чаро зудтар хабар наётам, то он аспро талаф накардаме.
Маснавӣ:

Ман он бодрафтори дулдулшитоб,
Зи баҳри шумо дӯш кардам кабоб.
Ки буд зулмати абр аз пешу пас,
Ба сӯи рама раҳ намеётф кас.
Ба навъе дигар равву роҳам набуд,
Ҷуз он бар дари боргоҳам набуд,
Мурувват надидам дар оини хеш,
Ки меҳмон бихуспад дил аз фоқа реш.
Маро ном бояд дар иқлим фош
Дигар маркаби номвар, гӯ мабош!

Пас, аспони тозӣ ва табаррукоти ҳиҷозӣ ҷиҳати султони Рум фиристод ва расулро низ аз тухфаҳои он диёр баҳраманд сохта ба хубтар ваҷҳе равона кард. Чун элчӣ омад, Қайсар аз фаҳвои (мазмуни) ҳол хабар ёфт ва сифати инсоф пеш оварда гуфт, ки оини мурувват ва футувват Ҳотамро мусаллам аст. Қитъа:

Тавон гуфт, к-имрӯз набвад ба олам,
Ҷуз ӯ шаҳриёрӣ диёри мурувват.
Зи рӯи ҷавонмардию меҳрубонӣ,
Бар ӯ хатм шуд кору бори футувват.

Дигар ҳокими Яман подшоҳе буд, сифату караму саховат бар ӯ ғолиб ва хислати эҳсону мурувват бар ӯ муставлӣ (ғолиб) ҳамвора мавоили (датсурхон) инъоми ӯ барои хосу ом ниҳода, фавоили икромаш ба ҷиҳати мӯҳтоҷону дармондагон омада. Байт:

Чу дасти ҷудбахшаш баркушодӣ,
Зи олам расми хоҳиш барфитодӣ.

Мехост, ки ҷуз номи карами ӯ бар забонҳо мазкур нашавад ва ғайр аз сифати ҷуду сахои ӯ дар атрофии олами машҳур нигарад ва бад-ин сабаб ҳаркӣ дар пеши ӯ сифати Ҳотам кардӣ, оташи ғазабаш иштиол (шӯълавар) намуда ба изои вай машғул гаштӣ ва гуфтӣ; «ҳотам марде саҳронишин аст ва аз ҷумлаи раияти вилояти ман. На ӯро рутбаи мамлакатдорӣ ва на мансаби фармонравоӣ, на қуввати ҷаҳонгири ва на бозӯи кишваркушоӣӣ. Шеър:

На ӯро хизон асту не тахту тоҷ,
На боҷаш касе медиҳад, не хироҷ.

Пайдост, ки аз дасти ӯ чӣ карам ояд, аспу шутуру гӯсфанде чанд, ки дорад, чӣ микдор карам намояд. Ман он чи дар соле ҳосили Ҳотам бошад, рӯзе ба соил (гадо) медиҳам ва сад баробари хони ӯ дар як чошт ба меҳмон мениҳам». Мисраъ:

«Бубин, тафовути роҳ аз куҷост, то ба куҷо?!»

Алқисса, малики Яман рӯзе ҷашни азим сохта буд ва тарҳу даъвате подшоҳона андохт. Тамоми рӯз чун офтоб ба зарбахшӣ машғул буд ва монанди абр ба гавҳарфишонӣ ишғол менамуд, ногоҳ дар аснои ин ҳол. Байт:

Дари зикри Ҳотам касе боз кард,
Дигар раҳ сано гуфтан оғоз кард.

Малик аз он биранҷид ва ирқи ҳасадаш дар ҳаракат омада, бо худ андеша кард, ки ҳеҷ гуна забони аҳли замон аз зикри Ҳотам хомӯш нест ва сифати накӯкориву меҳмондории ӯ бар дили мардумон фаромӯш не. Пас, ҳамон беҳтар, ки ба дастьёрии маллоҳо фикр киштии умри ӯро дар ғарқоби фано афганам ва ба мададгории устоди андеша рақами номи ӯро аз лавҳи зиндагонӣ маҳв кунам. Байт:

Ки то ҳаст Ҳотам дар айёми ман,
Ба некӣ нахоҳад шудан номи ман.

Дар пойтахти ӯ айёрпешае буд, ки барои як дирам сад хунро миён барбастӣ ва бо умеди андак фоида шишаи дили бисьёр касонро ба санги ҷафо бишкастӣ. Байт:

Чу чашми нозанинон буд хунрез,
Чу зулфи хубрӯён фитнаангез.

Алқисса, шоҳи Яман ӯро талабида ба мавоиди (ваъдаҳо) хусравона мустазҳир (умедвор) сохта бар он овард, ки худро ба қабилаи бани Тай расонд ва ба ҳар ҳилла, ки донад ва ба ҳар шӯъбада, (найранг) ки тавонад Ҳотамро несту нобуд гардонад.

Айёр мутааҳҳиди (ӯҳдадорӣ) қатли Ҳотам шуда, мутаваҷҷеҳи қабилаи Тай гашт ва баъд аз муддате бад-он сарзамин расид. Бо ҷавони хушхӯи некӯрӯе, ки симои бузургӣ аз ҷабҳаи ӯ тобон ва фарри фархундагӣ дар носияи (чеҳраи) рӯи ӯ дурахшон буд, мулоқот кард. Ҷавон аз рӯи меҳрубонӣ ва ширинзабонӣ ӯро пурсиши гарм намуда пурсид, ки аз куҷо меоӣ ва ба куҷо меравӣ? Айёрпеша ҷавоб дод, ки аз Яман меоям, азимати Шом дорам. Ҷавон илтимос намуд як имшаб ба қадами карам висоқи (хонаи) маро Мушарраф соз, то ин талатуф, ки кулбаи маро ба нури ҳузури худ биёройӣ, миннатдор шавам. Мисраъ:

Зи дар дарою шабистони мо мунаввар кун.

Он айёр бо хӯшхӯӣ ва дилҷӯӣ бастаи он ҷавон шуда, рӯй ба манзили вай ниҳод ва аз ҷавон расми зиёфат ва шарти меҳмондорӣ ба ваҷҳе тақдим афтод, ки ҳаргиз он айёрро дар хотир ҳутур накарда буд ва дар замири ӯ нагузошта. Мизбон лаҳза ба лаҳза  такаллуфи дигаре менамуд ва матъумоти (таомҳои) гуногун ва машруботи рангоранг тартиб мефармуд. Бахт:

Ҳар нафасе бар сари хонаш нигар,
Хӯрдание хубтар аз якдигар.

Меҳмон соат ба соат ба дил он ҷавонро таҳсин мекард ва ба забон санову офарини ӯ мегуфт. Байт:

Таборакаллоҳ, аз ин мардумиву хушхӯӣ,
Гузаштаӣ зи ҳама некӯвон бо некӯӣ.

Бад-ин минвол то шаби тира ба поён расид ва субҳи равшан рӯй аз уфуқи машриқ оғози тулӯъ кард. Меҳмон бо дидаи гирьён видои мизбонро миён дарбаст ва ба забони ниёз мазмуни ин байти ҷигарсӯзӣ дилгудоз адо мекард. Байт:

Дилам месӯзад аз доғи ҷудоӣ,
Чӣ будӣ, гар набудӣ ошноӣ?

Ҷавон ба муболиғаи бисьёр дархост мекард, ки ду се рӯзе ин ҷо истиқомат намоӣ ва марди айёр ба анвои (навъҳои) узрҳо мутамассик (истинодкунанда) шуда мегуфт. Байт:

Наёрам шуд албатта ин ҷо мумкин,
Ки дар пеш дорам муҳиме азим.

Ҷавон гуфт, маро ташрифи маҳрамият арзонӣ дор ва муҳимме, ки ҳаст бо ман дар миён ор. Шояд, ки мададе тавонам кард ва ҳамроҳӣ ба ҷой овард. Меҳмон чун дтлнавозӣ ва ҷавонмардӣ аз вай мушоҳида карда буд, ба худ

таамул намуд, ки ин муҳимми куллӣ, ки маро дар пеш аст, бе имдоди чунинр ёре ва бе дастьёрӣ аз ин гуна мададгоре саранҷом нахоҳад ёфт, ки марде бо муруввату корсоз ва дилҷӯю ғарибнавоз аст. Ҳеҷ беҳ аз ин аст, ки парда аз рӯи кор бардорам ва ўро ёру маҳрами худ сохта, рӯй ба сохтани он муҳим орам. Назм:

Як гули мақсуд дар ин бўстон,
Чида нашуд бе мадади дўстон.
Домани ёре гарат афтад ба даст,
Фориғу озода тавонӣ нишаст.
Кори ту аз ёр мукаммал шавад,
Мушкилат аз ҳамнафасон ҳал шавад.

Пас, аввал ҷавонро ба ҷиҳати ихфои (пўшиданӣ) он муҳим савганд дод ва баъд аз муболиғаи бисьёр ва таъкиди бешумор сирри худро ба ў дар миён ниҳоду гуфт: «Шунидаам, ки дар ин навоҳӣ Ҳотам ном касе ҳаст, ки лофи ҷавонмардӣ мезанад ва даъвои эҳсону мардумнавозӣ мекунад. Шоҳи Яманро зоҳир аз ў дағдағае дар дил ва хадшае (малоле) дар хотир омада.

Ва ман марди парешонрўзгорам ва маоши ман аз дуздиву айёри мегузарад ва дар ин вило султони вилояти Яман маро талабида ва ваъдаи молу матоъи фаровон намуда, ба шарти он ки Ҳотамро пайдо кунам ва ба қатл орам ва сари ўро ба тўҳфа пеши малик барам. Ва ман ба зарурати ваҳи маишат ин суратро қабул карда бад-ин қабила омадаам, ин Ҳотамро мешиносам ва на роҳ ба манзили ў мебарам. Аз дарвешпарварӣ аз ғарибнавозии ту аҷибу ғариб набошад, ки Ҳотамро ба ман намоӣ ва дар қатли ў шарти мададгорӣ ба ҷой орӣ, то ман аз ўҳдаи аҳде, ки кардаам, берун омада бошам ва ба давлати ту аз мавоиди шоҳ баҳраманд гардам». Ҷавон ин суханро истимоъ намуд. Байт:

Бихандиду гуфто, ки Ҳотам манам,
Сар, инак, ҷудо кун ба теғ аз танам.

«Эй меҳмон, бархезу пеш аз он ки мутааллиқони ман хабардор гарданд, сари ман бардору сари худ гир, то мақсаду шоҳи Яман ҳосил ва муроди ту низ муяссар гардад». Байт:

Чу Ҳотам ба озодагӣ сар ниҳод,
Ҷавонро баромад хурўш аз ниҳод.

Айёр филҳои пеши Ҳотам бар замин афтод ва бўса бар дасту пои вай бидод ва мегуфт, назм:

Агар ман гуле бар вуҷудат занам,
На мардам, ки дар кеши мардон занам,
Ду чашмаш бибўсиду дар бар гирифт,

В-аз он ҷо тариқи Яман баргирифт.

Ҳотам асбоби роҳи ӯ аз зоду (тӯша) роҳила (маркаб) таҳия намуда, ӯро гусел кард. Ва айёрпеша баъд аз қатъи роҳ чун пеши подшоҳ омад, сурати ҳол ба арз расонид. Малики Яман аз рӯи карам табъӣ мунсиф (боинсофӣ) шуд ва аз роҳи озодагиву ҷавонмардӣ мӯътариф (эътирофкунанда) гашт, кариме дар ин мартабаи ҳад ҳеҷ кас аз оламиён нест ва саховате бад-ин маоба (андоза) мақдури ҳеҷ кас аз одамиён не! Байт:

Ҳаст ҷавонмарди дирам сад ҳазор,
Кор чу бо ҷон фитад, он ҷост кор.

Дар китоби «Ҷавоҳир-ул-иморат» овардаанд, ки чун Ҳотам вафот кард ӯро дафн карданд, қазоро қабри ӯ дар маҳалле воқеъ шуда, ки мумарсел (селраҳа) буд. Вақте аз авқот борони азим борид ва сели ҳоил (ҳавлнок) биёмад ва наздик буд, ки қабри Ҳотам вайрон гардад. Писараш хост, ки қолаби ӯро ба мавзеи дигар, ки аз ин офат эмин бошад, нақл кунад. Чун сари турбатбоз карданд, ҳама аъзо ва аҷзои ӯ аз ҳам рехта буд. Илло дасти рости ӯ, ки ҳеҷ навъ тағьире надошт. Мардум аз он ҳол мутаҷҷиб шуданд ва аз чунон сурате шигифт монданд. Пири соҳибдиле дар мёни назораткунандагон буд, гуфт: Эй мардумон аз ин маънӣ мутааҷиб мешавед ва аз саломатии дасти Ҳотам аҷаб мадоред, ки ӯ, ки ба ин даст атои бисьёр ба соилон дода буд, лоҷарам дар ҳимояи хайру карам ба саломат мондааст… ҳар гоҳ дасти кофари будпараст ба воситаи ато аз халали рехтан солим мемонад, чӣ аҷиб ки тани мӯъмин ба василаи саховат бо халқ аз офат эмин гардад:

Давлатиён рух зи ҷаҳон тофтанд,
Давлати боқӣ зи карам ёфтанд.

Доро аз ҳакиме пурсид, ки перояи салатанат чист? «Дар иззат зистан». Гуфт: «Иззатро чӣ гуна нигоҳ тавон дошт?» Гуфт: «Ба хор доштани зар. Ҳар ки зар дар назари ӯ хор аст, ҳама кас ӯро азизу мукаррам доранд. Ва ҳар ки зарро азизу мукаррам дорад, ҳамагон ӯро хору мақдур шуморанд». Қитъа:

Мол аз баҳри он ба кор ояд,
То ки баҳри танат сипар гардад.
Ҳар ки танро фидои мол кунад,
Молу тан арзаи хатар гардад.
Ҳар кариме, ки хор дорад зар,
Ҳар замоне азизтар гардад.

…Оини саховату мурувват ва қавоини эҳсон ва футувват:

Зи инъому атову марҳамат наздики он омад,
Ки расми эҳтиёҷ аз арсаи олам барандозад.

Номаи ҷуди Ҳотам тай карда ва дар дафтари саховат рақами маҳв баркашида:

Кайхусрави замону Фаридуни рӯзгор,
Ҳам шаҳриёру одилу, ҳам подшоҳи ҷуд.
Адлат низоми оламу ҳилмат қавоми мулк,
Ҷудат паноҳи соилу дастат паноҳи ҷуд…

**Дар тавозуъ ва эҳтиром**

Тавозӯъ сабаби рафъат аст. Чӣ дар ҳадис омадааст, ки ҳар ки фурӯтанӣ намояд, дараҷаи ӯ баланд гардад. Байт:

Тавозӯъ туро арҷмандӣ диҳад
Зи рӯи шараф сарбаландӣ диҳад.
Тавозӯъ ҳар кӣ дорад сарфароз аст,
Бар рӯи ӯ дари иқбол боз аст.

Тавозӯъ он аст, ки ки касе микдори худро аз миқдори дигаре камтар бинад. Пас иззат ва ҳурмати худро бартараф ниҳода, дигаронро азизу мӯҳтарам созад. Аз ин маънӣ касе иҷтиноб менамояд, ки шарафи зот ва олиқадрро дар маърази иштибоҳ монда бошад ва аммо он ки дар нафси ал-амр бузургқадру олимартаба аст ӯ аз тавозӯъ натарсад, зеро ки тавозӯъ, аз бузургӣ ва ҷалолати ӯ ҳеҷ кам накунад, балки набоҳат (бузургӣ) ва шавқати ӯ наздики холиқу халоиқ меафзояд. Байт:

Тавозӯъ зи гарданфарозон накӯст,
Гадо гар тавозӯъ кунад хӯи ӯст.

Ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки кибр аз хасоиси ноқисон ва соқитон (афтодагон) аст ва ғарази эшон пӯшидани нуқсони хеш, аммо ба ҳаққиқат қабоеҳи худро зоҳир мегардонад чӣ кибр одамиро хору бе миқдор созад. Назм:

То тавонӣ ба гирди кибр магард,
Мутакаббир баре зи кибр нахӯрад.
Гар ту бе кибру бе риё бошӣ,
Хоси даргоҳӣ кибриё бошӣ.

Тавозӯъ аз ҳама кас зебо менамояд ва аз аҳли давлат зеботар, зеро, ки перояи бузургӣ тавозӯъ аст. Овардаанд, ки ки Ибни Самок ба маҷлиси Ҳорруннарашид омад. Халифа аз барои ӯ бархост ва таъзим кард. Ибни Самак гуфт: «Эй халифа, тавозӯъи ту дар подшоҳӣ бузургтар аст аз подшоҳии ту». Халифа гуфт: «Сухани некӯ гуфтӣ, зиёдат кун». Гуфт: «ҳар

ки ҳақ ӯро молу ҷамолу бузургӣ диҳад ӯ дар мол бо бандагони худо муросо (ғамхорӣ ва эҳсон кунад ва дар ҷамоли худ порсоӣ варзад ва дар бузургӣ тавозӯъ намояд, ҳақтаолло ӯро аз мухлисони худ гардонад)».

Ҳорунаррашид давоту қалам талабид ва ба дасти худ ин суханонро бинавишт ва ин навиштан, низ аломати тавозӯъи ӯ буд. Маснавӣ:

Зиракон озмудаанд басе,
Бар тавозӯъ зиён накард касе,
Аз тавозӯъ зиён баланд гардад ном.
В-аз тавозӯъ расидаанд ба ком,
Мутавозеъ бузургвор бувад.
Мазҳари лутфи кирдугор бувад.

Тавозӯъ ва эҳтиром дар бораи ашрофи айём чун уламо ва машоихи карам эътиборе тамом дорад ва мӯҷиби иртифои ливои давлат мутавозеъ бошад. Имом Муҳаммад Ҳусайни Шайбонӣ наздики Рашид омада расид. Ӯро таъзими бисьёр кард, чунончи бар пой хост ва ӯро ба ҷои худ биншонд ва чун бархост чанд қадам ба расми мушойиат бо вай бирафт. Яке аз ҷумлаи хоси ӯ гуфт, ки бо чунин тавозӯе, ки халифа намуд, маҳобати (тарсу ҳарос) хилофат намемонад. Рашид ҷавоб дод, ки он маҳобате, ки ба тавозӯъ зоил шавад набудани он авлотар ва қадре, ки ба эҳтироми бузургон бикоҳад коставу маҳвшуда беҳтар:

Қадре, ки ба таъзими касон коста гардад,
Мардӣ ба чунон қадр кай ороста гардад.

Овардаанд, ки Исмоили Сомонӣ – подшоҳи Хуросон ва султони басе ба сомон буд. Рӯзе олиме ба муҳиме назди вай омад. Ӯро таъзими бисьёр намуд ва чун мерафт ҳафт қадам аз ақиби вай бирафт…

Яке аз аломати тавозӯъ майл кардан аст ба сӯҳбати уламо ва дарвешони соҳибяқин ва ҷамоате, ки худро ба сурати уламои раббонӣ ва машоихӣ ҳаққонӣ ба халқ намоянд ва ба тамаъ суханони хақро ба зевари хушомад биёроянд, балки ба сӯҳбати мардум бошад ва ба касе эътиқод бояд кард, ки нохоҳад, ки касе ӯро эътиқод кунад.

Овардаанд, ки чун Абдуллои Тоҳир ба ҳукумати Хуросон омада дар Нишопур нузул фармуд, аъёну ашроф ба саломи вай омаданд. Баъд аз як ҳафта пурсид, ки ҳеҷ кас мондааст дар ин шахр, ки ба саломи мо наомада бошад ва моро напурсида. Гуфтаанд: Ҳар ки дар ин шаҳр исме ва расме дошта шуморо пурсида ва назди шумо расида, илло ду дарвеше, ки ҳар як аз эшон дар гӯша нишастаанд ва дида аз мушоҳида ину он барбаста…

Абдулло пурсид, ки ин ду тан киёнанд. Гуфтанд: «Аҳмади Ҳарб ва Муҳаммад Асламӣ Тӯсӣ, ки уламои раббониянд ва ба даргоҳи салотин наоянд». Гуфт: «Агар эшон ба саломи мо наёмаданд мо ба саломи эшон равем». Пас, савор шуд ва наздики Аҳмади Ҳарб рафт. Яке давида расиду гуфт, ки Абдуллои Тоҳир меояд. Аҳмадро маҷоли фирор нашуд ва Абдулло

ба хонаи вай дарун рафт. Аҳмад бар пой хост ва муддате сар дар пеш афканда биистод ва Абдулло низ ба пой истода буд. Аҳмад сар бароварда гуфт: «Эй писари Тоҳир, шунида будам, ки марди накӯкорӣ ва хушманзарӣ ва ҳоло, ки ман нигарам аз он хубтарӣ, ки мегуфтанд. Акнун ин рӯи некӯро ба нофармонӣ магардон ва чунин рухсораро ҳимаи оташ масоз. Ин бигуфт ва рӯй ба қибла овард ва ба намоз дарпайваст…»

Абдулло гирьён-гирьён аз хонаи вай берун омада ва наздики Муҳаммад Аслам рафт. Муҳаммад ӯро бор надод. Ҳарчанд ки ҷаҳд кард, суд надошт. Гуфтанд сабр бояд кард, то рӯзи Одина, биёмад ва бар сари кӯчаи вай биистод. Шайх ба намоз берун омад, чун дид, ки саворони эшон истодаанд, ҳамон ҷо таваққуф намуд ва Абдулло аз маркаб фурӯ омад ва пеши Муҳаммади Аслам омада салом кард ва пурсид, ки чӣ касӣ ва чикорай? Гуфт: «Абдуллои Тоҳирам ва ба зиёрати ту омадаам». Шайх гуфт: «Туро бо ман чӣ кор ва маро бо ту чӣ гуфтор». Пас, рӯй ба девор оварда дар ӯ нигоҳ накард. Ва Абдулло пеш омад ва рӯй бар хоки қадами ӯ ниҳод ва муноҷот кард…

Агар чӣ бо бадони рӯзгорем,
Валекин некӯвонро дӯст дорем.
Чӣ бошад гар бадонро дар қиёмат,
Ба некон бахшад аз роҳи каромат.

Овардаанд, ки яке аз мулук ба дидани дарвеше рафт. Он дарвеш дарҳол саҷда ба ҷой овард. Вазири шоҳ пурсид, ки он чӣ саҷда буд? Гуфт: «Саҷдаи шукр». Ва дигар бора пурсид, ки барои чӣ шукр карди? Гуфт: «Худойро сипос кардам барои он ки султонро назди ман овард ва маро пеши султон набурд, ки омадани шоҳон назди дарвешон ибодат аст ва рафтани дарвешон ба даргоҳи шоҳон маъсият». Пас, чун Султонро тоате ҳосил шуду маъсияти аз ман содир нагашт, маҳалли шукргузорӣ ва сипосдорӣ бошад.

Агар дам зи дарвешпурсӣ занӣ,
Зи рифъат қадам фавқи курсӣ занӣ.
Касе к-остонат ба дарвеш бурд,
Агар бар Фаредун зад аз пеш бурд.

## Дар амонату диёнат

Уламои дин ва урафои соҳибяқин гуфтаанд, ки амонат рукни азимест аз хислатҳои ҳамида ва диёнат асле маҳкам аз ахлоқи писандида. Бунёди имон амоният тамом гардад ва чунон ки фармудаанд:

Шаръ, ки бунёди сиёнат ниҳод,
Қоидаи дин ба диёнат ниҳод.
Дар дилат ар майли диёнат бувад,
Аз шарафи дӯзах амонат бувад.

…Ба амонат хиёнат раво нест. Масалан, дида амонатест, ки бад-он дар осори қудрат нигаранд. Гӯш амонатест, ки суханони ҳақ истимоъ кунанд. Забон амонатест, ки бад-он зикр гӯянд. Даст амонатест, ки бар-он нафъ ба халқ расонанд. Чун касе дида ба назари ҳаром бикшояд ва гӯш ба суханони ношоиста ниҳад, забон ба бӯҳтону дурӯғ гӯяд, даст ба озори халқ бикшояд, ҳар оина дар амонат хиёнат карда бошад.

Эй шуда з-имону амонат барӣ,
Дини ту фориғ зи диёнатгарӣ,
Тарс надорӣ, ки фаноет ҳаст,
Шарм надорӣ, ки худоет ҳаст.

Салотинро баъд аз муҳофизати ин амонатҳо ҳифзи амонати дигар лозим аст, яъне мулоҳизаи ҳоли раият. Агар дар муҳофизати эшон тақсире равад ба аркони амонат рахнае равад. Ҳукамо гуфтаанд: Агар подшоҳе золимро ба амал фиристад ва муҳимми раият ба ҷабборӣ ва дасткорӣ ҳавола кунад, аломати хиёнат аст дар ҳаққи раият. Чи ситамкораро бар заифону оҷизон муставлӣ сохтан чунон бошад, ки чӯпонии гӯсфандон ба гургон додан.

Ситамкора гургест бо дору гир,
Раият ҳама гӯспанде ҳақир.
Чу биспурдӣ ин гӯсфандони ба гург,
Фитоданд андар балои бузург.

Ва дигар мулоҳизаи диёнат лозим аст ва диёнат муҳофизати амонатаст…

Оварданд, ки дар авали замони Нӯшервон, ки ҳанӯз риоят адолат наафрохта буд ва иштиғол ба айшу ишрат, ба кори раият напардохта дар ҳамсоягии ӯ марде буд ба карам машҳур ва ба риоят меҳмонон ва мурооти эшон мавсуф ва мазкур:

Ба эҳсонаш фақирон шод гашта,
Зи банди эҳтиёҷ озод гашта.

Пайваста хони инъом бигустурдӣ ва хосу омро ба меҳмонӣ овардӣ, чун овозаи ӯ ба мардӣ баромад ва зинати ҷавонмардии ӯ дар дуньёву забонҳо афтод. Нӯшервон ба ҷиҳати имтиҳон либоси бозаргони пӯшида ба хонаи ӯ рафт ва мизбон ӯро нашнохта, чунончи одати ӯ буд, тариқи такаллуф нигоҳ дошт ва аз дақоиқи мурруват ва лавозими зиёфат ҳеҷ нукта фурӯ нагузошт ва ӯро дар суффае овард, ки панҷараи он дар боғи ангур буд ва ангурҳои латиф расида бар токҳо менамуд. Он ҷо сӯҳбат доштанд ва мизбон чунон такаллуф кард, ки Нӯшервон мутааҷҷиб шуд ва дар охири маҷлис гуфт: Эй хоҷа, ман марди бозаргонам ва бо овозаи футуввату ҷавонмарди туро тасдеъ (мазоҳим шудан) додам. Он чи дар бораи ту аз караму эҳсон шунида Будам: «Чун бидидам ҳазор чандонӣ!»

Акнун меравам бар ман ҳукм фармой , ки барои ту чӣ тӯҳфа фиристонам ва чӣ ҳадья тартиб намоям. Мизбон гуфт он чи ба давлати ту ҳама асбоб муҳайёст. Чун пардаи ҳашмат аз миён бархост ва расми такаллуф бартараф шуд, маро майли ангури тоза аст. Агар шуморо ба боғе баранд ё барои шумо ба расми табарук биёранд, қадре барои ман бифиристед. Нӯшервон гуфт: «Дар боғи ту ангури бисьёр дидам, чаро аз он нахӯрдӣ». Гуфт: «Эй хоҷа подшоҳи мо марди золими ғофил аст, парвои раият надорад. Ангурҳои мардум расида ва касе таъйин намекунад, ки ҳирз (нигоҳбон) гирад, мардум бе мулоҳиза ҳирзи ангур мехӯранд ва ман маҳрумам, ҷиҳати он, ки ҳаққи ӯ дар ин боғ ҳаст ва ҳанӯз ҳирз накардаанд. Агар ангур бихӯрам хиёнат карда бошам ва дар мазҳаби ман хиёнату бедиёнатӣ ҳаром аст. Чун ғура падид ояд дари боғ бандам ва мӯҳр кунам ва нагзорам, ки ҳеҷ офарида дар он ҷо равад, то вақте ки подшоҳ ҳаққи худ бигирад, в-он гаҳ ман даст ба ангур кунам». Нӯшервон, ки ҳикоят шунид, бигирист ва гуфт, ки он подшоҳи золиму ғофил манам ва ба сабаби диёнати ту аз хобби ғафлат бедор шудам. Тариқи адл пеш гирифт ва он мардро муаззам сохт.

Дар ахбор омада, ки писари амири Балх рӯзе ба тамошо берун омада буд гухораш бар девори пасте афтод ва нигоҳ кард, пире дид зунноре бар миён баста ва беле дар даст гирифта дарахте мешинонад. Амирзода гуфт, эй пир дарахте, ки аз меваи он нахоҳӣ хӯрд чаро нишонӣ? Пир гуфт: «Дигарон коштанд мо мехӯрем, мо низ мекорем то дигарон бихӯранд. Шояд ки мо низ бихӯрем». Амирзодаи ҷавони наврасида мағрур буд ба талоқ савганд хӯрд, ки ту аз меваи ин боғ нахоҳӣ хӯрд ва ин бигуфт ки бигзашт. Пир пурсид ки ин чи кас буд? Гуфтанд, писари амири Балх. Баъд аз муддате амирзода ба тамошо савора шуда ба боғе расид бағоят дилкашу равзае дид хушҳаво:

Дарахтонаш ҳама боло кашида,
Бар эшон меваҳое хуш расида.
Зи болои дарахтони сарафроз,
Навоҳои гашта мурғони хушовоз.

Амирзодаро он боғ бисёр хуш омад. Инон боз кашида аз маркаб пиёда шуд ва дар боғ даромад, пире диди зуннорбанд, ки дар он боғ мегашт. Чун амирзодаро дид нашинохт ва амирзода низ ӯро надонист. Пир табақе аз меваҳо ҷиду латиф пеш овард. Амирзода оғози хӯрдан кард. Дар аснои мева хӯрдан қадре ба дасти пир дод, ки ту ҳам бихӯр ва бо мо иттифоқ намой, пир он меваро ба яке мулозимони ӯ, ки истода буд доду гуфт: «Маро аз ин мева нашояд хӯрдан». Амирзода пурсид ки чаро? Гуфт: «Ба ҷиҳати он ки вақте ман ин дарахтонро мешинондам писари амири Балх ба ин ҷо расид ва маро дар нишондани дарахт сарзаниш кард, ки умре гузаронида ва ба лаби гӯр расида… Ман сухани ӯро ҷавоб гуфтам ва ба ӯ талоқ савганд хӯрд, ки ту аз меваи ин боғ нахӯрӣ. Ман аз ҳурмати он ки шояд зинда ва кадхудо бошад меваи ин боғ хӯрам, то талоқ воқеъ нашавад ва ман аз ӯҳдаи диёнат берун омада бошам».

Ҷавон гуфт: «Эй пир, он амирзода манам ва он савганд ман хӯрда будам ва баҳри ин диёнат, ки варзидӣ, вазорати худро ба ту тафвиз кардам ва дар ҳеҷ муҳимме бе машварати ту шурӯъ нахоҳам намуд»…

Ҷавон гуфт: «Эй пир, он амирзода манам ва он савганд ман хӯрда будам аз баҳри ин диёнат, ки варзидӣ, вазорати худро ба ту тафвиз кардам ва дар ҳеҷ муҳимме бе машварати ту шурӯъ нахоҳам намуд»…

**Дар вафо ва аҳд**

Вафо кори ҷавонмардони соҳибқалам аст ва ҳусни аҳд аз хислатҳои бузургони сутудаҳол. Рухсораи ҳар аҳаде, ки ороише аз ҳоли вафо ёбад, мурғи дили ҳеҷ кас гардан аз риштаи доми муҳаббати ӯ барнатобад… Вафо кунед ба аҳдҳо, ки бо якдигар мебандед:

Нест барии мардуми соҳибназар,
Хидмате аз аҳд писандидатар.

Рӯзе Исмоил бо дӯсте ҳамроҳ афтод ва он дӯст ба дари хонаи худ расид. Исмоилро гуфт: «Ман ҳамроҳии туро дӯст медорам. Ваъда кун бо ман, ки дар ин мавзеъ биншинӣ, то ман ба хона дарун равам ва муҳимме дорам бисозам ва филҳол берун оям». Исмоил ваъда кард ва он ҷо биншаст. Он мард ба хона даромад ва ӯро муҳимме куллӣ афтод ва аз ваъдаи худу Исмоил фаромӯш карда ба чораи кори худ машғул шуд. Хонаи ӯ роҳи дигаре дошт, аз он ҷо берун рафт. Баъд аз се рӯз бад-он мавзеъ расид, Исмоилро дид бар дари хона нишаста. Гуфт: «Эй самарии шаҷари дӯстӣ, ин ҷо чӣ нишастаӣ? «Гуфт: «Аз он вақт, ки маро ба ваъда ин ҷо нишондаӣ, нишастаам ва дидаи интизор бар роҳи муовидати ту ниҳода». Гуфт: «Чун ман наёмадам, ту чаро нарафтӣ». Гуфт: «Ваъда карда будам, раво надоштам, ки хилоф кунам ва агар муддатҳо ту намеомадӣ, ман ин ҷо менишастам ва аз сари кӯй намерафтам…»

Аз ӯҳдаи аҳд агар бурун ояд мард,
Аз ҳарчи гумон барӣ фузун ояд мард.

Дар ҳикояте омадааст, ки хоҷа ғуломе дошт порсову худотарс. Ногоҳ ин хоҷа бемор шуд. Аҳд кард, ки агар аз ин беморӣ халос шавад, ин ғуломро озод кунад. Шифо ёфт. Хоҷа дил дар ғулом баста буд, ӯро озод накард ва дигар бора бемор шуд. Ғуломро гуфт: «Бирав табиброро биёр, то маро илоҷ кунад». Ғулом берун рафт ва даромад. Хоҷа гуфт: «Табиб ку?». Ғулом гуфт: «Табиб мегӯяд, ки ӯ мухолифати бозгаштам ва аз нуқзи аҳд тавба кардам. «Гар сар биравад аз сари паймон наравам». Ғулом гуфт: «Эй хоҷа, табиб мегӯяд: Агар ту сифати вафо намекунад. Ман ӯро илоҷ намекунам». Хоҷа мутанбеҳ шуду гуфт: «Эй ғулом, табиброро бигӯй, ки аз мухолифат бозгаштам ва аз нуқзи аҳд тавба кардам. Гар сар биравад аз сари паймон наравам». Ғулом гуфт: «Эй хоҷа, табиб мегӯяд: Агар ту сифати вафо пеш орӣ, мо низ шарбати шифо арзонӣ дорем». Ҳоҷа ғуломро озод кард ва дар ҳол шифо ёфт:

Агар ба аҳди муҳаббат вафо кунӣ бо ҳақ,
Зи рӯи лутфу каромат вафо кунад бо ту.

Овардаанд, ки подшоҳеро муҳимме саъб пеш омад. Аҳд кард, ки агар муҳим ба дилҳои ман анҷомад, ҳар нақдинае, ки дар хазона дорам бар фуқарову мискинон қисмат намоям. Муҳимми ӯ ба зудӣ ва хубӣ кифоят кард. Подшоҳ хост, ки ба аҳди худ вафо кунад. Хазонадарро талабиду фармуд, то нақди хазинаро ҳисоб кунад. Баъд аз ҳисоб маблағи куле баромад. Умарову ургони давлат гуфтанд: «Эй малик, ин миқдор мол ба дарвешон нашояд дод, ки лашкар бе баргу наво монанд». Подшоҳ, гуфт ки ман аҳд кардаам, ки ин ҳама бо аҳди истеҳқоқ  расонам. Ургони давлат гуфтаанд, ки уламо низ бар инанд, ки мулозимони мулук низ аз ҷумлаи аҳли истеҳқоқанд. Малик дар ин қазия мутаҳайир шуда бар ғӯрфа нишаста буд, ки ногоҳ девонае даргузар омад. Фармуд ки он девонаро талабед, то дар ин боб бо ӯ мушоварат кунем. Девонаро овоз доданд. Малик ба девона он чи рафта буд, гуфт. Девона гуфт: «Эй малик, дар он вақт ки ин аҳд кардӣки мол ба дарвешон диҳам сипоҳиёнро дар хотир гузаронидӣ?» «На ҳамин гадоёну муҳтоҷонро гузаронида будам». Гуфт: «Пас бад-инҳо деҳ, ки дар хотир гузаронидаӣ». Яке аз умаро гуфт: «Эй девона, мол беҳад аст ва сипоҳӣ бе баргу наво?»
Девона рӯй аз он кас партофту гуфт: «Эй малик, ту дигар ба он кас, ки манзур ва аҳд бо ӯ кардаӣ кор дорӣ ё не? Агар дигар бор бо ӯ кор хоҳад буд ва аҳди худ вафо кун. Ва агар бо ӯ кор надорӣ ва мӯҳтоҷи ӯ нахоҳӣ шуд, ҳарчи хоҳӣ бикун». Подшоҳ бигирист ва фармуд, ки ҳама амволро бар фуқаро ва мискинон қисмат кардаанд:

Чу мӯҳтоҷ хоҳӣ шуд охир бад-ӯ,
Матоб аз вафодории хеш рӯ.
Касоне, ки фармонраво гаштаанд,
Мукаррам зи ҳусни вафо гаштаанд,
Вафодорӣ оини шоҳаншоҳист,
Ғами аҳд хӯрдан зи корогаҳист.

Ҳусни аҳд аз ҳеҷ кас чунон хуб наменамояд, ки аз салотин, зеро ки сухани эшон ба масомаи ҳама кас мерасад ва аҳволи эшон дар ҳама маҷомеъ гуфта мешавад ва маҷмӯи халқ  бар аҳду паймони эшон иттилоъ меёбанд ва чун аҳли худро ба поён нарасонанд, дӯсту душманро бар эшон эътимод намонад. Ва дар васияти Ҳушанг мазкур аст, ки эй фарзанд, аз нуқзи аҳд ва хилофи ваъда иҷтиноб (парҳез) кун, шомати он зуд мерасад:

Дасти вафо дар камари аҳд кун,
То нашавӣ аҳдшикан, ҷаҳд кун.

…Овардаанд, ки Афросиёб дар таоруфи (шинохтани аҳволи золим ва тафаҳҳуси (талоши) ҳолоти мазлум муболиғаи бисёр мекард ва ранҷи беҳад

мекашид). Рӯзе ҷамъе аз нудамо (ҳамнишинон) гуфтаанд, ки дар ин боб муболиғаи бисьёр менамоӣ ва аз хуррамиву тамошо боз мемонӣ. Гуфт: «Ваъдаи худро хилоф наметавонам кард». Гуфтанд, аз ту ҳеҷ ваъда нашнидем. Гуфт: «Подшоҳӣ дар ҳадди зоти худ ваъдаест ба зиммаи подшоҳ, лозим аст, ки ба ин ваъда вафо кунад ва вафо он аст, ки ки доди мазлум аз золим бистонад. Ҳар ки ба ин тариқа наравад, хилофи ваъда карда бошад». Мисраъ:

Хилофи ваъда наёяд зи аҳли дину диёнат.

Подшоҳе аз ҳакиме пурсид, ки мардро кадом сифат азиз мегардонад. Гуфт: «Ба ваъда вафо кардан ва яке аз фазоили ҳусн аҳд он аст, ки бақои ҷаҳон бад-он бозбаста аст, зеро ки мадори салтанат бар лашкар ва мулуки олам хазоини худро бар ҳашаму лашкар бад-он умед сарф мекунанд, ки ба ҳангоми хуруҷи душман вафо намоянд. Агар расми вафо барафтад бар ҳеҷ кас аз сипоҳиён эътимод намонад ва ургони мулк халалпазир шавад… Агар аҳду вафо набошад, тартибу низоми ҷаҳон маҳву нобудгардад. Пас аз тариқи вафо рӯй набояд тофт ва ба сӯҳбати вафодорон бояд шитофт:»

Майли касе кун, ки вафоят кунад,
Ҷон ҳадафи тири балоят кунад.

Бахри чунин дӯст, ки ҷонӣ бувад,
Дӯстии ҷон зи гаронӣ бувад.
Ҷон, ки аз ӯ беҳ ба ҷаҳон ёр нест,
Ҳеҷ наярзад чу вафодор нест.
Ёри ту он ёфт ба гетӣ басе,
Лек вафодор наёбӣ касе.
Сӯҳбати он кун, ки ба сидқи сафост.
Домани ӯ гир, к-аз аҳли вафост.

Дар таърихи вилояти Хуросон мазкур аст, ки дар он вақт Яъқуби Лайс ба Нишопур расид. Муҳаммад Тоҳир ҳокими Нишопур буд бо ӯ шаҳрро муҳосира кард. Ургони давлати Муҳаммад Тоҳир ҳама пинҳонӣ китобатҳо (мактуб) ба Яъқуб фиристоданд ва дар изҳори хасочиву ҳаводорӣ муболиғаҳо намуданд. Магар Иброҳими Ҳоҷиб, ки ӯ ҳеҷ китобате накард китобате накард ва касе нафиристод ва чун Яъқуб Нишопурро бигрифт ва руаёву ҳашамро дар забти иёлоти худ даровард ва Иброҳими Ҳоҷибро талабида гуфт: «Чӣ гуна буд, ки ҳама ёрони ту китобатро фиристоданд ва ту бо эшон мувофиқат накардӣ?» Иброҳим гуфт: «Эй малик, маро бо ту собиқаву маърифате набуд, ки таҷдиди он аҳд кардаме ва аз Муҳаммади Тоҳир низ шикояте надоштам, ки тариқаи мухолифати ӯ супурдаме ва аз худ рухсати он наёфтам, ки ҳаққи инъому парвариши ӯро ба шикастани аҳду паймон бартараф ниҳодаме». Фард:

Ман на онам, ки сар аз хатти вафо бардорам,
Гарчи созанд ҷудо чун қаламам банд зи банд.

Яъқуб гуфт, ту лоиқи онӣ, ки туро тарбия кунанд ва мустаҳаққи онӣ, ки муҳими туро иҷро кунанд. «Офарин бод бар вафодорон!» пас аз он ҷумлаи он мардум ба қабули иқбол ихтисос дод ва онҳоро, ки ба нифоқ ҷониби валинеъмати худро фурӯ гузошта буданд ба уқубат гирифтор кард:

Касе, ки ҳақ нашиносад, аз ӯ умед бибур,
Касе, ки нест вафояш, бад-ӯ макун пайванд.
Зи ҳусни аҳд ба олам агар алам гардӣ,
Ливои рифъати ту бигзарад зи чархи баланд.

**Дар сидқ**

Ростиву росткорӣ сабаби эминӣ ва растагорист. Қитъа:

Ростон растаанд рӯзи шумор,
Ҷаҳд кун, то аз он шумор шавӣ.
Андар ин раста ростгорӣ кун.
То дар он раста растагор шавӣ,

Бузургон гуфтаанд, арсаи сухан аз он фарохтар аст, ки гӯяндаро пойи баён дар санги хилоф ояд, то гули сидқ дар чамани сухан ба вай бархӯрдорӣ медиҳад. Нафси нотиқаро дастаи хори дурӯғ барбастаи нашояд. Қитъа:

Забони покро ҳайф аст бисёр,
Ки аз лафзи дурӯғ олуда созӣ.
Агар по барнадорӣ аз раҳи сидқ,
Сар аз гардуни гардон барфарозӣ.

Яке аз бузургон фармуда, ки бар тақдире, ки дурӯғ гуфтан хавфи уқб (азоб) ва дар ростӣ умеди савоб намудӣ, боистӣ, ки оқил аз дурӯғ эҳтироз намудӣ ва ба ҷониби ростӣ майл кардӣ, аз он ки дурӯғ мардонро хору бемиқдор гардонад. Байт:

Аз хаҷӣ афтӣ ба каму костӣ,
Аз ҳама ғам растӣ, агар ростӣ.

Овардаанд, ки мусташиди (роҳнамои) халифа дар васиятномаи писари худ навишта буд, ки агар хоҳӣ, ки мардум аз ту тарсанд, дурӯғ магӯй, ки мардуми дурӯғгӯй бемаҳобат (беҳайбат) буванд, агарчи ҳазор шамшер барои

муҳофизати ӯ дар гирди ӯ бошад, яъне агар ҳазор теғи бараҳна дар кавкаби давлати касе мебаранд ва шамшери забонаш ҷавҳари сидқ надорад, дар назари мардум ҳеҷ шукуфа наёрад.
Маснавӣ:

Ту дар кори худ ростӣ бар ба кор,
Ки ҳам раста гардию ҳам растагор.
Бувад гарчи мардум басе каҷхиром,
Ба охир шавад ростонро ғулом
Агарчанд бошад камон сахтагир,
Ба охир тавозӯъ кунад пеши тир.

Овардаанд, ки Ҳаҷҷоҷи золим ҷамъэро сиёсат мекард. Чун навбат ба яке аз эшон расид, гуфт: «Эй амир, маро макуш, ки бар ту ҳақе собит кардаам». Гуфт: «Туро бар ман чӣ ҳақ аст?» Гуфт: «Фалон душмани ту туро вақнат (ғайбат) мекард ва ба нисбати ту суханони фаҳш мегуфт. Ман ӯро манъ кардам ва аз дашноми ту боздоштам». Ҳаҷҷоҷ гуфт: «Бар ин маънӣ гувоҳе дорӣ?» Гуфт: «Дорам ва ба асири дигаре ишорат кард, ки ӯ дар он маҷмӯъ буд». Он кас гуфт: «Оре, рост мегӯяд ва шунидам, ки ӯ он касро аз осеби ғайбати ту маън мекард». Ҳаҷҷоҷ гуфт: «Ту чаро бо ӯ мушорикат накардӣ ва мувофиқат нанамудӣ дар манъи душман?» Гуфт: «Ман туро душман медоштам. Бар ман лозим набуд, ки тарафи ту риоят кардаме». Ҳаҷҷоҷ фармуд, то ҳардуро озод карданд. Якеро бо сабаби ҳаққи вай, якеро ба ҷиҳати сидқи вай ва ин масал дар миёни мардум пайдо шуд: - Агар дурӯғ касеро мераҳонад, рост раҳондатар аст. Назм:

Ростӣ он ҷо, ки алам барзананд,
Ёрии ҳақ даст ба ҳам барзанад.
Ростии хеш ниҳон кас накард,
Бар сухани рост зиён кас накард.
Ростӣ овар, ки шавӣ растагор,
Ростӣ аз ту, зафар аз кирдугор.
Чун ба сухан ростӣ орӣ ба ҷой,
Носири гӯфтори ту бошад худой.

Ва чунон чи кизб обрӯро мебарад ва мазоҳу ҳазл ва лаҳву лаъб низ масқати (баратарафкунанда) арз аст. Хусусан аз арбоби ихтиёр, ки ба мазоҳ кардан мулозимони эшон далер мешаванд ва ӯро вақъе дар дили эшон намемонад ва мумкин, ки чун бо касе мазох кунанд кина дар дил гирад ва ба мурури замон дар интиқом ояд. Аз он сурат фитнаҳо зояд ва дар «Рӯшноинома» мазкур аст:

Макун фаҳшу дурӯғу ҳазл пеша,
Мазан бар пои худ зинҳор теша.

Ки агар шоҳӣ, барад ҳазл обрӯят,
В-агар моҳӣ, кунад чун хоки кӯят.

Дигар ғайбат кардан аз завиал – иқтидор муносиб наменамояд, чи эшонро қурат он аст, ки ба мӯъҷибе ҳар чи хоҳанд бо ҳар ки хоҳанд бигӯянд. Пас, худро дар ҳисоби аҳли ғайбати дигарон манъ бояд кардан. Назм:

Ғайбати то битавонӣ магӯй,
З-он ки ғайбат биравад обрӯй.
Гӯш манеҳ бар лаби ғайбатгарон,
То ту ҳам анбоз набошӣ дар он.

**Дар анҷоҳи ҳоҷат**

Ҳар ки хоҳад, ки ҳоҷатҳои ӯ раво бошад, бояд бад он чӣ тавонад ҳоҷати халқ барорад. Дар ҳадис омада, ҳақ субҳонаҳу таоло ёрӣ медиҳад бандаи худро, модоме, ки ёрӣ медиҳанд бандагон ӯро. Байт:

Агар таваққуи бахшоиши худо дорӣ,
Зи рӯи лутфу карам бар шикастагон бахшо.

Дар ахбор ворид аст, ки инъоми раббонӣ рӯй ба вай оварад ва афзоли субҳонӣ дар ҳаққӣ ӯ бисьёр шавад, касрати эҳтимоли мӯҳтоҷон ва адои ҳуқуқи фурӯмондагон бар вай лозим бувад, зеро ки хоҳиши аҳли эҳтиёҷ бар қадри неъмат аст. Ҳарчанд неъмати аҳли ихтиёр ва иқтидор бештар бошад, анҷоми муродоти фуқаро бо раво кардани ҳоҷоти заифон бештар бояд. Пас, соҳиби саодате, ки салтанат ба ӯ арзонӣ дошта бошад ва ливои азамат ӯро арсаи ҷаҳондорӣ ва комронӣ барафрохта бояд, ки маунати халқро таҳаммул намояд ва дар ҳолати кудрат қазои ҳоҷати муҳтоҷонрро ғанимат шуморад. Сурати матлуб ва чеҳраи мақсуди ҳеҷ мустаҳиқро дар ниқоби ҳиҷоб таваққуф раво надорад. Чун гули иқбол дар боғи давлат шукуфта меёбад ва шукуфтаи мурод дар чамани мамлакат бар шохсори убаҳҳат (шукӯҳ) чилвагарӣ мебинад, баровардани муродот ғанимати бузург шумурад. Раво кардани ҳоҷати маҳрумон ва бечорагонро дастовези шагарф (нодир) шиносад:

Умеди халқ, раво кун ба марҳамат, ки ту низ,
Муқаррар аст, ки бо худ умедҳо дорӣ.
Бидеҳ муроди фақирон ба лутф, то бидиҳад,
Муродҳо, ки ту бо ҳазрати худо дорӣ.

Шарти салтанат он бошад, ки пайваста мунтазири ҳоҷоти муҳтоҷон бувад ва дили эшонро бар во кардани ҳоҷот шод созад, то савобе ба ин азамат аз вай фавт нашавад. Искандари Зулқарнай рӯзе то шаб дар маҷлиси ҳукумат нишаста буд ва ҳеҷ кас рафъи хоҷате накард, чун вақти бархостан шуд,

нудамои худро гуфт, ки ман имрўзро аз ҳисоби умр нашуморам. Яке аз надимон гуфт: «Рўзе ки дар сиҳату фароғат гузарад ва дар саломату каромат ба шаб расад, ба муроду номи фароғати хотир муяссар маҳсул бошад ва хазонаи маъмуру сипоҳ мукаммал. Агар малик имрўзро умр ҳисоб накунад, пас кадом рўзро дар шумори умр тавон овард?» Гуфт: «Рўзе, ки аз подшоҳ роҳате ба матлубе нарасад ва ҳоҷати маҳруме раво нагардад, чӣ гуна аз умр тавон шумурд?»

Зи умр он қадар беш наояд ба кор,
Ки дар нафъи халқи худо бигзарад.
Ва аз зиндагонӣ чӣ ҳосил бувад,
Ки дар кори нафсу ҳаво бигзарад.

Ов863, ки подшоҳи Чин аз искандар пурсид, ки лаззати салтанат дар чӣ чиз ёфтӣ? Гуфт: «Дар се чиз: аввал, душманонро мағлуб сохтан, дуввум, дўстону ҳаводоронро сар барафрохтан ва сеюм ҳоҷати мўҳтоҷонро раво кардану бинавохтани эшон. Ғайр аз ин ҳар лаззате, ки бошад, ҳеҷ эътиборе надорад».

Ҳамин бас зи шодию фармондиҳӣ,
Ки аз душманон мулк созад тиҳӣ.
Дувум дўстонро бувад дилнавоз,
Руоёи худро шавад корсоз.
Савум ҳоҷати марди уммедвор,
Биронад магардонадаш шармсор.
Аз эшон касе гўйи давлат рабуд,
Ки дар банди осоиши халқ буд.

**Дар тааннӣ ва таамул**

Тааннӣ ва таамул (оҳистагӣ) ва ғайра фармудан дар корҳо ба ҳазрати раҳмон аст. Интисоб ба таъҷил кардан ва шитобкорӣ намудан дар умур ба шайтон таании ҳама корҳо биёрояд ва ба сабаби таъҷил басе муҳиммот ба зиён ояд. Ҳар муҳимме, ки тааммул ва оҳистагӣ дар он шурўъ намояд, ғолиб он аст, ки бар ҳасби дилхоҳ саранҷом ёбад. Ва ҳар коре ки ба гармӣ ва сабуксарӣ анҷомад аксар он аст, ки ба мурод аз пеш наравад ва шояд, ки сабаби вуболи укбо ва хиҷолати дунё шавад.

Ба оҳистагӣ кори олам барор,
Ки дар кор гармӣ наояд ба кор.
Чароғ ар ба гармӣ биафрўхтӣ,
На худро на правонаро сўхтӣ.
Шикеб оварад бандагонро калид,
Шикебандаро кас пушаймон надид.

Овардаанд, ки Парвиз писари худро насият мекард, ки чунончӣ ту ба раият ҳокимӣ, ақл бар ту ҳоким аст. Чу халқро ба фамондории худ мефармоӣ,ту ҳам аз фармони халқ берун марав ва дар ҳар коре, ки пеш ояд, ба он тааммул фармой. Хусусан, дар муҳимме, ки аз он зараре ба нафси мардумон ё талафи моли эшон мерасад.

Бе таамул мабош дар ҳама ҳол,
Бигузар аз тариқи истеъҷол.
Ҳар ки дорад таанӣ андар кор,
Бар муродоти дил расад ночор.

Сабуксарӣ ҳамчу тирест, ки чун аз камон рафт, боз натвон овард ва оҳистагӣ чун шамшерест дар даст, агар хоҳад кор фармояд, вагарна ҳеҷ зарар накунад… Чунончи дар вақти ғазаб. Пас, лозим бувад дар он замон инони ҳукм боз кашидан ва сурати оқибати он муҳимро дар оинаи фикрат дидан.

Овардаанд, ки Ардашери Бобак, ки аз салотини рӯзгор ва подшоҳони комгор буд, бифармуд то бар се руқъа се хат навиштаанд ва ба яке аз ғуломони хосаи худ супурда, гуфт, ки чун дар маҷлиси ҳукм нишонаи тағири миҷоз бар носияи ман ҳозир гардад ва асари хашму ғазаб дар чашму рӯи ман падид ояд, пеш аз он ки ҳукм кунам як руқъа бар ман падид, ояд, пеш аз он ки ҳукм кунам як руқъа бар ман арза кун ва агар бинӣ, ки оташи хашм фурӯ биншаст, муоқиби (аз паси) он руқъаи дуввумро ба мадад фирист ва агар эҳтиёҷ афтад, руқъаи дуввумро ба мадад фирист ва агар эҳтиёҷ афтад, руқъаи саввумро ба назари ман дарор. Мазмуни руқъаи аввал ин буд, ки таамул кун ва инони иродат дар қабзаи нафси амора манеҳ, ки ту махлуқи ва оҷизӣ ва холиқе қавӣ ҳаст, ки туро ҳаст карда ва фаҳвои руқъаи дуввум ин, ки таанӣ пеш ор ва ба зердастон…ба шитобкорӣ муомила макун ва бар эшон, ки мағлуби туанд раҳм кун, то он кӣ бар ту ғолиб аст, мукофоти онро бар ту раҳмат кунад ва бар руқъаи саввум навишта буд, ки дар ин ҳукм, ки хоҳӣ кард, аз шурӯъ таҷовуз макун ва аз инсоф дармагузор. Маснавӣ:

Тавсани худ тунд масоз ончунон,
Кас натавон бозкашидан инон.
Ҳукм чунон кун, ки аз рӯи насақ,
Рост бувад ҳукми ту бо ҳукми ҳақ.

Дар таърих мастур аст, ки чун Аҳмади Сомонӣ вафот ёфт, писари ӯ – Наср ҳаштсола буд. Аркони давлати Сомония ӯро ба тахт нишонданд. Ва худ аз рӯи адолат ҳукм меронданд, то он писар ба сарҳади рушд расид. Оғози фармондеҳӣ кард ва мамлакти падарро дар хайр забт овард ва анвои фазоил ва аснофи маноқиб ӯро ҳосил буд, аммо аз рӯи ҳадосати син ва адами таҷриба ва ғурури салтанат зуд дар хашм шудӣ ва бе таоммулӣ кардӣ ва ба гуноҳи андак уқубати бисер муққарар сохтӣ. Рӯзе вазири худро гуфт: Дар заҳири ман ҳеҷ айбе мебинӣ, то ба тадоруки он машғул шавам. Вазир гуфт: Алҳамдуллилоҳ, ки зоти олӣ ороста аст ва ба анвои маонӣ. Эй шаҳзода, хоне барои хосу ом ниҳода ва саломи гарм ва мурувват дардода ва неъматҳои

латиф ва обҳои зариф муҳайё  шуда, аммо, бар матҳои латиф ва обҳои зариф муҳайё шуда, аммо бар сари ин хон намак камтар аст ва бенамак  ҳеҷ таоме мазза надорад. Наср пурсид, ки намаки ин хон чӣ тавонад буд? Вазир гуфт: «Намаки хони ҳукумат тааннӣ ва бурдборӣ аст. Ва он чи ин хон ба ғорат диҳад хашм ва сабуксарӣ». Амир Наср гуфт: «Донистам ва маро ҳам маълум буд, ки ин айб дорам, аммо чун одат шуда ва табиат бар ин хӯй гирифта чӣ тадбир тавон кард? «Вазир фармуд, ки дар нафси худ бояд, ки ба вақти ҳукм шомил бошӣ ва шитобкорӣ нанамоӣ  ва дар хидмати  ту бузургони покизаахлоқ бошанд, ки дар вақти истилои ғазаб бар ту шафоат тавонанд кард. То ин кор ба қарор боз ояд. Амир бузургонеро, ки аҳамияти ходимият доштанд, талабида фармуд, ки ҳар касро ман сиёсат фармоям, он ҳукмро се рӯз дар таваққуф  доред ва се бор ба ман арза кунед ва ҳар киро  ба уқубат ҳукм кунам аз сад чӯб камтар барбандед. Ва боз гуфт: «Шумо гунаҳкороне, ки мустаҳиқи авф бошанд ба ваҷҳи эҳсон шафоат кунед. Чун амри ҳукумат бар ин ҷумла тамҳид пазируфт ба андак замоне дидаи адолат дар атрофии ҷаҳон мунташир гашт».

Ту шоҳӣ, чу шоҳин машав тезпар,
Ба оҳистагӣ кӯш чун  шерри нар
Инон каш, давон аспи андешаро.
Ки дар раҳ хатарҳост ин бешаро,
Ба коре, ки ғамро диҳӣ бастагӣ,
Шитобандагӣ кун, на оҳистагӣ.

**Дар машварат ва тадбир**

Дар машварат фавоиди  бисёр аст. Яке он ки  корҳоро ба салоҳ наздик гардонад. Дигар он ки касе ки бе машварат он корро ҳеҷ фоида   ва натиҷае набошад, ӯро маъзур доранд. Дигар он ки зеҳни шахси воҳид ба атрофу ҷониб муҳим иҳота  наметавонад кард. Чун ҷимие бошанд зеҳнро баргуморанд, ҳар якеро чизе ба хотир расад ва раъйе, ки савоб бошад бар ҳама зоҳир  гардад. Пас, бар аҳли ихтиёр лозим аст, ки бар муқтазои  лосавоб аз тарки машварат дар ҳар коре, ки пеш ояд ва дар ҳар муҳимме, ки рӯй намояд бе машварати уқало шурӯъ накунанд ва машваратро  дар ҳалли мушкилот бо ҳокими ақл собиттар ва пурфоидаттар хоҳад буд.

Дари машваратро чаро бастаӣ,
Магар мазҳаби ақлро ҷоҳидӣ.
На арбоби ҳикмат чунин гуфтаанд,
Ки раъёни хайрун мин ал-воҳидӣ!

Чун дар воқеоту ҳодисот аз машварат гурез нест, бояд ки машварат бо аҳли ҳикмат  ва асҳоби таҷриба ва мардуми дурандешу пирони оқибатбин воқеъ шавад ва тадбири ин тоифа собит аст. Баҳроми Гӯр писари худро васият кард, ки дар умури мулк  мушовират кун бо хирадмандон, ки тадбири

босавоб сайдест ба дасти як кас наояд ва агар ҷамъе бошанд аз дасти эшон берун наравад ва ҳар ҳодисаи мушкиле, ки пеш ояд, то ба табдир пеш тавон кард ва ба чизи дигар майл макун, ки он чи ба тадбир муяссар шавад ба шамшери тез осонпазир набошад:

Корҳо рост кунад оқили комил ба сухан,
Ки ба сад лашкари ҷаррор муяссар нашавад.

Овардаанд, ки султони Румро ба Азизи Миср мухолифат афтод ва лашкар кашида қасди якдигар карданд. Дар лашкари румиён касе буд, ки ҳар сурат, ки ҳодис шудӣ, Азизи Мисрро аз он огоҳ кардӣ ва чун ахбори он ҳама рост буд, Азиз бар ӯ эътимод кард. Ин суханро ба Қайсар расониданд, мутлақан ба он ихтилоф кард ва ба рӯи он кас наёвард, то масоф наздик расид. Қайсар ӯро бихонд ва ба муҳиме дар пеши худ машғӯл сохт ва дар аснои он ҳол сарони лашкару умарои сапоҳи худро талабиду гуфт: «Умарои Азиз ва хоси баргоҳи ӯ ба ман навиштаанд ва савганд хӯрда, ки чуг сафи масоф (ҷои маҳориба) рост шавад, Азизро дасту гардан баста пеши ман оранд. Шумо дил фориғ доред ва ба қуввати тамом рӯи ба кор оред». Он мард чун ин сухан бишнид, мутуҳайир шуд, чун аз маҷлис бурун омад, дарҳол ин маъниро навишта пеши Азиз фиристод. Азиз чун ин ҳол маълум кард, битарсид ва таваққуф кардан маслиҳат надид ва масоф (ҷанг) накарда, рӯй ба гурез ниҳод. Қайсар дар ақиби ӯ лашкар фиристод ва бунаву амволи эшон ба даст овард ва ба ин як тадбир сипоҳеро мунҳазим сохт:

Ҳар ки бетадбир коре кард мулк аз даст дод,
Мулк мехоҳӣ, бинои кор бар тадбир неҳ.
Баҳри тасхири мамолик лашкару хайлу ҳашам,
Ҷумла даркоранд, лекин з-ин ҳама тадбир беҳ.

Яке аз мулук ҳакимеро пурсид, ки тадбир беҳтар аст ё шуҷоат? Ҳаким ҷавоб дод, ки шуҷоат мушобеҳи теғ аст ва роӣ ба масоибаи (ба мисли) дасти қавӣ, ки онро кор фармоянд. Ҳар киро даст ба теғ бошанд, коре тавонад кард, аммо теғро агар даст набошад, зоеъ монад. Бузургон дар ин боб гуфтаанд: Азизеро пурсидаанд, ки беҳтарин ройҳо ва собиттарини тадбирҳо кадом аст? Гуфт: «Он ки фитнаро фурӯ нишонад ва бар мулук лозим аст, ки ҳасбулмақдур дар таскини фитна кӯшиш намояд. Чунончи, малик Ҳаётуллоҳро воқеъ шуд. Ва сурати ҳол бар ин минвол буд, ки душмани азим аз Хуросон қасди подшоҳ Ҳаётуллоҳро кард. Ӯ низ лашкари азим тартиб дода, рӯй ба дафъи ӯ овард. Аркони давлати малик мулоҳизаи оқибати худ карда, тариқи пешбинӣ пеш гирифт, номаҳо ба душмани малик навиштаанд ва ихлосу ихтисос зоҳир карданд. Душмани маликро хуш омад ва ҳама мукотиби эшон дар харита карда ва мӯҳр бар он ниҳода ба хизона супурд.

Ва қаворо, вақти масоф малик Ҳаётуллоҳ ғолиб омад ва душман рӯй ба ҳазимат ниҳод ва хизонаву яроқи ӯ ба дасти малик афтод ва он харитаи мактубҳо, ки ургони давлати вай ба душман навишта буданд, дар он ҷо ба

даст омад. Малик чун маълум кард, ки дар он харита чист, сир боз накард ва ҳамчунон мӯҳр карда бигзошт ва бо худ гуфт, агар ин мукотибаро бихонам, ба зарурат ба аркони давлати худ бад шавам ва эшон, ки ин ҳол маълум кунанд, аз ман ҳаросон гарданд ва барои дафъи зарари худ қасди ман кунанд, ва оташи фитна боло гирад ва таскини он бағоят мушкил бувад. Дарҳол хоси даргоҳу муқаррабони ҳазрати худро бихонд ва он харитаро бад-эшон намуд. Ва гуфт:-Ин номаҳоест, ки бузургони лашкари мо аз рӯи оқибатандешӣ ба хасми мо навиштаанд. Ва ӯ ҳамаро дар харита ҷамъ карда ва мӯҳр бар он ниҳода …бифармуд, то оташ барафрӯхтанд ва он мукотибаро бисӯхтанд.

Чун аркони давлат он лутфу макрамат диданд, ҳама рӯ ба қарори худ боз оварданд ва дар мутобиати ӯ якдил шуданд. Бад-ин рои сутуда ҷумларо мутеи фармон ва роҳини (гаравгузорӣ) миннати худ сохт».

Ба тадбир коре тавон сохтан,
Ки натвон ба теғу синои сохтан.
Макун такя бар ганҷу теғу сипоҳ,
Зи фарзонагон рою тадбир хоҳ.

Гуфтаанд, ба ҳама кас аз аркон ва акобиру асоғир машварат бояд кард, ки хирадмандонро чизе ба хотир расид, ки бузургонро дар замир нагзошта бошад ва ҳеҷ кас дар машварат зиён накарда.

Ҳикоят. Яке аз уламои Марв духтаре дошт ба ғояти ҷамила ва ҷумлаи маорифи шаҳр дар хостгории ӯ буданд ва он олим мутаҳайир буд, ки ӯро ба кадом диҳад. Дар ҳамсоягии ӯ габре буд олм, ӯро талабиду гуфт: «Маро духтарест ва халқе ӯро хостгорӣ мекунанд. Ман намедонам, ки ӯро ба кадоме диҳам. Ту дар он чӣ савоб мебинӣ?» Габр гуфт: «Ман мардеам аз ислом бегона чи лоиқи машварати шумоям, ки ин сухан аз ман мепурсед». Олим гуфт: «Агар чи ту аз ислом бегонаӣ, аммо марди эминӣ ва бузургон гуфтаанд, ки бо мардуми эмин мушовират бояд кард…»

Рӯ мапеч аз машварат, зеро ки арбоби хирад,
Машваратро пешкори аҳли давлат гуфтаанд…

Ва ҳам дар ин боб гуфтаанд:

Корҳо бе мушоварат накунӣ,
То дар он суди бекарон бинӣ.
Ҳар чи он бе мушоварат созӣ,
Хурм медон, к-аз ан зиёи бинӣ.

## Дар ҳазму дурандешӣ

Ҳазм андеша кардан аст дар оқибати амр ва эҳтироз намудан ба қадри имкон аз халалу залал (хато). Ин хислат арбоби ҳукму фамонро хубтарин

хислат аст. Аз калимоти Афросиёб аст, ки ҳар ки заррае ҳазм дақиқатан дурандешӣ ва пешбинист. Марди оқил чун аломати шару фасод тафаҳҳум кунад дарҳол ба тадоруки он машғул гардад ва ҷоҳил то вартаи балое наяфтад, мутанбеҳ нагардад ва масалан, чун хирадманд бинад, ки касе сангу оҳан бар ҳам мезанад, тасаввур кунад, ки оташе зоҳир хоҳад шуд, дар андешаи тадоруки он афтад. Нодон то дар миёни оташ намонад, аз сузиши он хабар. Мисраъ:

Пеш аз вуқӯъи воқеа дар фикри хеш бош!

Бузургеро пурсиданд, ки ҳазм чист? Фармуд: «Асли ҳазм бадгумонист…» Дар «Таърихи саломӣ» мазкур аст, ки Асфор бинни Шерӯя бар қасди Рай ба Симнон нузул кард. Ӯро бар он доштанд, ки Абӯҷаъфари Симнониро ҳалок  кунад. Абӯчаъфар хабар ёфт, битарсид. Қалъаи маҳкам дошт, бад-он қалъа пинҳон шуд.

Чун Асфор вилояти Райро ба ҳавзаи тасхир даровард, Дайламиро бо сипоҳи гарон бад-он ҷо фиристод. Ҳарчанд хостанд, ки он қалъа бигиранд, муяссар нашуд. Охир Дайламӣ якеро восита кард, ки миёни ӯ ва Абӯҷаъфар шарти сулҳ афканад. Ва таъкиди сулҳу маслиҳат дар он диданд, ки Абӯҷаъфар Дайламиро ба сипоҳи лашкари худ мувозаа (аҳд) кард, ки чун ба эшон ба қалъа дарояд, иттифоқ карда Абӯҷаъфарро бикушанд.

Чун Дайламӣ ба дари ҳисор расид, Абӯҷаъфар хукм кард, ки Дайламӣ танҳо ба ҳисор  дарояд. Ӯ танҳо даромад ва мардуми ӯ берун монданд.

Ва Абӯҷаъфарро дарди устухонҳо буд, маҷоли ҳаракат надошт, бар ғурфа нишаста буд, ки аз даричаиҳои он ғурфа саҳро ба назар даромадӣ, Дайламиро он ҷо талабид ва замоне аз ҳар навъ суханон гуфтанд. Дайламӣ дар аснои он ҳолат Абӯҷаъфарро гуфт: «Хилват кун, то сир аз асрори мамлакат ба ту бигӯям». Абӯҷаъфар фармуд, ки то ғуломон аз он ғурфа бирафтанд, ҷуз ғуломи  хурдсоле, ки ҳавозеҳи (ҳоҷати) эшон муҳайё кардӣ… Чун ғурфа хилват шуд, Дайламӣ дари ғурфаро дарбаст ва ханҷар кашида Абӯҷаъфарро ҳалок  кард он ғуломак аз тарс бехуд шуда буд ва  маҷоли дам задан надошт. Пас, ресмони борики абрешимин, ки дар соқи мӯза дошт, берун кард ва дар он даричаҳо маҳкам карда аз ғурфа ба лаби хандақ фурӯ омад ва бо шино аз хандақ бигузашт ва ба лашкаргоҳи худ омад. Агар Абӯҷаъфар ҳазм варзидӣ ва бо ӯ хилват накардӣ хасмро бар худ фурсат надодӣ ва дар вартаи ҳалок наяфтодӣ…китъа:

Ба ҳазм кӯш, ки ин раҳ раҳи пур аз хатар аст:
Ба эҳтиёт қадам неҳ, ки ҷойи шӯру шар аст.
Ҳамин ки абр биборад чунон тасаввур кун,
Ки сел мерасаду хонаи ту баргузар аст.
Мабош ғофилу аз ҳазм бар карона машав,
Ки ҳазм тири балои замонаро сипар аст.
Касе ки оқибатандешу дурбин бошад,
Муқаррар аст, ки аз худ ҳамеша бохабар аст.

Чу бохабар бувад аз худ, ниҳоли давлати ӯ,
Иладдавом ба боғи мурод борвар аст.

**Дар шуҷоат**

Шуҷоат аз умматҳои (модарҳои) фазоил аст ва он қувватест мутавасит миёни ҷабону (номардӣ, тарсончакӣ) таҳаввур (далерӣ). Мардум шуҷоъро дӯст медоранд ва табаррук меҷӯянд. Мардуми шуҷоъ, эшон гумони некӯ доранд ва мардуми баддил дар корзор эътимод бар гурехтан доранд ва далерон бар фазл эътиқод мекунанд…қитъа:

Ба шуҷоат тавон гирифт ҷаҳон,
Ҳар ки баддил бувад, чӣ кор кунад?
В-он ки ҷуръат намояд андар кор,
Хештанро бузургвор кунад.

Холиди Валид, ки дар лашкари ислом ба ҷуръати тамом маъруф ва мавсуф буд, дар вақти реҳлат аз ин олам ашки ҳасрат аз дида меборид ва мегуфт: «Во ҳасрато!» Ки дар чандин саф масорифи шуҷоат намудам ва чандин алами зарбу таънаро таҳамул кардам ва ҳоло бар рӯи фарш мемирам, чунончи пиразанон мемиранд. Ва чун аз аҷал чора нест, боре боистӣ, ки ҷон дар гурез мебинанд хаёли кач ва тасаввури ботил аст, зеро ки қуввати ҷамъият ва шавкати ҷалолати мард дандони тамаъи душманонро бармеканад ва заъфу тарс ва сустию баддилӣ хасмро бар кас далер мегардонад ва аз ин аст, ки бештар баддилону тарсандагон алафи шамшер мешаванд ва далерону муборизон аз вартаи талаф берунмеоянд. Назм:

Ҳар ки баддилтар бувад дар корзор,
Бошадаш ҷон беқарору комгор.
Ҷуръате кун пеши мардон дар набард,
То барояд номат аз мардони мард.

Яке аз салотин дар масофе наъра мезад ва умарои силоҳи худро мегуфт, имрӯз рӯзи имтиҳон аст ва маъракаи ҳарб кӯраи мардон аст ва аз кӯра ҷуз зари холис ба саломат бурун наояд. Ва он ки мағшуш бошад, дар даруни кӯра солим намонад. Фард:

Куш бувад, гар маҳаки таҷриба ояд ба миён,
То сияҳрӯй шавад ҳар ки дар ӯ ғаш бошад.

Марди шуҷоъ он аст, ки нафсро дар иртикоби умури аъзам (бузург) ҳарис гардонад ва дилро бар таҳаммул нигоҳ дорад:

Маро ном бояд, ки гардад баланд,
Ки аз ном гардад касе арҷманд.
Ба мардӣ шавад фикри озода фош,
Чу номи накӯ ҳаст, гӯ ҷон мабош.

Афросиёб лашкари худро бифармуд, ки бар марг ҳарис бошед, то зиндагонӣ бештар ёбед. Мардон омодаи шадид бошед, то сармояи давлату азамат ба даст оредy бузургӣ ду чиз аст ё ба номи нек мурдан ё дӯстком зистан.

Марг дар чашми ҳар ки хор бувад,
Дар шуҷоат бузургвор бувад.
Ҳар ки ҷонро азиз медорад,
Бо ҷаҳондориаш чӣ кор бувад…

Ҳақиқат он аст, ки то касе аз сари ҷон барнахезад ва дар рӯзи масоф коре ки аз он боз тавон гуфт, аз ӯ таваққуф натавон кард. Фард:

То ту дил дар банди чон дориву ҷон дар банди тан,
Кай муроди хеш ёбӣ дар канори хештан.

Овардаанд, ки вақте лашкари ҳабаш бар вилояти Яман муставлӣ шуданд ва Сайф Зализан ба зарурат ҷудо гашта паноҳ бо Нӯшервон бурда аз ӯ мадад талабид. Нӯшервон бифармуд, то ҷамъеро аз дуздон ва айёрон ва аҳли фитна, ки дар зиндон буданд, силоҳ дода ҳамроҳи ӯ сохтанд ва эшон ҳазору ҳаштсад тан буданд. Пас Сайф Зализан бо он мардон дар киштӣ нишаст, чун ба соҳил расид аз киштӣ берун омаданд. Сайф фармуд то тамоми киштиён бишкастанд ва маҷмӯи таомҳоро бирехтанд ва гуфт: Эй ёрон, дар мамлакати Яман даромадем ва бо душманон ҳарб мебояд кард. Ҳоло шумо дар миёни ду кор афтодаед, нек таамул кунед, ки дар ин авқот ғолиб бояд шуд ё кушта мебояд гашт. Ба зарурат он гурӯҳ дил аз ҷон баргирифта мардона ба кор даромаданд ва он мардуми андак бар бисёри аз лашкари ҳабаш ғалаба карданд. Пас, марди корзор бояд ки тарсро ба худ роҳ надиҳад. Рустами Достон гуфтааст, ки ҳазор захм бар ман ояд вай дӯсттар дорам, аз он ки бар бистари бемори ҳамчу пиразанон бимирам:

Ба номи накӯ кушта гардам равост,
Маро ном бояд, ки тан маргрост.

Ҳар ки аз салотин ҷуръату шуҷоат бештар буда ва дар таҳаммул пойдории зиёд намуда, зудтар ба манзили мақсуд расида ва чеҳраи мурод дар оинаи азимати хеш ба мӯъҷиби дилхоҳ дида. Овардаанд, ки чун кори Яъқуби Лайс боло гирифт, даъво кард, ки Хуросон ба ҳавзаи тасарруф ва тасхири вай дарояд. Рӯзе азамати ҳарбе карда буд ва умарои лашкар бар дари боргоҳ ҷамъ шуда, Яъқуб силоҳ ба тамом пӯшида ба бом баромад. Онон гуфтанд: ҳоло толеъ вақти наҳусат (наҳс) дорад. Савор шудан дар таваққуф доред, ки ҳашт соати дигар, пас нек мешавад ва толеъу бахт ба ҳасби дилхоҳ мегардад. Яъқуб ҳамчунон силоҳ пӯшида дар фасли тобистон

дар болои бом ва дар офтоб то ҳашт соат биистод. Чунончи аркони давлат аз сабри ӯ дар ачаб монданд. Чун вақт расид ва толеъ суд гашт, аз бом фуруд омад ва савор шуд. Ҷамъе пурсиданд, ки сабаби истодани амир дар офтоб чӣ буд? Гуфт: Ман кори бузург дар пеш дорам ва дар ин муҳим, ки рӯй ба он овардаам нозукӣ ва коҳилӣ дар ҳусули мақсуд дар вай хоҳад намуд. Яъқуб дар талаби давлат, то ин ғоят ҷаҳд намуд расид ба дараҷае, ки расид. Қиъа:

Шоҳиди мулк аст дар аҳди касе, к-аз рӯи ҷид (д),
Даст дар оғӯш бо шамшеру ханҷар мекунад.
Он ки поро бар сари нозу тағаннум мениҳам,
Кирдугораш дар ҷаҳон сардору сарвар мекунад.
Подшоҳӣ дар чаман доданд гулро з-он ки гул,
Бо вуҷуди нозукӣ аз хор сар бармеканад.

Ва ҳам аз Яъқуби Лайс ҳикоят кунанд, ки вақте ҷамъе аз ҷавонони Сиистон нишаста буданд ва аз зароифу латоиф чизҳо бозмегуфтанд. Яъқуб низ он ҷо буд. Ва ҳанӯз ба талаби мулк напардохта ва риояти мардумиву мардонагӣ барнаяфрохта. Яке гуфт: «Латифтарин либосҳо атласи хитоӣ аст». Дигаре фармуд, зарифтарин тоҷҳо тоқияи румӣ, дигаре илова намуд, ки аз манозилҳо бӯстонҳои пургулу раёҳин беҳтар аст, дигаре гуфт, аз машрубот хамри софӣ мувофиқтар аст ва дигаре чунин намуд, ки аз нағамоти созҳо овози уд мулоимтар аст… Чун навбат ба Яъқуб расид, гуфтанд ту ҳам сухане бигӯ. Гуфт: «Хубтарин либосҳо рағза аст ва беҳтарин тоҷҳо хирад ва зеботарин шаробҳо хуни душманон рехтан ва латифтарин сояҳо сояи найза ва зарифтарин овозҳо шиҳаи аспон ва гиромитарин инсонҳо мардони корзори ҷанг мебошанд…».

Қитъа:

Гулу райҳони мо теғ асту ханҷар,
Ба кори мо наояд наргису дое.
Шароби мост хуни душмани мо,
Асоси каллаи ӯ беҳтарин кос.

Овардаанд, ки яке аз салотини арабро рӯзе бо душмане иттифоқи муҳорибат афтод ва чун ҳарду лашкар саф кашиданд, умарои давлат малики арабро гуфтанд: «Эй малик, муҳими ҳарб аз ду берун нест, ё нусрат аст ё хизмат. Агар ба хукми қазову қадар шакке бар лашкари мо афтад, туро куҷо ҷӯем?» Гуфт, ки бигрезам ҳаркӣ маро ҷӯяд аз риояти парвардигор маҳрум бод, леки магар ғалаба хасмро бошад, маро дар майдони зери сӯми асбон талабед, яъне ғолиб мешавам ё кушта мегардам:

Ё биронам ба чархи гарданда,
Ё шавам зери по сарафканда.

Овардаанд, ки дар он ҳарб шамшер мезад ва бар лашкари хасм ҳамла мебурд, то вақте ки офтоб бар нисфи рӯз расид ва ҳарорат бар дили

муборизон ғалаба кард ва дилҳо аз ташнагӣ хушк шуд ва ғубори корзор бар рухсораҳо нишаст. Яке аз хосғуломони араб бо зарфе об бар ақиби малик метохт, то ба наздики вай расида гуфт: «Ё малик, ташна шуда бошӣ замоне таваққуф фармой, то қадре об биёшомӣ». Малик гуфт: «Теғи обдори ман аз ман ташнатар аст. Ба худо, ки то ӯ аз хуни душман пуроб нашавад, ман ташнагии дуруст ва ҷуръати том ва шуҷоати комил ӯ ба душман зафар ёфт:

Касеро, ки эзид кунад ёварӣ,
Ки ёрад, ки бо вай кунад доварӣ.

Аз Сикандари Зулқарнайн пурсиданд, ки нишони подшоҳи далер чист? Гуфт: «Он ки напурсад, ки душман чанд аст, балки тафаххус кунад, ки куҷост» ва ҳар оини чунин сардоре:

Чу шамшери ҳиндӣ бигирад ба даст,
Ба саффи водӣ дарорад шикаст.
Ба гурзи гаронсангу шамшери тез,
Равон дар ҷаҳон афканад растухез.

Нӯшервон аз Бузургмехр пурсид, ки шуҷоат чист? Гуфт: «қуввати дил». Гуфт: «Чаро қуввати даст намегӯӣ?» Гуфт: «Агар дил қавӣ нест, қувват дар даст намемонад ва ман шунидам, ки яке аз муборизони араб пир шуда буд ва бо вуҷуди заъфи пирӣ қуввати дил дошт. Рӯзе мехост, ки савор шуд. Беадабе оғози таъна задан кард, ки аз ин кас чӣ кор ояд, ки ду кас бояд, ки ӯро савор кунанд. Шуҷоати ӯ чӣ хоҳад буд? Пир сухтани ӯ бишунид, гуфт: «Оре, ду кас бояд, ки ӯро савор кунанд, аммо ҳазор кас бояд, ки ӯро фурӯд оранд» Нӯшервон сухани ҳакимро мусаллам дошт ва фармуд, ки рост гуфт, қуввати даст тобеи қуввати дил аст».

Фард:

Одамиро қуввати даст аз дил аст,
Ҳар ки ӯро дил қавӣ, бозу қавист.

Дар вақте ки Искандар ба азимати тасхири олам савор мешуд. Арастуро талабиду гуфт, ки эй ҳаким, дар ин майдон, ки қадам ниҳодаам ва ин муҳиммеро, ки пеш гирифтаам ҳар оина маро дӯстону душманон падид оянд, бо ҳар як аз эшон чӣ гуна маош кунам? Гуфт: «Эй малик, асл он аст, ки то мумкину мақдур бошад, душманангезӣ накунӣ ва бар дӯстон хорӣ раво надорӣ ва агар душмане пайдо шавад, ӯро бо истимола (навозиш) ихтисос диҳӣ, то дӯст шавад. Ва дӯстро ба иззату ҳарумат хос гардонӣ, то аз дӯстӣ барнагардад». Искандар фармуд, ки зиёдат кун. Ҳаким фармуд: «Аз кори душман ғофил нашавӣ, агарчи андак бошад. Ва бар лашкар эътимод накунӣ, агарчӣ бисёр бошад. То муҳим ба сухани нарму оҳиста сохта тавонад шуд, каломи дурушт бар забон наронӣ ва кор ба тозиёна бароям, шамшер аз ниём барнаёрӣ». Искандар фармуд, ки шояд кори ман бохасм ба муҳорибат

анҷомад. Дар он чӣ кифояти мудохил тавон кард. Ва ба кадом навъ иқдом тавон намуд? Ҳаким гуфт: «ҳоли ҳарб аз ду берун нест, ё ту ба ҳарби касе меравӣ ё касе ба ҳарби ту меояд. Агар ту ба ҳарби касе қасд кардаӣ, даҳ шарт бояд риоят кард: аввал, бояд ки ғарази ин ҷанг ҷуз хайри маҳз набошад ва дафъи зулму фасод бувад. Дуюм, таваҷҷуҳ бояд намуд дар хайру садоқат кӯшидан ва ба аҳли кулубу қубур ҳиммат фармудан. Сеюм, ҷосусон фиристодан ва тарзи зиндагии мардуми тарафи душманонро фаҳмидан. Чорум, бо лашкар таваҷуҳ бояд кард, ки ҳама якдилу якҷоя бошанд.

Касеро зафар бар зафар ҳосил аст,
Ки дар пурдилӣ лашкараш якдил аст.
Сипаҳро, ки фирӯзмандӣ расад,
Зи ёрони якдил баландӣ расад.

Ба мувофиқати акобир ва иттифоқи бузургон, хусусан ақрабо дар ин боб заруратест.

Панҷум, лашкарро ваъдаҳои некӯ додан ва ба навидҳои бузург мушарраф гардонидан. Шашум, то тавон ба нафси худ мубориши ҳарб набояд шуд, ки агар шикасте рӯй намояд, онро тадорук тавон намуд. Ҳафтум, дар тадбири кори лашкаркашӣ ва сипаҳсолорӣ касеро ихтиёр бояд намуд, ки ин сифот дошта бошад. Аввал шӯҷоъу қавидил бувад ва ба он шӯҳрат ёфта бошад, то аз он тарсу ҳарос дар дили душман афтад ва дигар тадбири тамом дошта ва дохилу беруни ҷангро дониста.

Ҳаштум, он аст, ки чун касе дар аснои ҳарб ба муборизату шуҷоат мумтоз шавад… дар ҳаққи ӯ муболиға бояд намуд, то дигаронро низ майли ҳаводорӣ ва ҷонсипорӣ шавад. Нӯҳум, дар рӯзи ҳарб аз ғафлат дур бояд гашт. Даҳум, агар лашкари хасм шикаста гардад, дар паи эшон набояд рафт ва ба зудӣ касе дар ақиб набояд фиристод, ки чандин карат воқеъ шуда, ки лашкар боз ёфта муовадат (бозгашт кардан) намудаанд ва лашкари ғолибро мағлуб сохта ва агар касе ба ҳарби ту меояд ва ту дар садади дафъи уйӣ аз ду берун нест: ё туро тоқати муқовимати ӯ ҳаст ё на. Агар ҳаст аввало он аст, ки ба ҳар навъ аз анвоъи табдире, ки мумкин бошад ӯро аз мақоми душманӣ бибояд гузаронид. Ва агар ин сурат даст надиҳад шароити ҳарб он чи мазкур шуд риоят бояд фармуд. Ва агар тоқати муқовимат нест, ҷосусон ва дидбонон бар он кор бояд кард ва дар муҳофизати роҳҳо ва дарбандҳо ва истеҳкому қалъаҳо захира ниҳодан тақсир набояд намуд ва дар талаби сулҳ…зарурат аст. Агар душман талаби сулҳ кунад аз сулҳ ибо набояд намуд ва аслан ситеза ва лиҳоҷ пеш набояд гирифт, ки лиҳоҷ мазмун аст ва толиби сулҳ ба охир музаффару мансур». Назм:

Ситеза макун з-он ки боди ситез,
Кунад боғи инсофро баргрез.
Ситеза ба ҷое расонад сухан,
Ки вайрон кунад хонумони куҳан.
Кунад оқил андар раҳи сулҳ сайр,
Ту ин роҳ марав, ки ас-сулҳу хайр.

Сикандар ин суханонро дастурамал сохта бинои ҷангу сулҳ бар ин ниҳод ва чун сифати шуҷоат мароҳили давлатро беҳтарин сифатест…

Якояк теғаи чун наргиси ёр,
Саросар сафшикан чун зулфи дилдор,
Вилоятгир чун ҷаври рақибон.
Ғуборангез чун ҷаври рақибон.
Ҳама чун чашми хубон фитнаангез,
Ҳама чун ханҷари мардони хунрез.

**Дар ғайрат**

Ғайрат нигаҳдории чизест, ки инсонро сиёнати (ҳифз) он лозим бошад ва дар тадбири муҳиммот ва таъкиди сиёсат салотинро аз ин сифат чора нест, ҳам дар умури миллат ва ҳам дар нигаҳдошти мамлакат…

Ғайрати дунё се навъ аст: Аввал, нисбат ба ашьё, дуюм, нисбат ба хосони худ, сеюм, нисбат ба умумии халқ. Аммо он чи нисбат бо амсоли худ аст, чунон бошад, ки тафавуқ (бартарӣ) хоҳад бар эшон ба мартабае, ки ҳеҷ кадомро бар ӯ сарафрозӣ нарасад ва ба ҳасби ҷоҳу савлат ва қадру шавкат ва ҳашамату азамат ва иқтидору абҳат (ҳайбат) аз ҳама беш бошад ва ҳар оина зуҳури ин ғайрат ва касрати ин ҳамият корҳои куллӣ кушояд, муҳиммоти ҳасбулмурод  борояд ва ин аз хасоиси (хусусиятҳои) аҳли ҳиммат аст ва ҳарчанд ҳиммат баландтар бошад, ғалабаи ин ғайрат бештар бувад. Овардаанд, ки яке авлоди салотин ҳакимеро пурсид, ки ман мехоҳам, ки аз ихвону иқрони худ бар сар оям ва гӯйи давлат аз майдони ихтиёр ба чавгони иқтидор бирабоям. Маро аз асбоби ин кор чӣ чиз ба даст бояд овард? Ҳаким гуфт: Эй маликзода, ҳеҷ шайъе мар (чиз) иқтибоси давлатробеҳ аз ҳиммат ва ғайрат нест:

Касе, к-ӯ зи ғайрат барафрохт теғ,
Сари теғро бигзаронад зи меғ.
Зи ғайрат ба даст оядаш ному нанг,
Зи ғайрат муроди худ орад ба чанг.
Чунин гуфт он марди бедорбахт,
Ки аз ғайрат ояд ба каф тоҷу тахт.

Аммо ғайрате, ки нисбат ба хоси худ аст, ончунон бошад, ки хоси ҳарами (хонаи) худро аз чашми номаҳрам пӯшида дорад. Ва ҳарчи лозим бошад, эшонро бар он муҳайё созад, то ба баракати он раъият низ ба салоҳ мавсуф ва аз фасод дур бошанд:

Исматиёнро ба мақоми ҷалол,
Ҷилва ҳаром аст магар бо ҳалол.
Дида ба ҳар рӯй набояд кушод,

Пой ба ҳар кӯй набояд ниҳод.
Ин ҳама одат, ки ба тан мерасад,
Аз назари тавбашикан мерасад,
Дида фурӯ пӯш чу дурр дар садаф.
То нашавӣ тири балоро ҳадаф.
Ҳар ки ба ҷуз ҷуфти ҳалолат бувад,
Рух манамо дар ҳама ҳолат бувад.

Аммо ғайрат ба нисбати умуми халқ чунон аст, ки ғайрате ки бар пардагиёни ҳарами салтанат дорад нисбат бо ҳарами мусулмонон ба ҷой орад ва нагузорад, ки аз мулозимони даргоҳи олампаноҳ бадномӣ ба хонадони мардум. Ба номус расад ва дар иткишофи мусулмонон саъйе намояд ва уюби (айби) раоён (мардумон) мамлакати худ ба қадри имкон пӯшида дорад ва дар ҳадис омада, ки ҳар ки айби мусулмоне пӯшад, худои азза ва ҷал уюби дар дунё ва охират пӯшида дорад:

Масале ҳаст, ки устар сутуруллоҳи алек,
Пардаи кас надорӣ кас надорад пардаи ту.

Ҳиммат ҳамон ғайрат аст, ки дар ҳимояти ҳоли худ ва камоли ғайрат он аст, ки чун касе паноҳ ба вай орад, ӯро зинҳор дода ба ҳусни ҳимояи худ зоеъ нагузорад. Дар Араб дастур буда ва ҳоло ҳам дар вилояти Ҳиҷоз ҳаст, ки чун касе дар сояи девори эшон даромадӣ, ӯро ҷавор (паноҳ) додандӣ, бе он ки забон зинҳор хостӣ, зинҳори худро ба дасти касе боз надодандӣ. Ва бисер мол дар ин кор сарф кардандӣ, балки хунҳо рехтандӣ ва аз сари ин кор дарнагузаштандӣ ва баъзе ҷонварон низ, ки ба хаймаи эшон паноҳ овардӣ, ё ба чарогоҳи эшон даромадӣ, ҳимоят кардандӣ.

Овардаанд, ки Баҳроми Гӯр вақте дар диёри Араб бо Нӯъмони Манзар мебуд ва Нӯъмон ӯро ба амри падараш – Яздигурд тарбият мефармуд. Рӯзе дар шикор қасди оҳуе кард ва оҳу аз пеши ӯ даррасида ҳар тараф мегурехт ва Баҳром аз ақиби ӯ метохт. Ҳаво гарм шуд, оҳу аз ташнагӣ бетоқат гашта ба канори қабилае расид ва ба хаймаи Қабиса ном арабе даромад. Баҳром ба дари хайма расид, тир ба камон ниҳода наъра зад, ки эй соҳиби хона, шикори ман ин ҷо омад, берун ор! Қабиса надонист, ки кист. Гуфт: «Эй савори зеборӯй! Мурувват набошад, ки ҷонваре, ки паноҳ ба ин хайма оварда бошад, ба дасти касе боз диҳам, то бикушад!».

Баҳром дуруштӣ оғоз кард. Қабиса гуфт: «Сухандарозӣ макун! То ин тир, ки дар камон дорӣ бар синаи ман назанӣ ва маро накушӣ, дасти тасарруфи ту ба гардани ин оҳу нарасад.

Ва он дам маро бикушӣ, мардуми қабилаи ман туро ба ҷустуҷӯи оҳу нахоҳанд гузошт. Бар ҷони худ раҳм кун ва аз сари ин оҳу даргузар. Агар таваққӯе дорӣ, ин аспи тозинажодро, ки бар дари ин хайма баста аст, бо зину лаҷоми муталло (тилло давондашуда) ба ту додам, савор шав ва аспи худро ҷанибат (кӯтал соз) ва ба мақоми худ бозгард». Баҳромро ин ҳимоят хуш омад ва ба аспи ӯ илтифот намуда, инон баргардонида рафт. Он рӯз, ки тоҷи

салтанат бар фарқи ҳиммати ӯ ниҳоданд ва Аҷам тавқи фармони ӯ дар гардани итоат афканданд. Баҳром Қабисаро талабид ва тарбият кард ва ӯро дар Араб «муҳомир-ул-ғизлон» лақаб карданд, яъне зинҳордиҳандаи оҳувон ва ҳимояткунандаи оҳувон ва ҳимояткунандаи эшон. Назм:

Касеро, ки орӣ ба зинҳори хеш,
Нигаҳ дор андозаи кори хеш.
Ба мардӣ ҳимоят аз ӯ вомагир,
Ба мардонагӣ  кор аз ӯ дарпазир.
Яке қатра орад ба даре паноҳ,
Зи садри садаф созадаш такягоҳ.
Ба сад тарбият номдораш кунад,
Яке гавҳари шоҳвораш кунад.

**Дар сиёсат**

Он забт  кардан аст ва доштани сиёсат ду навъ аст: Яке  сиёсати нафси худ, яке сиёсати ғайри худ. Ва аммо сиёсати нафс бар интизоми ахлоқ замина аст. Ва касби авсофи ҳамида ва сиёсати ғайр аз ду қисм аст. Яке сиёсати хосу муқаррибони даргоҳ ва забту насақи эшон ва дуввум сиёсати авом. Сиёсати авом бар он ваҷҳ аст, ки бадону бадфеълонро бояд, ки пайваста тарсону ҳаросон дорад. Ва некону неккирдоронро умедвор созад.

Аз Абӯзари Ҷамҳар пурсиданд, ки кадом подшоҳ бузургвортар аст? Гуфт: «Он ки бегуноҳон аз ӯ эмин  бошанд ва гунаҳгорон тарсон ва маззаи теғи барқинашон бо гиряи ситамгарон мудаббири муқтарин (наздикшаванда) бошад ва равиши насими файзрасонаш бо борони инъом бар дарвешони мустаҳиқ макоран  (пайваста) бувад».

Нақл аст, ки Ҳушанги малик мегуфта, ки раҳмати ом аз худой бар некону муслимон ва хашми худо бар бадону муфсидон  неши қаҳрам бо нӯши лутф даромехтааст: Фард:

Тарёку заҳр ҳар ду маро дар хазина ҳаст,
Онро ба дӯстон диҳам инро ба душманон.

Ҳукамо гуфтаанд, мадори олам бар сиёсат аст ва ӯро ба шаҳнагии ҷаҳони қавну фасод номзад кардаанд. Агар забти сиёсат набошад, муҳимоти ҷаҳон бар насқ намонад ва агар қонуни таъбиду таъзиб набувад, корҳо рӯй ба табоҳӣ ниҳад:

Аз сиёсат низом ёбад мулк,
Бе сиёсат халалпазир бувад.
Насақи корҳои оламро,
Аз сиёсат ногузир бувад…

Гар теғи сиёсат салотин набувад,

Дар олами хок оби хуш кас нахӯрад.

Дар ҳадис омада, ки агар подшоҳ набудӣ, одамиён баъзе баъзеро бихӯрдандӣ, яъне ҳалоку нобуд сохтандӣ. Мамлакатро ҷуз ба сиёсат забт натавон кард ва фитнаро ҷуз ба сукуну сиёсат ором натавон дод. Овардаанд, ки яке аз хулафо ба мимбар баромад, теғ кашида ва мусфаҳ бар даст гирифта пас дар аснои хутба гуфт: «Эй мардумон, некуи шуморо ин бас аст, яъне мусҳаф. Ва бадони шумо ҷуз ба ин рост нашавед, яъне шамшер:»

Сиёсат оташе бошад, ки онро,
Зи баҳри бадсиголон барфурӯзанд.
Чу эшон мефурӯзанд оташи зулм,
Ҳамон беҳтар, ки эшонро бисӯзанд.

…Рӯзе яке аз ринду авбош гулдастае ба хидамати Тамғоҷхон овард, султон бистуду гуфт: «Аз куҷо овардаӣ?» Гуфт «Аз гулзорҳо барчидаам». Гуфт: «Гулзорҳо мулки ту буда?» Гуфт: «На». Гуфт: «Аз моликаш харидаӣ?» Гуфт: «Не, дар ин шаҳр гул нахаранд ва бисёр беҳиммат бошад». Султон тааммул фармуд а гуфт: «ҳар ки бе дастури касе дар боғи ӯ равад ва гул бичинад, метавонад низ ки бе изни (иҷозат) ӯ мева бозканад. Ва аз ин амалҳо суратҳои дигар низ мутасаввур аст». Ҳукм кард, то дасташ бибуранд. Акобирин шафоат карданд, то як ангушташ бибурриданд. Тамғоҷхон пайваста риндону бебоконро мекуштӣ. Рӯзе ин ҷамоат бар дари дарвозаи шаҳр навиштаанд, ки мо он гиёҳем, ки ҳар чанд сар зананд, бештар шавем. Ин хабар ба султон расид. Фармуд то дар паҳлуи он хат навиштанд, ки мо низ боғбонем мунтазир истода, ки ҳар чи сар барорад, бидарвем. Фард:

Ҳар хор, ки сар барзанад аз гулшани мулк,
Филҳол сараш ба теғ барбояд дошт.

Гӯянд, ки Ҳурмуз бини Нӯшервони одил худро ба сиёсат аҷтарон (наздик шудан) дода буд, лутфи худро ба қаҳр инзимом дода фармуда, неконро бинавохтӣ ва бадонро расво сохтӣ:

Зада сиёсати ӯ роҳи корвони ситам,
Кашида марҳаматаш хони адл дар олам

Вақте риқобдори ӯ дар боғ рафт ва яке хӯшаи ангур бе иҷозати боғбон бозканд, боғбон аспи ӯ бигирифту гуфт: «Маро хушнуд кун ва илло назди шоҳ Ҳурмуз аз дасти ту тазаллум (арз) кунам». Ғулом ба вай чизе медод ва ӯ розӣ намешуд, алқисса ҳазор динор ба ӯ дод. Аз ниҳеби сиёсати Ҳурмуз. Ҳукамо гуфтаанд: «Салтанат мисли ниҳол аст ва сиёсат мисли об. Пас лозим аст бехи дарахти салтанатро ба оби сиёсат тоза доштан, то самараи амну амон ҳосил ояд.

Хуш он шаҳриёре, ки аз рӯи дониш,

Таммул кунад дар китоби сиёсат.
Сари теғи ӯ гулшани салатанатро,
Тару тоза дорад ба оби сиёсат…

Пас аз одамиён ҳар ки бар хӯю хислати фариштагон аст, афзали навъи инсон аст ва ҳар ки бар табъу сирати сибоъ ва ҳайвон бошад, бадтарини даррандагон ва газандагон аст. Ва мустаҳақи сиёсат эшонанд на одамиён». Маснавӣ:

Сиёсат писандида бошад басе,
Валекин нагӯем бо ҳар касе.
Бихур мардумозорро хуну мол,
Ки аз мурғи бад канда беҳ пару бол.

Овардаанд, ки Хусрави Парвиз аз бузурге пурсид, ки аз табақоти халқ лоиқи сиёсат кист? Гуфт: «Эй малик, халоиқ панҷ табақаанд: Аввал, онҳо, ки дар зоти худ неканд. Аз эшон ҳама некӣ ба халқ мерасад, эшонро тақвият бояд кард, бо эшон суҳбат бояд дошт. Дуввум, ҷамъе ки ба худ неканд, ва аммо асари некии эшон ба касе намерасад, эшонро азиз бояд дошт ва бар хайр таҳрис бояд кард. Саввум, гурӯҳе ки миёнаҳол бошанд, яъне аз эшон на хайр ба мардум расад ва на шарр. Яъне дар зоти худ на хайр бошанд ва на шарр. Эшонро роҳи хайр намуд ва аз шарр таҳзир (парҳез) бояд фармуд. Чаҳорум, тоифае, ки эшон бад бошанд. Аммо ба кас ба нарасонанд, эшонро хор бояд дошт, то тариқи бадӣ кунанд. Панҷум, фирқае, ки ҳам бад бошанд ва ҳам бадии эшон ба мардум расад, эшонро сиёсат бояд кард ба ваъдаву таҳдид он гаҳ зарб, пас ҳабс ва охир қатл». Фард:

Оташеро, ки халқ, аз ӯ сӯзад,
Ҷуз ба куштан илоҷ натвон кард.

Ва яке дигар аз фавоиди сиёсат таскини фитна аст, чи мардуми фитнаангез чун бинанд, ки оташи сиёсат тез аст дар гӯша гурезанд ва агар андак рахнае дар кори сиёсат мушоҳида равад ҳазор фитна бар пой кунанд ва аз ҳар ҷиҳате шӯру шойе ба зуҳур расонанд. Назм:

Агар султон нафармояд сиёсат,
Занад ҳар нокасе лофи риёсат.
Бало бар ҳам занад рӯи заминро,
На давлатро бақо бошад на динро.
Чу мардум забт дар кишвар набинанд,
Ба ҷуз фитна раҳи дигар набинанд.

Ва ҳам дар ин боб гуфтаанд: қитъа:

Агар на ҳайбати шамшерро подшоҳ бувад,

Чи шӯрҳо, ки ба як дам зи шаҳр бархезад.
Касе ки дасти чап аз дасти рост нашносад,
Ҳазор фитна чу досташ диҳад, барангезад.

**Дар таяққуз ва хибрат**

Таяққуз бедорӣ бошад дар кори мамлакат ва хибрат огоҳӣ аз ҳоли раият.. Мулуки одил баъд аз иттилоъ бар он саъй намояд, то ҳар халале ва залале, ки дар бунёди маъдалат зоҳир шуда бошад, мараммат (таъмин) ёбад ва ислоҳ пазирад, пеш аз он ки дасти тадорук ба домани талофии он нарасад. Байт:

Ба аввал тавон кард ислоҳи кор,
Аз он пеш, к-аз каф равад ихтиёр.

Ва бисёр буда, ки салотин дар шаб мегаштанд ва тафаҳҳуси аҳволи раъияту мамлакат мекарданд. Чӣ бисёре ахбор бошад, ки муқаррибони даргоҳи салтанат наметавонанд ва агар ба самъи эшон расад, ба ҷиҳати маслиҳати худ ё мулоҳизаи вақту замон ба подшоҳ нагӯянд ё натавонанд гуфт:

Чу некӯ матоест корогоҳӣ,
К-аз ин нақл олам мабодо тиҳӣ.
Зи олам касе сар барорад баланд,
Ки дар кори олам бувад хушманд.

Овардаанд, ки дар Хоразм подшоҳе одил буд риояти шафқат ба халқ, дар майдони марҳамат афрошта. Қитъа:

Зи адли ӯ шуда бози сафед ҷуфти куланг,
Зи амни ӯ шуда шерри сияҳ, рафиқи шағол.
На он фароз барад дар ҳаво бад-он чангол,
На ин дароз кунад дар замин бад-ин чангол.

Дар замони ӯ касеро заҳра набуд, ки ба ошкор амале нописандида аз фиску фуҷур тавонистӣ кард. Магар яке буд аз умаро ва аъёни давлати ӯ, ки ҳуқуқи хидмати қадимӣ дошт ва бар дари боргоҳ ба ихтиёри ӯ касе набуд худро ба сурати салоҳ ба султон намудӣ ва дар хуфья (пинҳонӣ) ба хамру замр ва анвои фисқ машғул будӣ ва касе заҳраи он надошт, ки аз вай шикоят кунад. Султон бар он ҳол вуқуф ёфта , нахост, ки ошкоро дар ин боб сухан гӯяд, чӣ изҳори ин навъ калимот аз акобир рафъи ҳиҷоб ва эҳтишом кунад ва он маҳобати (ҳайбатнокии) салтанатро мазар (зараровар) аст. Пас, рӯзе аз рӯзҳо он амирро талабид ва фармуд, ки маро мурғе мебояд, ки минқори ӯ сурх бошад ва сарҳои боли сиёҳ, боқӣ сафед. Ва ҷуз ту касе ин навъ мурғро пайдо натавонад кард. Амир гуфт, ки ба талаби он иштиғол намоям ва ба ҳар ваҷҳ, ки тавонам пайдо созам, аммо маро се рӯз мӯҳлат бояд дод. Султон

мӯҳлат дод. Амир ба ҷӯстуҷуи мурғ машғул гашт. Дар шаҳру навоҳӣ чунин мурғе ба даст наёмад.

Амир баъд аз се рӯз бозомада, тамҳид дод, ки: «Эй малик, бад-он миқдор, ки  мақдур доштам, ҷидду ҷаҳд намудам ва дар тафаҳҳуси чунин мурғе саъй кардам, пайдо нашуд. Ишорати ҳазрати олӣ ба ҳар чӣ содир шавад дар арзи он то мақдур муҳаё гардонем».

Султон фармуд, ки матлуби ман мисли  ин мурғест ва ман ихтиёри шаҳру вилоят ба дасти ту додам ва ту аз таҳсили ин миқдор оҷизӣ, чӣ гуна аст? Бирав, се  рӯзи дигар мӯҳлат додам ва ин навбат бе чунин мурғе боз наёӣ. Дигарбора амир  бирафт ва баъд аз се рӯз дасти тиҳӣ бозомад. Султон фармуд, ки ту аз шаҳр чунин  хабар дорӣ, ки чаҳор мурғ ба ин шаклу ҳайат дар як хона аст ва пайдо наметавонӣ кард.

Бирав ба сари чаҳорсӯи шаҳр ва ба бозори шарқӣ гузар кун, чун ба дари фалон масҷид расӣ, маҳаллаест дар дасти рост. Дар он маҳалла кӯчаест бад-ин  нишон, дар пеши  он кӯча хонаест ва дар даруни он хона хонаи хурд аст. Дари он хона бикушой дар он ҷо  ва дар он қафас чаҳор мурғест бад-он навъ, ки ман гуфтам биёр. Амир ҳайрон шуда аз назди  султон берун омад ва ба дастуре, ки малик  нишон дода буд, бирафт ва қафасро бо мурғон  ҳозир гардонид. Малик фармуд, ки аҳли ҳукуматро бояд, ки худ чунин бохабар бошанд, ки ман ҳастам. Амир, ки ин сухан бишнид, ба худ андеша кард, ки подшоҳе, ки аз бозору кӯча ва аз хонаи шаҳр чунин бохабар аст, имкон медорад, ки бар аъмоли  пинҳони ман ҳам вуқуф  дорад. Тавба кард ва бо роҳи рост боз омад.

Аз ин ҳикоят маълум мешавад, ки иттилои салотин бар аҳволи мардум фавоиди бисёр дорад. Маснавӣ:

Чунин гуфт марди суханофарин,
Зи ахбори шоҳони Эронзамин.
Ки Ҳурмуз ба ҳангоми назъи равон,
Ба Хусрав чунин гуфт: «К-йэ навҷавон!
Ҷаҳоне ба зоти ту вобастаанд,
Ба фармони  ҳукми ту побастаанд,
Ба ғафлат макун хоб, бедор бош!
Зи аҳволи гетӣ хабардор бош.
Чу дар ӯҳдаи туст олам тамом,
Машав ғофил аз кори худ, вассалом».

Дафъи ғафлат ба таини соҳибхабарон  аст, то бар аҳволи ҳар вилоят иттилоъ ёбанд. Мансури  халифа гуфтааст, ки ман ба се кас мӯҳтоҷам: аввал, омиле ки моли раият ба манн надиҳад ва моли манн ба раият нагзорад. Дуввум шаҳнае ки доди мазлум  аз золим  бистонад ва ҳукм бетамаъу ғараз кунад, пас  оҳи сард баркашиду  гуфт: «Эй  дареғ аз севвум». Пурсиданд, ки он кист? Гуфт: «Он шахсе, ки сурати аҳволи инонро чунончи ҳаст бознамояд ва алҳақ агар  подшоҳро чунин касон ба даст афтанд, пас  салоҳ дар миёни халқ падид ояд. Овардаанд, ки Ардашери Бобак азбаски тафаҳҳуси ҳоли

гузаштагон ва наздикон кардӣ кор ба он ҷо расида буд, ки ҳар чӣ ҳар рӯз ба амри ӯ вузаро ва аъмолу соири мулозимон гуфтӣ, ки дӯш ҳоли ту бар ин минвол буд, ки чӣ хурдӣ ва куҷо ҳуфтӣ ва бо кӣ сухан кардӣ ва чӣ гуфтӣ. Мардум аз ин сухан тааҷуб менамуданд ва мегуфтанд вайро фариштагон хабар медиҳанд ва он соҳибхабараст:

Соҳибхабарон амини шоҳонбошанд,
Мақбули дили ҷаҳонпаноҳон бошанд.
Ҳам бар ҷигари ситамгарон неш зананд,
Ҳам марҳами захми додхоҳон бошанд.

Агар бе иттилои соҳибхабаре муҳиме ба мавқуфи арз расад, шарти огоҳӣ нест, ки зуд дар ҳукми фармон бошад. Чӣ бузургон гуфтаанд, ки ҳукми подшоҳ ба монанди қазо ва тақдир (муқаррар) мемонад…».

Овардаанд, ки дар рӯзгори Қубоди шаҳриёр шахсе ба вайронае даромад, шахсе дид афтода. Нек дарнигарист, сараш бурида буданд ва корд бар синааш ниҳода. Он кас аз ғояти таҳайюр мабҳут (ҳайрон) ва беҳуш бимонд. Мисраъ:

«Не қуввати истодану не қуввати рафтан».

Дар ҳамин ҳол яке аз мулозимони ҳокими он вилоят бирасид. Он сурат мушоҳида кард. Дарҳол ӯро дасту гардан баста ва корди пурхун аз гарданаш овехта ба дари хонаи ҳоким овард ва воқеаро тақрир (баён) кард. Ҳоким бонг барзад, ки ин касро чаро куштӣ? Гуфт: «Аюҳалмалик, ман бар ин вайрона расидам ва ӯро кушта дида, мутаҳайир ва мутааҷҷиб гаштам. Дар аснои ин ҳол ин кас маро гирифта ба назди шумо овард ва ман на аз мақтул хабар дорам ва на аз қотил». Ҳоким гуфт: «Гумони ман он аст, ки ту ӯро куштаӣ ва бад-ин суханони мехоҳӣ, ки аз дасти ман бираҳӣ». Бечора гуфт: «Эй малик, бо ман ба гумони худ кор макун, ки…гумон ба ҷои яқин наменишинад». Ҳоким гӯш ба сухани вай накард. фармуд, то ба дораш кашанд.

Нидо мезаданд, ки вай дар фалон вайрона касеро куштааст. Ҷавоне аз назоратчиён пеш омаду гуфт: «Эй ҷаллод, чандон сабр кун, ки ман пеши малик дароям ва сурати ҳол боз намоям. Таъҷил манамой, ки ин шахс бегуноҳ аст ва хуни бегуноҳ рехтан амали табоҳ». Ҷаллод таваққуф кард. Ӯро пеши малик бурданд. Гуфт: «Аё малик, хуне, ки дар он вайрона воқеъ шуда ман кардаам. Он кас душмани ман буд. Фурсате ёфтам, ӯро бикуштам ва ин ҷавон, ки сиёсат фармудаӣ, аз ин ҳол бехабар аст». Малик таамули бисёр фармуд ва назар (ваъда) кард, ки дигар ба муҷҷаради гумон ҳукм накунад. Пас он ҷавонро маҳбус сохта, сурати ҳол ба подшоҳ Қубод арз карданд. Вай аз уламои замон пурсид. Гуфтанд: «ӯро набояд кушт, зеро ки агар якеро кушта, сабаби ҳаёти дигаре шудааст». Пас Қубод онро талабид ва сурати ҳол аз вай пурсид ва хилъат дода озод кард ва фармуд, то дар васоё навиштанд, ки бар подшоҳ лозим аст, ки хуни мардумон ба муҷарради ваҳму гумон нарезад. Қитъа:

Сиёсате ба гумон расми маъзалат набвад,
Ки то яқин нашавад, хуни кас нашояд рехт.
Ба ҳар диёр, ки ҳукм аз раҳи гумон бошад,
Ба зуд-зуд бибояд аз он диёр гурехт.

…Аз ҳакиме пурсиданд, ки сабаи ғафлати баъзе аз мулук чист? Гуфт: Се чиз ҳаст, ки подшоҳро аз мамлакат ва раият бехабар гардонад: Аввал, шаҳват ва мутобиати ҳавои нафс, ки ҳарки ба савдои нафс ва орзуе дармонад, парвои ҳеҷ кас ва фароғати ҳеҷ чиз надорад:

Ҳар ки аз савдои шаҳват маст шуд,
Кори ӯ якборагӣ аз даст шуд.

Машҳур аст, ки шахсе Искандарро гуфт: «Ту подшоҳӣ ва бағоят бузургӣ. Занони бисёр дар ақди худ овар, то фарзандони бисёр шаванд ва аз ту ёдгор монанд». Гуфт: «Ёдгори ман адл аст ва некномӣ. Зишт бошад, ки касе бар мардон ғолиб омада бошад ва ба охир забуни занон гардад»:

Барои якдама шаҳват, ки хок бар сари он,
Забуни зан шудан оини шермардон нест!

Дуввум, аз сабаби ҳиср бошад бар ҷамии молу ниходани ганҷ ва ҳеҷ сифате мар мулукро нописандидатар аз ҳирси мол ҷамъ кардан нест, зеро ки ҳирс дар ҷамъи мол парвои ҳалолу ҳаром накунад ва ғами мулк ва раият нахӯрад, балки нахоҳад, ки ғайри ӯро молу маноле бувад ва ҳама худро хоҳад ва бо ин ҳама ҳанӯз сер нашавад. Байт:

Косаи ҷашни ҳарисон пур шавад,
То садаф қонеъ нашад пур дурр нашад.

Саввум, аз онҳо ки ғайлат орад, шароб хӯрдан аст. Ва подшоҳ бояд ки аз мастӣ бипарҳезад, зеро ки чун маст шавад аз мулку бехабар гардад ва мулозимон ба ҷиҳати он ки ӯро ғофил ёфтанд хоҳанд бо ҳар кӣ хоҳанд бикунанд.
Байт:

Бехабар он мард, ки чизе чашид,
К-аз қадами бехирадӣ даркашид.

**Дар фаросат**

Ва он шарти куллӣ бошад дар ҳукумат ва бар аҳли ихтиёр воҷиб аст ва ба айни басират дар савобиқу лоиқи ҳар ҳодисае, воқеъ шавад, назаркунандагони ин воқеа ба ғоят равшан ва ҳувайдо бошад. Ба он чӣ муқтазои адл ҳаст ба он ҳукм фармоянд ва агар сирри он нек зоҳир нест ба

нури фаросат дарки он бояд кард ва эътимод бар қавли ноқилон набояд намуд ва бузургон гуфтаанд:

Зеби ҳукумат ба зевари фаросат аст!..

Фаросат ҳикматест, чунон бошад, ки ҳукамо ба таҷриба онро дарёфтаанд ва далелҳои онро аз шаклу ҳайат мушоҳида карда ва ағлаби он рост ояд ва ҳукамои замони Нўшервон ҷиҳати фаросат рисолае сохта буданд. Пайваста онро мутолиа кардӣ ва аз рўйи фаросат ҳукм фармудӣ.

Фаросат дидаи дил баркушод,
Ҳар он ҳоле, ки бошад вонамояд.

Дар таърих мазкур аст, навбати дигар ҳам марди кўтоҳқомат дар пеши Нўшервон додхоҳӣ кард ва гуфт: «Касе бар ман ситам кардааст». Нўшервон фармуд, ки касе бар мардуми кўтоҳ ситам натавонад кард. Гуфт: «Эй шоҳ, он кас, ки бар ман ситам кардааст аз ман кўтоҳтар аст». Нўшервон табассум фармуд…Бидон, ки ҳукамо дар мақомати худ гуфтаанд: ранги сафеди муфрад ё кабудиву сабзии чашм далелест бар сахтрўӣ ва бешармӣ ва хиёнату фисқ ва заъфи ақл ва ракокати рой бошад. Агар паҳнпешонӣ ва бар сар мўи бисёрдор бошад ҳукамо мегўянд, ки ҳазор кардан аз чунин кас лозимтар аст, ки аз афъӣ мори бадтар. Ҳукамо гуфтаанд, ки мўи дурушти майгуни мўътадил нишони шуҷоат ва сиҳатии димоғ аст ва мўи нарм нишони баддилӣ ва тарсандагӣ бошад ва иллати камфаҳмӣ аст. Бисёрии мўй бар китфҳо нишони ҷуръат асту ҳамоқат. Бисёрии мўй бар сина ва шикам нишони ваҳшати табъ ва кундфаҳмӣ ва майл ба ҷавр аст. Зардии мўй нишони ҳамоқат аст ва тасаллуту зуд хашм гирифтан. Мўйи сиёҳ нишони ақлу идрок бувад ва дўст доштани ақл. Мўи мутавассит миёни сурхӣ ва сиёҳӣ нишони эътимоди сифот бувад. Ҳукамо гуфтаанд, ки пешонии фаррох ки ба рўй хутут, яъне чину шиканҷ набошад, нишони хусумату балост ва шафафу лофу казоф бувад. Пешонии борик ва наҳиф нишони фурумояӣ (пастӣ) ва оҷизи бувад ва пешонии мутавассит, ки бар вай шикан бошад, нишони сидқу муҳаббат ва фаҳму илм ва ҳушёрӣ бувад. Гўши бузург нишони ҷаҳл аст, лекин соҳиби онро қуввати ҳифз бошад ва тундхўй бувад ва дар баъзе авқот гўши хурд нишони аҳмақӣ ва дуздӣ бувад. Гўши муътадил нишони эътидоли аҳвол. Абрўи бузурги бисёрмўй нишони дурўштӣ бувад дар сухан. Абрўи кашида то наздики садъ (гўш) нишони лофу такаббур. Абрўи сиёҳи мутавассит дар кўтоҳӣ ва дарозӣ нишони фаҳм ва диёнат бошад. Ва бадтарин чашмҳо азрақ (осмонранг) аст. Чашми калон низ назарнишони ҳусуди хоинӣ ва беҷоиву коҳилӣ бувад ва қалти (гардиш) ҳаракати он нишони нодонӣ ва кундфаҳми бувад. Суръати ҳаракати чашм ва тезии назар нишони ҳиллаву макр ва дуздӣ бошад. Сурхии чашм нишони шуҷоат ва далерӣ бувад. Ва нуқтаҳои зард бар гирди сиёҳии чашм нишони фитнаву шар ангехтан бошад. Чун чашм мутавассит бувад, миёни бузургиву хурдӣ ва ростиву диёнат бошад. Бинии борик нишони чарбзабонӣ ва нармӣ бошад. Бинии каҷ

нишони шуҷоат бувад. Фарохии сӯрохии бинӣ нишони ғазаб бошад. Сатбаре (гандагӣ) миёни бинӣ ё паҳнии сари бинӣ нишони бисёрсухани ва дурӯғгӯӣ бувад. Бинии мутавассит дар сатбарӣ ва барикӣ ва дарозиву паҳнӣ нишони фаҳму ақл бувад. Далоили лабу даҳан ва даҳони фарох нишони ройи савоб ва шуҷоат аст. Сатбари лаб нишони ҳамоқат ва эътидоли лаб бо сурхӣ нишони ройи савоб аст. Дандонҳои каҷу ноҳамвор нишони макру ҳилла ва хиёнат бувад. Дандонҳои кушода ва ҳамвор нишони адолат ва амонат ва тадбир бувад. Рухсораи пургӯшт нишони ҷаҳл ва дурушгхӯӣ бувад ва тарророӣ. Зардии рухсора нишони хубси (бадии) ботин бувад. Таввасути ин маънӣ нишони эътидол бувад овози баланд нишони шуҷоат бувад. Овози борик нишони бадгумонӣ. Таваҳуми овози мӯътадил нишони ҳусни кофист. Виқор (тамкин) дар сухан нишони хубист. Ҳаракати даст ба вақти сухан гуфтан нишони зиракӣ. Гардани кӯтоҳ нишони макру хубс бувад. Шиками бузург нишони ҷаҳл ва ҳасосат ва номардиву фитна бувад. Латофати шикаму сина дар эътидол нишони ҳусни рой ва сафои ақл бувад. Фарохии шона нишони шуҷоат ва хуфти ақл бувад. Ангуштони дароз нишони зиракӣ бошад ва сифату аломати тадбири корҳо. Ғозаи (сурхӣ) соқ нишони нодонӣ ва меҳнатрӯӣ бошад ва эътидоли он нишони эътидоли ҳол бувад. Аз ин миқдор аломати фаросат ҳокими оқилро дар тафаҳҳуси аҳволи халқ кифоят бувад. То ин ҷо сухани соҳиби «Захира» аст. Ва дар ин боб нуқтае донистанӣ аст ва он чунон бошад, ки авсофе, ки ҳукамо ба ин далоил зикр кардаанд барои авом-ал-нос ва касонест, ки дар табдили ахлоқ накӯшида бошад на аз сифоти баҳимӣ (ҳайвонӣ) нагузошта ба мартабаи инсоният нарасида. Агар касе ахлоқу авсофи худро ба сабаби риёзат ва талқини машоих тарбият ва тақвияти уламо ва иттилоъ бар ахбор ва осори қудамо ба салоҳ оварда бошад, бо вуҷуди далоили шарр ҳукм бар шарорати ӯ натавон кард…қитъа…

Бар дили поки аҳли давлату дин,
Файзи илҳом мерасад зи худо.
Дар раҳи ҳақғалат нахоҳад кард,
Ҳар киро нури ӯст роҳнамо.

**Дар катмани асрор**

Яке аз одоби мулкдорӣ пӯшидани асрор аст ва дар ифшои умури мулкӣ хатарҳои бешумор аст. Ва сухани машҳур аст. Се чизро пӯшида бояд дошт: Аввал, сафарро, яъне аз мақсади роҳи худ касеро набояд хабар кард, ки душманон бисёранд. Дуюм, мақсади худро ба касе нагуфт, ки ғаммозон ва ҳусудон бисёранд. Сеюм, моли худро мастур бояд дошт, ки аҳли тамаъ бешуморанд. Балки ҳар сирре, ки дорӣ махфӣ беҳтар аст, зеро ки маҳрами асрор дар олам камтар аст. Маснавӣ:

Манеҳ сирри худ бо касе дар миён,

Ки маҳрам набинӣ зи аҳли ҷаҳон.
Бигзаштам дар атрофии олам басе,
Надидам зи ёрони маҳрам касе.

Ҳукамо фармудаанд, ки замири одамӣ аз ду берун нест ё нишони неъмат аст ё баёни меҳнат. Ва ин ҳарду пинҳон бояд, то чашми ҳусудон бар он кора накунад ва аз офати аҳли тамаъ эмин монад ва агар новоиби (мусибати) меҳнат аст, ҳам махфӣ бояд дошт, то дӯстонро сабаби малол нашавад ва душманонро сабаби хурсандӣ нагардад.

То тавонӣ сирри худ бо кас магӯ,
З-он ки он сир шодӣ орад ё малол.
Гар ғаме бошад шавад дилҳо малул,
В-ар бувад, шодӣ расад айнулкамол.
Пас даруни хилвати асрори хеш,
Ҳеҷ касро раҳ мадеҳ дар ҳеҷ ҳол.

Яке аз ҳакиме пурсид: «Агар маро дар хотир сирре нағунҷад, бо кӣ гӯям, ки онро нек нигоҳ дорад ва ифшо накунад?». Ҷавоб дод, ки ҳар гоҳ сирре, ки туро бо он кор аст, худ нигоҳ натавонӣ дошт ва зоҳир кунӣ, касеро ки он даркор нест, чаро нигоҳ дорад ва нагӯяд.
Байт:

Чун ту натвонӣ кашидан бори худ,
Ёр агар накшад, маранҷ аз ёри худ.

Овардаанд, ки Искандар сирре аз асрори худ бо яке дар миён оварда буд ва дар муҳофизати он муболиға карда. Ногоҳ он сир аз вай барзад ва бар гӯши Искандар расид. Искандар ба ҳаким Ҷолинус гуфт: «Уқубати касе, ки сирри касе, фош кунад чист?». Ҳаким гуфт: «Равшантар фармо». Искандар гуфт: «Ман ба фалон кас сир дар миён ниҳодам ва ӯ ифшо кард ва ман аз ӯ ранҷидаам ва мехоҳам, ки ӯро ба сазои ҷазо расонам». Ҳаким гуфт: «Эй малик, аз ӯ маранҷ ва ӯро укубат макун, ки сирри ту туро муҳим буд, бори он натавонистӣ кашид, агар дигаре таҳаммули он бор накунад баъд (аз эҳтимол дур) набошад». Қитъа:

Сирри худро ҳам ту маҳрам шав, ки маҳрам ёфт нест,
Ҳамдами худ бош, зеро ҳамдаме дарёфт нест.
Дӯсти якрӯю якдил ҷустам аз пири хирад,
Гуфт, бигзар, к-он чи мехоҳӣ ба олам ёр нест.

**Дар иғтиноми фурсат ва талаби некномӣ**

…Умри азиз чун барқ даргузар аст ва авқоти зиндагӣ чун мавҷи баҳор нопойдор. Ҳар соате, ки мегузарад ҷавҳари бебадал аст. Қимати он бибояд шинохт. Фурсате, ки мурод мекунад ғанимати беиваз аст. Онро зоеъ натвон сохт. Фард:

Даме, ки мегузарад, з-он нишон маҷӯй дигар,
Чаро ки элчии умр бенишон гузарад.

Аз зиндагонӣ он чӣ рафт, бозовардани он аз ғайри имкон аст ва он чӣ монда он низ др пардаи ғайб махфӣ ва мастур. Миёни мозӣ (гузашта) ва мустақбал (оянда) вақтест, ки онро ҳол гӯянд. Умри хеш он вақтро мебояд донист, ки худро дар он ҳол мебояд кард.
Қитъа:

Фурсат ғанимат аст, ғанимат шумор вақт,
З-он пеш, к-ӯ бурун равад аз даст ногаҳон.
Дил бар замона кай ниҳад, он кас ки оқил аст,
Доно ба умри худ накунад, такя бар ҷаҳон.

Пас, дар чунин рӯзгори гузаранда ва авқоти нопоянда соҳибдавлат касест, ки ба изҳори осор макрамат (бахшиш) ва иҷрои изҳори маҳрамат номи неку зикри ҷамил ёдгор гузорад, ки ҳаёти собита иборат аст аз некномӣ. Қитъа:

Эй толиби хулуду бақои давоми умр,
Боқӣ ба зикри хайр бувад номи одамӣ.
Ҳеҷ аст қадру ҳашамату молу маноли ҷоҳ,
Чун оқибат фаност саранҷоми одамӣ.
Ҳарчанд фикр мекӯнам аз ҳарҷӣ дар ҷаҳон,
Номи накӯст ҳосили айёми одамӣ.

Овардаанд, ки бузургеро дар маҷлиси подшоҳӣ таърифи бисёр карданд. Аз фасоҳату балоғат ва фазоили маонии ӯ басе шарҳ доданд ба мартабае, ки шавқи подшоҳ ба лиқои ӯ аз сарҳади баён таҷовуз карда бо ҳузори (овардани) ӯ фармони олӣ арзонӣ фармуд. Он азиз, ки ба маҷлиси олӣ даромад, баъд аз адои салом гуфт, ки подшоҳро ҳазор сол бақо бод! Подшоҳ гуфт: «Аввал боре сухани муҳол гуфтӣ ва ин аз фазли ту аҷиб бувад ва аз мисли ту ғариб намуд». Ҷавоб дод, ки ҳаёти мардум ин ҳамин дар бақои бадан аст, ҳама кас донад, ки ниҳояти бақои одамӣ ба ҳазор сол нарасад. Аммо чун номи накӯ баъд аз вафот ҳаёте дигар аст, ғарази ман он бувад, ки рақами некномии он ҳазрат ҳазор сол бар саҳифаи рӯзгор боқӣ монад. Қитъа:

Касе, к-ӯ шуд ба номи нек машҳур,
Пас аз маргаш бузургон зинда донанд.
Вале онро, ки бадфеъл асту бадном,
Гарчи зинда бошад, мурда хонанд.

Ва аз ҳамин мақула аст ин байт:

Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз,

Мурда он аст, ки номаш ба накӯи набаранд.

Яке аз бузургон дар рисолаи худ оварда, ки айвони Нӯшервон ва тоқи Кисро агарчӣ рафъате дорад ва дар атрофии олам баландовоза аст, аммо истеъҷоб (ҳайронӣ) на дар баландии кунгура аст ва на дар ҳусни ғурфаву панҷара, чи хиште чанд бар ҳам ниҳодан ва даре чанд дар ҳам кушодан чандон коре нест. Назоратгоҳи ақл аст, ки дар зовияи (ҳуҷраи) танги он пиразан таамул кунанд, ки дар гушаи айвони шоҳӣ воқеъ шуда буд. Ва хабари он чунон аст, ки вақте ки айвони Кисро тамом шуд ва иморати кох ва манзараш самти итмом ёфт, Нӯшервон ҷамъе аз ҳукамо ва нудаморо гуфт, назар кунед, ки дар ин иморат ҳеҷ айбе ва халале ҳаст, то ба тадоруки он амр кунам. Эшон баъд аз назар дар атрофу ҷавониби он ба арз расониданд, ки эй малик, ин иморатест, ки дар иртифоаш (баландӣ) камарбанди ҷуззомӣ (номи бурҷ) кушояд ва шарфаи рафиаш (кунгура) пойи шариф бар сари айвон мениҳад. Қитъа:

Чунин бинои ҳумоюн фалак надид ба чашм,
Чунин иморати олӣ ҷаҳон надорад ёд.
Нахуст боргаҳи иқбол боз кард дараш,
Даре зи хулд ба рӯи ҷаҳониён бикшод.

Ҳеҷ халале дар аркони ин айвон ва ҳеҷ залале дар атрофии он нест, илло (ғайри) он ки дар гӯшаи айвон хонаест мухтасар ва кулбаи бас муҳаққар (ҳақирона). Дуде аз равзани он вайрона бармеояд ва девори онро сиёҳу тира месозад. Агар ин сурат бартараф шавад, бағоят муносиб аст ва чунин чашм захме аз ин айвон дафъ кардан лозим ва воҷиб. Нӯшервон гуфт, ки ин хона мулки пиразанест, умр гузаронида ва офтоби зиндагониаш ба сарҳади ғуруб расида. Ман дар вақте, ки асоси ин айвон мениҳодам ва меъморон тарҳи он мекашиданд, ин хона монеъ буд аз он ки сатҳи пеши айвон ҳамвор бошад. Касе пеши пиразан фиристодам, ки ин кулбаро ба ҳар баҳое, ки хоҳӣ бифрӯш, то зар бидиҳам ё манзили хуштар аз ин барои ту муҳайё созам. Пиразан пайғом фиристод, ки эй малик, ман дар ин хона мутаваллид шудаам ва бад-ин кулба мустаъпис унс гирифтан гаштаам, ҳама олами мулки ту метовонам дид. Ту ин ошьёнаи муҳаққару вайронаи мухтасар бар ин гадои бенова наметавонӣ дид. Ман аз ин сухан мутассир шуда дигар ҳеҷ нагуфтам, то вақте ки айвон тамом шуд. Ҳар замон дуде аз равзаи ӯ берун меомад ва деворҳоро тираву димоғҳоро хира месохт.
Пайғом додам, ки ин дуд чаро мекунӣ? Гуфт: «Барои худ чизе мепазам». Ҳеҷ нагуфтам. Хоне ороста бо мурғе бирёнбарои ӯ фиристодам ва гуфтам, ки эй модар, ҳар шаб хоне ба анвои атъима (таомҳо) барои ту бифиристам. Ту дар ин кулбаи танг оташ мафурӯз, ки аз дуди айвони мо сиёҳ шавад. Ҷавоб фиристод, ки дар олам чандин гурусна ва фоқазада бо чашми гирёну дили он айвони мо сиёҳ шавад. Ҷавоб фиристод, ки дар олам чандин гурусна ва фоқазада бо чашми гирёну дили бирён бошанд ва ман мурғи бирён хӯрам, кай раво бувад? Аз офаридгори худ метарсам, ки баъд аз ҳафтод сол, ки

чавина ва кашкинаи ҳалол хӯрда бошам, мурғу лавзинаи (ҳалвои аз мағаи бодом тайёр кардашуда) ҳаром хӯрам. Ин кулбаи маро барқарор бигзор, ки зинати айвони адолати туст. Умаро чун бинанд, ки ту аз камоли адолат раво намедорӣ, ки кулбаи торики ман аз ман биситонӣ, дасти тасарруф ба амлоки руаё дароз накунанд. Ва дигар он ки айвони ту дер сол нахоҳад монд ва қиссаи хонаи ман муддатҳо бар сафаҳоти авроқи рӯзгор маркум (зикр) ва мастур хоҳад буд.

Ман ин суханро аз ӯ писандидам ва ба ҳамсоягӣ розӣ шудам.

Овардаанд, ки пиразан говаке лоғар дошт. Ҳар сабоҳ аз хона берун кардӣ ва ба саҳро бурдӣ ва шабонгаҳ аз саҳро боз овардӣ. Ва дар ин ду вақт он гов бар рӯи фаршҳои мулавван, ки дар пеши айвон таркибу тартиб ёфта буд, мегузошт. Рӯзе яке аз нудамо гуфт: Эй пиразан, ин ҳаракат макун, ки номуси мулкро мешиканӣ ва асоси ҳайбати салтанатро хароб мекунӣ. Аҷуза ҷавоб дод, ки номуси мулк аз зулм мешиканад на ба адл. Бинои футуввати подшоҳӣ бар ҷаҳд хароб мешавад на ба ақл. Он чӣ мекунам, барои некномии подшоҳ мекунам ва хубфарҷомии ӯ металабам.

Ва алҳақ рост гуфта, зеро ки аз ин сурат ҳазор сол гузашта ва ҳикояти кулбаи пиразан ва айвони Нӯшервон ҳанӯз дар дафтарҳо масбут (навишта) аст ва бар забонҳо ҷорӣ. **Фард:**

Ҷазои ҳусни амал бод, ки рӯзгор ҳанӯз,
Хароб менакунад коргоҳи Кисроро.

Дар калимоти Манучеҳр омада, ки дунё эътимодро нашояд. Оқил он аст, бар иқболи орӣ дил наниҳад ва бидонад, ки ҳар киро худо подшоҳӣ дод, ҳаққи он неъмат бар ӯ фарз гашт ва ҳаққи он чунон аст, ки миёни масолеҳи маошу меод (бозгашт) ҷамъ кунад, то дар дунё некном бошад ва дар уқбо хуҷистафарҷом:

Байт:

Бо футувват ҳамнишин шав, бо мурувват ёр бош,
В-он гаҳе аз тоҷу тахти хеш бархурдор бош.

Овардаанд, ки Кайқубод мамлакати худро ба қуввати рон соқиб (таъсирбахш) забт кард ва нафсҳои некӯ ниҳод ва аз муосири ӯ яке он буд, ки шоирон ва маддоҳонро дӯст доштӣ ва гуфтӣ: Ном ба ду чиз боқӣ мемонад. Яке ба мадҳ ва дигаре ба иморат. Қитъа:

Гар набудӣ назми Фирдавсӣ чи донисти касе,
Базми Кайковусу разми Рустаму Исфандиёр.
Гашт аз назми Низомӣ номи Баҳроми баланд,
Шуд зи шеъри Анварӣ авсофи Санҷар ошкор.

Овардаанд, ки Султон Маҳмуд боғе сохт чун равзан ризвон дилкушо ва монанди фирдавс барин ҳайбатафзо чун бӯстони биҳишт тозаву хуррам ва аз ғояти таровату назҳат рашки гӯлшан Ирам. Назм:

Басе гул шукуфта бар атрофии боғ,
Барафрӯхта ҳар яке чун чароғ.
Раёҳин дамида бар атрофии ҷӯй,
Сабо атрбезу ҳаво мушкбӯй.
Дарахташ зи тубо диловезтар,
Гиёҳаш зи савсан забонтезтар.

Ва падари худ – Сабуктегинро  зиёфате кард, ки хонсолори фалак базме ба он зебоӣ надида буд, гӯши замон самоте ба он ороиш нашнида. Таомҳои лазиз,ки аз мавоиди хулди барин нишон медод, ҳозир кард ва шарбатҳои хушгувор, ки аз ҳаловати завқи шароб тахавур (далерии барзиёд) ҳикоят мекард, ба назар овард. Маснавӣ:

Абоҳони нӯшини анбарсиришт,
Хабар дод аз хурдаҳои биҳишт.
Зи мурғони фарбеҳ, ту гуи бисот,
Баровард пар мурғвор аз нишот.
Зи лавзинаҳову зи ҳалвои тар,
Ба танг омада тунгиҳои шакар.

Пас аз фароғати таом  писар аз падар пурсид, ки ин навъ дар назари анвар чӣ навъ менамояд.  Падар гуфт: «ҷони падар, ин навъ равза ҷои дилкушост, аммо аз мулозимони мо ҳар кас хоҳад мисли ин боғ тавонад сохт. Подшоҳонро бояд, ки боғ чунон созанд, ки дигареро мисли он сохтан муяссар нашавад ва меваҳои он дар ҳеҷ бӯстон ба даст наояд».

Султон фармуд, ки он кадом боғ тавонад буд. Ҷавоб дод, ки  он ниҳоли тарбият ва эҳсон  дар бӯстони  фузалову ҳукамо ва шуаро  нишондан, то самарае ҳосил кунӣ, ки сардии зимистону гармии тобистон  дар он тасарруф натавон кард. Низомии Арӯзӣ гуфтааст: Назм:

Иморатҳои олӣ сохт Маҳдуд,
Ки ҳар як ҳамсари чархи барин буд.
Набинӣ з-он ҳаме як хишт барпой,
Санои Унсурӣ мондаст бар ҷой.

Ҳамчунин. Қитъа:

Нӯшервон иморати боғе хаёл дошт,
Бузургмеҳр гуфт: «К-эй шоҳи комрон,
Обу замини мамлакат акнун ба дасти туст.
Боғе бисоз бар тарафи ҷӯйбори он,
Беҳе нишон, ки давлати боқит бар диҳад,
К-ин боғи умр гоҳ баҳор асту гаҳ хазон».

## Дар риояти ҳуқуқ

Адои ҳуқуқ ба ҳама лозим аст. Чунончи омадааст, яъне ҳарки падару модар аз ӯ хушнуд бошад, ҳама аз ӯ хушнуд бошанд…

Маснавӣ:

Чу Ҳурмуз зи Парвиз хушнуд буд,
Басе давлату ҳашматаш рӯ намуд.
Чу Шерӯя таъзими Хусрав накард,
Аз ӯ боди накбат баровард гард.

Машҳур аст, ки Талҳаро воқеае афтод, ки танҳо ба қабилаи бани Қайс нузул кард. Сайиди қабила Молик бинни Авф буд, ӯро нашинохт ва бар бузургиву шарафи ӯ иттилоъ наёфт. Дар меҳмондорӣ ва икроми ӯ тақсир шуд. Талҳа он ҷоми заҳри мазаллатро таҷаррӯъ (қатра-қатра нӯшидан) кард ва он бори гаронро ба қуввати карам таҳаммул намуд. Чун аз он қабила реҳлат кард, Моликро маълум шуд, ки меҳмон чӣ кас буда, шарманда шуду ба вай нома навишта аз ақиб фиристод. Мазмунаш он ки шуморо нашинохтам ва асбоби хидматгорӣ бар ваҷҳе, ки лозим бошад, муҳайё насохтам. Ин замон дил аз ин муомила реш сохт ва сар аз ин хиҷолат дар пеш. Фард:

Чи гуна сар зи хиҷолат бароварам аз пеш,
Ки хидмате ба сазо барнаёмад аз дастам.

Таваққӯъи он дорам, ки аз тақсире, ки воқеъ шуд, маъзур дорӣ ва чун шеваи карами ту муқтазии қабули узрхоҳон аст, ин хато аз ман даргузарӣ. Байт:

Агар дар хидматат тақсир дорам,
Ба фазли шомилат уммедворам.

Талҳа ҷавоб навишт. Он чи ба ман таваққӯъ кардаӣ аз қабули узр андеша макун, ки муруввати ман иқтизои (муносиб) он мекунад, ки ҳазор чандин гуноҳро ба як узрхоҳӣ даргузарам. Байт:

Чун партави узр аз уфуқ, рӯй намуд,
Нопайд шуда чу соя ҳар ҷурм, ки буд.

Аммо он сухане, ки туро нашинохтам гуфтӣ, номустақим (ноҳамвор) аст аз шеваи карам, ки дар меҳмонӣ ва русуми икром ба ашрофу азом (бузургон) доштан қазияи муруввват ва шаммаи аҳли футувват нест. Шарти мизбонӣ он аст, ки чун офтоб бар ҳама кас яксон тобад ва монанди борон бар ҳама ҷо як тариқа борад. Агар меҳмон марди бузург аст, ҳаққи бузургии ӯ ба ҷой оварда бошад. Ва агар фурӯмоя бувад, эҳсону икроми худ зоҳир карда, чӣ тақсир дар хидмати бузургон мӯъҷиби надомат ва воситаи хиҷолат аст. Ва

тафсил дар бораи номустаҳиқ сабаби бадномӣ ва пушаймонист ва дар ҳамин маънӣ гуфтаанд. Қитъа:

Меҳмонро азиз бояд дошт,
Аз раҳи мардиву ҷавонмардӣ.
Гар бузург асту лоиқи хидмат,
Худ ҳаққи ӯ ба ҷой овардӣ.
В-ар бувад сифла кас нахоҳад гуфт,
Ки чар обо вай ин карам кардӣ.

Ҷамъе бузургон буданд, ки дар бораи хасми худ риояти меҳмондорӣ намудаанд. Чунончӣ, дар таърих мастур (зикр) аст, ки дар Кирмон малике буд бағоят сахиву меҳмондор, пайваста дари меҳмонхонаи ӯ кушода буд ва хони эҳсони ӯ барои хосу ом ниҳода. Ҳар ки бар шаҳри ӯ омадӣ бар суфраи карами ӯ нон хӯрдӣ, вазифаи чошт ва робитаи шом аз зиёфатхонаи вай бурдӣ. Вақте Азизуддавла лашкар кашида қасди вилояти ӯ кард, малик тоқати ҳарби вай надошт. Ба ҳисор даромад. Ҳар рӯз лашкари Азизуддавла бар сари ҳисор омадӣ ва ҷанги сахт кардандӣ. Ҳар шаб малики Кирмон он миқдор таом, ки лашкари Азизуддавларо кифоят будӣ фиристодӣ. Азизуддавла пайғом дод, ки рӯз ҳарб кардан ва шаб нон додан чӣ маънӣ дорад? Ҷавоб фиристод: ҷанг кардан изҳори мардист ва нон додан вазифаи мардумӣ, эшон агарчи душманонанд, аммо ғарибу мусофир, ки ба шаҳри мананд ва мурувват набошад, ки эшон дар манзили ман нони худ хӯранд.

Азизуддавла бигрист ва гуфт: «Касеро, ки чандин мурувват бошад бо вай ҳарб кардан аз бе мурувватист». Лашкар бозгардонид ва таарузи (озор намудан) вай накард. Фард:

Мардумӣ кун ба ҷои душману дӯст,
К-аз мурувват зиён накард касе.

Шарти дигар дар меҳмондорӣ он аст, ки агар аз меҳмон ҷурме содир шавад ё қабл аз ин хатое воқеъ шуда бошад, чун аз хону эҳсони ӯ наволае тановул намояд аз сари он гуноҳ даргузарад.

Чунончи нақл аст, ки сесад асир аз душманони Маън бинни Зоир наздики ӯ оварданд. Хост, ки ба сиёсати эшон ҳукм фармояд. Кӯдаке аз миёни асирон бархесту гуфт: «Эй амир, ба худо савганд, ки маро об диҳӣ ва ташна накушӣ». Маън фармуд, то ҷоми об ба дасти он кӯдак доданд. Дигар гуфт: «Эй амир, қавми ман ташнаанд. Агар ман об хӯрам эшон нахӯранд аз мурувват дур бошад ва агар об нахӯранду ташна монанд. Албатта чун сиёсат хоҳӣ кард, ҳамаро об деҳ». Бифармуд, то ҳамаро об доданд. Чун ҳама об ошомиданд, кӯдак бархосту гуфт: «Эй амир, мо ҳама меҳмони ту шудем ва меҳмонро куштан расми аҳли карам нест». Маън аз фасоҳати вай мутааҷҷиб шуд ва ҳамаи асиронро озод кард.

Ба ин навъ ҳикояте овардаанд, ки яке аз умаро маблағи мол дар зимаи касе дошт ва он кас дар адои он дарандагӣ менамуд. Ӯро ба сарҳанг супурд,

ки он мол аз вай биситонд. Сарҳанг ўро ба хонаи худ бурда ташард (сахтӣ) менамуд ва он илтимос кард, ки маро назди вай гўям.

Сарҳангро бар вай раҳм омад ва ўро ба хонаи амир овард. Қазоро хон кушода буданд. Сарҳанг бар сари хон биншаст ва он мардро бар сари хон бинишонд ва чун таом хўрда шуд, амирро чашм бар он кас афтод. Сарҳангро гуфт: «Чун ин мард меҳмон бошад ва аз хони мо тановул намуд, ўро ранҷонидан мурувват набошад. Ман он молро бар вай бахшидам, бигзор, то биравад».

Қитъа:

Андар оини меҳмондорӣ,
Ҳурмати меҳмон бояд дошт.
Бар лаби ҷўйбори меҳмонӣ,
Ҷуз ниҳоли карам нашояд кошт.

Дигар, риояти ҳаққи соилон лозим аст. Агар ба таъриз (киноя) хоҳанд… Ҳар соилро ҳаққест. Агарчи бар асбе савор бошад. Ин муболиға барои он аст, ки то ҳаққи савол зоеъ нашавад. Дар камолоти Исавӣ омада, ки ҳар ки соилро ноумед гардонад як ҳафта фариштагони раҳмат дар манзили вай нараванд. Султон Иброҳим Адҳам дар замони салтанати худ мефармуд, ки неку дўстонанд, ин соилон, ки ба дарҳои хонаи мо меоянд: «Ки ҳеҷ доред, ки ба мо бидиҳед…». Қитъа:

Гарат шодии ҳарду қави орзуст,
Ба эҳсон дили соилон шод кун.
В-ар озодият бояд аз ҳар бало,
Фақире зи банди ғам озод кун.

Дигар, ҳаққӣ дархости шафион риоят бояд кард. Чи муқаррар аст, ки шафоат саволест ба забони тазароъ. Албатта шафиъ яке аз аъзоёну ашроф хоҳад. Пас, эҳтироми каломи ин навъ мардум фармудан ва сухани эшон, ки дар бораи авф таҷовуз аз гуноҳи гунаҳгорон гўянд, шунидан одати аҳли саодат бошад.

Овардаанд, ки яке аз акобир ва арбоби муҷриме назди Мансури халифа шафоат кард. Мансур гуфт: «Ин касро гуноҳи азим аст». Он азиз гуфт: «Ман ҳам гуноҳи азимро дархост мекунам, чи аз сари гуноҳони хурд бе шафоат метавон гузашт». Халифаро хуш омад ва шафоати ўро қабул кард. Он муҷримро бибахшид.

Байт:

Онро, ки чунин шафиъ бошад,
Қадраш ҳама ҷо рафиъ бошад.

Дар «Нигористон» оварда, ки худовандони қудуратро авф кардан аз хатоҳои зердастон нишони дафъати қадр аст ва аломати ҳимматбаландӣ ва баҳонаест, ки сабаби раҳмати эшон гардад. Овардаанд, ки якеро ба хиёнате мавсум карданд. Қиссаи ўро дар маҳкамаи вилоят ба арз расониданд. Ба

ҳисби ӯ ишорат фармуд. Муддати мазид зикри он маҳбус аз сафаҳоти замоир маҳв шуд. Ҳеҷ кас аз ӯ ёд накард. Бузурге дар он рӯзгор ба мазиди ҳақгузорӣ ва шарти вафодорӣ махсус буд. Ба маҳбус муҳҳабате дошт. Ба волӣ руқъа навишт. Мазмун он ки даргузатан аз ҷалолати гунаҳгорон иқдоми эшон вазифаи мароҳими аҳли  ихтиёр ва авотифи арбоби ихтиёр аст. Ва он фақир маҳбуси дармондаест ба меҳнат гирифтор гашта ва наздик ба ҳалокат расида ва медонам, ки карами он ҷаноб дар халоси гирифторон баҳонаҷӯист. Агар домани исмати он  зиндонӣ аз олудагии  ин гуноҳ по каст, ба халосӣ ва наҷоти ӯ ишорати олӣ ба арзонӣ бояд дошт. Агар ғубори гуноҳ бар гиребони ӯ барнишастааст ба оби авфу карам бояд шуст. Агар ғайр аз ин ду маънӣ сурати дигаре ҳаст, гуноҳи ӯро ба шафион бояд бахшид.
Қитъа:

Ба ҷавр шомилу инъоми ом бар ҳама кас,
Туррост фазл чу хуршеди файз чун борон.
Манеҳ дар оташи андеша бегуноҳонро,
Ба оби авф бишӯ номаи гунаҳгорон.
В-агар ҷуз ин ду сифат ҳаст ҳолати дигар,
Бувад барои чунин кас шафоати ёрон.

Чун руқъа ба волӣ расид ва бар он иттилоъ ёфт дар ҷавоб навишт. Байт:

Онро, ки зи рӯи лутф дархост кунӣ,
Кораш ба салоҳ орию рост кунӣ.

…Дар сиёсати Тамғочхон мазкур аст, ки ҷавонеро ба тӯҳмати муздӣ гирифта назди вай овардаанд, ки бағоят соҳибҷамол буд:

Ҳарчи бар сафҳаи андеша кашад килки хаёл,
Шакли марбуъи ту зеботар аз он сохтаанд.

Подшоҳ фармуд, то бар сари ҷаҳорсӯи шаҳр дасти ӯ бибуранд. Аркони давлат фиғон даргирифтанд ва дасторҳо аз сар баргирифтанд: Эй малик, аз сари гуноҳи ин ҷавон даргузар, ӯро ба шафоати мо мавқуф фармо. Малик фармуд, ки моро дар муҳим мадхале нест, аммо талаби қонун аст, ки дасти ӯ бибурид. Гуфтанд: Эй малик, чунон дасте ки ӯ дорад, Буридан ҳайф аст ва моро бар он даст раҳм меояд. Гуфт: «Шуморо  бар дасти нозуки дузд набояд гирист, балки ба дарди пурхуни соҳибколо назар бояд кард, то ин ғам бар дили шумо саҳл гардад».

Дигар риояти ҳаққи касест, ки андак ошноӣ дошта бошад ё рӯзе хидмати реза (хурде) карда ва гарчи ин васила ба ғоят андак аст, аммо назари карам онро бузург месозад ва то ба он баҳона фақиреро бинавозад.

Овардаанд, ки шахсе ба кироя ситонда буд. Рӯзе чанд он ҷо бар сар бурда, ногоҳ аз он хона берун рафт ва аз он шаҳр сафр карда ба вилояти дигар афтод ва он ҷо бар мансаби вазорат расид. Он фақир, ки хона ба ӯ ба кироя дода буд, бархосту рӯй бар хидмати ӯ ниҳод ва чун ба он шаҳр расид аз гарди роҳ рӯй ба боргоҳи вазир овард. Хост, ки ба даргоҳ дарояд. Ҳоҷибе

истода буд, гуфт: «Чӣ касӣ ва ба чӣ ҷуръат ба ин боргоҳ дармеоӣ?» Гуфт: «Ошнои вазирам, маро ошноӣ бар ин густохӣ медорад». Ҳоҷиб пурсид, ки чӣ ошноӣ дорӣ бар вай. Гуфт: «Вақте хона ба кироя ба ӯ дода будам. Ҳоло омадаам, то назаре дар кори ман кунад ва маро аз пасти мазаллат ба баландии иззату ҳурмат барорад». Ҳоҷиб бихандиду гуфт: «Ту марди нодон будаӣ. Ин саҳл василаест, ки хона ба кироя дода будам. Инро ҳаққе тасаввур кардӣ ва омадаӣ, ки риояти ҳақ дарьёбӣ. Бирав, сари хеш гиру муҳимми дигаре дар пеш». Қазоро вазир аз паси парда ин гуфтушунид истимоъ (гӯш) менамуд. Ҳоҷибро талабида гуфт: «Бо кӣ сухан мегуфтӣ?» Гуфт: «Марде омада, ки ман ошноӣ вазирам. Вақте хона ба кироя ба ӯ додаам. Ман ӯро маломат мекардам, ки ин сухан магӯ. Ва ба чунин саҳл василаи қурби вазир маҷӯй ва таваққӯи илтифот ва инъом мадор». Вазир гуфт: «Ғалат кардӣ, бирав, ӯро биёр, ки ошнои қадими ман аст. Ва ҳуқуқи хидмат дорад». Ва ҳоҷиб бирафту ӯро даровард. Вазир ӯро таъзими бисьёр кард ва навози бешумор ба ҷой овард ва аҳволи атфоли ӯ бипурсид ва барои ҳар як тӯҳфаи табрикии бузургона тартиб дод ва ӯро дӯстком ва бо муроди тамом ба манзил баргардонид. Маснавӣ:

Нур деҳ аз меҳру вафо синаро,
Саҳл мадон сӯҳбати деринаро.
Рӯй магардон зи рафиқони хеш,
Ёд кун аз хидмати ёрони хеш.

Овардаанд, ки Абдуллои Тоҳир бори ом дода буд ва арбоби ҳоҷат муродоти худ арз мекарданд ва ба ҳосили мурод мурочиат менамуданд. Шахсе даромад, ки эй амир, маро бар ту ҳам ҳаққи неъмат аст ва ҳам ҳаққи хидмат. Таваққуъ дорам, ки ҳарду ҳақро риоят кунӣ ва маро ба дараҷаи қабул расонӣ. Абдулло гуфт: «Ҳаққи неъмат кадом аст?» Гуфт: «Фалон рӯз дар Бағдод бо кавкобаи (кормандон) давлат аз дари хонаи ман гузар мекардӣ. Ман ба дари хонаи худ об задам, то гарде бар ҷомаи ту нанишинад. Неъмат он об аст, ки барои ту бар хок рехтам, ҳаққи он мехоҳам».

Байт:

Касе к-ӯ бар ту дорад ҳаққи обе,
Фаромӯшаш макун дар ҳеҷ бобе.

Абдулло пурсид, ки ҳаққи хидматат кадом аст? Гуфт: «Дар он маҳал ки ту савор мешудӣ, ман бидавидам ва бозуи ту гирифтам, ту савор шудӣ». Абдулло гуфт: «Рост мегӯӣ, ҳарду ҳаққиту собит аст». Пас, ӯро тартиби тамом дод. Назм:

Бузургоне, ки аҳли иқтидоранд,
Ҳама мискиннавозу ҳақгузоранд.
Зи ҷоми ҷоҳ бехушӣ на некӯст,
Зи ҳамроҳон фаромӯшӣ на некӯст.
Асоси макрамат бар ҳақшиносист,
Ба сурат ношиносӣ носипосисит.

Дигар риояти ҳаққи карам бар зиммаи аҳли ҳимам (ҳиммат) аз қабили қароиз (қарзҳост), яъне карами худ на карами дигаре аз ин сурат  чунон бошад, ки шахсе хоҳад, ки бо эшон дар изҳори ҳаққе, ки надорад ҳилла пеш барад ва аз маҳлака (ҳалокат) халос ёбад. Эшонро донанд ва ба рӯи вай наёваранд ва риояти ҳаққи карам карда чунон намоянд, ки он фиребро надонистаанд ва он ғуруррро нашнохтаанд ва он ниҳояти мурувват аст.

Овардаанд, ки якеро назди Зиёди Басрӣ оварданд ва ба қатли ӯ ишорат фармуд. Ҷаллод теғ баркашид ва хост, ки чашми ӯро барбандад. Бечора дарёи болоро дид, дар шӯр омада ва наҳанги аҷал даҳан боз карда тазаррӯъ оғоз кард, муфид наяфтод. Ба тавба истиғфор фармуд, суд надошт. Гуфт: «Эй амир, миёни мову шумо ҳурмати ҳамсоягист ва қурби мазору ҳамсоягиро дар шаръ мурувват ва мазҳаби футувват эътибори тамом аст. Агар дар риояти ҷониби ман тақсире равад ва айбҷӯён забони таън дароз кунанд ва хӯрдагирон дари эътироз бикшоянд, ки амир ҳаққи ҳамсоягӣ нигоҳ надошт ва ҳамсоягонро поймоли ҷафо кард. Амир, фикр фамоед, ки хуни чун мани заиф рехтан ва худро нишонаи тири бало кардан аз ҳамчу туе, ки дар гулшани ахлоқи ту хорон нараста ва бар домани авсофи ту бори ситам нанишаста аст бадиъ (нодир) ва баъид (дур) аст».

Қитъа:

Маро махл аст аз ҷон даст шустан,<br>
Чи ғам гар сад чу ман набуда гардад.<br>
Чӣ хоҳӣ гуфт пеши нуктагирон,<br>
Туро гар остин олуда гардад.

Зиёд дар фикр фурӯ рафт ва пайки андешаро ба атрофу ҷониб фиристод ва ба ҳеҷ ваҷҳ ошноие аз ӯ надошт. Гуфт: «Баён кун, то ҳамсоягӣ дар кадом маҳалла  буда ва ҳаққи ҷивор дар кадом диёр собит шуда». Гуфт: «Хонаи падари ман дар Басра ба хонаи амир ҳамостону падарам ба мулозимони амир ҳамдостон буд». Зиёд гуфт: «Падарам туро чӣ ном буд» Гуфт: «Эй амир, аз ҳавли ҷон номи худро фаромӯш кардам, чи ҷои номи падар аст». Зиёд бихандид ва он бечораро бахшид. Фард:

Лаим ними гунаҳ бо ҳазор узр набахшад,<br>
Ба як латифа каримон ҳазор ҷурм бибахшад.

Дигар риояти ҳуқуқи руаё (халқ) ба адлу эҳсон аст ва ҳуқуқи авлоду имроди вузаро ва мулозимон ва сипоҳиёну ходимон дар бобе ба охир самти гузориш хоҳад ёфт.

**Дар сухбати ахёр**

Мусоҳибати некон ва маҷолисати доноён саодати абадист ва роҳнамои давлати сармадӣ!

Маснавӣ:

Меҳри покон дар миёни ҷон нишон,
Дил мадеҳ илло ба ҷамъи сархушон.
Нории хандон боғро хандон кунад,
Сӯҳбати мардонат аз мардон кунад.
Санг гар хорову гар мармар бувад,
Чун ба соҳибдил расад гавҳар бувад.

Мулки форсро қоида он буд, ки ҳаргиз сӯҳбати эшон аз ҳукамову фузало холӣ набудӣ ва ҳеҷ ҳукм бе машварати эшон накардандӣ. Аз ҷиҳате, ки бинои салтанат бар адолату ростӣ ниҳодаанд, мамлакати эшон чаҳор ҳазор сол даркашид ва Султон Санҷар ҳаким Умари Хаёмро бо худ бар тахт нишондӣ ва хулафои Аббосӣ бо он ки худ донишманд буданд, ҳамаи ҳаллу ақди эшон ба каломи аҳли илм будӣ…ва дар хилофат номаи илоҳӣ мазкур аст, ки подшоҳ касеро тавон гуфт, ки соҳиби шавкат бошад ва ҳукми ӯ бар вақфи ҳикмат бувад. Пас лозим аст, худованди қудрати комилро мутаассаф шудан ба ҳикмат ва ин итсоф бар ин ваҷҳ даст диҳад, ки чигунагии тадбиру тасарруф дар ин ҷаҳон биёмӯзад ва бар ваҷҳи омӯхта ба кор барад. Бар ин тақдир ӯро ба мусоҳибат ва мухолифати уламову узало ва ҳукамову урафо майл бояд намуд ва аз ҷоҳилону ғофилон ва бадхоҳон эҳтироз бояд фармуд. Назм:

Ҳамнишине, ки латифу коми ласт,
Роҳати рӯҳ асту ороми дил аст.
В-он ки нодониву ғафлат васфи ӯст,
Сӯҳбаташ монанди заҳри қотил аст.

Юнониёнро расм он буда, ки ҳокими эшон касе бошад, ки илму ҳикмати ӯ аз ҳама уламову фузалои замон бештар бувад. Ё касе, ки (ба) манзури назару маҳкам (и) ҳукм марди алиму (донишманд) ҳаким бошад, то асари сӯҳбати ӯ анвори фазилат бар сафаҳоти ҳоли ӯ лоиқ гардад, ки сӯҳбатро асари азим аст. Дар ахбор омада, ки ҳамнишини нек мисли торест, ки аз атрии худ чизе ба ту надиҳад, боре аз роиҳати ӯ баҳраманд гардӣ ва мисли қарини бад монанди кӯраи оҳангар аст, ки агар ба оташи он насӯзӣ, аммо аз дуду бухори он табъхира гардӣ. Маснавӣ:

Даргузар аз кӯраи оҳангрон,
К-оташу дуде расад аз ҳар карон.
Рав бари аттор, ки паҳлӯи ӯ,
Ҷома муаттар шавад аз бӯи ӯ.

В-аз ҷумлаи аҳли илму ҳикмат, ки подшоҳро ногузир аст яке фақеҳе бувад олим вал миди мутадини аҳкоми шаръро нек забт карда бошад ва

масоили асливу фаръиро тамом дониста, то ба вақти фурсат дар маҷолиси ҳумоюн аз ҳалолу ҳаром сухан дарандозад…
Шеър:

Гар наояд нуктаҳо аз фиқҳу фатво дар миён,
Мунҳадам гардад асоси шаръу миллат дар ҷаҳон.

Дигар носеҳи амин ва хуршеди соҳибяқин, ки умури хирад ба ёди вай диҳад…

Ҳорунаррашид Шафиқи Балхиро гуфт: «Маро панде деҳ». Шайх гуфт: «Эй халифа, худойро сароест, ки онро дӯзах хонанд ва туро дарбони он саро карда ва се чиз ба ту арзонӣ дошта, то ба он халқро аз дӯзах боздорӣ: молу шамшеру тозиёна. Пас, бояд ки ба мол муҳтоҷонро аз фоқа халос кунӣ, то ба василаи зарурат мутаваҷҷеҳи маҳрумот нашаванд. Золимонро ба шамшер қатл кунӣ, то мардумон аз шарри эшон эмин шаванд. Ба тозиёна осиқонро адаб намоӣ, то аз фисқу фуҷур бозоянд. Агар чунин кардӣ, туҳам наҷот ёфтӣ ва ҳам халқро наҷот додӣ. Агар хилофи ин кардӣ, пеш аз ҳама ба дӯзах меравӣ ва дигарон дар паи ту». Ҳорун бигирист ва дасти Шафиқро бибӯсид:
Қитъа:

Насиҳат к-он зи рӯи сидқ гӯянд,
Ба гӯши ҳар ояд дарпазирад.
Чу ҷон дорад ҳадиси соҳиби дил,
Равон андар дилу ҷон ҷой гирад.

Дигар табиби ҳозиқ илоҷро дониста ва ағрози ҳукаморо захираи хотир дошта дар шифои мариз ва аз олаи аъроз ховӣ, (холӣ) куллиёти фан бошад ва дар изофаи анфоси Исавӣ маризеро табобат намояд. Байт:

Тоза гардад ҷони бемор аз дамаш,
Рӯҳро роҳат расад аз мақдамаш.

…Дигар шоири ширинзабону зебобаён, ки дар фасоҳат гӯй аз майдони сухангузарон рабуда бошад ва дар балоғат асби аблақ аз суханварони замон бурда. Фард:

Рӯзи бозори фасоҳатро ривоҷ аз назми ӯ,
Саҳми гулзори балоғатро зи шеъраш рангу бӯ.

Қитъа:

Шоиронро азиз бояд дошт,
Ки аз эшон бақо пазирад ном.
Шеъри Салмон нигар, ки тоза аз ӯст,
Номи султон Увайс дар айём.

Дигар, надими тозарӯйи базлагӯй, ки ба нуктаҳои латифу рангин маҳфилро биёроад ва ба латифаҳои ширин абвоби (дари) инбисот (хушсӯҳбатӣ) ба рӯи ҳозирони маҷлис бикшояд. Байт:

Табъро лаззат аз атрофии ӯ,
Рухро ҳуҷҷат аз латоифи ӯ.

Беҳтарин ҷалисӣ (нишаст) ва хуштарин анисӣ кутуби акобир ва расоили бузургон аст. На замири хонандаро аз ӯ малол аст ва на хотири шунавандаро гулобе, ки бе марсуми вазифа мусоҳибат мекунанд ва бе нозу карашма маҷолис менамоянд. Маснавӣ:

Ҳамнишине беҳ аз китоб махоҳ,
Ки мусоҳиб бувад гаҳу бегоҳ.
Роҳатафзои ҷону роҳати дил,
Ҳарчи дилхоҳи туст аз ӯ ҳосил.
Инчунин ҳамдами латиф кӣ дид,
Ки на ранҷе диҳад на ранҷонид.

Бузургон гуфтаанд, ки ҷамии халоиқ ба ақл мӯҳтоҷанд ва ақл ба таҷриба эҳтиёҷ дорад ва чи гуфтаанд, ки таҷриба оинаи ақл аст, ки дар ӯ сурати масолеҳ мушоҳида мекунад ва ба таҷоруби рӯзгоре умри дарозу фароғате тамом бояд ва чун ҳукамо диданд, касрати бақои умр мустаор ба идроки ин маънӣ вафо намекунад, чора ангехтанд ва аз рӯи меҳрубонӣ тадбире бисохтанд. Ҷабри ин нуқсон ва ба мурури замон таҷрибаҳои куллӣ ба даст ояд. Пас, ахбори мулук ва салотин ва ахволи умарову вузаро ва калимоти уламову ҳукаморо дар китоб сабт карданд.

Қасасу (қиссаҳову) таърихи гузаштагонро ҷиҳати ҳиссу хутути ояндагон дар қайди таалуқе кашиданд, то асҳоби давлат ва арбоби макнат онро дастурамали худ созанд ва ҳар як ба қадри истеъдоду қиммати худ аз мутолиаи он ҳикоят истифода намоянд, то ин мазмуну таҷриба ба дигарон фоида гирифта бошанд. Назм:

Ҳикоёту аҳволи шоҳаншоҳон,
Ривоёту ахбори корогаҳон.
Дилу дидаро равшание диҳад,
Ба илму хирад, ошноӣ диҳад.
Зи ҳар гуна бобе сухан гуфтаанд,
Ба алмоси таҳқиқ, дур суфтаанд.
Ба даврон басе таҷриба кардаанд,
Ба ҳар кор бас ранҷҳо бурдаанд.
Ҳамон беҳ, ки бар қавли эшон равем,
Суханҳои пешинагон бишнавем.
Дарахте, ки гашта зи ӯ рӯзгор,
Басе оварад меваи нағз бор.

Биё то бад-он боғҳо пай барем.
Ва мо дам аз ин меваҳо бархӯрем.

## Дар дафъи ашрор

Чунончи майл ба сӯҳбати ахёру аброр воҷиб аст, иҷтинобу эҳтироз аз маҷолисати ашрор ҳам лозим аст. Чи сӯҳбат ба ҳасби хосият муяссар мебошад, пас чунончи ӯ ҳамнишини фавоиди куллӣ ба ҳусул мепайванданд ва аз ихтилот бо бадон натиҷаҳои нолоиқ зуҳур меёбад. Сӯҳбати некон сабаби мазиди дил аст ва мухолифати бадон сабаби малолу надомат. Назм:

Бо давлатиён нишин, ки хоре,
Дар сӯҳбати гул шавад баҳоре.
Бо ҳар ки на муқбил аст, маншин,
К-аз сар, ки нагашт ком ширин.

Ашрор ду қисманд: яке воҷиб-ал-дафъ ва дигаре воҷиб-ал-манъ. Аммо онҳо, ки дафъи эшон сабаби нафъи мардум ва салоҳи куллӣ дар набудани эшон аст се гурӯҳанд: Аввал, дуздон. Дафъ кардани эшон бар зимати ҳама лозим аст.

Васияти саввум Ҳушанг ин буд, ки эй фарзанд, бояд ки арбоби фисқро молидаву ранҷур ва шарро саркӯбу маққур (дар қаҳр) дорӣ. Қитъа:

То накӯшӣ ба маъзалат нашавӣ,
Ҳаргиз аз мулку салтанат шодон.
Роҳҳоро зи дузд эмин дор,
Гар ту хоҳӣ мамолик ободон.

Ҳикоят аз Амирулмуъмин Умар дар китоби «Ҷавоҳир-ул-иморат» нақл кардаанд, ки эшон гуфтаанд: «Вақте дар ҷоҳилият ба тиҷорат ҷониби Мадоин мерафтам ва чиҳил ҷома аз барди Ямонӣ (матоъ) бо ман буд. Чун ба ҷавори Мадоин расидам, дуздон сари роҳ гирифтанд ва маро ғорат карда бардҳоро бурданд ва ман ба сад меҳнат худро ба Мадоин расондам ва ба додхоҳӣ ба даргоҳи Нӯшервон рафтам. Чун сурати тазаллуми ман ба самъи (гӯши) Нӯшервон расид ва бар камоҳии ҳолоти ман иттилоъ ёфт, ҳоҷиберо фиристод, то дасти ман гирифта маро ба маконе фуруд овард ва гуфт: «Ин ҷо бош, то дуздеро талаб кунанд ва бардҳоро боз ситонанд». Ман дар он висоқ мебудам ва ҳар рӯз ба матбахи хоси хоҷа таоми мулукона меоварданд ва пеши ман мениҳоданд ва ман ҳар рӯз ба даргоҳи Кисро мерафтам ва наззораи маросими мамлакатдорӣ ва раиятпарварӣ мекардам, то баъд аз чиҳил рӯз ба висоқ даромадам, ҷомаҳои бурдаро дидам ниҳода ва дасте бурида он ҷо афтода ки коғазе чиҳил рӯз биистодӣ, то дузди туро ба даст оварданд ва рахти ту ба назди ту расид. Ин чиҳил танга музди чиҳилрӯза интизорист чун ба вилояти худ расӣ, бояд ки аз мо шикоят накунӣ ва аз ин ҳикоят маълум мешавад, ки мулуки рафъалмиқдорро дар боби дафъи дуздон

ва роҳзанон эҳтимоми бисёр бувад. Пас волии одил бояд, ки роҳҳои мардумро аз хавфи дуздону роҳзанон ба ситваи сиёсат эмин созад…

Бибур дасти дузду сари роҳзан,
Ки эмин шавад роҳ бар марду зан.
Чу раҳ гашт эмин шавад корвон,
Зи баҳри тиҷорат ба ҳар сӯ равон.
Дамодам ба ҳар сӯ ситоянд халқ,
Шавад шаҳр маъмуру деҳ низ ҳам.
Зи оинаи дил равад занги ғам.

Дуюм, риндону хунрезони авбоши фитнаангез дар билод вақте ба хирарӯӣ ва тундхӯӣ дасти таарруз ба молу фарзандони мардум дароз кунанд, касе ба ҷиҳати ҳифзи ҳол мутаарризи эшон нашавад ва ҷуз ҳокими соҳибқудратро бар эшон даст набошад. Пас, қатъу қатли эшон зарурат аст.

Дар ахбор омада, ки дар шаҳри Ҳалаб риндону авбошон бисьёр шуданд. Мардум аз эшон ба танг омада, назди султони Миср додхоҳӣ карданд. Султон ҳокиме Муслиҳ ном фиристод, то ба дафъи риндону авбошон иштиғол намояд. Муслиҳ биёмад ва баъзе аз ин муфсидонро сиёсат кард.

Он ҷамоат ба кори худ идома медоданд. Ҳол бад-он расид, ки дар масҷиди ҷомеъи намозгузорӣ дар пеши меҳроби вай навиштанд, ки эй Муслиҳ, худро маранҷон, ки мо аз ин ҷумлаем, ки агар як танро бикушӣ, даҳи дигар сар бароранд. Мо куштани худро фахри худ медонем ва аз он ҳеҷ ор надорем. Назм:

Мо ошиқему, кушта шудан эътибори мост,
Шамшери ишқ тез зи санги мазори мост.
Бе захми теғи ишқ зи олам намеравем,
Берун шудан зи маърака бе захм ори мост.

Муслиҳ, ки ин хат бархонд, донист, ки бо эшон аз ҳиллаву тазвир дар мебояд омад. Фармуд, то дар зери хати эшон навиштанд, ки мардонагиву фарзонагии шуморо донистем ва якдилу якҷиҳатии шуморо бо якдигар маълум кардем. Фард:

Дар ҷигардориву сарбозӣ шуморо мисл нест,
Бар чунин мардони якдил офарин бод, офарин!

Ҳоло аз ҳарчи рафт, пушаймонем ва ба мақоми узрхоҳӣ даромада дар садади тарбият ва тақвияти эшонем ва ҳозирони маҷлис аз ин сухан мутааҷҷиб шуданд ва ӯ дар таърифу тавсифи авбошу риндон машғул шуд ва даст аз ҳасбу қайду қатли эшон кӯтоҳ кард. Дигар рӯз аъёну ашрофи шаҳр наздики вай омада хостанд, ки дар боби авбош сухан гӯянд, ӯ бар эшон сабқат гирифта фармуд, ки эй азизон, мо аз куштани он ҷавонон пушаймонем

ва бағоят ҳайф аст мардуми далеру чолокро куштан, чи дар ҳар қарн аз ин тоифаанд, ки пайдо мешаванд ва ман ба эшон мӯҳтоҷам, ки аҳли қалъаи Рум ёғӣ шудаанд ва маро дар дафъи эшон мардони корӣ мебояд. Шумо агар ҳаводори манед, ҷамоате, ки пешвои сарони ин қавманд ба назди ман оред, то назари тарбият маҳфу созам. Назм:

Аз ин номдорони боҳушу нанг,
Касеро ки бинам сазовори ҷанг.
Диҳам маркабу ҷавшану мағфараш,
Ба гардуни гардон расонам сараш.

Акобири Ҳалаб гутаанд: сардору пешкори эшон пирест бо чаҳор писар ва ҳоло дар паи касбу коре рафта ва аз сиёсати шумо гӯша гирифтаанд. Муслиҳ бифармуд, то эшонро талабиданд ва таъзими бисьёр ва лутфи бешумор намуда ҷомаи худро ба он пир дод ва писаронашро низ хилъат дода ба инояту отифат тасаллӣ дод. Баъд аз чанд рӯз, ки хотири эшон мутмаин ва дили эшон аз ҷониби ҳоким эмин шуд, Муслиҳ бифармуд, ки ба ҷамии мардони хунхори айёрпеша эҳтиёҷ аст, то эшонро тарбият кунам. Шумо ин ҷамоатро мешиносед ҳар киро донед, ки аз дасти вай коре ояд ва маъракаи ҳарбро мешояд биёред, то хилъат диҳам ва эшонро ба дилхоҳи эшон тақвият кунам. Падару фарзандон ба ғоят хушдилу шодон берун омаданд. Аз атрофу ҷониб сесад ятими ҷаррор ва ринду хунхорро назди вай оварданд. Фармуд, ки эшонро фардо биёред, ки хилъат муҳайё шавад ва ҳам дар замон фармуд, то ҳайётонро талабида сесад ҷома дӯхтанд.

Мулозимони даргоҳи вай аъёни шаҳру вилоят ҳама дар ин кор ҳайрон ӯро Султони Миср ба дафъи эшон фиристод ва ӯ ба хилофи амри султон дасти эшонро қавӣ медорад: Байт:

Ба ҷои хор гулбине нишонад,
Ба ҷои заҳр шаккар мечашонад.

Аммо чун шаб даромад ба сесад марди бегонаи фарзонаи мардонаро муқаррар кард, ки силоҳ пӯшида дар ҷои хоби эшон истода бошанд, ки риндон ба он ҷо дароянд ҳар якеро ба қатл расонанд ва рӯз, ки он ҷамоат ва дастбӯсӣ карданд, ишорат шуд, ки аз ҷои хоб риндон хилъат пӯшида берун оянд ва сафи хидмат баркашида камари мулозимат бар миёни ҳаводорӣ барбананд ва ҳамон пирро ба чаҳор писар низ куштанд ва сарҳои он қавми бесаранҷомро бар найза карда, гирди шаҳр бигардониданд ва арсаи он вилоят аз фасоди эшон пок шуд. Байт:

Бадандеш мардум сарафканда беҳ,
Дарахти бад аз бех барканда беҳ.

Севвум, ситамгарони дилозор, ки қасди молу маноли мардум кунанд ва аз сиёсати султон натарсанд, дафъи чунин касон бар подшоҳ воҷиб аст, то

асари шомати ӯ ба мамлакат нарасад. Натиҷаву оқибати ӯ дар он вилоят зуҳур накунад, ки хотимати зулм зарур аст:

Кори золим мулк вайрон кардан аст,
Оламеро дидагирён кардан аст.
Эй ниҳода тири зулм андар камон,
Кай зи шамшери бало ёбӣ амон.

Аммо қисми дуюм, ки воҷиб-ал-манъанд тоифае бошанд ба сифатҳои носутуда ва нописандида. Ҳар оина мулоқот ва мақолоти эшон аҳли давлатро зиён дорад. Яке аз онҳо суханчинонанд, ки ба ахбори дурӯғу рост миёни ҷамъе гарди фитна барангезанд ва дӯстонро бо якдигар душман созанд….

Бузургон гуфтаанд: чун касе назди ту хабар орад, ки туро фалон чунин гуфт ё ба ҷои ту чунин кард, бар ту шаш чиз воҷиб бошад: Аввал, он ки ӯро ростгӯй надонӣ. Дуюм, он ки ӯро манъ кунӣ. Сеюм, он ки ӯро душман дорӣ. Чаҳорум, ба бародарон гумон набарӣ. Панҷум таҷассуси он хабар накунӣ. Шашум, ҳарчи суханчин гӯянд, чунон накунӣ ва асл он аст, ки суханчинро назди худ роҳ надиҳӣ ва мутлақ сухани ӯро гӯш накунӣ:

Суханчинро мадеҳ дар назди худ ҷой,
Ки дар як дам кунад сад фитна барпой.
Суханчинро макун наздики худ ром,
Ки бад гӯяд туро ҳам дар саранҷом.

Овардаанд, ки яке аз хоҷагони Исфаҳони ғуломеро мехарид, фурӯшанда гуфт: «Ғуломи ман айбе дорад, ки суханчин аст». Хоҷа гуфт: «Суханчинии ғулом чӣ хоҳад буд?». Ӯро бихарид. Чун рӯзе чанд баромад, чи ғулом кадбонуро гуфт: «Хоҷа туро дӯст намедорад ва зани дигар хоҳад хост». Кадбону аз ин сухан мутағайиру мутаассир шуд.

Ғулом дид, ки сухани ӯ кор кард ва тадбири фосиди ӯ ба фасона расид. Гуфт: «Мехоҳӣ, ки туро дӯст дорад?» Гуфт: «Оре, мехоҳам». Ғулом гуфт: «Ман тилисме медонам ва афсуне ҷиҳати муҳаббат ёд дорам, чун хоҷа бихуспад устураи (қайчии) тез бардор ва аз мӯҳое, ки зери маҳосини ӯст қадре ба даст ор ва ба ман деҳ, то афсун кунам ва муҳаббати туро дар дили вай мустаҳкам кунам». Зан гуфт, албатта, имрӯз чунин хоҳам кард. Пас, ғулом наздики хоҷа омаду гуфт: «Эй хоҷа, ҳаққи нону намак дар миён аст ва ман чизе шунидаам, туро огоҳ месозам, то аз худ ғофил нашавӣ». Гуфт: «Он чӣ хабар аст?». Ғулом гуфт: «Зани ту дӯсте дорад ва қасди ҳалоки ту кардааст. Агар хоҳӣ, ки ростии сухани ман бидонӣ, чун ба хона равӣ худро ба хоб соз, нигар, ки чӣ мебинӣ». Мард ба хона рафт ва таоми чошт тановул намуда такья бигрифт ва худро ба хоб сохт. Зан пиндошт, ки хоҷа хоб аст, устура ба даст гирифта маҳосини хоҷа боло гирифт, то мӯе чанд битарошад. Хоҷа дида боз кард ва он ҳол мушоҳида намуд. Пиндошт, ки зан қасди куштани ӯ дорад ва барҷасту дасти зан маҳкам бигрифт ва устура аз дасти вай бисутуду сарашро бурид. Хешовандони зан хабардор шуда, хоҷаро

бигирифтанду ба қасос вайро бикуштанд. Ба шуми он суханчии хонумони он азиз хароб шуд. Назм:

Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,
Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст.
Сияҳҷой мардон дарун баста пой,
Беҳ аз фитна бурдан зи ҷое ба ҷой.

Дигар ғаммозонанд ва дидори эшон надиданиву гуфтори эшон нашуниданӣ аст. Байт:

Надидам зи ғаммоз саргаштатар,
Нагун толеъу бахти баргаштатар.

Дар осор омада, ки ғаммоз ҳалолзода набошад. Овардаанд, ки дар бинни Исроил хушксолӣ падид омад ва осори қаҳтӣ ҳосил шуд. Мӯсо бо ашрофи бани Исроил ба талаби об рафтанд ва чаҳор шабонарӯз дуо карданд, асаре иҷозат падид наёмад. Садо омад, ки агар чиҳил рӯзи дигар ҳам дуо кунед, қабул нахоҳад шуд, зеро ки дар қавми ту ғаммозест, ки шуми ӯ намегузорад. Мӯсо тамоми қавми худро аз ғаммозӣ тавба фармуд…То борон омаду қаҳтсолӣ аз миён рафт.

Ҳикоят. Овардаанд, ки подшоҳе якеро тарбият мекард. Гуфт: Агар мехоҳӣ, ки рӯз ба рӯзгори ту боло гираду соат ба соат мартабаи ту бияфзояд ва назди ман аз ҳама мулозимон бақурбтар бошӣ, бояд ки се кор накунӣ: Аввал, дурӯғ нагӯӣ, ки дурӯғгӯ дар чашми мардум хору беқадр бошад. Дуввум маро дар пеши ман ситоиш макун, ки ман худро беҳ аз ту медонам. Севвум, аз ғаммозӣ барҳазар бош ва бадии ӯ дар пеши ман магӯй. Чун ман бадии эшон бишнавам бо эшон бад шавам ва хабари бадии ман бо сипоҳу раият чун зоҳир гардад, тарсон шаванд, илтиҷо ба дигаре кунанд ва подшоҳи дигаре талабанд ва халал аз ин ҷиҳат ба мулки ман роҳ ёбад. Назм:

Барояд зи ғаммоз олам ба ҳам,
Ҳалал роҳ ёбад баҳаилу ҳашам.
Зи ғаммоз гардад ҷаҳон сарнагун,
Ки нопок ҷон асту тира дарун.
Чу ғаммозро дидӣ андар замон,
Ба теғи сиёсат бибурраш забон.

Овардаанд, ки Нӯшервон рӯзе маҷлисе орост, яке аз мулозимони Нӯшервон шахсеро пеши вай ғаммозӣ кард. Нӯшервон гуфт: «Ин суханро таҳқиқ мекунам». Агар рост аст туро ба сабаби ғаммозӣ душман хоҳам гирифт. Ва агар дурӯғ аст, туро ба ҷиҳати он дур хоҳам кард ва агар тавба мекунӣ аз ту хоҳам даргузашт».

Гуфт: «Товба кардам». Нӯшервон гуфт: «Ман авф кардам». Назм:

Ҳар ки ғаммозӣ кунад наздики шоҳ,
Ҳам ба назди шоҳ гардад рӯсиёҳ.

Оламе дар оташу дуд андар ӯ,
Не худо, не халқ хушнуданд аз ӯ.

Дигар гурӯҳ соҳибғарaзнд, ки ҳар чи кунанд ғараз дошта бошанд, на аз рӯи ихлосу ҳаводорӣ сухан ба арз расонанд.

Ҳушанги малик дар дастур фиристода, ки аз мутоибату мувофиқати асҳоби ғараз домани аъроз ва эҳтироз дарбояд чид, ки соҳибғаразон аз сари даъвои бемаънӣ лофи ҳавохоҳӣ зананд ва ҷавҳари ҳасанотро дар риштаи сайот кашанд ва феъли ҷамилу кирдори некӯро дар сурати зишт бознамоянд:

Мадеҳ роҳ соҳибғараз пеши хеш,
Зи соҳибғараз мешавад сина реш.
Ки ӯ ҷумла тазвиру макру Фан аст,
Бурун дӯст дорад, дарун душман аст.

Ва чун маълум шуд, ки ғаразгӯён ба тазвире, ки тадбир ном кардаанд, бадиро ба некӯи баргузоранд ва хубиро зиштӣ дар шумор овардаанд. Пас бе таҳқиқ сухани эшонро ҳукм набояд фармуд ва дар тафаҳҳуси каломи ин қавм муболиға бояд намуд. Маснавӣ:

Чу арбоби ғараз лаб баркушоянд,
Накӯиро ба зиштӣ менамояд.
Ба куллӣ то сухан равшан нагардад,
Касе бояд, ки пироман нагардад.

Искандар аз Арасту пурсид, ки мулозимати мулукро кадом тоифа мувофиқанд ва кадом фирқа нолоиқ. Ҳаким фармуд, ки лоиқи хидмати мулук касест, ки эмин бошад на хоин, зеро ки амонат сабаби иззат аст ва хиёнат мазаллат. Байт:

Марди қонеъ бузургвор бувад,
Томеъ, албатта, хору зор бувад.

Дигар, бояд ки некӯгӯӣ бошад, на айбҷӯй, ки одамӣ ба некӯгӯи ба ҳама ҳол маҳбубу мақбул ва ба айбҷӯӣ назди ҳама кас мардуду маҳзул бошад ва бояд, ки коркунанда на лофзанада, ки марди масоф мӯҳтарам асту соҳиби лофу газоф муттаҳам. Бояд ки мувофиқ бошад ва мунофиқ, ки натиҷаи дӯстӣ меҳру вафост ва самараи нифоқ ҷавру ҷафо…

Ҳасад ранҷест сӯзанда, к-аз ӯ оташ ба ҷон афтад,
Чи ҷои ҷон, ки аз ҳуссод оташ дар ҷаҳон афтад.

…Нафси ҳусуд ба ғоят хабис аст ва адҳоми асҳоби нуфуси ҳабисаро дар заволи неъмат асари тамом бошад аз ин сабаб дар ҳадис омада, ки ҳасад ҳасаноти бандаро мехӯрад, яъне ночиз мегардонад, чунончи оташ ҳезумро.

Ҳасад залилтарин сифат ва хортарин хислат аст ва аслан аз дуноват (фурӯмоягӣ) ва хасосати табиат дар вуҷуд ояд, ки натоиҷи ҷаҳл андар ӯ аз ин ҷост, ки изҳори ин сифат бар нуқсони ақл далели равшан аст, набинӣ, ки ҳусуд ҳамеша аз роҳати ғайре дар машаққате бошад.
Байт:

Дар ин ғусса ҷон медиҳад мардаке,
Ки баҳри чи дорад вуҷуд он яке.

Аз ин навъ ҳар соате ҳазор шарбати заҳролуди ғаму ғусса вуҷуд мекунад ва ҳарҷо касе пойи нишот бар замин ниҳад, ӯ дасти ҳасрат бар сар мезанад:

Ҳусудро ҳасади ӯ бас аст дар олам,
Ки дар билоди ғаму ранҷ дорадаш ҳардам.
Ҳусуд бар дигарон оташе барафрӯзад,
Чу нек дарнигарӣ, худ дар он миён сӯзад.

Дар боби ҳалоки ҳусуду ҳасад ҳикоятест. Овардаанд, ки дар замони Искандар ҷонваре падид омад, бар ҳар ки чашм афтодӣ дарҳол ҳалок кардӣ. Искандар чандон, ки аз ҳукамо чораҷӯӣ кард, ҳеҷ кас чораи он надонист ва дафъи ин ғоила ҳеҷ навъ натавонист.

Охир Аристотелие баъд аз тааммули бисьёр фармуд, ки ман чорае ангехтам ва тадбире кардам, ки ин бало дафъ шавад ва ин офат аз халқ қатъ гардад. Пас, бифармуд то оинае сохтанд ба миқдори он ки одамӣ дар паси он махфӣ тавонад буд… Он ҷонвар бад-он тараф мутааҷҷеҳ шуд ва назараш бар оина афтод ва сурати худро дид. Чун наздик расид, бияфтоду бимурд. Искандарро аз ин ҳол огоҳ карданд.

Аз ҳаким пурсид, ки ин кор чӣ ҳикмат буд? Гуфт: «Эй малик, ҷонвар чандин қудрат дошт, дар оина акси худро дида ҳусуди худ ӯро кушт».

Мард ҳарчанд дар ҳунар кӯшад,
Бахил он ҷумларо фурӯ пӯшад.
Аз бахилони тирадил бигрез,
Дар каримони покҷон омез.

Дар «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» овардаанд, ки салотин мардуми бахилро мулозими худ насозанд, ки аз эшон хиҷолат расад. Чунончи қавлест, ки Амрӯ бинни Лайс вакиле дошт, марде бахил буд. Вақте меваҳо сармо бибурд ва Амрӯ гуфт, мева ҳар куҷо ёбед, бихаред ва харҷ кунед. Рӯзе Амрӯ ҷашне сохта буд ва маҳфиле ороста. Дар ин маҳфил расулон аз атрофу ҷониб расида буданд ва ҳама ҷамъ омаданд ва ҷамии асбоби зиёфат муҳайё буд, ҷуз мева, ки бисьёр андак ба назар омад. Амрӯ вакили худро гуфт: «Мева бисьёр биёвар». Ӯ андаке низ овард, Амрӯро ин ҳаракат бад омад ва гуфт: «Бирав, меваи бисьёр биёвар!».

Оқибат Амрӯ он мумсикро, ки назди меҳмонон ӯро шармсор кард, аз дарбор дур сохт. Байт:

Наздики акобири ҳунарвар,
Айбе набувад зи бухл бадтар.

Севвум, аз он ҷамоат, ки лоиқи мулозамат нестанд, мардуми дунҳиммат ва сифла бошанд ва чун ҳиммати салотин олӣ бояд, пас мардуми дину сифла дар хизмати эшон нашояд. Гуфтаанд, аз мумсик бахил сифла бадтар бошад, зеро ки бахил он бошад, ки карам надорад, аммо аз моли худ баҳра дорад, ва мумсик он аст, ки худ хӯрад ва на ба касе карам кунад ва нахоҳад, ки касе бо касе карам кунад.

Овардаанд, ки подшоҳе буд бағоят ҷавонмарду бахшанда. Рӯзе бо яке аз наздикони худ фармуд, ки маро орзуст, ки ҳазор-ҳазор дирам ба яке бибахшам. Ту чӣ мегӯӣ?

Гуфт: «Ин миқдор мол бисьёр аст. Ин маблағ ба сад кас бас аст».

Гуфт: «Нисф аз ин ато кунам, чун бошад?».

Гуфт: «Ҳанӯз бисьёр аст».

Гуфт: «Сулсе (аз се як қисм) тавон бахшид?».

Гуфт: «Бисьёр аст».

Гуфт: «Дар рубъ (аз чор як) чӣ мегӯӣ?».

Гуфт: «Ҳанӯз рӯй дар касрат дорад ва алқисса, бар ашр (аз ҳашт як) қарор дод, ки сад ҳазор дирам бошад».

Гуфт: «Агарчӣ бисьёр аст магар ба як кас мебояд дод».

Подшоҳ фармуд, ки эй бедавлат ман бихостам, ки ин маблағ ба ту арзонӣ кунам, худро маҳрӯм сохтӣ ва маро аз саховат боздоштӣ. Он мард ба тазаррӯъ даромад, ки эй малик, ман хато кардам. Султон аз карами худ нагардад. Султон фармуд, ту сифлаӣ на лоиқи уқубатӣ ва на қобили атият (ато). Ҳам худро зиён дорӣ ва ҳам маро. Зиёни ман он аст, ки агар он қадар мол ба ту бахшидаме дар саховат алам (байрақ) шудаме ва то инқизори дуньё кароаму муруввати ман боқӣ мондӣ ва зиёни ту ин аст, ки аз чандин мол маҳрум шудӣ. Акнун сад ҳазор дирам, ки бахши худ бар он қарор додӣ бистон ва дигар дар маҷлиси мо чунин сифлагӣ макун! Назм:

Сифла нахоҳад дигареро ба ком,
Хас нагузорад магасеро ба ҷом.
Сифла сияҳрӯ буваду бадниҳод,
Хоки сияҳ бар сари ҳар сила буд.

Чаҳорум, аз он ғайбатгаронанд, ки зикри ҳар кас дар миён ояд хоҳанд, ки аз мусовин он чизе бозгӯянд, ки агар он баёни воқеист, ғайбат бошад. Ва агар ғайри воқеъ аст, ҳам бӯҳтон бошад ва ҳам ғайбат.

Дар хабар омада ки уқубати ғайбат аз зино сахттар аст. Дар хабар омадааст, ки баъзе аз шумо баъзеро ғайбат бикунад. Оё дӯст дорад касе, ки гӯшти биродари мурдаи худро хӯрад. Ин ғояти таҳдид аст ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки ғайбатгӯён монанди мурдахӯр бошанд ва ҳар киро рӯҳияи инсоният дорад аз мурда бипарҳезад ва аз мурдор бигрезад.
Байт:

Аз ғайбати мардумон бипарҳез,
В-аз мардумӣ айбҷӯй бигрез.

Овардаанд, ки яке аз пайғамбарони ғайри мурсал буд, чизҳо дар хоб ба ӯ менамуданд ва нидое мешуниданд. Шабе дар хоб дид, ки чу бомдод бархезӣ дар фалон саҳро гузар кун, нахустин чизе, ки туро пеш ояд бихӯр, дуввум чизе, ки бинӣ пинҳон кун, саввум чизе, ки дар пеш ояд нигоҳ дор, чаҳорумро ноумед нагардон, панҷум чизе, ки дар назар дарояд аз ӯ бигурез. Чун бомдод шуд бархост ва ба он саҳро, ки маъмур буд, равон шуд. Аввал чизе, ки пеш омад кӯҳи баланду бузурги сиёҳранг буд, он шахс мутаҳайир шуд, ки он луқмаро чӣ гуна тавон хӯрд. Ба тарафи кӯҳ равона шуд, ки кӯҳро бихӯрад. Чун ба наздик  расид, дид, ки кӯҳе бадон азамат луқмаи хурд шуда буд. Онро бардошту бихӯрд. Ширинтар аз ангубин ва хӯшбутар аз мушк ва аз он ҷо пеш рафт. Таште дид, зарин ба роҳ афканда. Гуфт: Маро амр кардаанд, ки инро пинҳон дор. Пас дар зери замин хуфра  канд ва ниҳон кард ва хоки бисьёр бар болои ӯ рехт ва бигузашт. Ҳанӯз ду қадам нарафта буд, ки дид он തашт ба рӯи замин аст, дигарбора биомад ва хуфра  дуртар канд ва пинҳон сохт. Саввум бор дар ихфои он муболиғаи зиёде намуд боз зоҳир гардид. Шахс бо худ гуфт:

- Маро гуфта буданд, ки пинҳон кун, ман кори худ кардам ва он чӣ фармуда буданд ба ҷой овардам.

Аз он ҷо даргузашт, мурғе  дид, ки аз бозе ҳаросон шуда ба шитоб мепарад. Гуфт: «Маро нигоҳ дор, ки душман дар қафои ман аст».

Шахс ӯро дар гиребони худ пинҳон кард ва дарҳол бози хашмолудаву гурусна бирасид. Гуфт: «Ё набӣ, имрӯз ҳама рӯз дар талаби ин сайд будам, сайди  ман паноҳ ба ту овард ва ман бағоят гуруснаам, маро ноумед макун аз рӯзии ман».

Шайх бо худ гуфт: «Ба ман гуфтанд, ки инро нигоҳ дор ва дигареро ноумед магзор, акунун чӣ кунам?». Корд баркашид ва қадре гӯшт аз рони худ буриду ба сӯи боз андохт. Боз гӯштро  бардошту  мурғро бигузошт. Он шахс пештар шуд мурдоре дид афтода ва ганда шуда аз вай бигурехт.

Аммо чун шаб даромад, шахс муноҷот кард: «Оллоҳ, он чӣ фармудӣ ба ҷой овардам, ҳикмати инҳо маро маълум гардон».

Нидо расид, ки он  кӯҳи азим, ки дидӣ ва як луқма шуду бихӯрдӣ он хашм аст. Аввал азим намояд ва чун бихӯрдӣ ширинтар аз ҳама  шириниҳост. Дуввум, он ташти зарин, ки ҳар чанд пинҳон мекардӣ ошкор шуд, хайр аст. Ҳарчанд кас хоҳад, ки некиро махфӣ бидорад, албатта зоҳир  мешавад. Он саввумро маънӣ он аст, ки ҳар ки паноҳ орад дар паноҳ гирӣ ва ҳар кас туро эмин кунад, хиёнат дар амонат раво надорӣ. Маънии чаҳорум он аст, ки чун касе аз ту чизе талабад ҷаҳд кун, то ҳоҷати ӯро раво гардонӣ. Панҷум, он мурдори ганда, ки дидӣ ғайбат буд зинҳор аз ғайбат бигурезӣ, ки ғайбат кирдори некро ботил гардонад.

Марон ғайбати ҳеҷ кас бар забон,
Ки тоат зи ғайбат фитад дар миён.

Ба ҳар ғайбате тоате кам шавад,
Зи ғайбатгарӣ кор барҳам шавад.

Ва сӯҳбати мулук бояд, ки аз лути ғайбатгару бӯҳтонгӯӣ пок бошад. Чунончи гуфтани ғайбат ҳаром аст, шунидани он низ раво нест, ки азоби ғайбатшунаванда баробар аст бо азоби ғайбаткунанда.

Гӯшу забон дар раҳи ғайбат манеҳ,
Аз бади кас гӯшу забон пок беҳ.

Ва қабул аз ин  аз ин нуқта дар боби ғайбат гуфта будам.

Панҷум, аз касоне, ки сазовори даргоҳи мулук набошанд, мардуми ноҳақшинос ва ғаррори  носипосанд, ки ҳуқуқи валинеъматро нашиносанд ва шукри мунъимро ба куфрон  мубаддал созанд ва ҳамеша ин ҷамоат сарнагуну маҳҷур бошанд ва аз дилҳои ошнову бегона на дари бахти эшон бедор бошад, на давлати эшон пойдор.

Қитъа:

Касе к-ӯ мекунад неъмат фаромӯш,
Аз ӯ кардан фаромӯшӣ савоб аст.
Аз он к-ӯ ҳақ намедонад, бипарҳез,
Ки рӯҳ аз сӯҳбати ӯ дар азоб аст.

Нақл аст, Муътазиди халифа гуфта, ки ҳар теғи забон, ки дар шукргузорӣ кунд бошад, ӯро бо забони теғи тез сазо бояд дод.

Ҳаққи нону намак табаҳ кардан,
Бишканад мардро сару гардан.
Бо валинеъмат ар бурун ояд,
Гар сипеҳр аст сарнагун бояд.
Ҳақшиносӣ бузургвор кунад,
Носипосӣ зи пой дарфиканад.

Шашум,  дурӯғгӯёнеанд, ки кизб (дурӯғ) пеши ҳеҷ кас писандида нест ва марди дурӯғгӯй беобрӯй бошад. Дар китоби ахлоқ овардаанд, ки дар маҷлиси Фузайли вазир миёни ду надим, ки яке Носир ном дошт ва яке Соқиб мубоҳисае воқеъ шуд. Қадами мазоҳ ва мутоиба бар бисоти инбисот ниҳоданд. Кор аз мутохиба ба мулоиба анҷомид ва ҳам мулоиба ба музориа расид, чунончи ба зарбаи дасти Носир аммома аз сари Соқиб ҷудо гашт.

Соқиб ба риоят мутағайир шуда асари ғазаб бар рухсораи вай падид омад. Вазир гуфт:

-Аз чӣ чиз хашм гирифтӣ? Миёни надимон аз инҳо бисьёр воқеъ мешавад. Собиқ гуфт:

-Чӣ гуна дар ғазаб набошам, ки обрӯи ман дар маҷлиси чун туе рехта шуд. Фузайл гуфт:

-Кор бар худ осон гир ва ин воқеаро ба дили худ саҳл кун, ки обрўи ту дар  пеши ман он рўз рехта шуд, ки гуфтӣ:

-Уштури ман маро дар як шаб аз марв ба Нишопур расонид.

Назм:

Маяфрўз ҳаргиз чароғи дурўғ,
Чароғи дурўғ аст бас бе фурўғ.
Ту аз қизбу таъзим ҳурмат маҷўй,
К-аз он обрў мешавад оби ҷўй.

Ҳафтум, мардумони  бисьёргўӣ парешонсухан низ лоиқи хидмат нестанд. Зеро ки ҳар ки бисьёр калом кунад, ўро каҳр намонад ва дар хабар омада, ки дар сухани бисёр  ғалату сақати бисьёр гуфтан ҳарис мебуд яқин бояд шуд ба ҷунуни ў, яъне ба яқин бидон, ки девона аст ва дар масал омада, ки бисьёргўӣ аст…

Маснавӣ:

Аблаҳе ар сарфи зар мекунӣ,
Сарфаи гуфтор кун, ар мекунӣ.
Чанд зи поси дирам афтӣ ба ранҷ,
Поси сухан дор, ки ин аст ганҷ.
Гуфтани бефоида тарки ҳаёст,
Қавли муваҷҷа сифати анбиёст.
Ҳарчи ба ҳангом нагўяд касе,
Хомўшӣ аз гуфт накўтар басе.
Не ҳама гуфтор зи эшон хуш аст,
Ҳар ки писандида бувад, он хуш аст.

Овардаанд, ки се подшоҳ дар маҷлиси Нўшервон ҳозир шуданд: Қайсари Рум Ҳоқони  Чин ва Дорои Ҳинд. Нўшервон фармуд, ки қарнҳо бояд, ки то чунин маҷмўъе даст диҳад. Биёед, то ҳар яке сухане бигўем ва дареғ бувад, ки аз мо асаре бар саҳифаи рўзгор ёдгор намонад:

Фард:

Дар ин сарои куҳан хўӣ кун ба хушсуханӣ,
Ки беҳтар аз сухани хуб ёдгоре нест.

Эшон ишорат  ба Қисро карданд, ки авали шумо калом фармоед. Нўшервон  аз дурҷи фикр ҷавҳари обдору гавҳари шоҳвор ба табақи баён ниҳода, гуфт: Ҳаргиз ба сухани нагуфта пушаймон набудаам ва бар баъзе суханон, ки гуфта шуда бисьёр надомат хўрдаам. Қайсари Рум дар хазонаи хаёл назар фармуда ва ин  қиссаи тамом нисори маҷлиси шаҳриёр намуд, ки он чи нагуфтаам тавонистам, ки бигўям ва он чи гуфтам бар он қодир набудам. Яъне ҳар тири сухан, ки аз шасти баён ҷудо нашудааст, қудрати он дорад, ки ҳар гоҳ хоҳам  ба ҳадаф расонам. Аммо чун аз тақрир берун шуд боз натавонам гардонид.

Хокони Чин  нофаи сари баҳри баён бикшод ва бар он чи ин шамомаи машоми ҳуззори маҷлиси салтанатро муаттар сохт, ки чун сухан нагўям ў

зердасти ман аст ва ман бар ӯ ғолибам ва чун гуфта шуд, ман зердасти ӯям ва ӯ забрдасти ман аст ва бар ӯ чира натавонам шуд. Яъне то арӯси сухан дар паси пардаи туст, машшотаи машиятро ихтиёр боқист. Агар хоҳад бар сирири нутқаш ҷилва диҳад ва агар хоҳад дар ниқоби адамаш бидорад, аммо чун аз паси ҳиҷоб берун ояд ва парда аз ҷамол бардошт ва дигараш ба хилватхонае натавон фиристод ва ройи Ҳинд аз риёзати гуфтори худ ин гули хушбӯ ва ин  райҳони дилҷӯ чида ба заҳмтгоҳи фасоҳат оварад, ки ҳар калима, ки мебояд гуфт вай ё ба ранҷ савоб аст ё дар маърази хитоб! Агар савоб аст қоил дар ӯҳдаи он сухан мемонад, то аз ӯҳдаи берун тавонад омад ё не.

Агар хатост, ҳеҷ фоидае надорад, пас дар ҳарду ҳол хомӯшӣ авлост:

Ба пире расидам дар ақсоди Юнон,
Бад-ӯ гуфтам, эй он ки бо ақлу ҳушӣ.
Зи мардум чӣ беҳтар ба ҳар ҳол, гуфто:
Хамӯшӣ, хамӯшӣ, хамӯшӣ, хамӯшӣ!

Ҳукамои мутаохир гуфтаанд, хамӯшӣ беҳ аз сухани ба даст ва сухани нек беҳ аз хомӯшист:

Назар кардам ба чашми ақлу дониш,
Надидам беҳ зи хомӯшӣ хисоле.
Нагӯям лаб бибанду дида бардӯз,
Валекин ҳар мақомеро мақоле.

## Дар тарбияти хадам ва ҳашам

Ин боб муштамил бар ду қисм аст. Қисми аввал, дар тарбияти мулук мар мутааллиқон ва мулозимонро. Қисми дуюм, одобе, ки мулозимони султонро риоят бояд фармуд.

### Қисми аввал

Ҳукамо гуфтаанд: Султонро аз аркони давлат ва сардорони ҳазрат ва соири мулозимон ва мутааллиқон гузир нест. Аз барои он ки ҳар касе, ки баъзе аз мамолики арсаи замин дар арсаи тасхири вай  бошад ва ҷамъе аз одамиён дар қайди тасарруфи ӯ бошанд, мар  ӯро зарур аст, ки назар  дар ҷузъиёт ва куллиёти мамлакати худ бар қонун эҳтиёт бикунад ва аз рӯи яқину фаврӣ умури руаё ва зердастон бирасад. Ва ҳоли ҳар яке аз аъёну авсоти мамлакати худ бидонад. Дар таҳқиқи ин амр ду гӯш ва ду чашм кифоят нест, балки гӯши бисьёр ва чашми бешумор лозим аст. Пас, бояд ки ҷамъе донову ҳушманд, нексиришту бетамаъ ва баландҳиммат лозими вай  бошанд. То молики гӯшҳо ва чашмаҳои ҳама бошад. То ба гӯши ҳама  ахбори мамолик бишнавад ва ба дидаи маҷмӯъ дар ҳақоиқи муҳиммот назар кунад. Ва

ҳароина ин ҷамъро, ки дар истимоъи ахбор мутаннавъ ва мушоҳидаи атвори гуногун ба масобаи самъу басаранд риояти куллӣ бояд кард. То аз кори худ боз намонад ва пайваста ба расонидани ахбор ва арз кардани аҳвол машғул бошанд, ки ҳеҷ чиз мулукро зиёнтар аз ин нест, ки ахбори атрофии вилоят ва сурати ҳоли раъият аз султон мунтақеъ гардад. Дар китоби «Сироҷ-ул-мулук» овардаанд, ки Нӯшервон аз мӯбади мӯбадон (донишманд ва соҳиби дайри оташ) пурсид, ки заволи мулк дар чӣ чиз аст? Гуфт: Дар се чиз. Аввал, дар пӯшидани хабарҳо аз подшоҳ. Дуввум, тарбияти мардуми урӯмоя. Саввум, дар зулми амалдорон. Нӯшервон гуфт: «Ба чӣ далел ин сухан мегӯӣ?». Ҷавоб дод, ки чун хабари вилоят ва раъият аз султон инқитоъ ёбад ва аз дасти душман фориғу ғофил бошад, ҳар кас ҳар чӣ хоҳад кунад ва чун ӯ бехабар аст, анвоъи фитна аз ҳар гӯша барзанад ва мамлакат дар сари аҳли фитна равад. Дигар, мардуми дун ва арзал (разил) чун тарбият ёбанд, аз диноят (сифлагӣ) ба ҳиммати ҷамъи ҳол ҳарис бошанд ва ба ҳар кас тамаъ кунанд, қадри акобир ва ашроф нашносанд, ҳурмати мардуми бузург фурӯ гузоранд ва дилҳои халоиқ ба сабаби ин ахлоқ ранҷида шавад. Лоҷарам ҳимматҳо баргуморанд, то аз мураббӣ ва музаббӣ, халосӣ рӯй намояд. Аз ин ҷо гуфтаанд: «Завол-уд-давлати би иртифоъис-сифлати» (Заволи давлат ба тараққиёбии бехирадон аст). Чун сифларо тараққӣ даст диҳад, давлат рӯй ба таназзул ниҳад.

Гуфтаанд, маснавӣ:

Гар сифла ба ҷоҳ даст ёбад,
Бозори малак шикаст ёбад.
Дунон на сазои ҷоҳ бошанд,
Бал дархӯрӣ банду чоҳ бошанд.
Гар сифла ба ҷоҳ даст ёбад,
Бозори малак шикаст ёбад.
Дунон на сазои ҷоҳ бошанд,
Бал дархӯри банду чоҳ бошанд.

Ва дигар уммол (амалдорон), чун бар раъият ситам кунанд, ниятҳо бо подшоҳ бад шавад ва аз зироъат ва аморат малулу мутанаффир гарданд ва мудохили султон кам гардад, озуқа ба лашкар кам расад ва чун лашкаре озуқа наёбад, сар аз хидмат тобад ва агар душман падид ояд, ёру мададгор андак буда, бад-ин ҷиҳат мулк аз даст биравад ва дар ин боб гуфтаанд. Назм:

Зулми омил ҷаҳон хароб кунад,
Дили мазлумро кабоб кунад.
Андар орад ба кохи мулк шикаст,
Домани офият равад аз даст.

Нӯшервон мӯбадоро сано гуфт ва фармуд, то ин калимотро ба оби зар навиштанд. Боз гуфтаанд, ки қасри салтанатро чаҳор қоима (поя), аст агар яке набошад муҳиммоти мулки ҷорӣ нагардад. Аввал, амире ки атрофии

мамлакатро мухотаб кунад ва шарри душманонро аз шоҳу раъият боздорад. Дуввум, вазире, ки хизматгорони султон ва мулозимони вайро тарбият диҳад ва мол аз ҷойгоҳ бистонад ва ба ҷойгоҳ харҷ кунад. Саввум, ҳокиме, ки аз тарафи султон тафтиши аҳволи халқ намояд. Доди заиф аз қавӣ бистонад, аҳли фиску фуҷурро хор ва макрӯҳ (дар қаҳр) дорад. Чаҳорум, соҳибхабари амин, ки пайваста ахбори шаҳру вилоят ва ҳолати аъёну раият ба ҳазрати султон арз намояд. Филҷумла ҷамъе, ки султонро аз эшон чора нест ё арбоби сайфанд: чун амирҳову элчиён ва сипоҳиёну монанди он, ё асҳоби қаламанд: чун вузаро, муставфиён, чораосзон ва амалдорон. Тартиби маҷмӯи инҳо аз рӯи иҷмол он аст, ки ҳамаро ба чашми шафқат ва айни отифат бинад ва он чи ҳар якеро зарур аст, бад-он мӯҳтоҷ бошанд, аз эшон бознадорад ва ҳар қадам аз ӯҳдаву муҳимме, ки маҳфуз ба ӯ бошад, солим бурун ояд, кори худ бар ваҷҳе, ки бояду шояд, бисозад ва ӯро навозиш фармояд ва ҳар киро дар муҳимме таҳовун намояд ва тағофул варзад, аввал ӯро ба насиҳат огоҳ гардонад ва агар манъ нагардад, ба насиҳат гӯшмол диҳад ва ҳаргиз дар пайи изҳори айбҳо ва муқобиҳи (қабоҳати) мулозимон набошад ва ба шодии эшон изҳори баҳҷат (шодмонӣ) ва масаррат намояд ва ба масоиб ва андӯҳи эшон андӯҳи эшон андӯҳу малол зоҳир намояд, ҳар якро дар тарбият ва тақвият ба мартабаи хос нигоҳ дорад, ки касе бо ӯ дар он мартаба шарик набошад, то миён мулозимон кинаву ҳасад пайдо нагардад ва агар муҳимми баъзе аз эшон ба низоъ ва ҷидол анҷомад, ба зудӣ дафъ намояд, то моддаи хусумат қавӣ нагардад, ки з эшон фасодати кулли рӯй намояд. Бузургон фармудаанд, ки «инқитоъи (кандашавӣ) сарриштаи мамлакат вобаста ба низоъи умаро ва вузорост». Назм:

Чу як дил набошад аъёни шоҳ,
Шавад кори шоҳу раъият табоҳ.
Зи аркони давлат назебад низоъ,
Ки истеза орад алал-инқитоъ.
Ситеза ба ҷое расонад сухан,
Ки вайрон кунад хонадони куҳан.

Баҳиман аз ҳакиме пурсид, ки асоси тарбияти мулозимон ба чӣ чиз бояд намуд? Ҷавоб дод, бар ду чиз бояд намуд. Яке лутф ва яке қаҳр бояд, ки ҳамеша асари қаҳр ва назари лутфи султон ба худом (ходим) зоҳир бошад. Ба қаҳрбигирад, то далер нашаванд ва ба лутф даргузорад, то ноумед нагарданд. Дар «Нигористон» оварда, ки: «Тариқи ҳикмат дар тарбият он аст, ки ки ба нармӣ ва оҳистагӣ агар коре муяссар шавад, дар он вакт ташаддуд (дуруштӣ) ва сахтӣ набояд намуд ва агар ба хушунат (дағалӣ) ва сахтӣ ҳоҷат афтад рифқу нармӣ набояд фармуд, ки ҷароҳатро тавонад буд, ки ба неши эҳтиёҷ беш афтад, аз он ки ба марҳам».
Қитъа:

Ҳамеша раҳи лутф натавон гирифт,
Дар абру фикан чин ба ҳангоми хеш.

Набинӣ, ки марҳам наояд ба кор,
Чу гардад ҷароҳат сазовори неш.

Ҳукамо фармудаанд, ки ҳар киро султон хоҳад, ки тарбият кунад, то борҳо накди ҳоли вайро бар маҳаки имтиҳон назанад ва саёри кори вайро ба тамомӣ надонад, ба дидаи тарбият дар вай назар накунад, ки бисьёр вақт номустаъидеро тарбият кардаанд ва чун бар ахлоқу аҳволи вай иттилоъ ҳосил шуд ба зарурат аз назар андохтаанд ва бардоштану зуд наафкандан сутуни салтанатро музирро (фирӯз) аст. Дар ин боб гуфтаанд.

Ва чунончи бардоштаро ба зудӣ биафгандӣ муносиб нест, б зудӣ зушнуд шудан аз кассе, ки бар ӯ хашм гирифтаанд, ҳам маҳмул ба ҳиффат (сабукӣ) аст, чӣ миёни хашму ризо бояд, ки муддате бигузорад, то азму саботи (истодагарӣ) подшоҳ зоҳир гардад. Оварданд, ки рӯзе яке аз хулафо бо вазире сухан мегуфт, дар асної муколама аз вай калимае шунид, ки муносиб набуд. Фармуд, ки ӯро аз маҷлис берун карданд. Он бечора умед аз зиндагонӣ бурида дар гӯшаи кошона нишаст ва ба ноком шарбати талхи сабру таҳаммул таҷарруз (қулт-қулт нӯшидан) карда, мегуфт.

Байт:

Дило, зи ҳоли бади худ ҷазаъ макун зинҳор,
Сабур бош, ки некӯ шавад ба охир кор.

Аммо чун муддати муҳоҷират дер кашид ва кор ба ҷону корд ба устухон расид, қиссаи худро навишта ба яке аз маҳрамони вилоят дод, то ба вақти фурсат ба мавқифи арз расонад. Халифа бихандиду гуфт: «ӯро чандон гуноҳе нест, ки мӯҷиби ҳироми (маҳрумӣ) бошад». Гуфт: «Чун, чуни наст чӣ шавад, ки он бечораро дар маҷлиси ҳумоюн роҳ диҳанд». Халифа фармуд: «ҳар коре ба вақте бозбаста аст ва ҳар муҳимме ба замоне мавқуф монда, ки то замони он муҳим дарнаояд ва вақти он кор дарнарасад ҷаҳду кӯшиш фоида надорад». Байт:

То дар нарасад ваъдаи ҳар кор, ки ҳаст
Суде накунад ёрии ҳар ёр, ки ҳаст.

Баъд аз як сол ӯро талабид ва хилъат дод. Гуфт: «Чун султон касеро бузург гардонад, ба ҳамон назари аввал дар вай бингарад, зеро ки чун молу манол ва иқтидор ёфт, ӯро ба дараҷаи аввал боз натавон бур два агар хоҳад, ки ӯро хурд гардонад, ба тадриҷ ва тааннӣ (оҳистагӣ) дар паи он кор бояд рафт ва илло халалҳо падид ояд». Байт:

Баронаш маёвар ба якборагӣ,
Ки ҷонро бикӯшад ба бечорагӣ.

Нӯшервон аз Бузургмеҳр пурсид: «Лоиқи тарбия кист?». Фармуд: «Касеро тарбият бояд кард, ки адабе дорад ё насабе ва ҳар ки насаби софил (паст) дорад ба ҳукми «Куллу шайинярҷиъу ило аслиҳи» руҷӯъ ба асл худ

мекунад». Дар ҳикоят овардаанд, ки «Марде буд Заккӣ ном аз хонадони бузург, бо насиби олӣ ва адби комил. Канизаки румӣ харид Нӯшоба ном. Бисьёр бадхӯй ва ниҳоят баҳоначӯйи ситазарӯй. Заккӣ ба мулки Яман ба Нӯшобатасарруф кард. Писаре аз ӯ мутаваллид шуд. Рӯзе ҳакиме дар сӯҳбати Заккӣ нишаста буд ва фарзанди Заккӣ ҳозир шуд. Заккӣ ӯро коре фармуд. Он Писар дарҳол бархост ва равон шуд. Чун гоме чанд бирафт ва бозгашт ва дар маҷлис омада нишаст. Ҳозирон мутааҷҷиб шуданд ва гуфтанд: «Имтисоли (фармонбардории) аввалро чӣ сабаб буд ва иҷтиноби сонӣ ба чӣ ҷиҳат рӯй намуд?» он ҳаким бихандиду гуфт: «Заккӣ хост, ки фармон бара два Нӯшоба нагузошт». Асари ҳарду ҷавҳар зоҳир шуд. Чунончи, дар сафедӣ ва сиёҳӣ фарзанд ба падар ва модар мушобеҳ мебошад. Дар разолат ва наҷобат низ ҳамон қиёс бояд кард ва дар ин боб ҳаким Фирдавсӣ фармуд. Назм:

Дарахте, ки талх аст вайро сиришт,
Гараш дарнишонӣ ба боғи биҳишт.
В-ар аз ҷӯйи хулдаш ба ҳангоми об,
Ба бех ангубин резию шаҳди ноб
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.

Гуфтаанд: Нафси ҳабисро парваридан, обрӯи худ бурда наст. Чӣ ҳаром аст бар кассе, ки аз нутфаи ҳабис дар вуҷуд омада бошад, ки аз дуньё интиқол кунад бадӣ нокарда ба ҷони кассе, ки ба ӯ некӯйӣ карда бошад. Фард:

Бадаслро чӣ гунна кассе тарбият кунад,
Дар ҷайби худ чӣ гунна кассе мор парварад.

Нуқтаи дигар дар тарбияти мулозимон он аст, ки як касро ду амал надиҳад, балки барои ҳар кассе мансабе ихтиёр кунад, то ҳама мулозимон умедвор бошанд в аду касро як амал низ нафармояд, ки чун ширкат падид ояд, амал бар мурод сохтаву пардохта нагардад. Қитъа:

На як кас тавонад, ки созад ду кор,
Ки онро писанданд арбоби хуш.
Ду кас низ дар як амал зоеъанд,
Ки деге ба ширкат наояд ба ҷӯш.

Чун аз тарбияти иҷмол фароғате рӯй намуд, се нукта аз тафосили он мураққам мегардад ва муқаддам бар ҳама тарбияти авлод аст. Дар «Захират-ул-мулук» фармуда, ки фарзанд амонати ҳақ аст назди волидайн, дар арсаи маҳшар-мутолабаи ҳуқӯи ин амонат хоҳад буд. Ин амонат оинае аст, ки сувари ҷамиъи нафоис ва камолотро қобил аст ва ҷавҳари, ҳақиқати ӯро ба ҳар чи майл диҳанд, моил гардад. Пас, бо зарурат дар тарбияти ӯ саъй бояд

фармуд, то ба сифатҳои писандидa муттасиф гардад ва аз хислатҳои накӯҳида мунҳариф шавад. Аввал, он ки ӯро ба номи нек таслим (ном додан) бояд кард, ки агар номе номувофиқ бошад, муддати умр дар он дар кароҳат хоҳад буд.

Дигар дояи ӯ бағоят некмизоҷ, хушхӯй ва покизасиришт бояд, ки дар хабар омадааст, ки шир додан табиатро мутағайир созад. Чун муддати разеъ (ширхор) тамом шавад, мардуми покдину некӯхулқро ба хидмати ӯ номзад бояд кард, то табиати ӯ ба авсофи он ходим мустанир (мунаввар) гардад. Чун табъи сибён ба лавҳу лаъаб ва ақлу шурб моил аст дар онҳо оини эътидол ва қонуни тавассут риоят бояд намуд ва муаллими ва парҳезгору диндор таъйин бояд намуд, то ӯро таълими «Қуръон» ва аҳкоми шаръӣ даромӯзад ва илме, ки ӯ дар дину дуньё нофеъ бошад, бознадорад. Беҳтарин таъдиб он аст, ки ӯро аз мухолатати ҷамъе, ки муфсиду каҷтабъ бошанд, нигоҳ дорад ва бо мардуми хушзеҳн, латифтабъ, муслиҳ мусоҳиб созад. Ва доим дар пеши вай уламо, фузало, урафоро мадҳ гӯянд, то муҳаббати эшон дар дили вай русух гардад ва ашрофу фуҷҷор ва бадмаъошонро мазамат кунанд, то кароҳате аз эшон дар табъи вай падид ояд ва чун ба сини тамйиз расид марди бузургҳиммату соҳибтаҷрибаро, ки хидмати мулук карда бошад, муқаррар кунад, то одоби нишасту бархост ва рафтану омадан ба вай омӯзад ва дар он кӯшад, ки осори адаб ва ҳаё ва улувви ҳиммат ва тахаллуқи ахлоқи мулук, аз вай зоҳир гардад. Ва чун вақт дароояд сипоҳиёни далер ва устодони кордидаро амр кунад, то ойини саворӣ ва силоҳдорӣ ва он чи салотинро ба кор ояд, таълим диҳанд: ва чун бузургтар гардад, ба хидмати машоих ва суҳбати уламо далолат кунанд, то назар аз бузургони дин мустафиз (файзёб) гардад, ки ҳимматро асарҳои куллӣ мебошад.

Назм:

Ҳар ки зи давлат асаре ёфтааст,  
Аз дили соҳибназаре ёфтааст.  
Ҳиммати мардон чу дарояд ба кор,  
Барги гули тоза барояд зи хор  
Ҳар назаре к-аз раҳи сидқу сафост,  
Чун ба ҳақиқат нигарӣ кимиёст.

Ва дигар умарои давлат эшон, ки рукни асосии мамлакат ҳастанд. Тарбияти эшон бар он ваҷҳ шояд, ки даҳоне ба қавоиди таъзими эшон роҳ наёбад ва дасти эшон дар тасадии (машғул шудани) муҳиммоти мулкӣ аз моли қавм мутлақ бошад ва дар ҷамиъи умуре, ки ба он мӯҳтоҷ бошанд эшонро мадхал диҳанд, то ҳеҷ умуре бе райъу тадбири эшон сохта нагардад, ва сухане, ки дар боби масолиҳи мулку мол ба мавқифи арз расад, ба самъи қабул исғо (гӯш кардан) намоянд ва дар тақвияту ҷорӣ гардонии муҳиммоте, ки мутаъаллиқ ба эшон аст, ки иборат аз умури навоҳӣ ва элчиву лашкариён ва мулозимон, шарафи илтифот, арзонӣ доранд. Хусусан дар муҳимми элчӣ, ки ӯ маълум метавон кард: «Пас, элчӣ марди сухангӯй, некрӯй, соҳиби ҷуд, бузургҳиммат бояд, то обрӯйи фиристандаи худ нарезад ва ба ҳар кас Расуле фиристанд муносиби он кас бояд фиристод, чунончи ҳаким фармуд:

Расули тавоно, тавоно фирист,
Ба доно ҳам аз ҷинси доно фирист.

Овардаанд, ки Маҳлаб чун хавориҷро ҳазимат кард ва ғанимати бисьёр ба даст овард, Расуле Молик ном ба назди Ҳаҷҷоҷ фиристод. Ҳаҷҷоҷ гуфт: «Маҳлабро чун гузоштӣ?». Гуфт: «Дар ҳоле, ки дӯстони ӯ масруранд, душманони ӯ маққур». Гуфт: «Шафқати ӯ бар сипоҳ ба чӣ андоза аст?». Гуфт: «Шафқати падарона бар фарзандон». Гуфт: «Ҳоли фарзандони ӯ чун аст?». Гуфт: «Ҳама хушанд». Гуфт: «Дар разм чунанд?». Гуфт: «Ҷонро дар пеши эшон хатаре нест». Гуфт: «Дар базл чӣ гунаанд?». Гуфт: «Молро дар пеши эшон қадре нест». Гуфт: «Дар ақлу фазл чӣ гунаанд?». Гуфт: «Чун доирае, ки сару пояш натавон ёфт ва аввалу охираш натавон ёфт». Ҳаҷҷоҷ гуфт: «Ин мард суханро ба ҳадди камол расонид ва Маҳлабро дар дили мо вақъате (бузурге) ва дар чашми мо ҳашмате ҳосил шуд, ва аз одоби Расул ва ақли ӯ истидлол кардем бар адаб ва аҳли фиристандаи ӯ». Қитъа:

Расул аз фиристӣ ҳакиме фирист,
Ки кори туро бошад аз вай биҳӣ.
Шунидӣ, ки он марди доно чӣ гуфт:
«Фаарсил ҳакиман ва ло таҳзанӣ».

Аммо тарбияти лашкариён аз ҷумлаи заруриёт аст ва фоидаи эшон чаҳор чиз аст. Аввал, қувват ва ҳайбати подшоҳ. Дуввум, дафъи душманон. Саввум, эминии руаё. Чаҳорум, дафъи дуздону эминии роҳҳо ва эшонро чаҳор шарт ба ҷо бояд овард. Аввал, он ки аз фармони султон берун нараванд ва ҷуз ба ҳукми ӯ кор накунанд. Дуввум, он ки бо подшоҳ якдилу якзабон бошанд, саввум, он ки бо якдигар низ мутаффиқ бошанд. Чаҳорум, он ки дар корзор мардонагӣ ва фарзонагӣ риоят намоянд. Султонро низ бо эшон чаҳор кор бояд кард. Аввал, он ки силоҳ ва маркаби эшон муҳайё созад. Дуввум, мартабаи ҳар як нигоҳ дорад. Саввум, мардони кориро ба тарбият некӯ кунад ва дар миёни лашкар сарфароз созад. Чаҳорум, аз лашкари душман, ки ғанимат ба даст ояд эшонро баҳраманд гардонад. Аз подшоҳ Қубод манқул аст, ки мӯбадро гуфт, ки бо лашкар чӣ гуна маишат кунам? Фармуд, ки ба ҳар чанд вақт тафаққуди (ҷӯёгии) ҳоли эшон бояд кард. Чунончи, худованди боғ тафаҳҳуси (назорати) бӯстон мекунад ва ҳар гиёҳе, ки ба кор наояд ва қувват аз дигар гиёҳҳо бозмеситонад, онро мебуррäду дур месозад ва ҳар чи аз ӯ нафъе мутасаввир аст, нигоҳ медорад ва тарбият мекунад. Ва дар миёни лашкариён низ ҷамъе бошанд, ки аз эшон ҳеҷ кор наояд. Эшонро улуфа (хӯрок) додан асоми (номҳои) онҳоро аз девони арзоқ (ризқҳо, насибаҳо) маҳв бояд сохт ва ба тарбияти марудми корӣ бояд пардохт ва ба ваҷҳе улуфаи эшон бояд дод, ки ба тариқи эътидол бошад, чӣ агар маишати эшонро танг гирӣ малулу мутафарриқ (пароканда) шаванд ва мумкин аст руҷӯъ ба ҷои дигар намояд ва агар маишат бар эшон фарох

гардад, мустағнӣ шаванд ва дар мулозимату хидматгорӣ коҳилӣ варзанд ва ҳамин маъниро ҳаким Низомӣ оварда. Назм:

Сипаҳро ба андоза деҳ пойгоҳ,
Мадеҳ бештар мол аз харҷи роҳ.
Шикамбандаро чун шикам гашт сер,
Кунад буздилӣ гарчӣ бошад далер.
На серӣ чунон деҳ, ки гарданд маст,
На бигзорашон дар хӯриш тангдаст,
Сипоҳе, ки хушдил набошад зи шоҳ,
Надорад ҳудуди вилоят нигоҳ.

Дигар вузаро, ки эшон пироями мулку хазонаи моланд ва агар муҳими воли мамлакат бе вазирӣ мутамашшӣ (иҷро) гаштӣ, ҳазрати Мӯсо «ало набиино ва алайҳиссалом» аз худо дарнахостӣ, ки аз барои ман вазире аз аҳли байти ман муайян соз ва он бародарам Ҳорун аст ва бад-ӯ пушти ман қавӣ гардон. Пас, маълум мешавад, ки вузаро сабаби истеҳкоми бинои салтанат ва интизоми умури мамлакат ҳастанд, вақте ки мустаҷмеъи (фароҳаморандаи) ҳисоли писандида ва ахлоқи закийа (пок) бошад. Байт:

Аз вазире, ки ӯ накӯйсар аст,
Мулкро зебу зинати дигар аст.

Ва тарбияти эшон он аст, ки ба шарафи илтифоти султон муъазаз (иззатманд) ва ба иззи инояти ҳоконӣ Мушарраф бошанд, то дар чашми хосу ом мукаррам ва муаззам намоянд ва қавме эшонро нифозе (гузаро) ва ҳукми эшонро эътиборе бошад ва касе дар муҳиммоти молӣ бе истисвоби (раъйи савоби) эшон мадхал нанамояд ва тадбири эшонро дар корҳои умда (асосӣ) тамом ва аслӣ бояд донист, чӣ мумкин аст, ки ба қалам корҳо сохта гардад, ки ба шамшер муяссар нагардад.

Байт:

Қалам рахти ҷое тавонад кашид,
Ки шамшер натвонад он ҷо расид.

Рӯзе дар миёни вазире ва амире дар тақдиму таъхир мунозаъат афтод ва амир гуфт: «Ман худованди теғи обдорам ва ту соҳиби қалам. Мулкро ба шамшер тавон сутуд на қалам». Вазир гуфт: «Кори мулк ба қалам рост шавад, на ба шамшер». Ин моҷаро ба самъи султон расид ва ҳардуро ба хидмат талабид. Вазирро гуфт: «Ҳамеша аҳли қалам хидматгорони аҳли сайф будаанд, ту чаро аҳли қаламро тарҷеҳ мекунӣ?». Гуфт: «Эй шаҳриёр, олами шамшер душманонро ба кор ояд на дӯстонро ва қалам ҳам барои нафъи дӯстон ба кор ояд ва ҳам барои дафъи душманон. Дигар асҳоби сайфро ҳаваси мулкдорӣ падид ояд бар валинеъмат хурӯҷ кунад. Аз аҳли қалам

бошад, ҳаргиз ин ҳаракат содир нашавад ва дигар асҳоби сайф (шамшер) хазонаи подшоҳиро холӣ месозанд ва аҳли қалам пур мекунанд ва маҳалли дахл азизтар аз маҳалли харҷ бошад».

Қитъа:

Дар хомаи вазир ба ҳурмат нигар, ки он
Дар ҷӯйбори мулк ниҳолест баҳравар.
Ҳаққе ба мавқеъ аст, агар тарбият кунанд,
Он шохро, меваи ӯст мӯътабар.

Аммо тарбияти муқаррабону элчиён ва маҳрамони мамлакат он аст, ки ҳар якеро ба ҳам хос номзад фармояд ва ба муҳимме, ки мансуб ба касе бошад дигареро дахл надиҳад ва қадри хидмати ҳар кас бошад дигареро дахл надиҳад ва қадри хидмати ҳар кас бидонад ва фарохӯри он дар бораи ӯ утуфат (меҳрубонӣ) намояд ва эшонро бад-он мушобаҳа далер нагардонад, ки ҳар чи хоҳанд, тавонанд гуфт ва ҳиҷоби сатвату (ҳамла) маҳобат аз пеш барнадорад ва ҳамаро дар мартабаи ҳаё ва мақоми адаб мутаваққуф созад ва агар касе аз эшон бе маҳал сухане гӯяд исъо (гӯш) накунад ва то касе некойин набошад ва чандин наёзмуда бошанд, мӯътамад (боваринок) набояд сохт ва сирри худро бо вай дар миён набояд ниҳод ва чун мулозимони мулукро бар якдигар рашку ғитба (некӯйии аҳвол ва орзу бурдан ба ҳоли касе) мебошад, сухане ҳеҷ кадомро дар бораи якдигар истимоъ набояд фармуд. Ва ҳамаро бар дӯстӣ ва мувофиқат бар дӯстӣ ва мувофиқат бар якдигар тарғиб бояд фармуд ва аз мунозаъат ва мухолифат таҳзир (дур) бояд намуд, ки мухолатат бо якдигари эшон дар умури интизоми султонӣ дахли тамом дорад, чунончи шаммае аз ин собиқан зикр ёфт.

Қитъа:

Мулозимони салотин якҷиҳат бошанд,
Муҳимми мамлакату мол барқарор бувад.
В-агар нифоқ намоянду макур ҳилла кунанд,
Асоси ҷумла муҳиммот бе мадор бувад.

Аммо чун ғуломон ва бандагони дирамхарида мар худованди худро ба манзалаи дасту пой ва соири аъзоянд, чи касе ки ба ҷиҳати ғайре такаффули амре (ӯҳдадории коре) кунад, ки ба ионати (ёрии) даст, дар он ҳоҷат афтад, қоиммақоми дасти он ғайр буда бошад ва касе ки саъй кунад дар коре, ки қадам кифоят карда бошад ва касе ки ба чашм нигоҳ дорад чизеро, ки назар дар он сарф бояд кард ва анвоъ-анвоъ (навъ-навъ) рифқу (нармӣ) мадоро ва лутфу ғамхорӣ дар бораи эшон ба кор бояд бурд. Чи эшонро низ, калолу (машаққат) малол ва футуру мондагӣ дар хидмат пайдо мешавад. Пас, дар кор фармудани эшон, инсоф риоят бояд фармуд ва чунон бояд, ки ба умури маишати эшон аз хӯриш ва пӯшиш халале роҳ наёбад ва асл он аст, ки эшонро ба назари хос махсус созад, ки иқдом бар аъмоле, ки бар эшон муфаввваз (супурда) аст, аз рӯи хушдилӣ ва нишот кунад, на аз сари коҳилӣ ва малол.

Дар кутуби ҳикмат овардаанд, ки хоҷаро нашояд, ки ба ҳар гунохе ходимро биронад, зеро ки банда вақте шарти шафқат ба ҷой орад ва ҳаводорӣ кунад, ки худро аз муфориқати маҳдуд эмин донад ва агар бандаро ба ҳар саҳву хатое биронад, худро дар хидмат ориятӣ шиносад ва ҳамчу роҳгузар ба он ва ғарибона маош кунад ва на дар ҳеҷ кор андеша ба кор барад ва на дар ҳеҷ муҳим шарти шафқат нигоҳ дорад. Асл дар бандагон сифати ҳаё ва зиракӣ ҳаст ва ин аз ҳама  сифатҳо даркортар аст. Агар дар банда (ходим) асари макру  дуздӣ дарёфта шавад, зуд дафъ бояд кард. Чун яке аз бандагон (ходимон) ба хиёнати фоҳиш, гуноҳи зишт мулаввас (олуда) гардад ва таъдиб ва таъзиб қобили ислоҳ набошад, салоҳ дар он аст, ки ӯро ба зудӣ нафӣ (дур) кунад, то дигар бандагон ба муҳоварату мусоҳабати ӯ табоҳ нашаванд ва фасод аз ӯ ба дигарон таадӣ накунад. Қитъа:

Сӯҳбату  муфсадону бадфеълон,
Мардуми некро табоҳ кунад.
Ҳар ки бо дег ҳамнишин гардад,
Ҷомаи хешро сиёҳ кунад.

Ва агар аз бандагон, яке аз арбоби давлат, ки мулозими султон бошад, ҳикояте аз ҳоҷа назди султон орад, дар чизе, ки  шаръро дар он мадхале набувад, зуд манъи ӯ лозим аст. Чунончи, дар сиёсати султон Маҳмуди Ғазнавӣ овардаанд, ки рӯзи  одина султон ба намоз мерафт, ғуломе дар ғояти ҳусну ҷамол сари роҳи султон гирифта буд, чун ба кавкаби шоҳӣ расид, ғулом заминро бӯса дод. Султон аз рӯи карам инони хушунат (дуруштӣ) боз кашид, ба забони лутфу марҳамат пурсид, ки чӣ ҳоҷат дорӣ? Гуфт: «Шоҳо, бандаро он кас, ки аз Туркистон меовард, дар тамоми роҳ мегуфт, туро ба хидмати султон мебарам, то сояи иноят ба рӯзгори ту андозд ва ман ба умеди ин башорату навиди ин ишорати қурбати (маҳрами) ғурбату хори бандагӣ таҳаммул мекардам ва пайваста ба мазмуни ин байт:

Гарам ҳазор ғам аз рӯзгор пеш ояд,
Чу рӯи шоҳ бибинам дилам биёсояд.

Хушдил мебудам, акнун ки бад-ин шаҳр омадам, хоҷа ҳусни маро дид ва ба ҳазор динор бихарид ва муддатест, ки маро дар хона пинҳон медорад ва ин соат фурсат ёфтам ва худро ба сари роҳ афгандам , бахт ёрӣ  ва саодат мадагорӣ кард, то ба давлати мулозамат расидам ва умеде, ки дар дил доштам ба мавқифи арз расонидам, боқӣ султон ҳоким аст». Султон фармуд, то ғуломро адиби балиғ карданд ва ӯро ба касе супурд, ки инро пеши Ҳасан барад ва бигӯяд, ки ҳазор динор ба ғуломе метавон дод, чаро сад динор ба дарбоне намедиҳӣ, то бар дари  хона нишинад ва нагузорад, ки ғуломи ту бе иҷозат аз хона берун равад. Яке ҳавос пурсид, ки ғуломро аҷаб адабе фармудаанд. Султон фармуд: «Агар на он будӣ, ки ҳазор динори Ҳасан зоеъ мешуд, бифармудаме, то аз миёнаш ба ду  ним  зананд, чи агар ғуломонро фурсат диҳанд, ҳар ғуломе, ки аз хоҷа биранҷад ҳамин мева пеш гирад ва

шикояте то муваҷҷаҳ ба арз расонад ва муҳимми хоҷагӣ ва бандагӣ халалпазир ва мўҳмал (бемаънӣ) бимонад».
Маснавӣ:

Чу аз хоҷаи худ биранҷид ғулом,
Ба довар диҳад шарҳ бо хосу ом.
Ба бўҳтону ғайбат кушояд забон,
Ки то хоҷаро афганад дар зиён.
Ғуломе, ки з-ин сон бувад хўйи ў,
Мабинод чашми касе рўйи ў.

## Қисми дуввум

Дар одоби ҷамъе, ки ба давлати салотин тақарруб ҷустаанд ва сарфароз гашта аз аркони давлат ва аъёни ҳазрат ва хавоси боргоҳу наввоб (ноибон) ва муҳосибу соири гумоштагон ва мутааллиқон ва бояд донист, ки ҳар ки дар кори подшоҳ шурўъ кунад ва дар муҳимоти султонӣ ҳавз (амиқ назар кардан) намояд, бояд сирати ў бар қонуне бошад, ки сабаби некномии султон ва ободонии мамлакат бувад ва ин маънӣ вақте мешавад, ки риояти чаҳор тараф бар худ лозим донад. Аввал, риояти ҷониби ҳақ. Дуввум, риояти ҷониби подшоҳ. Саввум, риояти ҷониби худ. Чаҳорум, риояти ҷониби раъият. Аммо дар риояти ҷониби ҳақ панҷ шарт аст. Аввал, он ки шукри неъмати илоҳӣ ва фазли номутаноҳӣ, ки дар бораи ў воқеъ шуда ба ҷой орад, то неъмати вай зиёда гардад.
Байт:

Шукри неъмат, неъмат афзун медиҳам,
Муфлисонро ганҷи Корун медиҳад.

Дуввум, он ки маросими тоат фурў нагзорад, балки онро хидмати подшоҳ муқаддам дорад, то дар ҳама чашмҳо азиз гардад ва дар ҳама дилҳо мақбул бувад.

Овардаанд, ки Абў Манзур – вазири подшоҳ Туғрал марди доно ва кофӣ буд ва одат доштӣ, ки чун намози бомдод гузоридӣ, то тулўъи офтоб аврод (дуо) хондӣ. Баъд аз он ба хидмати султон ўро ба таъҷил пеши худ талабид. Касон пай дар пай омаданд ва ў аз сари саҷҷода барнамехост. Ҳосидон маҷоли ғайбат ёфтанд ва забони ғайбат кушода, ўро назди султон ба бадӣ ёд карданд, ки басе такаббурӣ мекунад ва аз сухани султон эътиборе намегирад ва монанди ин калимот дар миён овардан ба мартабае, ки осори тағйири мизоҷ дар башараи подшоҳ зоҳир шуд. Аммо чун хоҷа аз аврод фориғ гашт ба хидмати султон омад. Султон аз рўи ғазаб бонг бар вай зад, ки чаро дер омадӣ?! Гуфт: «Эй малик, ман бандаи худоам ва чокари ту ва то аз бандагӣ хориҷ нашавам ба чокарӣ наметавонам омад». Султон бигирист ва ўро маҳмадати (ситоиш) бисьёр гуфт.
Назм:

Мадеҳ риштаи хидмати ҳақ, зи даст,
Худовандро бандагӣ кун, ки ҳаст.
Сари подшоҳони гарданфароз,
Ба даргоҳи ӯ бар замини наёз.

Саввум, он ки ризои худоро ба ризойи подшоҳ тақдим кунад, ки чун ҳақ субҳонаҳу ва таъоло аз бандагон хушнуд бувад, хашми дигарон ӯро зиёд надорад ва агр худо накарда худои таоло ба ӯ хашм гирад, хушнудии ҳама халқ бар ӯ суде нарасонад. Фард:

Чу худованд аз ту хушнуд аст,
Хашми дигар касон зарар накунад.

Машҳур аст, ки бузурге дар маҷлиси яке аз хулафо буд, вақти намоз танг шуд ва халифа ба муҳимме иштиғол дошт ва намоз бар хотири ӯ фаромӯш шуда буд. Он бузург бархост, ки намоз гузорад. Яке гуфт, ки чаро сабр намекуни намоз бархезад. Гуфт: «Ҳукми худойро мавқуф бар ҳукми дигаре набояд дошт». Гуфт: «Биншин, ки халифа бар ту ғазаб хоҳад кард». Гуфт: «Чун ризои худо ҳосил шавад, аз ғазаби махлуқ чӣ бок?!». Халифа, ки ин бишнавид, он бузургро бисьёр бинавохт ва он мӯъталризро аз назари тарбият бияндохт. Шарти чаҳорум, он ки аз худо беш тарсад, ки аз подшоҳ. Дар хабар омадааст, ки ҳар ки аз худо беш тарсад, ҳама кас аз ӯ беш тарсад. Панҷум он, ки ба худо умедвортар бошад, ки подшоҳ, ки ҳарчӣ медиҳад ӯ медиҳад. Умед дар карами касе бояд баст, ки ҳеҷ умедвор аз дари раҳмати ӯ бознагардад.
Байт:

Маҳол аст агр сар бар ин дар ниҳӣ,
Ки бозоядат дасти ҳоҷат тиҳӣ.

Аммо риояти ҷониби подшоҳро бисту панҷ шарт аст. Аввал, тазаллул (хоксорӣ) ва тазаррӯъ (хорӣ) ва изҳори аҷзу хидматгорӣ чи мулукро ҳимматҳои азим ва ҳолатҳои бузург аст, ки бад-он мунфаранд аз ғайри хеш ва он бад-он сабаб аст, ки мазҳари салтанати илоҳӣ воқеъ шудаанд ва аз ин ҷиҳат лақаби Зиллуллоҳ (сояи худо) итлоқ мекунанд. Пас, ба он маънӣ, ки ин сурат дар эшон мухтафист, аз ҳама халқ истихдом ва тааббуд хоҳанд ва худро сазовори он шиносанд ва дар ҳар чи кунанд, тариқу истиқлол ва таарруд (ягонагӣ) риоят намоянд ва ҳар чи зуҳури салтанат бештар бошад, зуҳури ин сифат зиёдат бувад. Бар ин тақдир истиғнои эшон толиби он аст, ки мардум мӯҳтоҷӣ ва масканати худро бар эшон арз кунанд. Байт:

Чи овардам ба ту чун ҷумла ҳар чи ҳаст ту дорӣ,
Магар шафоату аҷзу ниёзмандиву зорӣ.

Дуввум, таҳаммули меҳнату машаққат ва риёзат кашидан ва бар макореҳ (нохисанд) сабр кардан, чи хидмати мулук абнӣ (биноёфта) ба заҳмат бошад.

Дар кутуби ҳукамо навишта шудааст, ки мулозимати султон ҳоил аст байни мардум ва  осоишталаби роҳату лаззат дар хидмати мулк аз қабили маҳолот бояд шумурд ва шинохт. Саввум, он ки ҳар чи андешаду  кунад ва гӯяд, бояд ки дар он маслиҳати подшоҳро мулоҳаза намояд, ҳам аз ҷиҳати дуньё ва ҳам аз ҷиҳати охират ва тарафи охиратро муқаддам дорад. Чаҳорум, ба тариқи нармӣ ва талаттуф зулмро дар назари ӯ накӯҳида созад ва адлро ба таърифу тавсиф дар дили ӯ ширин гардонад ва бар ваҷҳе ки маслиҳат донад, ӯро аз зулм боздорад, ки агар ба зулми подшоҳ розӣ шавад, ӯ низ дар он мазлама шарик бошад ва дар арсаи ҳашр (рӯзи қиёмат) ӯро низ бо золимае дар маърази хитобу итоб дароранд.

Дар ахбор мазкур аст, ки Яҳьё Воситӣ хаттоте бағоят зебонавис буд ва авлоди хулафо назди ӯ хат менавиштанд ва таълим мегирифтанд. Рӯзе назди вазире таъриф карданд, ки Яҳьё қаламро нек метарошад. Ӯро талабид ва фармуд, то қаламе барои вай битарошад. Яҳьё қаламе бо эҳтиёти тамом тарошид. Вазир бад-он қалам армоне навишт. Ҳати ӯ беҳтар аз пештар намуд. Яҳьёро хилъат ва ҳазор динор инъом фармуд. Яҳьё хилъат пӯшида ва зар ба қабзайи тасарруф даровարда аз маҷлис берун омад. Чун ба дири боргоҳ расид, дарҳол бозгашт ва гуфт: Эй вазир, санъате бар ин қалам аромӯш кардаам, агар иҷозат бошад, баҷо орам. Вазир қалам ба дасти вай дод қаламтарош бикашид ва сари қалам бияфганд ва зару хилъат пеши вазир бинҳод. Вазир фармуд, туро чӣ шуд? Гуфт: Чун ба даргоҳ расидам ин оят ба гӯши дилам фурӯ ханданд: «Хашр кунед золимонро бо шарикону мададгорони эшон» - тарсидам, ки ту бад-ин қалам аз рӯи ситам чизе бар касе нависӣ ва ман қалам тарошидаам, дар он шарик бошам ва ба азоби илоҳӣ гирифтор гардам.

Байт:

Ёри ситамгор машав, эй азиз,
То ки аз он қавм набошӣ ту низ.

Панҷум он, ки подшоҳро бар хайр дорад ва чунон кунад, ки хайри ӯ ба ҳама кас бирасад, чи беҳтарин инъом он аст, ки ом бошад, чун шуъои офтоб бар ҳама ҷо метобад ва чун рушаҳоти (чакидагиҳои) саҳоб, ки ба ҳама заминҳо  мерасад. Аз бузурге пурсиданд, ки хайр бар чӣ ваҷҳ бояд кард ва беҳтарин ваҷҳҳо кадом аст? Фармуд, ки хайр ба умум  бояд кард ва беҳтарин он бувад, ки бар вай  тоза бошад ва миннат бар вай ҳамроҳ набошад. Овардаанд, ки Мӯъин  бинни Зоида карами ом дошт ва дар қудрат бахшиши бағоят хандон ва тозарӯй будӣ. Азизеро пурсиданд, ки абр сахитар аст ё Мӯъин бахшандатар? Ҷавоб  дод, ки саховати Мӯъин аз абр беҳтар ва бештар аст. Гуфтаанд: «Ба чӣ далел?». Гуфт: «Ба он далел, ки ҳар чи абр диҳад гирьён диҳад ва ҳарчи Мӯъин диҳад хандон диҳад».

Қитъа:

Тозарӯйиву инбисоту нишот,
Дар саховат азим мӯътабар аст.
Марди бахшандаро ба вақти сахо,
Тозарӯйӣ саховати дигар аст.

Шашум, то бар касе таваққути тамом надошта бошад ва борҳо сифоти ӯро наёзмуда бошад, ӯро пеши подшоҳ таъриф накунад ва ситоиш нанамояд, то ба вақти озмоиш шарманда нашавад. Овардаанд, ки Заррокӣ наздики якиҳо шуд аз савоби султон Санҷар омад, гесӯҳо гузошта ва қадре ҷомаи каъба оварда, гуфт: «Ман мардеям аз аҳли байти расолат ва имсол ба ҳаҷ рафта будам ва ҷиҳати султон ҳаҷ гузоридаам ва бар сари равзаи расолатпаноҳ барои шоҳ ва аркони давлати ӯ ба ҳузури кофилаи Ҳаҷҷоҷ дуо кардаам. Агар ба хидмати султон расонӣ ҳар ойина аз ту миннатдор шавам ва бад-ин башорат, ки овардаам маро низ навозиш фармояд. Он ноиб ин суратро таҳқиқ накарда, назди султон омад ва он хоҷии алавиро таърифи бисьёр кард, чуноне ки султон муштоқ шуда ба ҳузаро фармон дод, чун он азизро ҳозир гардонид, султонро дастбӯсӣ карда бар ҳошияи бисот биншаст. Султон пурсид, ки аз куҷойӣ? Гуфт: «Аз шаҳри Исфаҳон». Фармуд, ки кай ҳаҷ кардӣ? Гуфт: «Имсол». Қазоро элчӣ аз назди ҳокими Исфаҳон дар маҷлис омада буд, чун номи Исфаҳон шунид ва он касро дид, гуфт: «Эй шоҳ, ман ин касро мешиносам, ӯ сайид нест, балки аз лӯлиёни он вилоят аст ва бештар аз эшон мӯйе бар сар доранд ва ману Раҳим имсол вайро дар Сифоҳон медидам дар рӯзи иди Азаҳӣ ба дари хонаи ман омада буд, ба талаби гӯшти қурбонӣ». Султон бағоят мутаассир шуда, рӯй ба он ноиб кард, ки нек сайиди номдор ва хоҷии бузургвор ва хидмати мо овардӣ! Он ноиби хиҷилзада ва инфиолёфта аз маҷлис берун рафт ва бақияи ал-умр ба хидмати султон наёрист омад. Агар дар аввал таҳқиқи ҳоли ӯ кардӣ ва дар он боб тафаҳҳуси тамом ба ҷо овардӣ ғӯбори хиҷлат бар чеҳраи ҳоли ӯ нанишастӣ ва аз назари чунон подшоҳ маҳрум нагаштӣ.
Қитъа:

Магӯ васфи касе наздики шоҳон,
Магар вақте ки ӯро нек донӣ.
Ки агар набвад бар он васфе , ки гуфтӣ
Басе дар инфиъоли он бимонӣ.

Ҳафтум, ҳар чи донад, ки подшоҳро бад-он майле аст, аз аспу навкар ва амтиъа (матоъ) ва обу замин ва ғайри он ҷиҳати худ нигоҳ надорад, балки ба тариқи истидъо (хоҳиш) чунон кунад, ки ба назари қабул расонад.

Ҳаштум, он ки чун подшоҳ бо вай сухан гӯяд, ба дилу ҷон ва ақлу ҳуш ва чашму гӯш ва тамоми ҷавоҳиру аъзо мутаваҷҷеҳи сухани вай бошад ва чунон накунад, ки як калима аз вай фавт шавад ва ба ҳеҷ фикру амал напардозад ва назар бар ҷониби дигар наяндозад ва ба сухан бо касе машғӯл нашавад, ҳар чанд сухани зарурӣ бошад, чи салотин бағоят ғаюр бошанд. Бинанд, ки касе таваҷҷуҳи эшон аст ба ҷои дигар ба назар ё ба сухан майл кунад, аз рӯйӣ ғайрат ба вай хашм гиранд ва агар дар он маҳал зоҳир

накунанд, асари он ба мурур зуҳур кунад ва хатарот бар он мутараттиб шавад.

Нӯҳум, дар маҷлиси мулук бо касе саргӯшӣ накунад, яъне сир нагӯяд, ки ҳар ки ба ҳузури ӯ ду тан сир гӯянд, ки ӯ надонад ва нашнавад ва нафармуда бошад, ӯро хаёлоти бисьёр рӯ диҳад ва анвоъи (навъҳои) гумонҳо барад ва ағлаб аст, ки аз эшон кина гирад ва дар сӯҳбати салотин ин маъниро муболаға бештар мебошад. Мумкин, ки ҳасадбарон ва аҳли фасод хотирнишони подшоҳ карда бошанд, ки фалону фалонро бо шумо дил рост нест ва дар ҳавохоҳии эшон халале падид омада ва дар мақоми қасд мебошанд. Чун султон бинад, ки дар маҷлис бо якдигар сир мегӯянд, каломи соҳибғараз он муасир меафтад. Назм:

Сухан пӯшида гуфтан дар маҳофил,
Набошад шеваи донову оқил.
Ки аз тарзи адаб бисьёр дур аст,
Нишони ғафлату макур ғурур аст.

Даҳум, бояд ки чун султон аз каси дигар саволе кунад, ӯ сибқат накунад ва ҷавоб надиҳад, то он кас, ки аз ӯ пурсид ҷавоб гӯяд, зеро ки ҷавоб додани касе аз саволе, ки ба дигаре нигарон аст, ҳамл ба сабукборӣ ва бевиқории ӯ мекунад. Яке аз ҳакиме пурсид, ки агар ман дар маҷлиси подшоҳӣ бошам ва ӯ аз ғайри ман савол кунад, раво бошад, ки ман ҷавоб диҳам? Гуфт: «Не. Ту ҷавоб магӯ, ки ӯ фасонаи истихоф аст. Ҳам ба соил, яъне надонистӣ, ки аз кӣ бояд суол кард ва ҳам ба масул, яъне истиҳқоқи ин суол надорад ва дар ин боб маҳзури дигаре аст, ки агар султон гӯяд, ки аз ту намуперсам инро чӣ ҷавоб тавонӣ гуфт ва аз ин сурат чи гуна берун хоҳӣ омад. Агар фарзан аз ҷамоате пурсад, ки ту аз эшон бошӣ, ба ҷавоб сибқат макун, ки дигарон ҳасми ту бошад ва бар сухани ту айб гиранд, балки таъхир кун, то дигарон гӯянд ва айбу ҳунари ҳар сухан бидонӣ, пас он чи ту донӣ, агар беҳтар бошад, арз кун ва илло хомӯш биншин». Маснавӣ:

Макун ҳиффат андар ҷавоби сухан,
Магар дар хатову савоби сухан.
Агар накди ту беғаш омад ба ёр,
К-аз он накд афзуда гардад аёр.
Ва гар на, дар изҳори айбат макӯш,
Мар онро ба ситри хамӯши бипӯш.

Ёздаҳум, бояд ки то султон чизе напурсад, ибтидо сухан накунад ва чун пурсад ҷавоб ба қадри кифоят гӯяд ва хомӯши кунад, магар вақте ки подшоҳ майл дошта бошад бо он ки сухан бештар ва дарозтар гӯяд.

Дувоздаҳум, он ки агар султон ӯро бар чизе вуқуф (огоҳӣ) надиҳад, мутлақан тафаҳҳуси он накунад ва дар пайи донистани он наравад, чи ӯро қобилият он будӣ ба ӯ гуфтандӣ. Пас, муболиға дар вуқуф абр он мутазаммини (момили) ғазаби султон аст.

Қитъа:

Бо ту сирре гар намегӯянд аз номаҳрамӣ,
Ҳар  ки номаҳрам бувад бо сирри султонат чӣ кор?
Чун касеро дар даруни хона рафтан роҳ нест,
Бо таммаллукҳо намудан, пеши дарбонаш чӣ кор?

Сездаҳум, бояд ки дар сӯҳфа ва ҳад ва атня, ки номзади вай шавад, истиғно нанамояд аз подшоҳ, агар чи муҳаққир бошад, зеро ки андаки султон бисьёр аст ва истиғно нишонаи худро доштани инояти подшоҳист ва ҳеҷ оқил ин накунад, ки файзе аз сояи илоҳӣ мутаваҷҷеҳи ӯ гардад ва аз худ рӯ кунад. Байт:

Ҳар чи аз пеши  шаҳ ояд хуш бувад,
Андаку бисьёри ӯ дилкаш бувад.

Чаҳордаҳум, аз тариқи амонат қадам берун наниҳад, ки амонат сифатест, ки мардуми худро азиз гардонад ва хиёнат хислатест, ки мардуми азизро  хор созад. Яке аз хулафо фармуда, ки ман марудми аминро дӯст медорам, ҳарчанд сифла  бошанд ва бо касе  ки хоин бошад душманӣ дорам, агарчи бузургу олӣ бошад, зеро ки амонат аломати имон аст ва дар ҳадис омадааст, ки «имон надорад, ҳар ки амонат надорад» ҳақ субҳонаҳу ва таоло хоинро аз муҳаббати худ бебаҳра сохтааст.

Понздаҳум, бад-он чи аз подшоҳ ба вай расад қонеъ ва розӣ бошад ва зиёдталабӣ накунад ва ҳирс аст.

Назм:

Ҳирсу ҳирмон қарини якдигарест,
Ҳирс аз ҷумла хулқҳо батараст
Мардум аз васфи ҳиср хор шаванд,
Дар қаноат бузургвор шаванд.

Шонздаҳум, дар ҳузур ва ғайбати султон бар зикри маҳодим ва нашри макорами ӯ мудовамат намояд ва агар аз касе калимае бишнавад, ки муштамил бар  тарки адабе бошад ва нисбати подшоҳ ӯро бад-он насиҳат ва маломат кунад ва агр мунзаҷир нашавад, сахт гӯяд ва ҷафо кунад ва агар бад-ин бедор ва ҳушьёр нагардад, тарки мухолатат (омезиш) ва муҷоласат ва мусоҳабати  вай гирад ва бо ӯ бо ҳеҷ ваҷҳ сухан нагӯяд.

Ҳафдаҳум, коре ки ба ӯ муваффаз (супоридашуда) аст бар он мудовамат намояд ва аз муҳимме, ки мутакаффили он аст ғофил нашавад ва ҷаҳд кунад, ки  пайваста ҳозир бошад, то ҳаргоҳ, ки султон  ӯро талабад, дарҳол ба хидмат расад ва аз ҳамешагии бор ҳузуру аз мулозанати доимӣ, ки мудӣ (расонанда) ба маломат бошад, эҳтироз кунад.

Ҳаждаҳум, эътимод бар муҳаббату ризои султон накунад ва ба бисьёрии хизмати худ низ восиқ (дилпур) набувад, чи ғурури ҷоҳ хидматро фаромӯш мегардонад ва дигар он, ки бо султон изҳор накунад, ки маро

наздики ту ҳаққест ё собиқа хидмате дорам, балки ба таъдиди мулозаммат ва таъкиди дуъогӯӣ ва лавоҳиқӣ фармонбардорӣ савобиқи ҳуқуқро наздики вай тоза дорад, бар ваҷҳе, ки охири он аввалро эҳьё (ҷилонок) кунад, ки салотин ҳаққе, ки охираш аз аввал мунтақеъ бувад, фаромӯш кунанд ва аз хидмати касе миннатдор набошанд, чи эшон худро сазовори хидмати касе миннатдор набошанд, чи эшон худро сазовори хидмат мешиносанд.

Нӯздаҳум, маҳалли арзи ҳоҷат нигаҳ дорад, ки арз кардан бар мулук ҳукми намоз дорад, чи намоз дар вақт адо карда шавад, мақбул афтад, арзи ҳоҷат низ чун дар маҳал афтад, раво бошад.

Байт:

Ҳаромаш бувад неъмати подшоҳ,
Ки ҳангоми фурсат надорад нигоҳ.

Ва бояд ки чандин ҳоҷат арз накунад, ки асари малол бар ҷабини подшоҳ пайдо шавад.

Бистум, ӯро агар султон азиз дорад, бояд ки бар ҷамъе, ки наздики ӯ муқаррабанд ё хидматӣ қадимӣ доранд, тақаддум наҷӯяд ва худро аз эшон дар пеш наафганад, ки аз ин сурат бар сафоҳат ва хиффат камхирадӣ истидлол тавон кард. Чӣ шояд ки подшоҳро бо он касе, ки бар ӯ такдим меҷӯяд, унсе ва улфате бошад ё хидмате ба шарте карда бошад, ки султон ҳаққи онро зоеъ нагардонад. Чун он кас ба дафъи толиби тақаддум (пешӣ) бархезад, подшоҳ ҷониби вай гирад ва ӯро мағлуб созад ва ӯ дар инфиъол ва хиҷлат намонад.

Қитъа:

Бар он кас, ки ӯ хоси султон бувад,
Тақаддум маҷӯ, гарчи бошӣ азиз.
Агарчи туро иззате шуд падид,
Аз аъзози ӯ ҳам барандеш низ.

Бисту якум, бояд ки аз ситами султон наранҷад ва ғалат ва дуруштии эшонро ба дилҷӯйӣ ва дилхушӣ қабул кунад, чи гуфтаанд: аз иззати подшоҳӣ ва фармондиҳӣ забонро кушода гардонад ва ба эърози мардумон бесабабӣ. Бар ин тақдир бо эшон мувосо (муросо) бояд кард ва агар аз рӯи нозе, ки мулозими салтанат аст, касеро дашном диҳанд бояд, ки дуо пардозанд.

Мисраъ:

Дашноми ӯ дуъост.

Ва гар дурուштӣ кунад онро ба мулоимат ҳисоб намояд.

Мисраъ:

Таъвили вафо кардам, ҳарчанд ҷафо дидам.

Бисту дуввум, он ки агар дар маърази сахат (хашм) ва ғазаб ва итоби султон афтад, албатта бо ҳеҷ офарида шикоят накунад ва адоват ва хикд (кина) дар дили худ роҳ надиҳад ва рӯи гуноҳро бо худ гардонад.

Фард:

Ҳарчанд ҷафо кунад шикоят накунем,
Гӯем, гунаҳ аз тарафи мост ҳанӯз.

Ва баъд аз он иҷтиҳод кунад ва талаттуф намояд, то сабабе, ки бадон изолаи (маҳв кардан) хашм тавон кард, муҳайё созад.

Бисту сеюм, агар султон бар касе хашм гирад ё бар вай муттаҳам шавад, бояд ки аз он кас таҷаннуб (дур шудан) намояд ва бо тӯҳматзада ихтилот накунад ва бо эшон дар як маҷлис маҷолисат нанамояд, то вақте ки ғазаби  султонӣ ба нисбати эшон сокин гардад ва умеди отифату марҳамат ва меҳрубонӣ падид ояд, он гоҳ бар ваҷҳи латиф эътироз (узрбаёнӣ) бояд намуд, то ризои эшон ҳосил ояд.

Бисту чаҳорум, он ки дар пайи ризои султон равад ва чунон созад, ки хушнудии ӯ ҳосил кунад ва он ба чаҳор чиз муяссар аст. Яке он ки ҳарчӣ подшоҳ гӯяд тасдиқ кунад, магар чизе ки мухолифи шаръу дин бувад. Дуввум, раъю тадбири ӯро бистояд (ситоиш кунад). Саввум, маҳомиди ӯро зоҳир гардонад. Чаҳорум, масовӣ ва қабоиҳи ӯро бипушад.

Бисту панҷум, китмони асбоб аст ва ин умдаи ҳамаи шартҳо ва асли ҳамаи адабҳо бошад. Пас, бояд, ки дар пӯшидани розҳои султон муболиға ба ҷо оварад. Тариқи эҳтиёт дар ин роҳ он аст, ки аҳволи зоҳири подшоҳро , ки ҳамаи мулозимон бар он мутталиъанд ба қадри тавонойӣ пӯшида дорад, то бар сифат китмони малакӣ падид ояд, он гоҳ сир пӯшидан бар ӯ осон шавад ва чун султон бар ҳоли ин кас иттилоъ ёбад агар сирре фош гардад, тӯҳмат бар вай наафтад, чи сирри мактум (пӯшидашуда) бе он ки касе фош кунад аз аҳволи зоҳир  бар фаросат маълум метавон кард ва аз баъзе истодлолот (далел) низ мафҳум мешавад ва дар аснои ин ҳол касоне ки дар он сирӣ маҳалли эътимод будаанд, ҳама мутаҳҳам  мешаванд ва гумонҳои бад ба эшон мебаранд. пас чун кас  бад-ин сифат машҳур  шавад, ки маҳрами асрор аст ва ҳеҷ сирре аз ӯ тарашшуҳ (заҳида баромаданд) намекунад, аз ин гумонҳо дур мебошад. Агар худоӣ нокарда сиққаи (қудрати) касе заиф бувад ва таҳаммули китмони сир  наметавон кард сари ӯ дар маърази талаф аст.
Байт:

Чунин гуфт он ҳакими маслаҳаткӯш,
Ки гар сар боядат сирро фурӯ пӯш.

Овардаанд, ки подшоҳи бузургвор аз ҳакими олимиқдор васияте талабид. Ҳаким фармуд: «Эй малик, ҳамаи васиятҳо дар ин ду калимаи шариф мундариҷ аст ки «Фармони худоро бузург дор ва шафқат бо халқи худо фурӯ нагузор».
Рубоӣ:

Эй тозаҷавон бишнав аз ин пири куҳан,
Як нукта, ки ҳаст бегумон асли сухан.
Бо ҳақ ба адаб бошу ҳикоят меварз
Бо халқ ба рифқ бошу некӣ мекун.

Подшоҳ гуфт: «Дар сиёсат сухане бигӯй». Гуфт: дар куштани мардум саъй, ки харобии бадани инсон осон коре нест, магар дар куштани се кас, ҳама доноён туро маъзур хоҳанд дошт. Яке ҷобире, ки ҷабркунанда харобии мулки ту ҷӯяд. Дуввум, омиле ки моли ту дуздад. Саввум, хоине ки сирри ту ошкор кунад».

Дар ҳикоят омада, ки Нӯшервонро гуфтаанд: «Фалон кас сирри ту ошкор мекунад». Фармуд, ки ӯро дар хок пинҳон кунед, то он роз пинҳон бимонад.

Қитъа:

Ҳарк и созад сирри пинҳон ошкор,
Зери хоки тира пинҳон беҳтар аст.
Сир нигаҳ дорай сарат монад ба ҷой,
З-он, ки ҳифзи сир нигаҳбони сар аст.

Овардаанд, ки подшоҳе бо яке аз мулозимони худ гуфт, ки сирре бо ту мегӯям, ки бояд бо касе нагӯйӣ. Гуфт: «Нагӯям». Гуфт: «Ман аз бародари худ андешанокам ва пеш аз он ки аз ӯ қасде зоҳир гардад дар садади дафъи ӯ мебошам, бояд ки пайваста ту маро муҳочизат кунӣ ва аз бародари ман ҳар чи дарёбӣ, хабар ба ман расонӣ». Он кас қабул кард ва фурсате талабида он ҳол бо бародари ӯ гуфт ва он бародар аз вай минатдор-шуду гуфт: «Ҳақро ба ман собит кардӣ, ки маро хабардор сохтӣ», ӯ низ худро муҳофизат мекард. Бародараш вафот кард ва салтанат бад-ӯ расид. Дарҳол, ки бар тахт нишаст, навкари бародарро талабиду ҳукм кард, ки сараш бардоранд. Гуфт: «Эй малик, гуноҳи ман чист?». Гуфт: «Он , ки сирри бародарам ошкор кардӣ ва бо вуҷуди ин ки ҳама инъом дар ҳаққи ту фармуда ва туро маҳрами инъоми худ сохта, ту сирри ӯро нигоҳ натавонӣ дошт, маро бар ту ҳеҷ эътимоде намонд». Пас, ӯро ба қатл расонданд, ба сабаби он ки ӯ роз напӯшид ва дар вартаи ҳалокат афтод. Фард:

Ба пири майкада гуфтам, ки чист роҳи наҷот,
Бихост ҷоми маю гуфт: «роз пӯшидан».

Аммо дар риояти ҷониби худ ҳафт шарт риоят бояд дошт: Аввал, аз ҷое ки чизе набояд шуд наситонад ва ба ҷое ки набояд дод чизе надиҳад, то на дар дуньё бе кому бе миқдор бошад ва на дар охират расвову шармсор. Дуввум, то тавонад дафъи бадӣ кунад аз ҳама кас, некиӣ расонад ба ҳама. Саввум, баландҳиммат бошад, ки эътибори ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст.

Шеър:

Бошад ба қадри ҳиммати ту эътибори ту.

«Ва ҳар ки ба сифати олиҳиммат ороста аст, ҳар ойина нафси худро ба тамаъи молу маноли дуньё, ки бағоят ҳабис аст, хор нагардонад ва ба андак фоидаи ҷоҳе ва ё моле, обрӯи шарифи худро бар бод надиҳад, ки молу ҷоҳ намонад ва ӯ дар мақоми хиссату хорӣ бимонд. Чаҳорум, он ки на бар халқ

сахт гирад ва на бар худ. Аммо Ҳуҷҷатул-ислом фармуд, ки: Аҷаб бадбахтие бошад, ки барои ризои махлуқ худро ба хашми холиқ гирифтор гардонад ва ба ҷиҳати фароғати султон чандин мазлама бар гардани худ гирад ва нафси азизи худро ҳимаи оташи дӯзах созад ва ба худ напардозад. Қитъа:

Аз барои ризои халқ макун,
Хешро мустаҳиқи хашми худо.
Ҳайф, к-аз баҳри роҳати дигарон
Ту дарафтодайӣ ба ранҷу ано.

Панҷум, қадри ихтиёр бидонад ва қиммати иқтидор бишиносад ва чунон созад ки: Байт:

З-он пештар, ки марг баногаҳ фаро расид,
Хуршеди умр ба сари кӯҳи фано расид.
Зикри ҷамил бо асари хуб аз ӯ ёдгор бимонд.

Шашум, ба ихтиёр ва ҷоҳи худ мағрур нагардад ва такя бар иззату эҳтиром накунад, ки даҳри ғаддор ва сипеҳри носозгор ба ҷафоҷӯйӣ ва тундхӯйӣ маъруф аст. Андаке замонеро аҳдномаи давлат дарнавардида мешавад ва рақами ноумедӣ бар саҳаи бахтиёрӣ ва комгорӣ кашида мегардад. Назм:

Машав мағрури молу ҷоҳу динор,
Ки дуньё ёд дорад чун ту бисьёр
Дамодам бигзари даъво гузорӣ,
Ба душман ҳар чи дорӣ вогузорӣ.

Ҳафтум. Ба он микдор , ки мумкин аст бо мардум некӯи кунад ки фоидаи тақарруби мулук ва ихтиёр бар даргоҳи салотин он аст, ки фавоиди эҳсон ба ому хос расонад ва хурду бузургро аз моидаи чоҳи худ таволи файз чашонад ва яқин бояд донист, ки ҳар ки некӣ мекунад бо худ мекунад.

Яке аз акобири дин фармуда, ки ман дар ҳама умр бо касе некӣ накардаам. Мулозиме пурсид, ки бардавомии файзу эхсон ва инъоми шумо ом аст ва бештар аҳли ин шаҳр машкури (шукр кардан) неъматҳо ва махзузи (хурсанд) карами шумоянд маънии ин сухан, ки мефармоед, ки ман боҳеҷ кас некӣ накардаам равшан созед. Фармуд, ки рост гуфтам. Ҳақ субҳонаҳу дар каломи мӯъҷизиизоми худ фармуда: «Агар некӯйӣ кунед, некӯйӣ карда бошед бо нафсҳои худ». Пас, чун хосияти эҳсон роҷеъ ба нафси ман аст, пас, накӯйӣ бо худ карда бошам ва дар ҷониби бадӣ низ ҳамчунин аст ва дар ҷойи дигар ҳақ субҳонаҳу фармуда: «Агар бадӣ кунед ҳам ба нафсҳои худ кунед» чи уқубати бадӣ ба шумо боз мегардад.

Назм:

Некӯйӣ кун чун акнун медиҳад даст,
Бадӣ бигзор, агар чи қудратат ҳаст.
Ки некӯйӣ накӯйӣ оварад пеш

Ва гар бад мекунӣ бад оядат пеш.

Аммо рияоти тарафи раият бояд донист, ки ғарази аслӣ аз ҷоҳу давлат на истирзои (талаби омурзиш) подшоҳ ва мутаъаллиқони ӯст, балки мақсади ақсо риояти ибод (бандагон) ва имораги билод (шаҳрҳо) аст. Пас, ҷониби раиятро риоят доштан аҳамми (заруртарин) муҳиммот аст ва он риоят ба ду шарт тавон буд. Аввал, он ки дар муҳофизати ҳоли эшон ғояти эҳтимол ба ҷой оварад ва бомдод исъод (ёрӣ) чунон созад, ки бузургон гуфтаанд, ки раият бар мисоли гӯспанд аст ва аҳли ихтиёр бар мисоли шӯбон ва подшоҳ молики гӯспанд. Ҳамчунон ки молик гӯспандонро ба шӯбон супурда то аз даррандаҳо ва доми зиёнкорон нигоҳ дорад ва дар чарогоҳи хуш эшонро фарбеҳ кунад ва натоиҷу самараи он ҳосил оварад. Ҳамчунин аркони давлат бояд, ки руоёро аз чизҳои зараркунанда ва гургони ситамгор нигоҳ доранд ва ончи салоҳи дину дуньёи эшон дар он бошад, бар он доранд ва аз манофеъу макосиби эшон чизе ба подшоҳ расонанд, на он ки аз ҳоли эшон ғофил шаванд, то золимон ҳар чи хоҳанд бо эшон кунанд. Назм:

Тӯйӣ роъй ин дам ғанимат шумор,
Ғанамро зи гурги ситам боз дор.
Наояд ба наздики доно писанд,
Шубон хуфтаву гург дар гӯспанд.

Ва чун калимае чанд аз одоби иҷмолии аркони давлат гуфта шуд, ду-се нуқта аз одоби умаро ва вузаро ва аҳли қалам ва нудамо мазкур мешаванд.

Аммо умаро бояд, ки дувоздаҳ қоида доранд. Аввал, армонбардории ҳақтаъоло ба он қадар, ки хоҳад ки халқ хидмати вай кунанд, нахоҳад, ки хидмати худо кам аз он кунад. Пас, зишт бошад, ки истеҳқоқи (лаёқат, қобилият) махдумии ҳақ бо худ. Байт:

Гар ҷониби ҳақ нигоҳ дорӣ,
Ҳақ низ туро нигоҳ дорад.

Дуввум. Ҳифзи ҳуқуқи неъмат, бояд, ки ҳаққи валинеъмат фурӯ нагузорад ва тариқи хилоф пеш нагирад, ки куфрони неъмат натиҷаҳои бад дорад ва аз ҷумла он ки ҳеҷ касро аз мулук бар эшон эътимод намонад ва дар назари ҳама кас бе эътибор бошанд ва ҳеҷ носипос, кофири неъмат ба мурод нарасида ва оқибат ба накбат ( бадбахтӣ) ва хазлон (хорӣ) гирифтор шуда. Назм:

Ҳаққи неъмат нигоҳ бояд дошт,
Ҳурмати подшоҳ бояд дошт.
Ҳар ки рӯ тобад аз вали неъмат,

Бахт аз ӯ рӯй тобаду давлат.

Ва гуфтаанд аломати мардӣ он аст, ки аз валинеъмат макруҳӣ ва мазаррате расад, онро дар муқобалаи фоида ва манфиате, ки аз ӯ гирифта маҳву ночиз гардонад, то шукри неъмат баҷо оварда бошад. Фард:

Нахоҳам аз сари кӯят ба сад чандин ҷафо рафтан,
Нашояд шерамардонро ба ҳар захме зи ҷо рафтан.

Овардаанд, ки хоҷа ғуломе дошт, кофӣ ва хирадманд. Рӯзе он мард бо он ғулом ба боғе рафт. Дар аснои томошои боғ ба полизе расид ва хиёре бозкарда ба дасти ғулом дод. Ғулом пӯст боз карда ба рағбати тамом тановул менамуд, чунончи хоҷа ҳавас кард, микдоре аз он талабид, то бихӯрад ва ҳамин ки бичашид, бағоят талх буд ва гуфт: «Эй ғулом, хиёре бад-ин талхӣ чи гуна ба нишот мехӯрӣ?». Гуфт: «Эй хоҷа, ин хиёр, ки ту ба ман додӣ ва аз дасти ту бисьёр чарбу ширин хӯрдаам, шарм доштаам, ки ба як луқмаи талх рӯй турш кунам». Фард:

Аз дасти ту сад шарбати ширин бичашам,
Як шарбати талх ар бичашам бок набошад.

Хоҷаро хуш омад ва гуфт: «Чун щукри неъмати ман адо кардӣ, туро дар бандагӣ нагузорам». Озодаш кард ва инъоми бисьёр фармуд…

Чаҳорум, бояд ки ғарази вай аз ҳама асбоб: молӣ, чоҳӣ ва нияти подшоҳ ва оростагии боргоҳ бошад на таҷаммули нафси худ, чи ин навъ ба адаб наздиктараст ва ба ҳақшиносӣ лоиқтар, балки истифои он асбоб дар ин сурат мутасаввур.

Панҷум, ҳазар кунанд аз ташбеҳ намудан ба подшоҳ дар чизе, ки ӯ бад-он мутафаррид бошад аз манозил (маконот) ва малобис (пӯшокӣ) ва маокил (хӯрокӣ) ва марокиб (савориён) ё чизе, ки лоиқи мулук бувад ва пас, чи маънӣ маҳмул ба тарки адаб бошад. Мумкин аст, ки он чиз дар маърази заҳоб бувад ва ба сабаби он дар вартаи ҳалок афтад.

Шашум, бояд ки бар ҳар кор, ки аз султон содир шавад, ки на мухолифи шаръ бувад ӯро мадҳ гӯяд ва он корро ба хубӣ ситоиш кунад. Байт:

Агар шаҳ рӯзро гӯяд шаб аст ин,
Бибояд гуфт, инак моҳу парвин.

Ва ҳама уқалоро маълум аст, ки ҳеҷ коре набувад дар дуньё, ки онро ду ваҷҳ набошад. Яке ҷамил ва яке қабеҳ. Пас, ваҷҳи ҷамил ба ҳар коре талаб кунад ва онро ҳавола ба подшоҳ намояд ва агар ин кор маслаҳат набошад баъд аз он ба тадбири ҳакимон хотирнишон кунад.

Ҳафтум, агар султон рой занад. Ки мухолифи нафси ӯ бошад, ё сухане гӯяд, ки макрӯҳи табъи ӯ мувофиқат бояд кард ва тазалул бояд намуд ва ба таҳқиқ бояд донист, ки ӯ султон ва он кас чокар. Пас, чокар бояд, ки

мутобиати султон кунад, на он ки мусоидат (мувофиқат) ва мутовиати (пайравии) худ талабад.

Ҳаштум, бояд ки ба ҷоҳу тақарруби худ мағрур нагардад ва ба ағрозу икроми подшоҳ қадам аз ҳадди худ фаротар наниҳад ва дар одоби Ибни Муқаннаъ мазкур аст, ки агар султон туро баробар гардонад, ту ўро худованд дон ва гар номи фарзандӣ бар ту ниҳад, ту худро ходим шинос ҳар чанд ў таъзими ту афзояд, ту дар хидматгорӣ ва тавозўъ афзой. Байт:

Шоҳ агар лутфи бе адад ронад,
Банда бояд ки қадри худ донад.

Ва бибояд донист, ки агар аз амире дар ғояти ихтиёр ва ниҳояти иқтидор бошад, сурате дар вуҷуд ояд, ки шабеҳ бошад ба армонгузории султон ва сиёсати вай албатта макрўҳӣ табъи шрафи подшоҳ хоҳад буд, агарчи зоҳир накунад дар хотир нигоҳ хоҳад дошт. Байт:

Макун дар мулки султон ҳар чи хоҳӣ,
Ки ширкат барнатобад подшоҳӣ.

Овардаанд, ки бародари султон Маҳмуди ғозӣ ғуломеро аз бандагони дирамхарида, ки аз вай гуноҳи азим дар вуҷуд омада буд, бифармуд, то фурў кашиданд дар пеши султон омад. Султон дарҳол амр кард, то таблу нақора ва кўсу алам ва асбоби навбати салтанат ба дари хонаи бародараш бираванд. Бародараш чун он ҳол мушоҳада намуд, аз ғояти хавф ва изтироб бе таваққуф ба даргоҳи султон омад ва сари ниёз бар замини хузуъ ниҳод ва гуфт: «Аз банда чи содир шуд, ки асбоби салтанат ба дари хонаи банда фиристанд?». Султон фармуд, ки агар салтанат ҳаққи манаст, ту бо фурў кашидану чўб задан чӣ кор дорӣ? Эй, кош он ҳолат ба арзи ман расидӣ, то тафаҳҳусе кардаме ва нагузоштаме, ки аз молик бар мамлук ҳайфе равад на аз мамлук бар молик ва ҳақ субҳонаҳу ва таоло, ки бандагон ба ман супурда ҷавоби он, маро бояд гуфт, на туро. Баъд аз он ба шафоати бисьёр гуноҳи бародар авф фармуд. Маснавӣ:

Сиёсат нашояд зи корогаҳон,
Ки он хос бошад ба шоҳаншоҳон.
Далерӣ макун бар дари шаҳриёр,
Муҳиммоти эшон ба шоҳи гузор.

Нўҳум. Чун умури сипоҳиён муфавваз ба амир аст, бояд ки амир султонро бар он дорад, ки пайваста лашкари ў ороста бошад ва барои ҳарб муҳайё ва омода гашта, чи олам маҳалли ҳаводис аст ва кас надонад, ки ҳодиса дар чӣ вақт зояд ва фитна аз кадом тараф ояд. Агар султон ба ҷамъи мол машғул гардад ва риҷол ҷамъ накунад, ба вақти зарурат фурў монанд, чӣ ҷамъи риҷол ба мол муяссар гардад ва атрофии мамолик ба риҷол мусаххар гардад. Байт:

Ба лашкар шавад мулки олам мусаххар
Ба мол аст тартиби лашкар муяссар

Овардаанд, ки яке аз салотин бо амире аз умарои худ мушоварат кард, ки ман дар қиссаи молу лашкар ҳайронам. Агар мол ҷамъ кунам лашкар мутафарриқ шавад ва агар лашкар тартиб кунам, мол дар даст намонад. Амир гуфт: «Мол ҷамъ кун». Султон гуфт: «Лашкар парешон шаванд». Гуфт: «Бар ин сурат ҳеҷ далеле дорӣ?». Гуфт: «Оре, дар ин  хонаи холӣ ҳеҷ магас нест, бифармой то зарфе аз асал биёранд». Чун асал ҳозир шуд, магаси бисьёр ҷамъ омаданд. Гуфт: «Ин як намуд аз он чи гуфтам зоҳир шуд». Султонро хуш омад ва таҳсин карду  ин сухан бо  амири дигаре дар миён овард ва гуфт: «Лашкар тартиб кун ва эшон аз худ марон. Зеро ки шояд дар вақте ки хоҳӣ ҷамъ шаванд ё нашаванд». Гуфт: «Бар ин маънӣ далел дорӣ?». Гуфт: «Дорам ва имшаб ба арз расонам». Чун шаб даромад, бифармуд, то зарфе аз асал оварданд як магас  пайдо нашуд. Гуфт: «Дилҳо, ки аз касе  мутанаффир шуданд ва дар торикии нафрат афтодаанд, ҳарчанд мол бар эшон арза диҳанд, пиромуни он кас нагарданд. Ва ман дар ин боб  ҳикояте ёд дорам». Малик фармуд, ки бозгӯй. Амир гуфт: «Султоне дар Миср  буда, ки дар ҷамъи мол мекӯшад ва ба ғайри ҳоли лашкариён намерасид. Ҳар моле, ки ба даст меоварад (дар) сандуқҳо мениҳод ва ба ҳад муҳофизат меовард. Қазоро амири Шом лашкар ҷамъ менамуд, то ба доияи (даъво) ҳарбӣ ӯ мутаваҷҷеҳи Миср шавад. Ин хабар ба Миср расид. Яке аз аркони давлати султони Миср бо вай гуфт, ки амири Шом  лашкар ҷамъ мекунад, то ба ҳарби ту ояд. Мол медиҳад ва лашкар месозад ва мардони ту кӯ ва лашкари ту  куҷост? Подшоҳ ишорат ба сандуқҳо кард ва гуфт: «Мардон дар ҳамёнҳоянду лашкари ман дар сандуқҳо, ҳар гоҳ хоҳам берун оянд». Дар аснои ин ҳам  амири Шом тохте кард ва бар ӯ ғолиб омад ва сандуқҳо дар тасарруф оварду гуфт: «Агар ӯ бад-ин мол мардони корӣ ва муборизони корзорӣ ҷамъ кардӣ ин тафриқа бад-ӯ нарасидӣ». Байт:

Мол диҳӣ мард ба даст ояд,
Вар надиҳӣ, зуд шикаст ояд.

Даҳум, барои салоҳи мулк пайваста бояд, ки мунхиён (хабаррасон) ва ҷосусон баргуморанд, то аз ҷавонибу  атроф ба вай хабарҳо оранд ва аз ҳар гӯша, ки фитна сар занад дар тадоруки он кӯшиш кунад. Овардаанд, ки Соҳиб ибни Ибод мулозими Фахруддавлахи Дайламӣ буд ва аксари авқот дар Шероз нишастандӣ. Иттифоқ афтод, ки се рӯз пеши малик нарафт. Сабоҳи чаҳорум ба мулозамат расид. Фахруддавлаҳ пурсид ки сабаби тахаллуфи се рӯз чӣ буд? Соҳиб гуфт: «Парерӯз мунҳии мо аз тарафи мамлакати Хито (й) омад ва тақрир кард, ки хони Хито (й) ба вақти он, ки ба фаррошхонаи худ мерафт бо яке  аз аркони давлати худ бо мушоварат сухан мегуфт. Се рӯз аст,ки дар андешаам, ки чӣ гуфта бошад ва тафаҳҳуси лашкар мекардам ва дар дафъи таарузи ӯ чораҳо месохтам, то имрӯз сабоҳ қосиди дигаре расид,

ки ӯ чораҳо месохтам, то имрӯз сабоҳ қосиди дигаре расид, ки ӯ таҳияи лашкаре мекард ва ба яке аз атрофии мамлакати худ мефиристод. Хотирҷамъ кардам ва ба мулозамат омадам. Умарову вузароро назари тафаҳҳуси аҳволи салотин, то ин ғоят буда, бо вуҷуди ин ки Хито (й) куҷо ва Шероз куҷо ва қабл аз ин дар боби мунҳиён ва арбоби ахбору аълом ду-се калима гуфта шуд».
Қитъа:

Чу забти мулк муфаввaз ба густ, ҷаҳд намой,
Ки аз ҷонибу атроф бохабар бошӣ.
Ба теғи қаҳр сари фитнаҷӯй бардорӣ,
Ва дафъи тири бало халқро сипар бошӣ.

Ёздаҳум, бояд ки василаи он шавад, ки фақиронро ба султон расонад ва васоити он гардад, ки мазлумон ва додхоҳонро пеши подшоҳон дарорад, то дарди дили худ пеши табиби дорушшафои адолат тақрир карда, шарбати шифои мурод нӯш кунанд ва ҳар амире, ки руаё аз хавфи ӯ ба хидмати султон натавонанд расид, бар мисоли он аст, ки ҷӯи оби софе бошад наҳанг дар он об ҷой гирифта ва лабташнагон ба он об мӯҳтоҷ бошанд ва аз ҳайбати ӯ гирди он тавонад гашт.
Қитъа:

Чун дорӣ ихтиёре ончунон кун,
Ки дарвешон зи ту осуда гарданд.
Мабош он навъ, к-аз дасти ҷафоят
Ба зери пойи ғам фарсуда гарданд.

Дувоздаҳум, бо зердаастон чунон зиндагӣ кунад, ки хоҳад зердастон бо ӯ ҳамчунон маъош кунанд ва дар ҳадиси саҳеҳ омадааст, ки: «Ҳар ки раҳм накунад бар ӯ раҳмат накунанд. Ва касе ки бар халқ набахшояд бар ӯ набахшоянд». Дар хабар омадааст ки бибахшоед бар касе, ки аз шумо фурӯтар аст, то раҳм кунад бар шумо касе, ки аз шумо бартар аст. Назм:

Ғами зердастон бихӯр зинҳор,
Битарс аз зердастии рӯзгор.
Сулук он чунон кун ба халқи ҷаҳон,
Ки хоҳӣ, ки бо ту кунанд ончунон.

Аммо одоби вузаро зиёда аз ҳама аркони давлат бояд, зеро ки ҳеҷ коре бар даргоҳи салотин аз вазорат сахттар нест, чи бар вай ҳасад бисьёр мебаранд ва ҳасудони ӯ бештар мулозимони подшоҳанд. Хусусан ҷамъе, ки дар муносиб ва мудохил бо ӯ мусоҳим ва мушорик бошанд, лоҷарам тамаъ пайваста дар мансаби ӯ мебанданд ва домҳои макру ҳилла бозкашида мутарассиди (интизори) онанд, ки ӯро дар доме афкананд, ки рӯйӣ халосӣ набинад ва бар ин тақдир ӯро ҳеҷ тадбире беҳ аз ростӣ ва камтамаъӣ нест.

Бояд, ки дақиқае дар боби одобу шарти вазорат фурӯ нагузорад, то ангушт бар ҳарфи ӯ наниҳанд ва бузургон гуфтаанд, ки чун касе муҳиммми худро ба покӣ гузорад, айбҷӯёнро дар ӯ маҷоли дахл намонад. Фард:

Киро расад, ки кунад айби домани покат,
Ки ҳамчу қатра, ки бар барги гул чакад покӣ.

Бузургмеҳрро пурсиданд, ки лоиқи вазорат кист? Гуфт: «Он ки ӯро чаҳор ва се ва ду ва яке бошад». Гуфтанд, ба тафсил баён кун. Гуфт: «Яке аз чаҳор ҳушёрӣ, ки саранҷоми корҳо бидонанд. Дуввум, бедорӣ, ки худро пеш аз вақт дар махолиқ наяндозад. Саввум, далерӣ дар сохтани корҳои бузург. Чаҳорум, ҷавонмардӣ. Аммо он се яке он аст, ки чун аз хидматгорон хидмат накӯ бинанд зуд ӯро дар мукофоти он дилнавозӣ намояд. Дуввум, ҷамъе, ки аз фармони ӯ саркашанд, молиш диҳад. Саввум, ҳаводиси рӯзгорро омода бошад. Он ду яке он аст, ки ҷониби подшоҳро риоят кунад ва дигар аз ҷониби раият ғофил нагардад. Ва яке он аст, ки дар ҳеҷ кор аз ҳақ субҳонаҳу фаромӯш накунад. Дар ҳадис омада, ки «чун худои таоло бо амире, яъне бо касе, ки соҳиби амр ва худованди фармон бошад некӯйӣ хоҳад, ӯро вазири росткор ва дурустгуфтор бидиҳад, то агар нуқтае аз қавоиди маъдалат фаромӯш кунад, он вазир ёдаш бидиҳад ва агар ёдаш бувад, вазир ӯро мададгорӣ намояд ва агар ҳақтаоло бад-он амир ғайри ин хоҳад, ӯро вазири нохушкирдор бидиҳад. Агар вақоеи адл фаромӯш бикунад, ба ёдаш надиҳад ва агар ба ёдаш бувад, ӯро бар он ионат ва имдод накунад». Пас, вазири ки ба сифати ростӣ ва покӣ мавсуф аст, мададгори султон бошад дар тамҳиди аркони адл. Маснавӣ:

Чароғафрӯзи мулканд он вазирон,
Ки раҳм оранд бар ҳоли фақирон.
Вазир ар чоҳи худ дар зулм донад,
Аз ӯ кай номи султон зинда монад.

Ва аз шурути (шартҳои) куллии вазорат ва одоби он нӯздаҳ нуқта оварда мешавад:

Аввал, риояти ҷониби ҳақ ва ин сурат бар ҳама чизҳо муққадам аст, зеро ки чун касе ҷониби ҳақ нигоҳад, ҳар оина мулоҳизаи аҳволи худ хоҳад намуд ва ношоисту нолоиқ иҷтиноб хоҳад фармуд.

Дуввум, мусовот нигоҳ дорад миёни шоҳу сипоҳ ва раият ва майл ба ҳеҷ ҷониб накунад, то зулм воқеъ нашавад ва ин мушкилтарин кор ва нозуктарин амалиёт дар вазорат. «Саввум, дар коре, ки шурӯъ мефармояд, дар оқибати он некӯ назар кунад ва аз хотимати он муҳим барандешад, то охир пушаймонӣ накашад ва пушти дасти ҳасрат ба дандони ҳайрат нагазад. Маснавӣ:

Коре, гирифтайӣ ту дар пеш,
Аз оқибаташ накӯ барандеш.

Гар маслаҳат аст ончунон кун,
Вар нест, салоҳ тарки он кун.

Чаҳорум. Қоидаи некӯ ниҳад, ки дар ҳадис омада «Ҳар ки суннати ҳасана ба роҳи некӯ ниҳад, мар ӯрост музди он ва музди ҳар ки амал кунад ба он. Ва ҳар ки суннати бад ва бидъати нописандидa биниҳад, бар ӯ бошад визри (гуноҳ) он ва гуноҳи ҳар ки амал кунад ба он». Рубоӣ:

Эй он, ки ба кори шоҳ будӣ машғул,
Хоҳӣ, ки ҳамеша бошадат иззи қабул.
Бар сафҳаи рӯзгор расме  бигзор,
К-он пеши худову халқ бошад мақбул.

Панҷум, кифояти худ зоҳир гардонад дар умури мулкия, кифояти вузаро дар тамҳиди масолеҳи давлатҳо беш аз он аст, ки тақрирпазир бошад. Овардаанд, ки Азизуддавла овард ва номаҳо навишт ва  аркони давлатро бар вай  берун овард, то ӯро бигирифтанду банд карданд ва тамоми мамлакат ӯро бо мамолики шоҳӣ инзимом дод. Байт:

Ҳама кори шоҳони ҳикматпажӯҳ,
Зи раъйи вазирон пазирад шукӯҳ.

Шашум, агар султон раъе (фикре) андешад, ки маслиҳат моле ва мулке дар он набувад, бояд ки ба он розӣ нашавад, лекин дар маҷмӯъ онро писанд кунад ва бар сари ҷамъ накӯҳиши он  нанамоянд ва донад, ки  раъйи мулук монанди  селе бошад, ки аз сари кӯҳ дарояд ва касе ки хоҳад, ки ба як дафъа онро аз тарафе ба тарафе гардонад, дар вартаи ҳалок афтад. Аммо агар ба аввал мусоидат намояд ва ба мудоро ва эҳтиёт як ҷониби ӯро  ба хоку хошок баланд гардонад, ба ҷониби дигар хоҳад тавонад бурд. Ҳам  бар ин сиёқ дар сарфи раъйи подшоҳ аз он чӣ мутазаммини фасоде бувад, тариқи талаттуф ва тадбир ба ҷой бояд оварад, на бар ваҷҳи амру наҳй, балки аз рӯи тазаррӯъ, чи маслиҳате, ки бар хилофи раъйи ӯ бошад, бад-ӯ бояд намуд ва ӯро бар заҳамоти (раъйи) оқибати он кор танбеҳ бояд дод ва ба  тадриҷ дар авқоти хилват ба эроди амсолу ҳикоёт хотирнишони ӯ бояд сохт ва ба лутфу ҳиллаҳо он раъйро аз хотир берун бояд бурд. Назм:

Тавонӣ ба нармию корогоҳӣ,
Ки тағйири раъйи салотин диҳӣ.
Ва гар аз дуруштӣ барорӣ нафас,
Наоянд аз он раъйи худ боз пас
Пас он беҳ, ки аввал мадоро кунӣ,
Ба фурсат раҳи чора пайдо кунӣ.

Ҳафтум. Ба мансабу мартаба ва тақарруби мулук ва камоли ихтиёр мағрур нашавад, ки мизоҷи салотин ҳукми обу оташ дорад ва эътимодро

нашояд ва яқин донад, ки ҳар амалеро ғарибе дар ақиб аст ва ҳар давлатеро накбате мусталзим. Бузургеро гуфтанд, чаро сарое барои худ насозӣ? Гуфт: «Дар ин шаҳр ду сарой аст, яке саройи девон, вақте ки дар амал бошам». Фард:

Чӣ бошад нозишу коҳиш, ба уқбоеву адборе,
Ки то бар ҳам занӣ дида на ин бинӣ на он бинӣ.

Ҳаштум, то тавонад эҳсон кунад, пеш аз он, ки фурсати он фавт шавад. Назм:

З-он пеш, ки дасти соқин даҳр,
Дар шарбати даҳр афканад заҳр.
Аз сар бинеҳ ин кулоҳу дастор,
Ҷаҳде бикуну диле ба даст ор.
К-ин сар ҳама сол бо кулаҳ нест,
В-ин рӯй ҳамеша ҳамчу маҳ нест.

Нӯҳум. Дар раво кардани ҳоҷоти маҳрумон ва умеддорон саъйи балиғ намояд, ки кафорати мулозамати шоҳон қазои ҳоҷати мӯҳтоҷон аст. Аз ҳазрати Амирулмӯъминин Ҳасан манқул аст, ки фармуд: «Агар ҳоҷати мӯъмине барорам дӯсттар дорам аз он , ки ҳафтод сол ба эътикоф (чилла) нишинам». Ва аз Дониёл пайғамбар алайҳиссалом риоят кардаанд, ки гуфт: «Чандин сол даст бар рикоби подшоҳӣ мезадам, то савор шавам ва ғарази ман он буд, ки ҳоҷати мардум бароварда гардонам». Бисьёре аз авлиёву ҳукамо назири ҳамин маънӣ доштаанд ва хидмати султон ихтиёр фармуда. Аз шайхи кабир манқул аст, ки дар як рӯз ҳафтод навбат пеши Азизуддавла рафта ҷиҳати кори мусулмонон сохтанашуд ва ба охири рӯз Азизуддавла гуфт: «Эй шайх, аҷаб марде будайӣ, ин ҳама омадӣ ва кори ту сохта нагашт, бо ин боз меойӣ мумтанеъ нашудӣ?». Шайх гуфт: «Эй Малик, кори ман сохта шуд, ки нияти ман ризои худо буд. Медонам, ки худо аз ин омадушуди ман розӣ аст. Аммо кори ту сохта нашуд, ки дар муҳимми мусулмонон эҳтимом накардӣ ва мӯҳтоҷонро ноумед сохтӣ ва надонистӣ, ки то аҳли давлат кори касе насозанд, кори эшон сохта нагардад». Фард:

Кори дарвеши мустаманд барор,
Ки туро низ корҳо бошад.

Азизуддавла мутанабаҳ шуд ва бисьёр бигирист ва корҳои шайхро тамом бисохт. Байт:

Дар сохтани кори касон саъй намой,
Кори ту шавад сохта аз лутфи худой.

Ва ҳам, султонро бар хайр дорад ва чунон кунад, ки хайри ӯ ба ҳама кас бирасад. Гӯянд, вазири Атобак аз моли подшоҳ хайри бисьёр кардӣ. Атобак

муставфиро фармуд, ки дигар иқтоъ (ҷойгир ё худ як навъ тӯҳфа аз давлатдории аҳди муғӯл) ба касе надиҳӣ, ки дастат бибуррам. Рӯзи дигар дарвеш аз вазир чизе хост муставфиро гуфт, ки фалон ашьё иқтоъи ӯ бинавис. Муставфӣ таамул мекард. Вазир гуфт: «Чӣ таамул мекунӣ? Аз он метарсӣ, ки дастат бибуррад, аз ин  наметарсӣ, ки туро баровезам». Хабар бар Атобак расид, вазирро талабиду гуфт: «Мустафиро чаро меовехтӣ?». Гуфт: «Ман мехостам, ки таноби саропардаи давлати туро ба мехи давом  истеҳком диҳам ӯ намегузошт, на сазовори баровехтан бошад». Атобак  бигирист ва мартабаи вазирро баланд гардонид. Дар таворих мазкур аст, ки султон Маликшоҳро гуфтанд, ки хоҷа Низомулмулк ҳар сол аз хазона сад ҳазор динор ба уламову сулҳо ва фуқарову зовиядорон ва гӯшанишинон медиҳад ва шуоро аз он  нафъ нест ва лашкари ҷаррор дар ҳам метавон баст. Султон ин суханро бо хоҷа бозгуфт. Фармуд, ки бад он  зар лашкари  зуроварро  тартиб метавон кард, ки эшон душманро бо шамшере, ки тӯли як диръ аст ва тире, ки рафтани ӯ сесад газ бошад аз ту дафъ кунанд. Ман аз барои ту  ба ҳамон зар лашкаре тартиб мекунам, ки аз авали шаб то сабоҳ бар даргоҳи ҳазрати илоҳӣ ба қадами сидқ истодаанд. Аз барои ту забон ба дуо ва даст ба ҳоҷат кушода ва шамшери ҳиммат ба абр мерасонанд ва тири оҳ аз ҳафт осмон мегузаронанд ва лашкари ту ва мо ҳама дар паноҳи эшонем. Фард:

Дигар магӯй, ки дарвеш дар паноҳи касест,  
Ки подшоҳи ҷаҳон дар паноҳи дарвеш аст.

Маликшоҳ бигирист ва гуфт: «Шод бош барои ман бештар аз ин лашкар тартиб фармо».

Ёздҳум, қадри рӯзи амал бидонад ва аз он фоида гирад ва дар корсозӣ ва дӯстнавозӣ кӯшад ва озору изо ба кас нарасонад, вагарна вақте ки он амал аз даст равад, ҷуз ҳасрату надомат дар даст намонад.  
Байт:

Чун тавонистӣ надонистӣ чи суд,  
Чун бидонистӣ тавонистӣ набуд.

Овардаанд, ки бузурге аз амал маъзул шуд ва ҷазаъ мекард. Гуфтанд раво бошад, ки чун ту азизе дар узл (бекор  кардан) ҷазаъ мекунам, чи яқин медонам, ки амал бе узл намебошад. Ин ҷазаъу изтироб барои он аст, ки агар бо касе накӯйи кардаам мегирям, ки кошки некӣ зиёда  кардаме ва гар аз ман ба нисбати касе бадӣ содир шуда, меандешам, ки бадӣ накардаме. Фард:

Чун оқибат ҷазои баду нек медиҳанд,  
Эй кош, некӣ аз ҳама беш кардаме.

Дувоздаҳум, аз руҷуъи халқ ва тараддуди мардум танг наояд ва ба вақти мулоқот бо эшон гиреҳ бар пешонӣ назанад ва яқин донад, ки мардум мулозими ихтиёранд. Ҳар ҷо ки ин сифат зуҳур кунад аз мулозамати халқон чора нест. Овардаанд, ки Фазл бинни Суҳайл дар замони вазорати худ якеро

гуфт, ки аз омадушуди мардум ба танг омадаам ва аз бисьёрии гуфтшунид бо додхоҳон малул гашта. Гуфт? «Эй вазир, болиши эъзоз паси пушт баргир ва маснади вазорат дар ҳам печ ва дар ӯҳдаи ман кун, ки ҳеҷ кас туро наранҷонад ва дар ҳеҷ муҳими касе ба ту руҷӯъ нанамояд».
Қитъа:

Пеши он кас, ки ихтиёраш ҳаст
Халқ, бе ихтиёр меоянд.
В-агар он ихтиёр рафт аз даст
Ба дари ӯ чӣ кор меоянд.

Сездаҳум, дӯстони холис пайдо кунанд, ки аз неъматҳои аҳбоб якдилу якҷиҳат накӯтар бошанд ва гуфтаанд ки «дӯсти мухлис беҳ аз ганҷи зари холис».

Чаҳордаҳум, аз аъмоли хоин ва золим ғофил машавад ва пайваста ба тафаҳҳусу таҷассуси аҳволи эшон иштиғол намояд ва золимони озордиҳандаро бар мазлумони руаё мусаллат нагардонад ва чун ситаму хиёнати яке аз эшон (ва чун ситам ва хиёнате, ки эшон) зоҳир гардад, ӯро ба уқубате, ки сазовори он бошад, ибрати дигарон гардонад ва дар сиёсати золимон мутлақан мусоҳала (сустӣ) накунад.

Понздаҳум, аз уммол (амалдорон) ришват нагирад, ки то касе ришват аз дигаре наситонад натавонад, ки ба дигаре ришват бидиҳад ва чун вазир ба ришват фирефта шавад, иҷозат аст ба ришват гирифтани он кас ва ришват додан ва сутудан ҳаром аст. Ва дигар ришватгиранда забуни ришватдиҳанда мебошад ва забунӣ муносиби вазир нест!

Шонздаҳум, агар бар қайди фосиде ва макри муфиде ё ғамзу сиъотати (суханчинӣ) муониде (душман) вукуф ёбад, чунон зоҳир кунад, ки ӯро ба дил ҳеҷ бок нест ва назди султон хашму кина аз эшон зоҳир накунад, ки муаккиди сухани эшон гардад ва агар дар мақоми саволу ҷавоб ва мунозараву ҷидол афтад, ҷавоб аз рӯи ҳилму виқор гӯяд, хиффат ва сабуксарӣ накунад, ки ғалаба ҳамеша дар ҷониби ҳилм мебошад.

Ҳафдаҳум, худро ба салотин чунон намояд, ки ба андак калима ва камтар ишорате, ки шоҳ фармояд, тамоми амволу ҳамагии ҷиҳоти худро базл хоҳад кард, ки чун чунин кунад моли ӯ аз тамаъи подшоҳ эмин шавад, чи онро аз худ донад ва ҳамон дар тасарруфи худ шиносад.

Ҳаждаҳум, касеро ки амал медиҳад бояд, ки аз рӯйи тааммул ва фикр бисьёр бошад ва то борҳо наёзмуда бошад бар вай эътимод накунад, то дар охири кор мунфаилу шармсор нагардад. Назм:

Ба ақлаш бибояд нахуст озмуд,
Ба қадри ҳунар погоҳаш фузуд.
Ба айём то бар наояд басе,
Нашояд расидан ба ғаври касе.

Нӯздаҳум, ба коре ки рафтан дар ӯ осон аст ва берун омадан душвор, шурӯъ нанамояд, ки бузургон гуфтаанд. Байт:

Ту ба муҳиме, ки даройӣ нахуст,
Рахнаи берун шуданаш кун дуруст.

Аммо арбоби қалам яке дабиронанд ва таллуқ ба султон доранд ва девони иншо таалуқ ба эшон, бибояд ки эмин бошанд ва мӯътамиду кофӣ ва хуштабъ ва тундфаҳм ва аз истилоҳот бохабар. Аз ҳаким Арасту пурсидаанд, ки ҳоҷиби подшоҳ беҳтар ё китоби ӯ? Ҳаким фармуд, ки ҳоҷиб ҷузви ӯст ва котиб кули ӯст ва агар дабире латифатабъ афтад, кифоятгоҳи некӯ тавонад кард. Овардаанд, ки подшоҳи эрон одате дошт, ки дар ҳарбҳо фавҷе аз баргузидагони лашкарро ҷомаи сиёҳ пӯшонидӣ, чун ҷанг сахт шуд бифармудӣ, то сиёҳдорон пеш афтандӣ ва он ҷангро ба сар бурдандӣ. Вақте иттифоқ афтод, ки подшоҳи тӯрон, ки панҷоҳ ҳазор мард дошт, масоф кашид. Чун ҳар ду лашкар дар муқобили якдигар биистоданд, шоҳи Эрон бо баъзе ҳаввос (хосҳо) аз аҳли масофи худ бар баландӣ истода буд. Чун истидоди лашкар ва касрати лашкари ӯ бидид, хост ки он рӯз ҳарб накунад ва ба дасти худ бар коғазе навишт, ки сиёҳдоронро бигӯед, то бозпас истанд. Дабир марди оқил буд, донист, ки агар лашкар бозгардад, хасм қавӣ шавад ва имкон дорад, ки зафар ёбанд. Дарҳол қалам бардошт ва нӯкта дар зери сиёҳдорон зад, то сипоҳдорон шуд.

Чун хати эшон ба сиёҳдорон, ки умарои лашкар буданд расид, тасаввур карданд, ки сипоҳ ва мададе расида бо эътимоди тамом лашкарро пеш карданд ва худ аз ақиб истода ҳамла карданд. Лашкари душман аз он ҷуръат ва савлат аҷаб дошта мунҳазам шуданд ва ба мадади сиёҳдорон ҳоҷат баромад, дабир сурати ҳол ба арз расонид, шоҳ ӯро бисутуд ва навозиш кард ва фармуд: «Дабир чунин бояд, ки ба як нуқта панҷоҳ ҳазор мардро ҳазимат диҳад!».

Ва дигар дар боби дабирон ҳикояте аст, ки подшоҳе ба подшоҳе навишта буд, ки пеш аз он ки ту худро бар ман занӣ, ман худро бар ту хоҳам зад. Аркони давлат фурӯ монданд, ки дар ҷавоби ин сухан чӣ нависанд. Дабири султон марди хушзеҳн буд, гуфт: «Ман ҷавобе бинависам, ки ҳамаи шуморо писанд афтад». Пас, навишт, ки ману ту шиша ва сангем, хоҳ санг бар шиша занӣ, хоҳ шиша бар санг. Ҳама аъёни ҳазрат ин ҷавоброписандиданд. Фард:

Сухан, к-он з сари дониш нависад,
Ба назди оқилон мақбул бошад.

Дигар амалдоронанд ва эшон мутааллиқ ба вузаро мебошанд ва омил бояд, ки некнафас ва хушхӯй бошад ва аз ҳирсу тамаъ баркарон бувад. Нӯшервон фармуд, ки омил бояд, ки дастбаста бошад ва ҳам дасткушода. Яъне ба некӣ даст бикушояд ва аз хиёнат даст бандад ва дигар бояд, ки расми бад наниҳад ва қонуни номуваҷҷаҳ вазъ накунад, ки ҳам подшоҳро бадномӣ орад ва ҳам худро ба нафрини халқ гирифтор кунад. Овардаанд, ки вазире омилеро ба ҷое фиристода буд. Омил навишт: «Агар фалон кор бикунам зари

бисьёр ҳосил мешавад». Вазир дар ҷавоб навишт, ки бозори авонон пеши мо бисьёр косид аст ва забонҳои эшон гунг ва дастҳои эшон бағоят кӯтоҳ. Панҷ рӯзе, ки ту дар корӣ чунон макун, ки сабаби бадномии мо ва воситаи лаънату хори худ шавӣ. Ва дигар бояд тасаввур накунад, ки агар подшоҳ ё вазир ё амир аз ӯ розианд, ҷониби раият саҳл аст, зеро ки касеро ки чандин ҳазор кас хасм бошад, чӣ гуна саломат тавонад буд. Бале, агар руаё хушнуд бошанд, тарафи подшоҳ саҳл аст.

Овардаанд, ки яке аз хулафо шахсеро ба амал фиристод ва ӯ бирафту чандин расмҳои накӯ барандохт ва қоидаҳои бад ниҳод ва моли бисьёр ҳосил кард ва чун пеши халифа омад, халифа аз ӯ биранҷид ва мусодараҳо (товонҳо) фармуд. Муддате дар зиндонҳо андохт. Баъд аз он фармуд, то бар амал равад ва даҳ-понздаҳ сол гузашт. Мол биёвард. Он амалдор ҳайрон шуд ва бо шайх дар он боб машоварат кард ва шайх фармуд: «Қабул кун, боке нест, аммо имсол расмҳои нек бинеҳ ва бидъатҳо барандоз ва ризои раият ҳосил кун ва вазоифи дарвешон ва абророт ва ақтоъот ба тамом бидеҳ ва боз-ой дар ӯҳдаи ман, ки хеҷ офат ба ту нарасад». Бирафт ва ба ҳамин тариқ, ки шайх фармуда буд, амал кард ва чун бозомад даҳ динори соли гузаштаро ҳашт динор овард ва бо вуҷуди ин рафъат ва отифат аз халифа ба нисбати вай ҳосил шуд. Он омил сабаби ин ду сурат аз шайх суол кард, ки дар соли гузашта кифоят бисьёр кардам ва мол кам овардам, уқубат кашидам ва имсол мол кам овардам, тарбият дидам. Шайх фармуд, ки дар он навбат чандин ҳазор марудм хасми ту буданд он натиҷа дод ва дар ин карат ин ҳама мардум шафиъи туанд, чунин самара медиҳад.

Аммо чун нудамо ба давлати муҷоласати султон Мушарраф шудаанд, эшонро дар ривояти қавоид адаб ва ҳурмат бояд кӯшид ва шарти эшон он аст, ки ончи наздики подшоҳ мақбулу макрӯҳ бошад, бидонанд ва исори он кунанд, ки мақбули султон аст ва агар чи макрӯҳи нафси эшон бошад ва надими султон бояд бо худ муқаррар кунад, ки дар бандагии худо ва хидмати махлуқ хеҷ чиз судмандтар аз тарки ҳаззи нафси худ нест ва чун ин маънӣ назди ӯ муҳаққақ гардад ва дар муҳовала ва муомала, ки миёни ӯ ва султон афтад ва хешро дар он баҳра бинад, тарки баҳраи худ гирад ва аз он таҷаннуб намуда, ҳаззи худи подшоҳро мусаллам дорад, то самараи хайр диҳад ва он оида ҳам оид бад-ӯ шавад ва агар аввал ба истифои ҳаззи худ машғул гардад, кори ӯ холӣ аз халале намебошад ва чун ӯро инбисот ва густохӣ мебошад, ки ба хеҷ ваҷҳ коре ҳарфе бо султон ҳавола накунад, агар чӣ ҳақ ба ҷониби вай бувад ва агар чизи қабеҳ аз вай дарёбад хеҷ ҷо ба ӯ нагӯяд ва агар ба нодир саҳве кунад ва бозгӯяд бад-он эътироф накунад, агар чи он хабар ба султон расида бошад, ки иқрор то инкор тафовути бисьёр аст ва агар миёни ваю подшоҳ ҳоле афтад, ки қубҳи он оид ба яке аз ҳар ду бувад, ҷаҳд кунад дар он, ки он қубҳ мансуб кунад ва чун султон барии соҳат шавад бояд, ки ҳиллаҳо ангезад ва тадбирҳо андешад, ки он қубҳ мансуб бо худ гардонад, бароати сохати султонро аз он зоҳир кунад ва чун султон барии соҳат шавад бояд, ки ҳиллаҳо ангезад ва тадбирҳо андешад, ки он қубҳ аз ӯ низ бигардад ва бояд, ки дар хидмати мулук чашм ва даст ва дил ва забон ба фармони ӯ бошад, то саломат монад. Рубоӣ:

Пайваста ду гўш сўи шаҳ бояд дошт,
Фармони варо чашм ба раҳ бояд дошт.
Аз некўйӣ забон равон бояд кард,
В-аз бад дилу дидаро нигаҳ бояд дошт.

Асмаъӣ мегўяд, ки рўзе назди яке аз хулафо рафтам, ўро дидам бар тахт нишаста ва духтари панҷсола, ки тахминан, наздики вай қарор гирифта буд, маро гуфт: «Донӣ ин духтар кист?». Гуфтам: «Маълум надорам». Гуфт: «Духтари писари ман аст. Раву бўса бар фарқи ў неҳ». Ман ҳайрон мемондам ва гуфтам, агар хилофи амр кунам уқубат кунад ва агар ҷуръат намоям шояд ғайрат ўро бар он дорад, ки маро биранҷонад. Пас, остин бар сари он духтар ниҳодам ва бардоштам ва сари остини худро бўса додам. Халифаро он адаб хуш омад. Гуфт: «Агар ба хилофи ин мекардӣ, аз неъмати ҳаёт маҳрум мемондӣ». Пас , маро даҳ ҳазор динор инъом кард. Ман шукронаи онро, ки аз он варта халосӣ ёфтам, ҳамаро садақа додам. Ва дар одоби нудамо овардаанд, ки яке аз мулук мулозиме дошт, бағоят соҳибҷамол. Фард:

Рухе чунон, ки зи хуршеду моҳ натвон кард,
Хате чунон, ки зи мушки сиёҳ натвон кард.

Рўзе надими худро гуфт: «Ин ҷавон зебо сурате ва дилкаш ҳаёте дорад». Гуфт: «Оре, сабиҳ ва малиҳ (намакин) аст ва бисьёр зариф». Султон гуфт: «Ту ўро дўст дорӣ?». Гуфт: «Не». Пурсид, ки чаро? Гуфт: «Касеро, ки подшоҳ дўст дорад, ман чун бошам, ки ўро дўст дорам!?». Султонро адаби ў хуш омад ва сухани ўро писандид ва дараҷаи ўро баланд кард. Қитъа:

Ҳар киро мол аз адаб бошад,
Гар ба ҷое расад, аҷаб набвад.
Чун адаб ҳаст аз ҳасаб чи камаст
Ҳасабе беҳтар аз адаб набвад.

Чун ин рисола ба сарҳади итноб расид, одоб иқтизои он мекунад, ки зиёда аз ин қадам бар бисоти инбисот ниҳода нашавад ва ба дуои давоми давлати рўзафзун самти ихтитом бояд…

## РИСОЛАИ «ҲОТАМИЯ»

Фоидаи ҳеҷ навъ аз фазоил, ки одамӣ ба иқтисоби он сарафрозӣ намояд, зиёда аз фоидаи сахо нест, зеро ки зумраи обидони шабхез ва фирқаи зоҳидони бопарҳез, ки рўзу шаб таҳаммули бори ибодат менамоянд ва сиёми рўз бо қиёми шаб мефармоянд мақсуди эшон растагории он ҷаҳон ва расидан

ба давлати ин ҷаҳонист. Ва он мурод ба воситаи караму сахо ба ҳусул мепайвандад.

Дар карам афзоӣ , ки рӯзи шумор,
Марди ҷавонмард бувад растагор.

Бузургон ҷудро ба ниҳоле ташбеҳ кардаанд, ки меваи он некномии дуньё ва хубфарҷомии уқбост.

Ниҳолест эҳсон, ки чун бар диҳад,
Ба ҷои самар дурру гавҳар диҳад.

Ҳар ки табиъати ӯ ба ҷуду сахо моил бувад даст дар шохе аз шоххои он дарахт зада бошад ва он шоҳ ӯро ба ҷазби иноят аз ҳазизи диноят (пастӣ, сифлагӣ) ба зирваи (мақоми баланд) қабулу иззат кашад ва ба хуррамтарин буқъа (манзил) ва назҳаттарин равза аз риёзи биҳишт фуруд орад ва дар маснавии ҳазрати Мавлавӣ аз ин маънӣ мазкур карда. Маснавӣ:

Ин сахо шохест аз шохи биҳишт,
Войи ӯ, к-аз каф чунин шохе биҳишт.
Урватул-васқест ин ҷуду сахо,
Баркашад аз хок ҷонро бар само.
Меравад шохи сахо, эй хубкеш,
Мар туро болокашон ба асли хеш.

Вуҷуди бе ҷуд дар ҳукми адам аст ва марди ҷаввод (бахшанда) агарчи фонӣ шавад мазкури олам. Байт:

Боқӣ ба зикри хайр бувад номи одамӣ,
Номи накӯст ҳосили айёми одамӣ.

Ва аз ҳеҷ сифате сутуда ва хислате писандида номи накӯ бар сафҳаи рӯзгор ва зикри ҷамол бар авроқи ҷароиди лайлу наҳор чунон боқӣ намемонад, ки аз шимаи эҳсону ҷавонмардӣ ва самти караму некӯкорӣ ва далели ин қавл он аст, ки чун аз вафоти Ҳотами Той дар ин таърих, ки санаи 891 ҳиҷрист, нӯҳ саду сию шаш сол гузашта ва чамани некномии вай ба пероиши сановату таҳсин пероста. Байт:

Намонд Ҳотами тойӣ, валек то ба абад,
Бимонд номи баландаш ба накӯйӣ машҳур.

Ва чун зоти ҳазрати Султон Ҳусайни Бойқаро. Қитъа:

Хусрави лашкаршикан, шоҳаншаҳи кишварситон,
Шаҳриёри шаҳриёрон, подшоҳи машриқин,

Сояи ҳақ, пури мутлақ хусрави соҳибкирон,
Шоҳ абулғозӣ мўъизулмулк дин султон Ҳусайн,
Он ки гўяд инсу ҷон андар дуои ҳазрташ,
Хулди оллоҳу таоло зилла фи ал-хонақин.

Ба зевари рақами зотӣ ва хайлаи саховати ҷабалӣ музайин (ороста) ва муҳалло (зебу зинатёфта) ва ба шарафи ҷуду саховат ва касрати базлу улувву ҳиммат Мушарраф ва муаллост (олӣ), пайваста инони рағбат ба савои истимоъи аҳволи аҳли караму мурувват ва ҳикоёти аҳли сахову футувват ва тафаҳҳуси аҳволу тафтиши ахбори эшон маътуф медорад ва аз ҷумла, шавоҳиди ин мақол он, ки дар ин вало фармони ҳумоюн шарафи нуфуз ёфта, ки каминаи бебизоъат Ҳусейн ал-Кошифӣ аз он чи аз қиссасу осори Ҳотами Той, ки нафаҳоти корашу мурувваташ дар «Риёз-ус-сана ва афвоҳ» фасеҳ аст ва ламаъоти хуршеди базлу саховаташ чун рўзи равшан бар ҳама оламиён возеҳ ва лоеҳ, дар китобе дида, ё аз азизе шунида бошад, ба иборати фореӣ дар қайди китобат орад, то бар камоҳии аҳволи ў вуқуфе том ва иттилое тамом ҳосил ояд. Бар қоида сабти ту сутур иттифоқ афтод ва аз насабу ҳасаб ва ахбору осори Ҳотамӣ он чӣ дар таворихи мўътабар ва катаби мавсуқ баҳо ба назар омада буд, шаммае боз намуд ва умедвор аст, ки мақбули назари кимёасари он ҳазрат гардад, то камина ба қадули ин тўҳфаи муҳаққар муаззаз ва сарфароз шавад. Байт:

Накди равони ёр намудем гарчи нест
Дархурди ҳазрати ту нисори ҳақири не.

Ровиёни боҳирулдироя ва мухбирони содиқулривоя ва донандагони ансобу (насаб) шиносандагони қабоили аъроб муттафиқанд бар он, ки араб аз насли Қаҳтон аст ё аз салби Аднон, аммо аъроби диёри Яман ҳама авлоди Қаҳтонанд ва аз билоди Яман ва Санъо ва Ҳазармавту Адан ва Тағору ғайри он имораткарда ва падид овардаи ўст. Ва Қаҳтон писари Ҳуди пайғамбар аст, ки ўро ба сурёнӣ Обид гуфтандӣ ва ў ба се восита ба Нўҳи пайғамбар мерасад. Ва Қаҳтон писаре дошт Яъраб ном. Аввал касе, ки ба забони арабӣ сухан гуфт, ў буд ва дар билоди Яман нишастӣ ва ўро Абуляман гуфтандӣ ва ўро писаре буд Яшҷаб ном ва Яшҷаб ба забони сурийёнӣ хунрез бошад. Аз ў писаре бизод Зайд ном ниҳоданд ва баъд аз он ки бузург шуда пайваста ба сабо иштиғол намудӣ (яъне асир гирифтӣ ва ғорат кардӣ) ва бад-ин сабаб ўро «Сабо» лақаб карданд ва Саборо се писаре буд: Куҳлон, Вамар ва Ҳумайр. Ва Куҳлонро худой фарзанде дод ва ўро «Идад» ном ниҳод. (Ва Идад – балндовозро гўянд). Ва ўро писаре буд «Ҷулҳам» ном. Ҳамвора сафар кардӣ ва манозилу мароҳил тай фармудӣ. Ўро Тай лақаб доданд ва падари қабилае шуд аз аъроби ман. Ва дар нисбат ба вай Той гўянд ва Ҳотам аз фарзандони ўст. Вай ба дувоздаҳ восита бад-ў мерасад ва аз бани Тай касе подшоҳӣ накардааст, аммо дар миёни эшон мардуми номдори бузург будаанд ва падарони Ҳотамро ҳамеша мансаби бузурги қабила ва риёсати авлоди Тай мусаллам буда. Падари Ҳотам, ки Абдуллоҳ бинни Саъди Ҳашраҷ аст бо

бани Лахм вуслат кард ва дар бани Лаҳм подшоҳон будаанд, чунончи дар таворих мусбат аст ва Ҳотам аз тарафи модар алоқае (ба) мулук дорад ва дар вақте ки мутаввалид шуд, осори карам аз вай ниҳодам қабул накард ва чандончӣ шир бар даҳони вай чаконидам даҳон боз накушод, то вақте ки кӯдаке бегонаро оварда бар канор гирифта сершир кардам, пас аз он Ҳотам пистонро фаро гирифт ва шир биёшомид. Ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҳар касро аз азал чизе додаанд, ҳамроҳи ӯ ба олами қавну фасод фиристода ва дар ин маънӣ гуфтаанд.

Байт:

Аз азал ишқи рухат номзади ман шуда буд,
Бо худ овардам аз он ҷо на ба худ барбастам.

Ва осори бузургӣ бар сафҳаи ҷабҳаи ӯ ломеъ ва зоҳир буд.
Маснавӣ:

Бале, дар чаман ғунчаи тозарӯй
Зи аввал ҳувайдо кунад рангу бӯй.
Ҳам аз авали субҳи гетиафрӯз,
Намоён бувад равшаниҳои рӯз.

Ва Ҳотам дар кӯдакӣ бе ақрону икфои худ таъом нахӯрдӣ ва ҳаргиз танҳо бар хон нанишастӣ ва соилонро ба дасти худ бе муовинати ғайре чизе додӣ ва дар асъофӣ муроди мӯҳтоҷон ба он миқдор, ки мақдур будӣ саъй намудӣ. Аҳли басорат симои бузургӣ дар башараи ӯ мушоҳида менамуд ва арбоби басират далоили бузургворӣ дар саҳафоти аҳволи ӯ мутола мефармуд. Маснавӣ:

Чу дидандӣ аҳли назар сӯи ӯ,
Шудандӣ ба сад дил дуогӯи ӯ.
Яке гуфтӣ, ин гавҳари дилфурӯз.
Ҷаҳонгир хоҳад шуд охир чу рӯз.
Яке гуфт, ки маҳнавози сипеҳр,
Ба зудӣ шавад бадри комил зи меҳр.

Алқисса, чун Ҳотам ба ҳадди булуғ расид ва ниҳоли қоматаш дар чамани иқбол боло кашид, ҳамаи авсофи ҳамида лозими зоти ӯ буд, магар эҳсон, ки мутааддӣ таъбир мешуд ва маҷмӯъи хасоили сутуда мар табъи ӯро хос буд. Магар карам, ки ому шомил менамуд. Ба ҳар кафи гавҳарбораш дар ифозати аёдӣ (ба некӣ файз расондан) саҳоби файзеро хиҷил месохт ва карами амимаш (фарогиранда) дар таъмини эҳсон офтоби нурбахшро мунфаъил мегардонад. Маснавӣ:

Ба ҷуду карам баҳри заххор буд.
Кафаш рашки абри гуҳарбор буд,
Ба бахшиш тиҳӣ кард ганҷинаҳо,

Барафрӯхт аз меҳри худ синаҳо.

Байт:

Ба эҳсонаш фақирон шод гаштанд,
Зи хори суол озод гаштанд.

Чун Ҳотам ба ҷуду карам дар миёни қабоили мазкур ва ба номи некӯ дар эҳьёи араб маъруфу машҳур шуд, ашрофи ҳар қабиларо савдои ин ҳол аз сувайдои дил (маркази дил) сар бизад ва аъёни ҳар дудмонро ғӯнчаи ин орзӯ дар чамани сина шукуфта шул, ки ӯро дар силки мувосилат бо худинтизом диҳанд ва гавҳари садафи шарафи худро ба ҷавҳари кони эҳсон дар иқди издивоҷ кашанд ва Ҳотам аз он ҷо, ки иқтизои улувви ӯ буд, назари илтифот бар ҳеҷ як аз акфо ва ақрон (қарин) намеафканд ва инони қасд ба ҷониби касе, ки бузургтар аз ӯ дар қабоили аъроби Яман натавонад буд инъитф (бозгаштан) медод ва охири ҳол ин фол ба номи «Мовия тамимията» даромад ва дар «Тӯҳфаи малакӣ» овардаанд, ки Мовия бинти Уфарз бузургзодаи араб буд бо насаби олӣ ва ҳасаб аз шоибаи нуқс холӣ…Маснавӣ:

Ба дидан ҳумоюн, ба боло баланд,
Ба абрӯ камону ба гесӯ каманд.
Чу сарве, ки пайдо кунад дар чаман,
Зи гесӯ бунафша, зи ораз суман.

Ва ин Мовия бо вуҷуди ҳусни бениҳоят ба хубии сирату покии саририят ороста буд ва ҷамоли суратро ба камоли маънӣ ҷамъ карда. Байт:

Суратат мебинаму ҳайрон маънӣ мешавам,
То чӣ маъние латифи ту, ки инат сурат аст!

Падари Мовия ихтиёри иқд ба дасти духтар дода буд ва зимоми амри никоҳ дар касби ризои ӯ ниҳода, то ҳар касро лоиқи кор ва мувофиқи рӯзгори худ шиносад ба ӯ иқди мувосилат баста, сари фароғат бар болини роҳат ниҳад ва чун ин нукта дар навоҳии билоди Яман шоеъ ва зоҳир шуда буд, овозаи камолу ҷамол ва ҳасабу насаби Мовия ба ҳадди иштиҳор расида, ҳар кас аз бузургзодагони араб худро бар Мовия ҷилва додандӣ ва васоиту васоил барангехта, пайғомҳои рағбатангез фиристодндӣ ва Мовия нақди ҳол як ба як бар маҳаки имтиҳон мезад ва дар иёри ҳар кас тасаввури қусур менамуд ва рақами радд бар сафҳаи ҳоли ӯ мекашид. Алқисса Ҳотамро низ дағдағаи никоҳи Мовия инони ҳавас гирифта, хаёли таваҷҷӯҳ ба диёри вай дар сар афтод ва асбоби сафар муҳайё карда, мутаваҷҷеҳи қабилаи вай гашт ва дар он вакт Нобиғаи Зайбонӣ, ки аз машоҳири араб буд, бо яке аз акобири Ясриб ба ҳамин таманно рӯ ба манзили Мовия ниҳода буданд. Қазоро дар аснои роҳ ба Ҳотам расиданд ва ба мурофиқат ва мувофиқати якдигар назди Мовия омаданд ва ҳар як муддао ва мутаманнои худро ба маҳрамони вай дар аён оварданд. Байт:

Ҳама бизоати худ арза медиҳанд он ҷо,
Қабули ҳазрати ӯ то кадом хоҳад буд.

Мовия бар фаҳвои (мазмун) аҳволи меҳмонон муталлеъ гашта, пайғом фиристод, ки ҳоло аз роҳ расидаед ва таъбаи сафар ва каробати (ғам) ғурбат кашида, имшаб дар висоқе (манзил), ки ба ҷиҳати ҳар як мутаъйин шуда, шеъре дар баёни ҳасбу насб ва фазоилу шамоили худ иншо карда, мафохиру маноқиби обою аҷдод дар он мазкур созед ва илласабоҳ ба мавқуфи эъломи ман расонед, то он чи баъд аз иттилоъ бар қуввати табъ ва латофати зеҳн ва аҳволу аҳсоб ва ансоби ҳар як маро рӯй намояд, шуморо бар он соҳибвуқуф гардонам. Эшон ба манозили муқаррар фуруд омаданд. Ва Мовия фармуд, то мутааллиқони ӯ алоҳида барои ҳар як шутуре наҳр (қурбонӣ) карда ба хаймаи ӯ фиристоданд ва худ рӯй баста, ҷомаҳои кӯҳна пӯшида ба шакли гадоён бар дари висоқи ҳар як омада гӯшти шутур талабид. Нобиға думи шутур ба вай дод ва Ясрабӣ аз ҷигар ва сипурз порае ба ҷиҳати ӯ фиристод ва аз он ҷо, ки карим зотии Ҳотам буд, порае аз гӯшти рон ва қадре аз куҳон пеши соил ниҳод ва Мовия онҳоро бардошта ба хона овард ва боварчиёнро фармуд, то маҷмӯъ табх карданд. Рӯзи дигар, ки меҳмонон ба маҷлис омада, ашъори худ ба маҳалли арз расониданд, Мовия муносиби ашъори эшон суханон гуфт ва бифармуд то хон бигустурданд ва ҳар чӣ ҳар як ба расми садақа дода буданд, ҳамонро биайна (айнан) пухта, пеши эшон ниҳоданд.

Нобиға ва Ясрабӣ ба сабаби бухлу разолат ба инфиоли тамом аз маҷлис бархоста, рахти раҳил бар роҳила бастанд ва Ҳотам ба ҷиҳати карам ва улувви ҳиммат бар садри қабул нишаста ва қуръаи ихтиёр ба номи вай афтод. Пас ба толеъи саъд ва фоли нек Мовияро бо вай акд бастанд ва сити шарафу овозаи бузургии Ҳотам бад-ин сабаб дар миёни араб музоъиф шуд. Байт:

Чу бад – ин аҳди муборак гашт Ҳотам сарфароз,
Сити ҷоҳаш аз Яман бигрифт то ҳадди Ҳиҷоз.

Ва Ҳотамро аз Мовия ду писар омад. Бузургтарро Молик ном кард ва хурдтарро Адӣ. Ва чун бузург шуданд, пайваста мулозимати падар кардандӣ ва дар сафи хидмат ба расми ғуломон биистодандӣ. Рӯзе Ҳотам эшонро назди худ хонд ва гуфт: «Эй фарзандон, ҳеҷ саре дар олам бе савдое ва ҳеҷ табъе бе таманное нест. Мехоҳам, ки он чи орзуи дил ва матлуби хотири ҳар як аз шумост, бо ман дармиён ниҳед ва мултамису (илтимоскунанда) муддаъо ва мақсаду мутаманнои худро аз ман пӯшидаву пинҳон надоред, то бад-он бар куллиёти аҳвол ва муҷмалоти амонӣ ва омоли шумо истидлол кунам». Молик замини адаб бибӯсид ва баъд аз маросими дуъо гуфт: «Эй падари бузургвор, ҳамагӣ ҳиммати ман бар он масруф аст, ки маро маоли бисёр ва матоъи бешумор бошад ва нуқуду ақмиша (шоҳӣ) ва хазоину дафоин бар амсолу ақрон, балки бар маҷмӯи аъёни замон мутафавқу муставли (ғолиб) бошам ва ғуломони корӣ ва аслиҳаи корзорӣ муайян ва мураттаб сохта, пайваста ба расми шикор савор шавам, ё дар майдони муборизат бо ҷамъе корзор кунам».

Маснавӣ:

Маро майли разм асту азми шикор,
Каманду камон кардаам ихтиёр.
Каманд афканам, гурз гирам ба даст,
Нахоҳам лаби кишту ойини гашт.
Камон даркашам –аз ниҳеби ханг,
Дили душманон хун кунам рӯзи ҷанг.

Ҳотам рӯ ба Адӣ кард, ки эй писар, ту чӣ мегӯӣ ва макунуни замиру муроди хотири ту чист? Адӣ ҷавоб дод, ки тамоми ҳиммати ман мақсуд бар озод кардани бандагон ва банда сохтани озодон аст. Ҳамвора он хоҳам, ки бандеро бихарам ва озод кунам, ба озодӣ карам варзам ва ӯро банда созам. Ҳотам гуфт: «Аз бародарат бӯи шуҷоъат шунидам ва аз ту роиҳаи саховат истишмом мекунам. Адӣ гуфт: Бар хотири мубораки шумо пӯшида нест, ки ҳар киро саховат ҳаст, ба шуҷоаът эҳтиёҷ нест, чӣ сари гарданкашонро ба воситаи некӯкорӣ дар тавҷи итоъат ва ҳаводорӣ метавон овард»:

Ба эҳсон соз дилҳоро муқайяд,
К-аз эҳсон, дӯст гардад, душман бад.
Пайи оромиши дилҳои аздод,
Саховат аз шуҷоат беҳтар афтод.

Ва ман дар ин боб ҳикояте шунидаам ва ба ҷиҳати тақвияти ин сухан нақле дидаам, агар ташрифи иҷозат арзонӣ дорӣ ва ҳиммати олӣ баргуморӣ ба самъи шариф расонам.

Ҳотам дастурӣ дод. Адӣ гуфт: «Чунин истимоъ кардаам, ки яке аз салотинро сипаҳсолоре буд ба матонати рой ва нафози (нуфуз доштан) азм мавсуф ва ба лашкаркашию душманкушӣ дар он мамлакат машҳуру маъруф муқарраби малик ва умдаи мамолик будӣ ва подшоҳ аз тадбиру савобдиди ӯ адул (бадхоҳӣ) нанамудӣ. Байт:

Аз ӯ тоза зӯҳра гули хусравӣ,
Ба бозӯи ӯ пушти лашкар қавӣ.

Ва соҳибғаразон ба самъи малик расониданд, ки сипаҳсолори шумо аз ҷодаи итоъат инҳироф хоҳад варзид ва сабили иноду (саркашӣ) исьён ва тариқи тамаррud (саркашӣ) ва туғёни маслук хоҳад дошт. Подшоҳ андеша кард, ки агар ӯ инони азимат ба тарафи инъитоф диҳад, бисьёре аз аъёни лашкар ва сарони сипоҳ дар мувофиқат омада, мухолифати мо пеш гиранд ва овозаи ёғӣ шудан ва тоғӣ гаштани ӯ ваҳме азим дар аркони мулк падид ояд

ва футуре ҳар чӣ тамомтар ба қавоиди салтанат роҳ ёбад ва дар сари касоне, ки то ин соъат килодаи тоъат дар гардани  фармон доштанд ва дар силки бандагони даргоҳ мунтазам буданд, хаёли саркашӣ ва савдои нофармонӣ ҷой гирад. Пеш аз ҳудуси ин воқеъа ва қабл аз вуқӯъи ин ҳодиса иштиғол ба тадорук дар талаққии ӯ аз лавозим аст.
Байт:

Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард,
Дареғ суд надорад, чу рафт кор аз даст.

Пас, бо хоси давлат ва сарони мамлакати хеш машварат фармуд ва раъйи ҳамагон дар он боб бар он муқаррар шуд, ки ӯро банд бояд кард. Малик эшонро бар ҳусни тадбиру хубии раъй таҳсин фармуд, офаринҳо кард. Ба тасвиби каломи эшон эҳтизозе (хушҳолӣ) тамом намуд ва рӯзи дигар он амирро талаб карда, ба мавзеъи шарифтар аз маъҳуд ӯро иҷлос фармуд ва ба лафзи гуҳарбори худ зикри маҳомид (хислатҳои нек) ва сияри сутудаи ӯ илалраъси халоиқ ба муболиғаи ҳар чи комилтар изҳор кард ва аз нафоиси хазоин ва нуқуду дафоини хеш ӯро ба аъзофи (дучанд гардонидан) истеҳқоқ (шоистагӣ) ва манзалати ӯ тахсис дод. Мирони некӯрой , ки силоҳу савоб дар банд кардани ӯ дида буданд, дар маҳалли фурсат арза доштанд, ки сабаби таҳаллуф ва мақарри азимат ҳумоюн чӣ буд? Шоҳ табассум намуда гуфт: «Ман раъйи шуморо хилоф накардам ва аз тадбири шумо инҳироф наварзидам, илло он ки хостам, ки ӯро ба маҳкамтар банде муқайяд созам ва ҳамаи аъзо ва аҷзои  ӯро ба қайд даркашам. Баъд аз таъамул ҳеҷ қайде қавитар аз қайди эҳсон надидаам ва маҳалли қайди шоистатар аз дили ӯ мушоҳида накардам. Чун маҳалли ҳар қайде бар дилаш ниҳам, ки дил султон аства аъзою ҷавореҳ хадаму ҳашами вайанд. Ва чун асл ба қайди муқайяд гардад, аъзое ки атбоъанд ҳама низ бастаи ӯ шаванд. Ва дигар банди оҳанӣ бар узве, ки ниҳанд ба суҳон суда гардад ва банди караму эҳсон, ки бар дил ниҳоданд, ба ҳеҷ чиз суда нашавад ва дар амсол омадааст; ки: «Ал инсон абидалэҳсон». Ваҳширо ба дом тавон гирифт ва одамиро ба эҳсону инъом.
Маснавӣ:

Бибахш, эй писар, к-одамизода сайд
Ба эҳсон тавон кард, ваҳшӣ ба қайд.
Адуро ба алтоф гардан бибанд,
Ки натвон буридан ба теғ он каманд.
Чу душман карам бинаду лутфу ҷуд,
Наёяд аз ӯ ҳеҷ бад дар вуҷуд.

Ва ҳамчунон, ки подшоҳро ба хотири муборак расида буд, ноираи (оташ) хилофи сипаҳсолор бад-он макрамати бешумор мунфатӣ (хомӯш) шуд ва бехи кина аз самими синаи ӯ бад-он навозиши бисьёр ба куллӣ мунқатеъ гашт ва чун бандагони софинийят бу хулуси тавият (андеша, ният) камари хидматгорӣ ва ҷонсупорӣ бар миёни  фармонбардорӣ баста, бақиятулумр аз мунҷали (ошкор) итоъат рӯй барнатофт.

Байт:

З-он навозишгарӣ, ки ёфт аз ӯ
Рӯи уммед барнатофт аз ӯ.

Ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки ғунчаи саховат аз самараи шуҷоат бештар аст ва дар шуҷоат иртикоби мухотирот зарурист ва наҷот аз он амре машкуфия метавонад буд ва ба баракати саховат халосӣ аз маҳолику (хатарнок) маховиф (маҳалли хавнок) мутаҳаққиқ аст ва ҳеҷ хирадманд дар он шубҳа надорад». Рубоӣ:

Бо ҳаркӣ саховат кунӣ они ту шавад,
Андар ҳама вақт мадҳхони ту шавад.
Бо душмани хеш агар карам пеша кунӣ,
Шак нест, ки ёри меҳрубони ту шавад.

Чун Адӣ ҳикоят ба поён расонид Ҳотам ӯро дар канор гирифта, бӯса бар сару рӯи ӯ дода фармуд: Ту беҳтарин фарзандон ва аввалтарини эшонӣ наздики ман. Байт:

Намирад он падаре, к-ин чунин халаф дорад,
Ки аз сифоти накӯ бар халаф шараф дорад.

Ва баъд аз он назари тарбият шомили ҳоли вай медошт ва чун Адӣ ба улувви ҳиммату карами ҷабаллӣ ороста буд ва билохира, шарафи мулозимати ҳазрати рисолат – (яъне пайғамбари худо) дарьёфт ва хилъати ислом пӯшид ва дар адади саҳобаи киром маъдуд гашт ва шаммае аз он зикр карда хоҳад шуд.

Алқисса, чандончи Ҳотам бузургтар мешуд, сити саховату овозаи ҷавонмардии ӯ бештар мегашт, товилояти Шом фурӯ  гирифт ва ба мамлакати Рум расид ва дар он вақт султони Рум Ҳирқол буд, ки араб ӯро «Аъзим-ар-Рум» мегуфтанд. Чун овозаи карами Ҳотам шунид мутафаҳҳуси ахбор ва мутаҷассуси аҳволи вай гашт ва ба самъи подшоҳи Рум расониданд, ки ӯро маркабест бодпой ва асбе ҷаҳонпаймой чун тири ханг дурдав ва чун умри гаронмоя зудрав ва ба карамрӯйӣ ва оҳанхойӣ бо оташдамӣ мушоҳибат зада ва аз тезгомӣ ва хушхиромӣ ба бод тариқи ҳамроҳӣ супурда. Маснавӣ:

Чу ашки ошиқон гулгуну хушрав,
Ҷаҳонпаймотар аз Шабдизи Хусрав.
Ба вақти ҳамла барқосо ҷаҳанда,
Ба гоҳи пуя чун сар-сар даванда.

Султони Рум вазири худро гуфт, ки хабари саховати Ҳотам дар Арабу Аҷам фош шуда ва сити ҷавонмардияш аз Шарқ то Ғарбфурӯ гирифта ва ман шунидаам бад ин сифат аспе дорад ва бад-ин латофат маркабе, мехоҳам, ки

нақди ӯро бар маҳаки эътибор биёзмоям ва сурати даъвии ӯро дар маҳакамаи маънӣ имтиҳон намоям ва кас ба талаби он маркаб ба қабилат фиристам.

Маснавӣ:

Ман аз Ҳотам он асби тозинажод
Бихоҳам, гар ӯ макрамат карду дод.
Бидонам, ки дар вай шукӯҳи биҳист
В-агар рад кунад, бонги табли тиҳист!

Пас, элчӣ бо тӯҳафу ҳадоё, ки лоиқи Ҳотам буд, фиристода ва ба андак замоне элчии малики Рум ба қабилат расида дар ҳаволии манозили Ҳотам нузул кард ва қазоро, мақорини расидани элчӣ борону барф расидан гирифт ва раъду барқ ва соиқаву амсоли он падид омад. Ҳотам меҳмонро дилдорӣ дода, ба манзили шоиста овард ва филҳол бифармуд, то асбе бикушанд ва таъоме мӯҳайё карда, назди меҳмон овард. Баъд аз фароғати таъом асбоби истироҳат омода сохта, аз хайма берун рафт ва он шаб аз ҳеҷ навъ сухане нагузошт. Илассабоҳ, ки ба узрхоҳии меҳмон омад, элчӣ маншури султони Рум бо ҳадоё, ки фиристода буд, ба Ҳотам намуд. Чун Ҳотам бар мазмуни он фармон иттилоъ ёфт, бағоят андешаманд ва мутафаккир шуд ва элчӣ бар асари малолат, ки бар ҷаниби Ҳотам буд, мушоҳида фармуд, гуфт: Эй ҷавонмард, агар дар додани асб музоиқа дорӣ, аз ҷониби мо низ чандон муболиға нест. Ҳотам ҷавоб дод, ки маро аз ин ҷинс асб агар ҳазор бошад ва камтар касе аз аҳли рӯзгор аз ман талабад ба ҳеҷ ваҷҳ музоиқа дар ҳайизи (доира) тасаввури ман наёяд, хусусан, ки султони азимушшоне маро ба талаби як асб муаззаз сохта ва ба ҷиҳати ин ҳазин (ҳасрат) Расуле бузургвор ирсол намуда. Андешаи ман аз таҳайюр аст ва тафаккури ман аз таҳассур (ҳасрат кардан), ки чаро зудтар хабар наёфтам, то он асб талаф нашудӣ.
Маснавӣ:

Ман он бадрафтори дулдулшитоб,
Зи баҳри шумо дӯш кардам кабоб.
Ки буд зулмати тира аз пешу пас,
Ба сӯи рама раҳ намеёфт кас.
Ба навъе дигар равву роҳам набуд,
Ҷуз ӯ бар дари боргоҳам набуд,
Мурувват надидам зи ойини хеш,
Ки меҳмон бихуспад дил аз фоқа реш,
Маро ном бояд дар иқлим фош.
Дигар маркаби номвар гӯ мабош.

Пас, асбони бисьёр ва табаррукоти бешумор ҷиҳати султони Рум фиристод ва расулро низ аз тӯҳфаҳо ёрӣ кард ва ба хубтар ваҷҳе гусел кард.

Чун Азимар-Рум аз фаҳвои ин ҳол хабар ёфт, шарти инсоф пеш овард ва ойини мурувват ва қоидаи футувват мар Ҳотамро мусаллам дошт. Ин ҳикоят аз «Бӯстон»-и Шайх Муслиҳиддин Саъдӣ нақл афтод. Ва ҳикояти дигар ҳам дар «Бӯстон» оварда ки:

- Муосири Ҳотам дар шаҳри Яман подшоҳе буд сифати караму саховат бар ӯ ғолиб ва хислати эҳсону мурувват бар ӯ муставлӣ. Ҳамвора мавоиди (ваъдагоҳ) эҳсони ӯ барои хосу ом муҳайё будӣ ва шарбати инъомаш дар коми мароми мӯҳтоҷон ва дармондагон маҳмо (ба қадри имкон). Байт:

Чу дасти ҷуду бахшиш баркушодӣ,
Зи олам расми хоҳиш барфитодӣ.

Мехост, ки ҷуз номи карами ӯ ба забонҳо мазкур нашавад ва ҷуз сити ҷуду сахои ӯ дар афвоҳи (хабари даҳонӣ) халқ наяфтад ва бад-ин сабаб ҳар кас дар пеши вай сифати Ҳотам кардӣ, оташи ғазабаш иштиъол (даргирифтан) намуда ва гуфтӣ: Ҳотам марди саҳронишин аст, аз ҷумлаи раияти вилояти ман, ӯро на рутбаи мамлакатдорист ва на мансаби фармонравоӣ на қуввати ҷаҳонгирӣ дорад ва на бозӯи кишваркушоӣ. Байт:

На ӯро хазонаст, не тахту тоҷ,
На боҷаш касе медиҳад, не хироҷ.

Пайдост, ки аз дасти ӯ чӣ карам ояд ва ба асбу гӯсфанд ва шутуре чанд, ки дорад, чӣ миқдор карам намояд. Ман он чӣ дар соле ҳосили Ҳотам бошад, дар рӯзе ба соил медиҳам ва сад баробари хони ӯ дар як чошт пеши меҳмон мениҳам. Мисраъ:

Тафовут нигар, к-аз куҷо то куҷост?!

Алқисса, малики Яман рӯзе ҷашни азим сохта буд ва тарҳи маҷлиси хос ба хосу ом андохта, ҳамарӯза чун офтоб ба зарафшонӣ машғул буд ва дарвешону ҳоҷатмандонро ба исъои (баровардан) ҳоҷот ва инҷоҳи (раво шудан) муродот навозиш менамуд. Дар аснои ин ҳол: Байт:

Дари зикри Ҳотам касе боз кард,
Дигар кас сано гуфтан оғоз кард.

Малик аз он биранҷид ва оташи ғазабашу араќи ҳасадаш дар ҳаракат омада, бо худ андеша кард, ки ҳеҷ гуна забони аҳли замон аз зикри Ҳотам хомӯш нест ва сифати некӯкорӣ ва меҳмондории ӯ бар дили мардум фаромӯш не. Ҳамон беҳтар, ки ба дастёрии маллоҳи фикр киштии умри ӯ дар гирдоби фано афканам ва ба мададгории устоди андеша рақами номи ӯро аз лавҳи зиндагонӣ маҳв кунам. Байт:

Ки то ҳаст Ҳотам дар айёми ман,
Ба некӣ нахоҳад шудан номи ман.

Ва дар пойтахти ӯ айёрпешае буд, ки барои як динор сад динор хуни ноҳақро миён бастӣ ва бо умеди андак фоидае (хонаи) бисьёр касонро ба оташи бедод бисӯхтӣ.

Байт:

Чу чашми нозанинон буд хунрез,
Чу зулфи хубрӯйён фитнаангез.

Подшоҳи Яман ӯро талаб кард ва ба мавоиди подшоҳона устазхир (умедвор) сохта бар он овард, ки худро ба қабилаи бани Тай расонад ва ба ҳар ҳиллае, ки тавонад ва ба ҳар шӯъбадаре, ки донад, Ҳотамро нобуд гардонад. Он кас мутааҳҳиди (ӯҳдадор) қатли Ҳотам ва мутааррризи (ҳуҷумоваранда) афнои вай шуда, мутаваҷҷеҳи қабилаи бани Тай гашт. Ва бад-он сарманзил расида, бо ҷавони хушхӯйи некӯрӯй, ки симои бузургӣ аз ҷабини ӯ дурахшон буд, мулоқот  кард. Ҷавон аз рӯи меҳрубонӣ ва ба ширинзабонӣ ӯро пурсиши гарм намуда, пурсид, ки аз куҷо меойӣ ва ба куҷо меравӣ? Айёрпеша ҷавоб дод, ки аз Яман меоям ва ба ҷониби Шом меравам. Ҷавон илтимос намуд, ки як имшаб ба қадами карам висоқи маро Мушарраф соз, то моҳозаре (он чӣ тайёр аст), ки бе шоибаи такаллуф муҳайё бошад, ба назари шариф дароварам ва бад-ин таҳашшум (ҳашамат), ки арзонӣ фармойӣ ва кулбаи маро ба нури ҳузур биёройӣ, бағоят миннатдорам. Мисраъ:

Зи дар ову шабистони мо мунаввар кун.

Айёрпеша бад-ин талаттуф ва мулоимат дилбастаи он ҷавон шуда, рӯй ба манзили вай ниҳод. Алқисса, он шаб маросими зиёфат бар ваҷҳе ба тақдим афтод, ки бар хотири меҳмон хутуре накарда буд ва пиромуни замири ӯ нагашта, ки ҳаргиз умри азиз ва осори мурувват ва атвори инсоният аз ҳеҷ фарде таваққуъ тавон кард ва ба ҳеҷ кас аз абнои забон як бахш аз ҳазор бахши он умед тавон дошт. Соъат ба соъат базми он ҷавонро ба дил таҳсин мекард ва ба забон санову офарин мегуфт. Байт:

Таборакаллоҳ аз ин мардумиву хушхӯйӣ,
Гузаштаӣ зи ҳама некӯвон ба некӯйӣ.

Мизбон лаҳза ба лаҳза такаллуфи дигар менамуд ва матъумоти (таомҳо) гуногун ва машруботи рангоранг тартиб мекард. Байт:

Ҳар нафасе бар сари хонаш нигар,
Хӯрдание хубтар аз хубтар.

Бад-ин минвол то шаби тира ба поён расид ва субҳи равшан рӯй аз машриқ тӯлӯъ кард, меҳмон бо дидаи гирён видоъи мизбонро миён дарбаст ва ба забони ниёз мазмуни ин байти ҷигарсӯзи дилгудоз адо мекард. Байт:

Дилам месӯзад аз дарди ҷудойӣ,
Чӣ будӣ гар набудӣ ошнойӣ.

Ҷавон муболиғае, ки зиёда аз он нашояд меҳмонро истидъои (хоҳиш) иқомат мефармуд ва марди айёр ба анвоъи эътироз мутамассик шуда, иҷобат наменамуд. Байт:

Наёрам шуд албатта ин ҷо муқим,
Ки дар пеш дорам муҳимме азим.

Ҷавон гуфт: «Маро ташрифи маҳрамият арзонӣ дор ва муҳимме, ки ҳаст бо ман дар миён ор». Меҳмон чун караму хушхӯйӣ ва ҷавонмардиву дилҷӯйии мизбонро мушоҳида намуд, бо худ таамул кард, ки ин муҳими куллӣ, ки маро дар пеш аст бе иъонати (кӯмак) чунин ёре ва бе дастёрӣ аз ин гуна мададгоре, ки ба сифати муруввату корсозӣ ва ҳиммати футувват ва ғарибнавозӣ мавсуф ва мавсум аст, саранҷом нахоҳад ёфт. Ҳеҷ беҳ аз ин нест, ки парда аз рӯи кор бардошта, рози худ бо ӯ боз намоям ва ин озодмардро бо худ ёр сохта, рӯй ба итмоми он муҳим оварам.
Маснавӣ:

Домани ёре гарат афтад ба даст,
Фориғу озод тавонӣ нишаст.
Кори ту аз ёр мукаммал шавад,
Мушкилат аз ҳамнафасон ҳал шавад.

Писар аввал ин ҷавонро ба сабаби ифҳон (махфи доштан) он муҳим савганд дод ва баъд аз таъкиди бениҳоят он сиро бо вай дар миён ниҳоду гуфт: Шунидаам, ки дар ин навоҳӣ Ҳотам ном касе ҳаст, ки дар ҷавонмардӣ рукни мадори лайҳа ва дар эҳсону мардумнавозӣ бузургии мушориюллайҳ аст ва подшоҳи Яман аз ӯ дағдағае дар дил ва хадшае (хавф) дар хотир дорад ва ман марди парешонрӯзгор ва ошуфтаҳолам ва маишати ман аз айёрӣ ва дуздӣ мегузарад ва дар ин вило султони Яман маро талабида ва ваъдаи молу матоъи фаровон карда, ба гарти он, ки Ҳотамро пайдо карда, ба қатл орам ва сари ӯро ба тӯҳфа назди малик барам ва ман ба зарурати ваҷҳи маъош ин суратро қабул карда бад-ин вилоят омадаам, на Ҳотам мешиносам ва на роҳ ба манзили ӯ мебарам. Аз дарвешнавозӣ ва ғарибпарварии ту аҷаб набошад, ки Ҳотамро ба ман намойӣ ва дар куштани ӯ шарти ҳамроҳӣ ва мададгорӣ ба ҷой оварӣ, то ман аз ӯҳдаи аҳди хеш берун омада бошам ва ба давлати муовинати ту аз мавоиди шоҳи Яман баҳраманд гардам. Ҷавон, ки ин суханони истимоъ намуд. Байт:

Бихандиду гуфто, ки ман Ҳотамам,
Сар, инак, ҷудо кун ба теғ аз танам.

Эй меҳмон, бархезу пеш аз он, ки мутаалиқони ман хабардор шаванд, сари ман бардору бибар, то мақсуди шоҳ муҳассал ва муроди ту муяссар гардад.
Байт:

Чу Ҳотам ба озодагӣ сар ниҳод,
Ҷавонро баромад хурӯш аз ниҳод.

Филҳол, пеши Ҳотам дар замин афтод ва бӯса бар дасту пойи вай медоду мегуфт. Маснавӣ:

Ки агар ман гуле бар вуҷудат занам,
На мардам, ки дар кеши мардон занам,
Ду чашмаш бибӯсиду дар бар гирифт.
В-аз он ҷо тариқи Яман баргирифт.

Ҳотам асбоби роҳ аз зоду роҳил тамҳид намуда, ӯро гусел кард ва айёрпеш ба мулки Яман омада, сурати ҳол ба арзи малик расонид. Малик аз рӯи карамтабъӣ мунсиф (боадолат) шуд ва аз роҳи озодию ҷавонмардӣ мӯътариф гашт, ки караме дар ин мартаба ҳадди ҳеҷ офарида нест ва саховате бад-ин масоба (ҳисоб) мақдури ҳеҷ одамӣ на! Байт:

Ҳаст ҷавонмарди дирам сад ҳазор,
Кор чу бо ҷон фитад он ҷост кор.

Ҳикоят. Овардаанд, ки дар мавсими баҳор ва замони шукуфтани анвори азҳор, ки фарроши қудрати илоҳӣ бисоти талаввун густурда буд ва наврасидагони олами ғайбро аз пардаи абдоъ (чизи нав) ба назаргоҳ оварда ва забони зикри хилватнишинони ҳуҷраи хокро ба дири (манзил) тарона аз хона берун кашида, тамошои саҳро тақозо мекард. Байт:

Биё, к-аз абри наврӯзӣ чаман оби дигар дорад,
Зи шамъи лола базми бӯстон тобе дигар дорад.

Ҳотамро орзуи гашт падид омад ва бо ҷамъе аз ғуломони худ бар бодпоёни ҷаҳонпаймой ва тақоварони оташнаъли оҳанхой савор шуда ба тамошои саҳро берун рафт. Ногоҳ гузари эшон бар даште ҳамвор ва саҳрое шоистамизмор афтод. Ва чун яке аз тамошоҳои аъроб тохтани асбон ва тамошои эшон буд, асбонро ба ҳасби маротиби сибқат номҳо ниҳода буданд, чун «Муҷалло» ва «Мусалло» ва монанди он. Ва ба сибқати (мусобиқа) марокиб мафохирати тамом доштанд. Дар ин саҳро Ҳотамро низ асбтозӣ падид омад ва асбони тозиро дар майдони мусобиқат афканд. Ғуломони ӯ маркаби тезрафторро, ки тавсани сабуксайри гардун ба гарди эшон нарасидӣ ва зирваи (баландӣ) хуршед аз ғояти меҳр чун соя дунболи эшон давидӣ.
Байт:

Зи наълҳошон рӯи замин гирифта ҳилол,
Зи гушҳошон рӯи ҳаво гирфита синон.

Ба ҷавлон даровrouterданд ва дар ин маҳал бар канори мизмори (ҷои пойга) эшон дарвеше истода буд, ҷомаи хулқон пӯшида ва аз дасти соқии даврон шарбати заҳромези меҳнат нӯшида. Маснавӣ:

Парешон ҳайъате ошуфтаҳоле,
Танаш аз нола бар минволи ноле.
Заифе, тангдасте, бенавое,
Фиқире, дардманде, мубталое.

Ҳотамро дар аснои мусобиқати асбони тозӣ ва малоибати роҳнавардони ҳиҷозӣ назар бар он дарвеш афтод ва тарки тамошо дода, маркаб ба сӯи ӯ ронду гуфт: «Эй дарвеш, вуқуфи ту дар миёни ин ҳама гарду ғӯбор чист ва дидаи интизор, ки бар атрофи майдон ва ҷавониби мизмор мавқуф гардонидайӣ барои кист?». Дарвеш Ҳотамро нашнохта ҷавоб дод: «Мардуми фурӯмонда ва мӯҳтоҷам ва муқайяди зиндони фоқа ва эҳтиёҷ. Шунидам, ки Ҳотами Той дар ин майдон асп метозад ва ба чавгони тамошо гӯйи ишрат мебозад. Мехоҳам, ки ғӯбори сӯми асби Ҳотам, ки марди соҳибдавлат аст, бар сари ман нишинад, шояд ки аз деви идбору накбат ва ғӯли бадбахтию шиддат бозраҳам.». Байт:

Чашми туроcт хосияти кимиё, ки он
Бар хок агар фитад, шавад аҷзои хок зар.

Ҳотам пиёда шуд ва асбе, ки савор буд бо зину лаҷоми пурзару зевари ороста ба вай дод ва ҳар ҷома, ки дар бар дошт, бад-ӯ пӯшонид ва аз маркабону ғуломон ҳарчи ҳамроҳи вай буд, ба вай бахшид ва узрхоҳӣ намуда, пиёдаву бараҳна рӯ ба сӯи хона ниҳода бозрафт ва бад-ин базлу эҳсон номи накӯкорӣ бар сафҳаи рӯзгор мусаббат ва марқум гардонид. Қитъа:

Бар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,
Ки махзани зару ганҷу дирам нахоҳад монд.
Тавонгар, дили дарвеши худ ба даст овар,
Ки ҷуз накӯии аҳли карам нахоҳад монд.

Ҳикоят. Рӯзе яке аз бодиянишинон дар ғояти сиғарҷусса ва ниҳофати бадан ба наздики Ҳотам омад, анбоне дар даст ва гуфт: Эй Ҳотам, анбони маро пур аз орд кун ва аёли маро аз гуруснагӣ бозраҳон». Ҳотам гуфт: «Ман донистам, ки чӣ мехоҳӣ, аммо ту надонистӣ аз кӣ мехоҳӣ. Пас, хазоини худро фармуд, куи анбони ин аъробиро ба ҷои орди сафед пур (аз) зари сурх кун». Хозин фармонро ба ҷой овард ва анбон аз зари холис пур сохта, пеши аъробӣ ниҳод. Бечора хост, ки бардорад, аз ғояти заъфу ниҳофат ва ниҳояти аҷз натавонист гуфт.

Байт: Эй атобахше, ки то дасти карам бикшодайӣ,
Фақру фоқа рӯ ба саҳрои адам овардаанд.
Чун зару сими ҷаҳонро нест бар дастат қарор,
Кони симу зар зи хайрат хок бар сар кардаанд.

Ман марде бағоят хурдам ва атои ту бисьёр бузург аст, атои ту магар чорпои ту бардорад. Ҳотам бихандид ва бифармуд, то шутури сурхмӯйе ба вай доданд. Ҷомаи қимате дар ӯ пӯшонид, аъробӣ савор шуд ва анбони зар дар пеш гирифта, меронду мегуфт: «Саволи асирона кардаму наволе амирона ёфтам. Хоҳише кардам фарохури ҳолу кори хеш ва атое ба ман расид аз андоза ва миқдори ман беш». Байт:

Қатрае мехостам, баҳре падид омад маро,
Як ҳазаф кардам ҳавас, сад уқди гавҳар ёфтам.

Яке аз муқаррибони Ҳотам забони эътироз кушода ба арз расонид, ки матолиби ин соил аз шумо анбони орд буд ва бас маблағе зар чаро бад-ӯ бояд дод?

Бузургон гуфтаанд: Наволи ҳар кас фарохӯри суоли ӯ бояд ва агар зиёдат бувад ҳавсалаи ҳиммати ӯ барнатобад. Байт:

Дархури ҳавсалаи паша набошад ҳаргиз,
Луқмае, к-он ҷиҳати пил муҳайё гардад.

Ҳотам гуфт: «Ӯ фарохӯри қисмати худ хост ва ман муносиби ҳиммати худ додам». Маснавӣ:

Агар андархӯри худ хост соил,
Маро охир куҷо шуд ҷуд шомил.
Набинам он, ки соил бас забун аст,
Атои хешро бинам, ки чун аст.

Ва дар китоби «Бӯстон» мисли ин ҳикояте овардааст. Маснавӣ:

Зи бунгоҳи Ҳотам яке пирамард,
Талаб даҳ дирам санги фонид кард.
Зи ровӣ чунин ёд дорам хабар,
Ки пешаш фиристод тунге шакар.
Зан аз хайма гуфт: Ин чӣ тадбир буд,
Ҳамон даҳ дирам ҳоҷати пир буд.
Шунид ин сухан номбардори Той,
Бихандиду гуфто: дилором, ҳой!
Гар ӯ дархӯри ҳоҷати хеш хост,
Ҷавонмардии Ҳотами Той куҷост?!

Ҳикоят: дар китоби «Зулол-ус-сафо фи сират-ул Мустафо» овардаанд, ки Ҳотам қудван азаман ва зубдаи караман ва тирозхонаи сахо ва унвонномаи ато буд. Рӯзе танҳову пиёда дар саҳрое мерафт. Ҷамъе аъроб ба вай расиданду аз қабилаи Аъодӣ худ асире гирифта ва банд карда ҳамроҳ мебурданд. Он асир Ҳотамро бишнохт ва оғози истиғоса (ёри хостан) карда, тарҳи истионате (ёрӣ) афканду гуфт:
Қитъа:

Эй кариме, ки аз сахову карам,
Боғи уммед тоза месозӣ.
Чӣ шавад, гар чунончӣ одати туст,
Ин раҳиро ба лутф бинвозӣ,
Мешавам ман халос агар ту ба ҷуд
Назаре ҷониби ман андозӣ.

Иттифоқан Ҳотам ҳеҷ чиз бо худ надошт аз рӯи инфиъол гуфт: «Эй дарвеш, нек накардӣ, ки номи неки маро ба боди нанг бардорӣ ва дар маҳалле, ки маро муфлис ёфтӣ, забони суол кушодӣ. Ҳаққо, ки дар ин вақт ба ҳар чӣ медоштам, тариқи мусомиҳат ва мусоидат фурӯ намегузоштам».
Байт:

Ба дасте, ки холӣ бувад аз дирам,
Маҳол аст бо халқ кардан карам.

Пас Ҳотам ҳарчанд гирди худ баромад, бар ямину ясору ямине надид ва дар худ қуввати он наёфт. Оқибат банд аз дасту пои ӯ бардошт ва дар дасту пои худ ниҳод ва шарти ишфоқ (меҳрубонӣ) ба ҷой оварда, рақами итлоқ, (озодӣ) бар ҷаридаи ҳоли вай кашид ва худро муқайяд сохта, ӯро озод гардонид ва ҳамчунон дар он қайду занҷир сохта, ӯро озод гардонид ва ҳамчунон дар он қайду занҷир мебуд, вукалои вай бирасиданд ва ӯро ба маблағи касир аз он ҷамоъат бозхариданд ва бад-ин лутфу карам дар миёни тавоифи умами мазкур машҳур гашт:

Ҳотами Тай ба карам гашт фош,
Гар карамат ҳаст, дигар гӯ мабош.
Дар чамани даҳр ба қавли дуруст,
Ҳамчу карам ҳеҷ ниҳоле наруст.
Шохи карам меваи давлат диҳад,
Файзи азал рӯ ба каримон ниҳад.

Ҳотам бо вуҷуди сифати саховат аз дақоиқи ҳикмат низ баҳраманд буд ва фавоиди ҳукмиёти ӯ дар давовини (девон) араб ва таворихи эшон мусаббат аст. Аз ҷумла, он ки авлоди худро васият мефармуд, ки некӯкорӣ эҳсонро василаи инҷоҳӣ (муваффақ шудан) муродот ва зариъаи (андоза) ҳусули мақосид ва маромот созанд, ки матолиби ҷавонмардон бе саъю ҷаҳди эшон бар муқтазои иродат маҳсул гардад.

Байт:

Дари карам бикушойӣ, расад зи ғайб муродат,
Муроди халқ барорӣ, бароваранд, муродат.

Ва дигар фармуда, ки даст аз дунӣ (нокас, сифла) бардоред, пеш аз он, ки дунӣ даст аз шумо бардорад. Барои дафнии ганҷ ранҷ нашояд, балки ба базли ганҷ ранҷро илоҷ кунед.

Байт:

Чаро бояд кашидан аз ҷаҳон ранҷ,
Ниҳодан аз барои дигарон ганҷ.

Дигар гуфт: «Агар мехоҳед, ки азиз бошед, зарро хор доред, ки ҳарки зар дар назари ӯ хор аст, ҳама кас ӯро азизу мукаррам доранд ва ҳаркӣ зарро азиз дорад, маҷмӯъ ӯро хору бемиқдор шуморанд». Қитъа:

Мол аз баҳри он ба кор ояд,
Ки аз баҳри танат сипар гардад.
Ҳар кӣ танро фидои мол кунад,
Молу тан ҳар ду бе сипар гардад.
Ҳар кариме, ки хор дорад зар,
Ҳар замоне азизтар гардад.

Ҳикоят: яке аз Ҳотам пурсид, ки осоиши дуньё кӣ дорад? Гуфт: «Он кас, ки дуньё аз ӯ осоиш дорад». Боз савол карданд, ки дар ҷаҳон роҳати бе ранҷ, ки дорад? Ҷавоб дод: «Он кас ки ранҷи дарвеш ба роҳат мубаддал созад». Рубоӣ:

Дар ҳашмат агар Хусраву гар Доройӣ,
Бе роҳати халқ то даме нанмойӣ.
В-ар бо ҳама айбҳо каримосойӣ.
Айбат ҳунарасту зишти ту зебойӣ.

Ҳотамро гуфтанд: «Дар миёни араб молдортар аз ту бисьёранд ва дар атрофу ҷавониби ҷаҳон каримон ва ҷавонмардон бе ҳадду шуморанд, чаро аз миёни ҳама қуръа шӯҳрат ба коми ту баромада ва ба сифати ҷуду карам назди Арабу Аҷам машҳур шадайӣ?».

Ҷавоб дод, ки ман ду кор кардам, ки дигарон аз ӯ ғофил буданд, ё бар эшон равшан буд ва аз он тағофул менамуданд: Яке, он ки ҳеҷ соилро интизор надодам ва бе ваъдаи имрӯзу фардо мақсуде, ки дошт дар канораш ниҳодам. Қитъа:

Чун азизе зи ту суол кунад,
Зинҳораш ба манъ хор макун.
В-ар нахоҳад шуд аз ту кораш рост
Ба дурӯғаш умедвор макун.

Дуюм, он ки ба ҳеҷ ато миннат бар соил нанҳодам, балки худ миннатдор гашта, доди узрхоҳӣ додам ва бо худ таамул намудам, ки агар маро бар ӯ ҳаққи инъом лозим шуда, ӯро низ бар ман ҳаққи икроме собит аст. Зеро ки ба ман гумони нек бурда ва маро қобили он дониста, ки аз ман чизе хоҳад ва ҳаққи икром аз ҳаққи инъом бузургтар аст ва ҳаққи ӯ бар ҳаққи ман собиқ буда. Пас, маро ҳаққи икроми ӯ ба хидмат фурӯ набояд кард.
Қитъа:

Дарахти карам ҳар куҷо бех кард,
Гузашт аз фалак шоху болои ӯ.
Гар уммедворӣ, к-аз ӯ бар хӯрӣ,
Ба миннат манеҳ арра бар пои ӯ.

Ва Ҳотам ин суханро басе хуб фармудааст, ки миннат атоуро ботил гардонад. Чи саховат он аст, ки боре аз дили реши дарвеш бардорад. Чун касе бори фақре аз гардани бечорае бардорад ва бори миннат, ки ҳазор бор аз он гаронтар аст, бар гардани вай ниҳод, ҳар оина ҷуди ӯ соилро ҳеҷ фоида надиҳад, балки чунон бошад, ки гоҳе бардорад ва гоҳе ба ҷои ӯ боз орад ва соҳиби «Сабҳат ул-аброр» (Абдураҳмони Ҷомӣ) бад-ин маънӣ ишорате фармудаанд.
Маснавӣ:

Бори фақр ар фиканӣ аз як тан,
Бори миннат манеҳаш бар гардан.
Кӯҳе аз фақр агар ояд пеш,
Коҳе аз миннат аз он бошад беш.
Чун ато бахши худо омаду бас,
Беҳ, ки доно naниҳад миннати кас.

Аз суханони Ҳотам аст, ки дӯсти гадо мадор, ки зиён кунӣ ва аммо гадой дӯст дор, ки судманд шавӣ ва ин масал аз они ӯст, ки «ал-самоҳи арбоҳ» ҷавонмардӣ ҳама суд аст ҳар давлатеро, ки рӯй бад-он оранд ва ҳар саодате, ӯро матбаҳи назар доранд аз ҷоҳу мол ва давлати иқболу зикри ҷамол доранд аз ҷоҳу мол ва давлати иқболу зикри ҷамол ва номи некӯ ба ҷавонмардӣ ҳосил ояд. Маснавӣ:

Ҷавонмард маҳбуби ҷону дил аст,
Сафои дилу ҷон аз он ҳосил аст,
Шароби тараб ҷуръаи ҷоми ӯст,
Нишони вафо низ бар номи ӯст.
Ҷавонмард агар рост пурсӣ, валист,
Карампешаи шоҳи мардон Алист.

Ҳотамро аз бисёрии карам маломат карданд, бад-ин иборат сарзаниш ишорат намуданд: «Ло хайр фи ас-сарф». Яъне ҳеҷ хайр нест дар исроф кардан. Ҳотам филҳол калимоти эшонро мақлуб фармуд, ки «ло сарф фи ал-

хайр». Яъне ҳеҷ исрофе нест дар хайр ихроҷ кунанд. Мақсуд он аст, ки ҳарчанд дар хайр ихроҷ кунанд он исроф нест, балки исроф он бошад, ки харҷ на дар хайр воқеъ шавад.
Қитъа:

Агар касе ба ризои худои аззаву ҷал,
Ҳазор бадра бибахшад, ҳанӯз кам бошад.
В-агар барои ҳаво ним донг ҳарҷ кунад,
Яқин бидон, ки ба исроф муттаҳам бошад.

Аз Ҳотам савол карданд, ки карам чист? Гуфт: «Базди ҳарчи бошад, барои  ҳар ки бошад». Гуфтаанд: «Ту аз худ кариматар дидайӣ?». Гуфт: «Оре, вақте танҳо дар бодияи роҳ мерафтам ва гумони ман он буд, ки ҳам авали рӯз ба мақсад хоҳам расид. Алқисса вусули ман бад-он манзил ва нузули ман бад-он мавзеъ муяссар нашуд ва низ аъзоми (муҳим) иртифоъ пазируфт. Ҳаво аз тоби офтоб чун кӯраи оҳангарон оташбор гашту замин аз таъсир ҳарорат намуда, кӯраи асир шуд.
Маснавӣ:

Шудӣ хун аз ҳарорат дар бадан хушк,
Чу дар нофи ғизолон нофаи мушк.
Садафро дар миёни баҳри заххор,
Гуҳар дар сина ҳамчун донаи нор.

Ҳарорат бар ман ғалаба карда, паноҳе меҷустам ва маркаб аз ҳар тараф мерондам. Ногоҳ дар паси пуштае хаймаи кӯҳнае дидам зада ва гӯсфанде дар паси хайма баста, чун бирасидам ва овози сӯми маркаби ман ба гӯши аҳли хайма расид, пиразане берун омад ва истиқбол намуда, садои марҳабову аҳлан баркашид ва инони маркаби ман гирифта, ба тозарӯйии тамом илтимоси нузул кард, асари сидқи даъвати ӯ  бар дили ман зоҳир шуд. Мултамисро иҷобат қарори ман муқаррар нашуда буд, ки писари зан биёмад ва башошати (шодӣ) ҳарчи тамомтар моро пурсид ва мазмуни ин байт соъат такрор менамуд. Байт:

Ба хонае, ки чунин меҳмон фуруд ояд,
Ҳумон бахт дар он ошён фуруд ояд.

Ман ба дидори писару модар хуш бaромадам ва аз тозарӯйӣ ва хушхӯйии эшон  шукуфтахотир ва шодмон гаштам. Пиразан писарро гуфт: Эй ҷони азизам, бар сабили истеъҷол (таъҷил) ин гӯсфандро бисмил соз, то ҷиҳати меҳмон таоме муҳайё созем ва маҳзари  дарвешона тартиб диҳем. Писар гуфт: Модар, нахуст биравам ва қадре ҳезум биёварам, ки табх (пухтан) бе ҳима муяссар намешавад ва дар хона омода нест.. модараш фармуд, ки эй писар, то ту  ба саҳро равӣ ва ҳима орӣ дер кашад. Меҳмонро гурусна доштан аз мурувват дур аст. Пас, беруни хайма ду найза буд, пиразан берун давид ва он найзаҳоро фармуд, то дарҳам шикаст ва гӯсфандро забҳ кард ва филҳол таом сохта, назди ман овардаанд,баъд аз тановули таом тафаҳҳус намудан, эшонро аз маъои дунё ҷуз он гӯсфанду он ду найзаи дигар

дар тахти тамалук (молик шудан) набуд ва аз муруввату саховати ҷабалӣ, ки доштанд, онро фидои меҳмон карда, ҳеҷ дақиқае дар хидматгорӣ фурӯ нагузоштанд. Байт:

Базл кардан баҳри меҳмон он чи бошад дастрас,
Аз бузургон хоб ояд, аз фақирон хубтар.

Ҳотам гӯяд, он пирзолро гуфтам, маро мешиносӣ? Гуфт: «Не». Гуфтам маро Ҳотами Той хонанд ва манзили хайлу ҳашами ман фалон  сарост. Агар ба қабилаи ман ойӣ  дар ҳаққи ту ва писарат такаллуфе воҷиб дорам ва ҳуқуқи меҳмондории шумо чунончи шарт бошад, бигзорам. Зол ҷавоб дод, ки эй Ҳотам, номи туро шунидаам ва овози ту ба базли (бахшиш) наъам (ҳа, бале) дониста ва маро камоли он буд, ки ту марди муҳзиб ва комил бошӣ. Надонисатм, ки меҳмониро дар ҳайзи хариду фурӯхт меорӣ. Мо аз он ҷумла нестем, ки бар меҳмонӣ музд ситонем ё нону ош ба баҳо бифрӯшем. Саломат шав, ки мо гӯшаи ин бодияро ба равзаи Ирам баробар намекунем ва нону тараи худро аз мурғу барраи барраи Ҳотам дӯсттар медорам.
Байт:

Мо мулки фақрро ба ду олам намедиҳем,
Дарде зи ҷоми фоқа  ба сад Ҷам намедиҳам.

Чандончи ман дар ин боб муболиға намудан, ба ҷое нарасида ва омадан ба қабила қабул накарданд. Асбу силоҳ ва он чи ҳамроҳ доштам, бар эшон арз кардам. Ба ҳеҷ ваҷҳ назари илтифот бар он наяфканданд. Донисатам, ки эшон аз ман ҷавонмрадтар ва ба ситоиши караму саховат дархӯртаранд».
Қитъа:

Он чӣ  бидҳӣ, ки иваз ҷӯйӣ бад-он,
Бошад ин худ одати  савдогарон.
Ҷуд донӣ чист? Базли бе иваз,
Дур будан аз руёву аз ғараз.
Ҳарчӣ дорӣ ҳар киро байте бидеҳ,
В-он чи бахшидӣ, бар он миннат манеҳ.

Ва мисли ин ҳикоят дар «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ мазкур аст. Мазмунаш он ки Ҳотамро гуфтанд, аз худ бузургҳимматтар дидайӣ ё шунидайӣ? Гуфт: «Оре, азизе дидаам, ки ҳумон ҳимматаш сар ба ошёнаи анқо фурӯ наёвардӣ ва тоири фикраш ҷуз ба зарваи (баландӣ) сипеҳри барин парвоз накардӣ». Байт:

Зи олам дидан ҳиммат бибаста,
Ба дорулмулки истиғно нишаста.

Гуфтанд: «Шарҳи ин ҳол ва кайфияти ин мақол ба тариқи тафсил, на аз рӯи иҷмол, бо мо баён кун». Гуфт: «Рӯзе аз рӯзҳо чандин шутуру гӯсфанд забҳ карда будам ва умарои араб ба меҳмонӣ оварда, дар асної ин аҳвол ба

гашти саҳро берун рафтам, пири хорканеро дидам, пуштаи хоре фароҳам оварда ва ба машаққати бисёр хасу хошоке чандро ҷамъ карда». Гуфтам: «Эй дарвеш, чаро ба меҳмонии Ҳотам наравӣ, ки халқе бар мавоиди машҳун (пур) ба фавоиди ӯ нишастаанд ва базлҳои фаровон аз хона эҳсони ӯ дар баста». Дарвеш сар бароварду гуфт:

Байт:

Ҳар ки нон аз амали хеш хӯрад,
Миннати Ҳотами Тойӣ набарад.
Ман ӯро аз худ олиҳимматтар дидам.

Назм:

Манеҳ бар барраи бирёни кас чашм,
Қаноат кун ба нону тарраи хеш
Назар дар қусри моҳу суфраи чарх,
Макун бешаш зи нону суфраи хеш.

Ва Ҳотам дар соли ҳаштум аз валодати ҳазрати  расолатпаноҳ сафари охират пеш гирифт ва аҷабтар, он ки вафоти шоҳ Анӯшервон низ, ки дар адл бар салотини собиқи фоиқ ва дар майдони сабқат гӯйӣ насфат (барбод додан) аз подшоҳони мозӣ даррабуд.
Байт:

Ҷаҳонро ба доду диҳиш ром кард,
Ҳама корҳо аз пайӣ ном кард.

Дар ҳамон сол иттифоқ  афтод. Ва ин ду кас, ки дар замони худ ба адлу карам саромади аҳли олам ба сарои бақо риҳлат намуданд ва овози адолату дабдабаи саховат дар арсаи олам ёдгор гузоштанд.
Байт:

Гар набудӣ ҷуду дили Ҳотаму Нӯширавон.
Кас ба некӯйӣ набурдӣ номи эшон дар ҷаҳон.

Овардаанд, ки чун бисоти зиндагии Ҳотам тай шуд ва аҳли замон аз фавоиди ҷуду маводи эҳсони ӯ бебаҳра монданд, ин ҳол бар бани Той душвор омад. Акобиру аъёни қабила тарҳи тадбир афканданд ва бо якдигар қуръаи мушоворат гардонидан гирифтанд ва барои он ки номи саховат аз миёни эшон берун наравад ва ламъаи чароғе, ки Ҳотам ба карам афрӯхта завоёи (гӯшаҳо) арабро ҳамчунон равшан дорад, баъд аз вуқӯъи ихтилоф дар раъйҳо қарори кор бар он афтод, ки бародари Ҳотамро ба ҷои вай биншонанд ва ҳар як аз бузургони қабила бад-он   миқдор, ки мақдури эшон бошад аз молу мояҳтоҷ мусоидат намоянд ва ӯ хони саховат бар рӯи кофияи аном (ҳамаи мурдум) аз хосу ом бикшояд, то бад-ин сабаб қоидаи карам дар миёни бани Той мумаҳҳад (паҳн карда шуда) ва асоси саховат дар он қабила маҳкаму

машид (устувор) бимонад. Хабар ба модари Ҳотам расид. Гуфт: Ҳайҳот, аз хаёли ботил ва фикри балотил даргузоред ва ин байт хонд. Байт:

Гавҳари пок бибояд, ки шавад қобили файз,
Кас ба некӯйӣ набурдӣ номи эшон дар ҷаҳон.

Овардаанд, ки чун бисоти зиндагии Ҳотам кардаед бигзоред, ки аз ӯ таваққӯи ҳотамият натавон кард, зеро ки Ҳотам баъд аз валодат шир аз пистони ман нагирифт, то вақте ки кӯдаки бегонаро шир додам ва ин бародар як пистон дар даҳон дошту дигаре дар даст гирфита буд, то кӯдакони дигар на бинанду аз он шир нахӯранд. Аз чунин касе ҳотамӣ чун ояд?! Ин писарро ба сурат бо Ҳотам мушобиҳате тамом аст ва ба маънӣ бо ӯ мухолифате локалом. Назм:

Зумурраду гиёҳи сабз агарчи якранганд,
Вале аз ин ба нигиндон баранд аз он ба ҷувол.
Агарчи дол чу зол аст дар китобат, лек
Ба шаш саду наваду шаш камаст дол аз зол.

Ва машҳур аст, ки акобири қабила ба сухани модар мумтанеъ нашуданд ва бародарашро дар қасри Ҳотам, ки чиҳил равзана дошт, бар сарири иқтидор ва маснади ихтиёр мутаайин ва мутамаккин сохтанд ва Ҳотам рӯзе, ки дар ин қаср нишастӣ аз зери ҳар равзана, ки овози соил баромадӣ накди мақсуд дар домани орзӯи вай ниҳодӣ.
Байт:

Бар он дар ҳеҷ кас соил нагаштӣ,
Ки дар дам коми ӯ ҳосил нагаштӣ.

Чун бародари Ҳотам ба ҷои вай нишаст, модараш дар либоси соилон ба зери як равзана омада дари савол кушод ва бародари Ҳотам вайро чизе бахшид. Пиразан баргашт ва дар мувозоти равзанаи дигар забони хоҳиш бикшуд ва дигар бораш ба атияе бинавохт. Навбати сеюм бар ҳамин минвол наволае муносиби ҳол ба вай арзонӣ дошт. Карати чаҳорум, ки баробари равзанаи робеъ оғози савол кард, бародари Ҳотамро тоқат ба тоқ бирасида гуфт: «Эй гадои шӯхчашм шарм надорӣ, ки дари суол то ин ҳол илҳоҳ (илтимос) менамойӣ ва дар кадя (нигоҳ) то ин ғоят ибром (исрор) меафзойӣ. Ин чи ҳиср аст, ки се навбат аз ман тафаққуд сутудӣ ва ҳамчунон дари талабу бенавойӣ мезанӣ ва бар ҳолати авали худӣ?!».
Байт:

Ин ҷой на ҷои туст, бархез,
В-ин кор на кори туст, бистез.

Дар китоби «Ҷавоҳир-ул-иморат ва унсур-ул-вазорат» мазкур аст, ки чун Ҳотам вафот кард, ӯро дафи карданд. Қазоро қабри ӯ дар маҳалле воқеъ шуд, ки селраҳа буд. Вақте аз авқот борони азим борид ва сели ҳоил

(даҳшатнок) биёмад ва наздики буд, ки қабри Ҳотам вайрон гардад. Писараш хост, ки қолаби ӯро ба мавзеи дигар, ки аз ин офат эмин тавонад буд, нақл кунад. Чун сари тарбати ӯ боз карданд, ҳама  аъзо ва аҷзои ӯ аз ҳам фурӯ рехта буд, илло дасти ӯ, ки ба ҳеҷ навъ тағире надошт. Мардум аз он ҳол мутаҷҷиб шуданд ва аз чунон сурате шигифт монданд. Пире соҳибдил дар миёни назораткунон буд, гуфт: «Эй мардум, аз ин аҷаб мадоред ва аз саломатии дасти Ҳотам мутааҷҷиб мешавед, ки ӯ бад-ин даст атои бисёр ба соилон дода буд, лоҷарам дар ҳимояти хайру карам саломат монд. Ҳар гоҳ дасти кофари бутпараст ба воситаи додани ато аз халали рехтан солим мемонад, на аҷаб, ки тани мӯъмин худойпараст ба василаи тасаддуқ дар роҳи худо аз офати сӯхтан эмин гардад, чи ҳусули давлати ҷовидонӣ, балки вусул ба саодати ризои раббонӣ вобаста ба таъсиси миёни  тоат ва ибодат мутаалиқ, ба ташйиди қавоиди хайрот ва мубаррот аст».
Маснавӣ:

Давлатиён рӯҳ зи ҷаҳон тофтанд,
Давлати боқӣ зи карам ёфтанд.
Зиндагии шамъ зи ҷон додан аст,
Зоди раҳи рӯҳ зи нон додан аст.
Гӯйи саодат зи карам мебаранд,
Шаҳди шаҳодат зи карам мехӯранд.

Ва аз ғароиби ахбори Ҳотам он аст, ки баъд аз вафоти вай ҷамъе аз бани Асад дар охири рӯзе ба сари қабри вай расиданд ва чун бегоҳ буд ҳамон ҷо рахти иқомат фурӯ кӯфтанд. Аҳли фоқаро зоду  тӯша тамом шуда буд. Ва ағлаб эшон гуруснаву бенаво буданд ва қофиласолор, ки ӯро Абулбохтарӣ гуфтандӣ шутурон ҳамроҳ дошт, аммо суфрааш бе тӯша ва хирмани зодаш бе хӯша буд.
Маснавӣ:

Мазкур шуд ба некиву маъруф шуд ба фазл,
Он к-ихтиёри хидмати он бахтиёр кард.

Ин буд калимае чанд аз ахбори сахову карамӣ Ҳотами Той ва муруввату футуввати хонаводаи вай, ки рақамзадаи килки таҳрир гашт.